ISSN 2305–0535

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ

Национальная академия наук Таджикистана
Институт философии, политологии и права

National academy of sciences of Tajikistan
Institute of philosophy, political science and law



# МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ
3 (55) / 2025

---

# АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ
3 (55 / 2025

---

# THE ACADEMIC LAW JOURNAL
3 (55) / 2025

---



Душанбе Dushanbe
2025

**МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ
АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН – 3 (55)/2025**

**МУАССИС:** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатнома оид ба қайд гирифтани тахти № 279/МҶ–97 аз 31 марти соли 2023. Маҷалла аз моҳи январи соли 2012, чаҳор маротиба дар як сол нашр мешавад.

Маҷалла ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил аст. Маҷаллаи илмӣ аз январи соли 2014 ба Шохиси иқтибосоварии илмии Русия (РИНЦ) ворид аст. Мақолаҳо бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мегарданд.
**Суроғаи редаксия:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел./факс: 221–56–89; 221–65–85; e–mail: buriev–68@mail.ru; **Суроғаи интернетӣ:** http://majalla.ifppanrt.tj

**Маҷалла бо дастгирии
Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.**

**Шурои таҳририя:**
**Раиси Шурои таҳририя:** Буризода Э.Б. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
**Аъзои Шурои таҳририя:** Маҳмудзода М.А. – академик, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Насриддинзода Э.С. – узви вобаста, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Раҳимзода М.З. – узви вобаста, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Зоир Ҷ.М. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Шарипов Т. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Шарифзода Ф.Р. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Раҳмон Д.С. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; Сафарзода А.И. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Имомов А.И. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Маликова А.Х. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор (Самара, ФР); Қанатбек Азиз – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор (Бишкек, РК); Азиззода У.А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Одиназода Р.С. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Шонасриддинов Н. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; Раҷабзода М.Н. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

**Ҳайати таҳририя: Сармуҳаррир:** Буризода Э.Б. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
**Муовини сармуҳаррир:** Раҷабов С.А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
**Котиби масъул**: Холинова М.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
**Аъзои ҳайати таҳририя:** Бобоҷонзода И.Ҳ. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Гадоев Б.С. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; Ғаюров Ш.К. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Иброҳимов С.И. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Нематов А.Р.– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; Назар Н.Ҷ. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Идизода Ф.Ф. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; Сафарбекзода Ҳ.С. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; Абдулхонов Ф.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Абдуҷалилов А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Раҳмадҷонзода Р.Р. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Насуриён П.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Мансурзода А.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Муродзода А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Маҳмадуллозода Н.Р. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

**Таҳриру такмили матн:** Раҷабов С.А., Набиев Ф.С., Мирзоева С.С.

*Мақолаҳо мавриди тақриз қарор мегиранд. Мақолаҳо бо ҳамон матне, ки муаллиф пешниҳод кардааст чоп мегарданд. Мавқеъ ва афкори ҳайати таҳририя на ҳамеша бо мавқеъ ва афкори муаллифон мувофиқ аст. Ҳангоми истифода ва иқтибос аз маводҳои «Маҷаллаи академии ҳуқуқ» ишора ба он ҳатмист.*

**© Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2025.**
**© Ҳайати муаллифон, 2025.**

## МУНДАРИҶА
## МАСОИЛИ ДОҒИ РӮЗ

**Бобоҷонзода И.Ҳ.** Асосҳои назариявӣ ва методологии тарбияи ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи илми ҳуқуқшиносӣ ........ 8
**Қодирзода Т.Қ.** Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тарбияи ҳуқуқӣ........ 17

**6D030100 – ҲУҚУҚШИНОСӢ**
**ИЛМҲОИ НАЗАРИЯВӢ – ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚӢ (ИХТИСОС: 5.1.1)**
**Буризода Э.Б.** Масоил ва методологияи омӯзиши фарҳанги ҳуқуқии ориёӣ........ 25
**Саъдизода Дж., Азимзода Ф.А**. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши муносибатҳои оилавӣ ва маданӣ........ 30
**Давлатмуродзода Б.Д.** Масоили таърихӣ-ҳуқуқии давлатдории Паҳлавиён (Парфия)........ 35
**Саидзода М.Ш.** Заминаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии пайдоиш ва таназзули давлати Сосониён........ 40
**Сафаров И.Д.** Хусусиятҳои ташаккули низоми ҳуқуқии Сомониён........ 43
**Қодирзода С.М.** Принсипҳои низоми идоракунии давлатӣ дар андешаҳои Ибни Мискавайҳ........ 49
**Алиназарова К.Ғ.** Ниҳодҳои маъмурии баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар Бадахшон ........ 53
**Бозориён Б.Э.** Рушди падидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон........ 59

**ИЛМҲОИ ОММАВӢ – ҲУҚУҚӢ (ДАВЛАТӢ – ҲУҚУҚӢ) (ИХТИСОС: 5.1.2)**
**Зоир Ҷ.М., Мирзоев А.К.** Пайдоиши сифатҳои дохилӣ ва берунии соҳибихтиёрӣ дар системаҳои танзими ҳуқуқи императивӣ ва факултативӣ ........ 64
**Қудратов Н.А., Қурбонова А.А., Ҳабибов С.И.** Нақши Паёми Пешвои миллат дар коҳиш додани сабаб ва шароитҳои ҷиноятҡорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 70
**Муҳаммадиев И.С., Юсуфӣ Д.Ҳ.** Оид ба нақш ва мақоми прокуратура дар низоми таъмини ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд: ҷанбаҳои назариявӣ ........ 79
**Имомов А.** Ташаккул ва рушди кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ (давлатӣ)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон........ 84
**Солиев И.М.** Оқибати аз тарафи суд муқаррар нагардидани мундариҷаи ҳуқуқи хориҷӣ ........ 105

**ИЛМҲОИ ХУСУСӢ – ҲУҚУҚӢ (МАДАНӢ) (ИХТИСОС: 5.1.3)**
**Ҳаитов С.П.** Таркиби қонунгузории молиявӣ ҳамчун заминаи сиёсати молиявӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 109
**Каримов А.Қ.** Таҳлили мафҳум ва мазмуни рақобат аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ........ 117
**Мансури Ш.Ҷ.** Дар бораи баъзе масъалаҳои пардохтҳои электронӣ ва танзими ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ........ 122
**Желтова В.А.** Ҷанбаҳои ҳуқукии танзими пулҳои рақамӣ........ 128
**Асоева Г.А.** Проблемаҳои назариявии муайяннамоии мафҳуми сирри бонкӣ дар назария ва қонунгузорӣ........ 134
**Одиназода Р.С., Тоҷиддини Б.** Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ (ташкилотҳо)........ 139
**Тоҷиддини Б.** Мафҳуми ҳуқуқии идоракунии меҳнат ва низоми он: фаҳмиши классикӣ ва муосири ин ниҳод ........ 144

**6D030200 - ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**
**ИЛМҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ-ҲУҚУҚӢ (ИХТИСОС: 5.1.5)**
**Раҷабов С.А., Бобоҷонзода И.Ҳ.** Афкори сиёсии мутафаккирони тоҷик дар бораи ҷанг ва сулҳ ва ташаккулёбии ҳуқуқи муосири башардӯстона ........ 151
**Ҳомидова М.Ф.** Принсипи ба таври осоишта ҳал намудани баҳсҳои байналмилалӣ ҳамчун воситаи таъмин намудани амнияти байналмилалӣ ........ 163
**Холинов Д.М.** Ҷавобгарии ҷиноятии байналмилалии шахсони воқеӣ ва муайян намудани моҳияти он........ 167
**Ҳамроқулзода Б.А.** Пролемаҳои назариявии муҳокимаи парванда дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ........ 175
**Ширинҷонов Ф.И.** Заминаҳои банақшагирии стратегии муқовимат бо ҷиноятҡории фаромиллӣ ........ 179
**Амирхониён М.А.** Муносибатҳои байнидавлатӣ дар фарҳанги ориёӣ ва падидаҳои ҳуқуқи байналмилалии марҳилаи ориёӣ-зардуштӣ ........ 186

**МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН**
**Ҳасанов Б.А.** Таносуби маҷбурсозии конститутсионӣ ва маҷбурсозии ҳуқуқӣ ........ 190
**Шарипов Т.Ш., Саидзода М.А.** Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан дар давраи аввали Ҳокимияти Шуравӣ........ 194
**Азимзода Ф.А.** Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши муносибатҳои ҷиноятӣ ........ 201

**АНДАР СИФАТИ МУҲАҚҚИҚ**
**Зоир Ҷ.М., Буризода Э.Б., Маҳмадуллозода Н.М., Давлатмуродзода Б.Д.** Устод - равшангари роҳи илми ҳуқуқи байналмилалӣ........ 207

**ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН**

**АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ**
**ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА**
**НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА – 3 (55)/2025**

**УЧРЕДИТЕЛЬ:** Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство о регистрации № 279/МЧ–97 от 31 марта 2023 г. Журнал издается ежеквартально с января 2012 г. Журнал входит в перечень рецензируемых научных изданий ВАК при Президенте Республики Таджикистан. Научный журнал с 2014 г. входить в РИНЦ РФ. В журнале статьи печатаются на таджикском, русском и английском языках.
**Адрес редакции:** Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, ул. Рудаки, 33. Тел./факс: 221–56–89; 221–65–85; e–mail: isalanrt@rambler.ru; buriev–68@mail.ru; **Электронный адрес журнала:** http://majalla.ifppanrt.tj
**Журнал издан при содействии и поддержке**
**Профсоюза работников образования и науки Республики Таджикистан.**

**Редакционный Совет:**
**Председатель редакционного совета:** Буризода Э.Б. –доктор юридических наук, профессор.
**Члены редакционного совета:** Махмудзода М.А. – академик, доктор юридических наук, профессор; Насриддинзода Э.С. – чл-корр АН РТ, доктор юридических наук, профессор; Рахимзода М.З. –чл-корр. АН РТ, доктор юридических наук, профессор; Зоир Дж.М. – доктор юридических наук; Шарипов Т. – доктор юридических наук, профессор; Шарифзода Ф.Р. – доктор юридических наук, профессор; Рахмон Д.С. – доктор юридических наук, профессор; Сафарзода А.И. – доктор юридических наук, профессор; Имомов А.И. – кандидат юридических наук, профессор; Азиззода У.А. – доктор юридических наук, профессор; Маликова А.Х. – доктор юридических наук, профессор; (Самара, РФ); Канатбек Азиз – доктор юридических наук, профессор; (Бишкек, КР); Одиназода Р.С. – доктор юридических наук; Шонасриддинов Н. – кандидат юридических наук, доцент; Раджабзода М.Н. – кандидат юридических наук, доцент

**Редакционная коллегия:**
**Главный редактор:** Буризода Э.Б. – доктор юридических наук, профессор.
**Заместитель главного редактора:** Раджабов С.А. – доктор юридических наук, профессор;
**Ответственный секретарь**: Холинова М.М. – кандидат юридических наук.
**Члены редколлегии:** Бободжонзода И.Х. – доктор юридических наук, профессор; Гадоев Б.С. – доктор юридических наук, профессор; Гаюров Ш.К. – доктор юридических наук, профессор; Ибрагимов С.И. – доктор юридических наук, профессор; Нематов А.Р. – доктор юридических наук, доцент; Назарзода Н.Дж. – доктор юридических наук; Абдуджалилов А. – доктор юридических наук; Рахмадджонзода Р.Р. - доктор юридических наук, доцент; Идизода Ф.Ф. – кандидат юридических наук, доцент; Сафарбекзода Х.С. – кандидат юридических наук, доцент; Абдулхонов Ф.М. – кандидат юридических наук; Насуриён П.А. – кандидат юридических наук; Мансурзода А.М. – кандидат юридических наук; Муродзода А. – кандидат юридических наук; Махмадуллозода Н.Р. – кандидат юридических наук.

**Редакция и корректура:** Раджабов С.А., Набиев Ф.С., Мирзоева С.С.

*Статьи рецензируются. Тексты статей публикуются в авторской редакции. Мнение редакции может не совпадать с мнением авторов. При использовании и цитировании материалов ссылка на "Академический юридический журнал" обязательна.*

**© Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Национальной Академии наук Таджикистана, 2025.**
**© Коллектив авторов, 2025.**

## СОДЕРЖАНИЕ
## АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ДНЯ

**Бободжонзода И.Х.** Теоретико-методологические основы правового воспитания в Республике Таджикистан с точки зрения юридической науки ..... 8
**Кодирзода Т.К.** Правовая политика Республики Таджикистан в сфере правового воспитания ..... 17

**6D030100 - ЮРИСПРУДЕНЦИЯ**
**ТЕОРЕТИКО – ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРАВОВЫЕ НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.1.1)**

**Буризода Э.Б.** Проблемы и методология изучения арийской правовой культуры ........ 25
**Сальдизода Дж., Азимзода Ф.А.** Сравнительно-правовой анализ Авесты с действующим законодательством Республики Таджикистан в области семейных и гражданских отношений ........ 30
**Давлатмуродзода Б.Д.** Историко-правовые проблемы государственности Пехлави (Парфии) ........ 35
**Саидзода М.Ш.** Историко-правовые предпосылки возникновения и распада государства Сасанидов ........ 40
**Сафаров И.Д.** Особенности становления правовой системы Саманидов ........ 43
**Кодирзода С.М.** Идея и взгляды Ибн Мискавайха о принципах государственного управления и прав ........ 49
**Алиназарова К.Г.** Административные институты по рассмотрению правовых споров в Бадахшане ........ 53
**Бозориён Б.Э.** Развитие уголовно-процессуальных явлений в Таджикистане ........ 59

**ПУБЛИЧНО – ПРАВОВЫЕ (ГОСУДАРСТВЕННО – ПРАВОВЫЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.1.2)**

**Зоир Дж.М., Мирзоев А.К.** Проявление внутренних и внешних качеств суверенитета в системах императивного и диспозитивного правового регулирования ........ 64
**Кудратов Н.А., Курбонова А.А., Хабибов С.И.** Роль Послания Лидера нации в снижении причин и условий преступности в Республике Таджикистан ........ 70
**Мухаммадиев И.С., Юсуфи Д.Х.** О роли и месте прокуратуры в системе обеспечения защиты прав, свобод и обязанностей человека и гражданина: теоретические аспекты ........ 79
**Имомов А.** Становление и развитие кафедры конституционного (государственного) права Таджикского национального университета ........ 85
**Солиев И.М.** Последствия неопределения содержания иностранного права судом ........ 105

**ЧАСТНО – ПРАВОВЫЕ (ЦИВИЛИСТИЧЕСКИЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.1.3)**

**Хаитов С.П.** Структура финансового законодательства как основа финансово-правовой политики Республики Таджикистан ........ 109
**Каримов А.К.** Правовой и экономический анализ понятия и содержания конкуренции ........ 117
**Мансури Ш.Дж.** О некоторых вопросах электронных платежей и правового регулирования цифровой экономики ........ 122
**Желтова В.А.** Правовые аспекты регулирования цифровой валюты ........ 128
**Асоева Г.А.** Теоретические проблемы определения понятия банковской тайны в теории и законодательстве ........ 134
**Одиназода Р.С., Тоджиддини Б.** Правовое регулирование управления трудом на локальном уровне (в организациях) ........ 139
**Тоджиддини Б.** Правовое понятие управление трудом и её система: классическое и современное понимание данного института ........ 144

**6D030200-МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО**
**МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫЕ НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.1.5)**

**Раджабов С.А., Бободжонзода И.Х.** Политические взгляды таджикских мыслителей на войну и мир и формирование современного гуманитарного права ........ 151
**Хомидова М.Ф.** Принцип мирного разрешения международных споров как средство обеспечения международной безопасности ........ 163
**Холинов Д.М.** Международная уголовная ответственность физических лиц и определение её сущности ........ 167
**Хамрокулзода Б.А.** Теоретические проблемы рассмотрения дел в международном коммерческом арбитраже ........ 175
**Шириндконов Ф.И.** Основы стратегического планирования борьбы с транснациональной преступностью ........ 179
**Амирхониён М.А.** Межгосударственные отношения в арийской культуре и явления международного права арийско-зороастрийского периода ........ 186

**ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЕНЫХ**

**Хасанов Б.А.** Соотношение конституционное принуждение и правовое принуждение ........ 190
**Шарипов Т.Ш., Саидзода М.А.** Развитие законодательства Республики Таджикистан об уголовной ответственности за самоубийство в ранний период советской власти ........ 194
**Азимзода Ф.А.** Сравнительно-правовой анализ Авесты с действующим законодательством Республики Таджикистан сфере уголовно-правовых отношений ........ 201

**О БУЧЕННЫХ**

**Зоир Дж.М., Буризода Э.Б., Махмадуллозода Н.М., Давлатмуродзода Б.Д.** Осветитель пути науки международного права ........ 207

**ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ**

**ACADEMIC LAW JOURNAL**
**INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW**
**NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN – 3 (55) / 2025**

**Founder:** A. Bahovaddinov Institute of Philosophy, Political Science and Law of Tajikistan National Academy of Sciences. The journal is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Registration certificate No. 279 / MJ-97 dated March 31, 2023. The journal has been published quarterly since January 2012. The journal is included in the list of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan. Since 2014, the scientific journal has been included in the RSCI of the Russian Federation. Articles in the journal are published in Tajik, Russian and English.
**Editorial address:** Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, 33 - Rudaki, ave. Tel./fax: 221–56–89; 221–65–85; e–mail: buriev–68@mail.ru; **Electronic address** of the journal: http://majalla.ifppanrt.tj

**The journal is published with the assistance and support of**
**Trade union of workers of education and science of the Republic of Tajikistan.**

**Chairman of the Editorial Council:** Burizoda E.B. – Doctor of Law, professor.
**Members of the Editorial Council:** Mahmudzoda M.A. – Academician, Doctor of Law, Professor; Nasriddinzoda E.S. - Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor; Rakhimzoda M.Z. - Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor; Zoir J.M. - Doctor of Law; Sharipov T. - Doctor of Law, Professor; Sharifzoda F.R. – Doctor of Law, Professor; Rahmon D.S. – Doctor of Law, Associate Professor; Safarzoda A.I. – Doctor of Law, Professor; Imomov A.I. – Candidate of Legal Sciences, Professor; Azizzoda U.A. – Doctor of Law, Professor; Malikova A.Kh. – Doctor of Law, Professor; (Samara, RF); Kanatbek Aziz - Doctor of Law, Professor (Bishkek, KR); Odinazoda R.S. - Doctor of Law; Shonasriddinov N. - Candidate of Legal Sciences, Associate Professor; Rajabzoda M.N. - Candidate of Legal Sciences, Associate Professor.
**Editorial Board:**
**Editor–in–chief:** Burizoda E.B. – doctor of juridical sciences, professor.
**Deputy editor–in–chief:** Rajabov S.A.– doctor of juridical sciences. professor.
**Executive secretary**: Cholinova M.M. - candidate of juridical sciences.
**Members of the editorial board:** Bobojonzoda I.Kh. – doctor of law, professor; Gadoev B.S. – – doctor of law, associate professor; Gayurov Sh.K. – doctor of law, associate professor; Ibragimov S.I. – doctor of law, professor; Nematov A.R. – doctor of law, associate professor; Nazarzoda N.J. – doctor of law; Idizoda F.F. candidate of legal sciences; Safarbekzoda Kh.S. – candidate of legal sciences, associate professor; Abdulkhonov F.M. – candidate of legal sciences; Abdujalilov A. - doctor of legal sciences; Rahmadjonzoda R.R. - doctor of law, associate professor; Nasuriyon P. - candidate of legal sciences; Mansurzoda A.M. – candidate of legal sciences; Murodzoda A. - candidate of legal sciences; Mahmadullozoda N.R. - candidate of legal sciences.

**Edition and correction:** Rajabov S.A., Nabiev F.S., Mirzoeva S.S.

*The articles shall be critically reviewed. Texts of articles are published in an authorial release. Opinion of editorial members may not coincide with opinion of authors. While using and quoting of materials citation on «Academic Law Journal» is obligatory.*

**© A. Bahovaddinov Institute of Philosophy, Political Science and Law, National Academy of Sciences of Tajikistan, 2024.**
**© Team of authors, 2024.**

## CONTENTS

### ACTUAL PROBLEMS OF DAY

**Bobojonzoda I.H.** Theoretical and methodological foundations of legal education in the Republic of Tajikistan from the point of view of legal science ........ 8
**Kodirzoda T.K.** Legal policy of the Republic of Tajikistan in the field of legal education ........ 17

### 6D030100 - JURISPRUDENCE
### THEORETICAL AND HISTORICAL LEGAL SCIENCES (SPECIALTY: 5. 1. 1)

**Burizoda E.B.** Problems and methodology of studying Aryan legal culture ........ 25
**Sadizoda J., Azimzoda F.A.** Comparative legal analysis of the Avesta with the current legislation of the Republic of Tajikistan in the field of family and civil relations ........ 30

**Davlatmurodzoda B.D.** Historical and legal problems of Pahlavi (Parthia) statehood ... 35
**Saidzoda M.Sh.** Historical and legal prerequisites for the emergence and disintegration of the Sasanid state ... 40
**Safarov I.D.** Features of the formation of the legal system of the Samanids ... 43
**Kodirzoda S.M.** The principals of governing of state and law in Ibni Misckavaih's thought ... 49
**Alinazarova K.G.** Administrative institutes for legal dispute resolution in Badakhshan ... 53
**Bozoriyon B.E.** Development of criminal procedure phenomena in Tajikistan ... 59

## PUBLIC – LEGAL (STATE – LEGAL) SCIENCES (SPECIALTY: 5. 1. 2)

**Zoir J.M., Mirzoev A.K.** Manifestation of internal and external qualities of sovereignty stems of imperative and optional legal regulation ... 64
**Kudratov N.A., Kurbonova A.A., Habibov S.I.** The role of the Message of the Leader of the nation in reducing the causes and conditions of crime in the Republic of Tajikistan ... 70
**Muhammadiev I.S., Yusufi D.H.** On the role and place of the prosecutor's office in the system of ensuring the protection of the rights, freedoms and duties of a person and citizen: theoretical aspects ... 79
**Imomov A.** Formation and development of the Department of Constitutional (State) Law of the Tajik National University ... 84
**Soliev I.M.** Consequences of failure to determine the content of foreign law by the court ... 105

## PRIVATE LEGAL (CIVILISTIC) SCIENCES (SPECIALTY: 5. 1. 3)

**Khaitov S.P.** The structure of financial legislation as the basis of the financial and legal policy of the Republic of Tajikistan ... 109
**Karimov A.K.** Legal and economic analysis of the concept and content of competition ... 117
**Mansuri Sh.J.** On some issues of electronic payments and legal regulation of the digital economy ... 122
**Zheltova V.A.** Legal aspects of digital currency regulation ... 128
**Asoeva G.A.** Theoretical problems of defining the concept of banking secrecy in theory and legislation ... 134
**Odinazoda R.S., Tojiddini B.** Legal regulation of labor management at the local level (in organizations) ... 139
**Tojiddini B.** The legal concept of labor management and its system: classical and modern understanding of this institution ... 144

### 6D030200 - INTERNATIONAL LAW
### INTERNATIONAL LEGAL SCIENCES (SPECIALTY: 5. 1. 5)

**Rajabov S.A., Bobojonzoda I.H.** Political views of Tajik thinkers on war and peace and formation of modern humanitarian law ... 151
**Khomidova M.F.** The principle of peaceful settlement of international disputes as a means of ensuring international security ... 163
**Kholinov D.M.** International criminal liability of individuals and definitions of its essence ... 167
**Hamrokulzoda B.A.** Theoretical problems of case discussion in international commercial arbitration ... 175
**Shirinjonov F.I.** Fundamentals of strategic planning in the fight against transnational crime ... 179
**Amirkhoniyon M.A.** Interstate relations in Aryan culture and phenomena of international law in the Aryan-Zoroastrian period ... 186

## THE TRIBUNE OF YOUNG SCIENTISTS

**Hasanov B.A..** Relationship between constitutional coercion and legal coercion ... 190
**Sharipov T.Sh., Saidzoda M.A.** Development of the legislation of the Republic of Tajikistan on criminal liability for suicide in the early period of Soviet power ... 194
**Azimzoda F.A.** Comparative legal analysis of the Avesta with the current legislation of the Republic of Tajikistan in the field of criminal law relations ... 201

### ABOUT SCIENTISTS

**Zoir J.M., Burizoda E.B., Makhmadullozoda N.M., Davlatmurodzoda B.D.** Illuminator of the path of the science of international law ... 207

## RULES FOR AUTHORS

МАСОИЛИ ДОҒИ РӮЗ=АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ДНЯ=ACTUAL PROBLEMS OF DAY

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ НИГОҲИ ИЛМИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, мудири шуъба. E-mail: bobojonov_i@mail.ru

Дар мақола масъалаҳои тарбияи ҳуқуқӣ аз нигоҳи илми ҳуқуқшиносӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Қайд мегардад, ки яке аз роҳҳои ташаккули сатҳи тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар замони муосир, ин баланд бардоштани маърифатнокии онҳо ва истифодаи имкониятҳо дар ҷустани чораҳои ҳуқуқӣ ҳангоми танзими низоъҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар натиҷа тафаккури ҳуқуқии ҷомеа ташаккул ёфта, дар навбати худ нигоҳи ҷомеаи Тоҷикистонро куллан тағйир медиҳад. Аз ин лиҳоз, тарбияи ҳуқуқӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун шарти баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва механизмҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа бояд яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҳуқуқӣ гардад. Ноил шудан ба тавозун дар ин кор имкон медиҳад, ки арзишҳои ҳуқуқӣ дар байни ҷомеа самараноктар тарғиб карда шаванд, ҳуқуқ ва тамоми низоми қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун ҳавасмандгардонӣ барои таъмини зиндагии шоиста ва шукуфон ба шаҳрвандон шарҳ дода шавад. Шароит бояд дар асоси имкониятҳои давлат барои таъмини зиндагии шоиста ба шаҳрвандон ташаккул ёбад. Дар маҷмуъ, ҳамаи ин омилҳо имкон медиҳанд, ки шуури ҳуқуқии шаҳрвандон аз даврони хурди мунтазам баланд бардошта шавад ва бо ин васила тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дуруст ба роҳ монда шавад.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, тафаккури ҳуқуқии ҷомеа, фаҳмиши ҳуқуқӣ, тарбияи кадрҳои ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, маърифатнокии ҳуқуқӣ, барномаи тарбияи ҳуқуқӣ, таълиму тарбияи кӯдак, оила.

Муҳимтарин роҳи ташаккули сатҳи тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар замони муосир, ин баланд бардоштани маърифатнокии онҳо ва истифодаи имкониятҳо дар ҷустани чораҳои ҳуқуқӣ ҳангоми танзими низоъҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар натиҷа тафаккури ҳуқуқии ҷомеа ташаккул ёфта, дар навбати худ нигоҳи ҷомеаи Тоҷикистонро куллан тағйир медиҳад. Аз ин лиҳоз, тарбияи ҳуқуқӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун шарти баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва механизмҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҳаррузаи ҷомеа бояд яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифатнокии ҳуқуқӣ гардад [29; 30; 6; 39; 50; 8, 106-115; 7, 21-39; 16, 87-98; 13, 45-54; 12, 44-51; 44; 41, 86; 46, 6; 40].

Ҳангоми ташаккули шуури баланди ҳуқуқии шаҳрвандон дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ, инчунин ба равонии шахс, ҳамчун шахсе, ки дараҷаи эҳтиёҷоти худро дар ҳаёт дорад, диққат додан муҳим аст. Аксар вақт бояд эътироф кард, ки шахс омода аст ба қоидаҳои муайяни ҳаёт (аз ҷумла меъёрҳои қонунгузорӣ) мутобиқ шавад, агар барои рушди он шароити муайяни зарурӣ фароҳам оварда шавад. Дар ин ҷода бояд низоми баҳисобгирии манфиатҳои давлат ва ҷомеа ба назар гирифта шавад. Ноил шудан ба тавозун дар ин кор имкон медиҳад, ки арзишҳои ҳуқуқӣ дар байни ҷомеа самараноктар тарғиб карда шаванд, ҳуқуқ ва тамоми низоми қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун ҳавасмандгардонӣ барои таъмини зиндагии шоиста ва шукуфон ба шаҳрвандон шарҳ дода шавад. Дар айни замон, фарқ кардани мафҳумҳои «шароит» ва «ҳавасмандгардонӣ» хеле муҳим аст, зеро дар ҷомеа ҳамеша фаҳмиши бисёрҷонибаи калимаҳои пурмазмун мавҷуд аст. Ҳавасмандкунӣ бояд имтиёзҳо, беҳбудиҳо дар вазъи моддӣ ё дигар ҳолат, даъвати ҷомеа барои мусоидат ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бошад. Шароит бояд дар асоси имкониятҳои давлат барои таъмини зиндагии шоиста ба шаҳрвандон ташаккул ёбад. Дар маҷмуъ, ҳамаи ин омилҳо имкон медиҳанд, ки шуури ҳуқуқии шаҳрвандон аз даврони хурди мунтазам баланд бардошта шавад [1; 7, 21-39; 48, 26-37; 18, 72-80; 21; 23, 54].

Ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон дар ҳар як кишвар ба таври гуногун сурат мегирад. Ва аксар вақт ба ин раванд хусусиятҳои таърихии рушди давлат таъсир мерасонанд. Аммо шубҳае нест, ки ҳар як ҷомеа мехоҳад беҳатар зиндагӣ кунад ва маҳз барои ҳамин идеали рафтори ҳуқуқии худро ба вуҷуд меорад, ки мундариҷаи дохилии он ба арзишҳои муайяни ҳуқуқӣ асос ёфтааст.

Аз ин рӯ, муваффақияти масъалаҳои зикргардида бештар аз сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии мардум вобаста аст. Фаъолияти сиёсии шахс, мавқеи воқеии шаҳрвандии он, ҳассосият ба дигаргуниҳои демократӣ, омилҳои муҳимтарини ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда мебошанд.

Дар зеҳни одамон бояд эътиқод пайдо шавад, ки танҳо шахсе, ки дониши ҳуқуқӣ дорад ва дар амал татбиқ кардани онҳоро медонад, фарҳангӣ ва маълумотнок ҳисобида мешавад. Ҳамзамон, вазъи кунунии рушди ҷомеа ва давлат баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шахс, саводнокии ҳуқуқии ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро тақозо мекунад. Ҳамаи ин чорабиниҳо ҳадафи ташкили низоми фарогир ва доимоамалкунандаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқиро доранд, то ки ҳамаи қишрҳои аҳолӣ саводнокии ҳуқуқиро азхуд намуда, ба сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ расанд ва дониши ҳуқуқиро дар ҳаёти ҳаррӯза татбиқ кунанд.

Дар ин ҷода китоби дарсии "Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои синфҳои 8 ва 9 барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки аз ҷониби академик Маҳмудзода М.А. ва узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Раҳимзода М.З. ба табъ расидааст, хеле мубрам мебошад [34; 35].

Агар мо ба гузаштаи омӯзишин ин фан назар афканем, пас мебинем, ки ба мазмуни ин китобҳо монанди "Асосҳои давлат ва ҳуқуқ" дар нимаи дуюми солҳои 70-уми асри XX ба забони тоҷикӣ барои хонандагони синфҳои 8-ум ба табъ расида буд, ки аз сабаби норасоии китоб дарсҳо ба воситаи рӯзномаҳо ба хонандагон расонида мешуд. Як аҷибиаш ҳамин буд, ки он дарсҳоро на мутахасисон, балки шахсоне мехонданд, ки худ аз мазмуну мундариҷа ва моҳияти давлат ва ҳуқуқ умуман тасаввуроте надоштанд ва дар натиҷа хонандагон низ аз он баҳрабардор намешуданд. Китобҳои дарсие, ки имрӯз дар даврони истиқлолият ба табъ расидаанд, пеш аз ҳама аҳаммияти тарбиявӣ дошта, дар онҳо нақши омӯзиши донишҳои назариявӣ дар бораи давлат ва ҳуқуқ, на танҳо барои таълиму тарбияи насли наврас, инчунин барои худогоҳӣ ва худшиносии ҷавонон аз таъриху тамадуни давлатдории ниёгони худ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои миллие, ки аҷдодони мо ҳамчун неъматҳои ғайримоддӣ эҷод намуданд ва ба мо мерос гузаштан, омода гаштаанд. Китобҳо хеле ба забони содаи оммафаҳм навишта шуда, ба ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон наздик карда шудааст ва ин усули навишти китоб дар тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон низ мусоидат хоҳад кард.

Китобҳои дарсии «Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон» барои таълиму тарбияи насли наврас аҳаммияти хеле калон доранд, зеро онҳо яке аз манбаъҳои асосӣ барои ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ва маърифати давлатӣ ба ҳисоб меравнад. Аҳаммияти асосии онҳо дар чанд ҷанба ифода мeёбад. Пеш аз ҳама, дар китобҳои мазкур донишҷӯён бо мафҳумҳои асосии давлатдорӣ, сохтори ҳокимият, принсипҳои ҳуқуқ ва қонунгузории миллӣ шинос мешаванд. Онҳо меомӯзанд, ки шаҳрванд чӣ ҳуқуқ ва уҳдадорӣ дорад ва давлат аз онҳо чӣ интизор аст. Омӯзиши асосҳои давлат ва ҳуқуқ ба наврасон кӯмак мекунад, ки ба Ватан, забони давлатӣ, рамзҳои давлатӣ, Конститутсия ва қонун эҳтиром дошта бошанд. Ин раванд дар ташаккули шахсияти шаҳрвандии масъулиятнок нақши муҳим мебозад. Дониши ҳуқуқӣ ба ҷавонон имкон медиҳад, ки худро аз поймолшавии ҳуқуқ муҳофизат намоянд, дар ҳолатҳои зарурӣ ба мақомоти дахлдор муроҷиат кунанд. Омӯхтани ҳуқуқ ба онҳо таҷрибаи ибтидоӣ барои зиндагии мустақил медиҳад. Китоб ба наврасон мефаҳмонад, ки риояи қонун на танҳо вазифа, балки шарти субот ва адолати иҷтимоӣ мебошад. Тавассути омӯзиши он сатҳи худшиносии ҳуқуқӣ боло меравад ва майли даст задан ба ҳуқуқвай-ронкунӣ коҳиш меёбад. Барои касоне, ки мехоҳанд дар оянда ҳуқуқшинос, корманди давлатӣ ё сиёсатмадор шаванд, ин китоб заминаи аввалини илмию назариявӣ мегардад. Хулоса китобҳои дарсии **«Асос-ҳои давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон»** воситаи муҳими таълиму тарбияи насли наврасанд, зеро на танҳо дониши назариявӣ медиҳанд, балки ҳисси масъу-лият, эҳтиром ба қонун ва ватандӯстро ташаккул медиҳанд.

Муаллифон қайд менамоянд,ки "..фаромӯш набояд кард, ки ин давлати тозабунёд дар ҷои холӣ ба вуҷуд наомада, балки таърихи шашҳазорсола (дар таҳр. Б.И.Ҳ,) дорад. Ҳанӯз дар замони Ҳахоманишиҳо нахустин Эъломияи ҳуқуқи инсон аз ҷониби Куруши Кабир қабул шуда буд, ки муҳимтарин масъалаҳои вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқӣ ва арзишҳои инсониро дар бар мегирифт. Моли касеро зӯран нагирифтан, касеро ғулом накардан, мувофиқи кор музд гирифтан ва монанди инҳо нишонаҳои аввалини ҳуқуқи инсон ё худ меъёрҳои ҳуқуқие буданд, ки ҷомеа тавассути онҳо идора мешуд." [34]. Тарбияи ҳуқуқӣ дар Эъломияи Куруши Кабир ба таври возеҳ дар шакли эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, баробарии иҷтимоӣ ва адолати судӣ, дар он арзишҳои ҳуқуқи башар ва озодии инсон инъикос ёфтааст. Гарчанде ин санад бештар хусусияти сиёсӣ ва таърихӣ дорад, мундариҷаи он як намунаи барҷастаи тарбияи ҳуқуқӣ барои ҷомеа мебошад. Гарчанде ки он дар асри VI пеш аз милод навишта шудааст, аммо мазмуни он имрӯз низ барои рушди тарбияи ҳуқуқии ҷомеа аҳаммияти калон дорад.

Муаллифон дар китобҳои дарсӣ махсусан ба нақши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни

соли 2024, № 2049 «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак» [33] аҳаммияти махсус додаанд ва дар он омадааст, ки мақсади Қонуни мазкур масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак бо мақсади таълиму тарбияи кӯдак дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ танзим намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона гардидааст [36; 34; 35; 22; 44; 49; 45].

Муаллифон ба уҳдадориҳои падару модар дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак» таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд. Ин қонун падару модарро ҳамчун шахсони масъул барои таълиму тарбияи фарзанд дар муҳити оила ва ҷомеа мешиносад. Қайд карда мешавад, ки падару модар вазифадоранд, ки барои фарзанд шароити зарурии зиндагӣ–хӯрок, сару либос, манзил ва дигар ниёзҳои аввалияро таъмин намоянд. Онҳо бояд саломатӣ ва рушди ҷисмонии кӯдакро ҳифз кунанд. Падару модар уҳдадоранд, ки фарзандро ба таълим ҷалб намоянд ва шароит фароҳам созанд, то ӯ таҳсилро ҳатман давом диҳад. Инчунин таъкид мегардад, ки падару модар вазифадоранд фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба қонун, фарҳанги миллӣ, арзишҳои умумбашарӣ ва ватандӯстӣ тарбия кунанд. Масъулияти падару модар на танҳо дар таълим, балки дар назорати рафтор, вақти холӣ ва муҳити иҷтимоии кӯдак низ ифода меёбад. Онҳо бояд пешгирӣ кунанд, ки фарзанд ба амалҳои зиддиқонунӣ, оворагардию одатҳои бад ҷалб нашавад. Падару модар вазифадоранд ҳуқуқ ва манфиатҳои фарзандро ҳифз кунанд, ӯро аз зӯроварӣ, таҳқир ва муносибати бераҳмона муҳофизат намоянд. Дар ҳолатҳои лозима бояд бо муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳамкорӣ намоянд, то манфиатҳои кӯдак таъмин гардад. Агар падару модар аз иҷрои ин уҳдадориҳо саркашӣ кунанд (масалан, фарзандро аз таълим дур созанд, тарбияро нодида гиранд), онҳо мутобиқи қонун ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҳатто ҷиноятӣ кашида мешаванд. Хулоса муаллифон падару модарро ҳамчун такягоҳ ва шахси аввалиндараҷа дар ташаккули шахсияти кӯдак ва тарбияи он эътироф мекунанд.

Дар асоси зарурати таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон дар кишвар, фароҳам овардани шароит барои демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ ва ташаккули пояҳои давлати ҳуқуқбунёд, якчанд ҳуҷҷатҳои стратегии миллӣ бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷомеа қабул карда шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, № 94 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» ва Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, таҳти рақами №599 тасдиқ карда шудаанд, амалӣ карда мешавад [30; 29; 6; 32; 25; 24], ки олимони илми ҳуқуқшиносӣ ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ маҳз ба ҳамин сарчашмаҳо таваҷҷуҳ менамоянд.

Чуноне Пешвои муаззами миллат дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намудаанд: “Бояд гуфт, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад.

Ҳоло дар кишвар барномаи сеюми таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020 – 2030 амалӣ шуда истодааст” [42, 7].

Дар ҳуҷҷатҳои зикргардида қайд карда мешавад, ки сатҳи баланди тарбияи ҳуқуқӣ ва тарғиби ҳуқуқӣ шароит фароҳам меорад, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд, масъулият дошта бошанд ва ба имкониятҳои баробар, аз ҷумла имкониятҳои ҳуқуқӣ тавассути волоияти қонун дастрасӣ дошта бошанд, ки ҷиҳати расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафҳои ворид шудан ба қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ мусоидат намояд.

Дар ин ҳуҷҷатҳо махсусан қайд карда шудааст, ки таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҳуқуқии давлат буда, дар робита бо тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва намудҳои дигари тарбияи инсон бояд анҷом дода шавад. Тарбияи ҳуқуқӣ бо дар назар доштани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ин раванд, диққати махсус ба интихоби мушаххаси гурӯҳҳои аҳолӣ, ки бо сабаби дар сатҳи паст будани маърифат ва шуури ҳуқуқӣ ё надоштани имконияти гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ дар ҳолати осебпазир қарор доранд, бояд равона гардад [29; 6; 32; 7, 21-39].

Дар Барномаҳои қабулгардида бошад ба хусусиятҳои фарҳангӣ, таърихӣ, гендерӣ ва паҳлуҳои дигари рушди ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, ӯҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва натиҷаҳое, ки рушди устувори давлатро таъмин менамояд, аҳаммияти махсус дода шудааст.

Сиёсати давлатӣ дар сатҳи ташаккул ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ба якчанд принсипҳо такя мекунад, аз ҷумла: афзалияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; волоияти Конститутсия ва қонун; демократия; адолати иҷтимоӣ; илм; муттасилӣ ва универсалии тарбияи ҳуқуқӣ; мавҷудияти иттилооти ҳуқуқӣ; ягонагӣ ва муносибати дифференсиалӣ ба таълим ва маърифати ҳуқуқӣ.

Умуман, фарҳанги баланди ҳуқуқӣ ҳамчун шуури ҳуқуқии хуб инкишофёфтаи шахс асоси ҷомеаи демократӣ ва нишондиҳандаи камолоти низоми ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти воқеиятҳои муосири сиёсиву ҳуқуқӣ, таъмин намудани барномаи мақсадноки тадбирҳо ҷиҳати ба таври куллӣ беҳтар намудани таҳсилоти ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ дар кишвар, тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа муҳим мебошад.

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ баланд бардоштани сифати омода намудани кадрҳои ҳуқуқиро талаб мекунад. Яке аз роҳҳои таъмини сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ такмил додани раванди таълим, навсозии барномаҳои таълимӣ ва барномаҳо, ҷорӣ намудани фанҳои нав мебошад. Инчунин бояд тамоюлҳои нави рушди фанҳои илмии ҳуқуқӣ, аз ҷумла тамоюли тақвияти робитаҳои байнисоҳавӣ байни фанҳои анъанавӣ ва нав аз байни фанҳои ҳуқуқӣ ва ғайрирасмӣ ба назар гирифта шаванд [37, 6-20; 38; 39; 14, 15-26; 15, 106-118; 26; 27].

Ташаккули тарбияи ҳуқуқӣ бевосита аз сатҳи таҳсилоти ҳуқуқӣ вобаста аст. Аз нуқтаи назари олимони ҳуқуқшиносӣ, робитаи мустақими таълими ҳуқуқӣ ва омӯзиши ҳуқуқӣ бо баланд шудани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ вуҷуд дорад. Таълими ҳуқуқӣ ва омӯзиши ҳуқуқӣ ба таври табиӣ алоқамананданд. Тавре ки олимони ҳуқуқшиносӣ дуруст қайд мекунанд, тарбияи ҳуқуқӣ пеш аз ҳама фаъолияти мақсаднок ва муназзами давлат, мақомоти он ва хизматчиёни онҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва коллективҳои меҳнатӣ оид ба ташаккул ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа мебошад [34; 37, 6-20; 14, 15-26; 15, 106-118].

Ҳангоми баррасии масъалаи баланд бардоштани сатҳи тарбияи ҳуқуқӣ, ҳуқуқшиносон-омӯзгорон боварӣ доранд, ки маҷмуи донишҳо дар соҳаи ҳуқуқ ва тарбияи ҳуқуқӣ воситаи асосии ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва омода кардани шахс ба муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин рӯ, фаъолият оид ба таълими ҳуқуқӣ раванди ҳуқуқии касбӣ ва педагогӣ аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ дастовардҳои Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистонро дар панҷ соли сипаригардида таҳлил карда, дурнамои рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва дигар самтҳои иҷтимоию амнияти давлатро барои солҳои минбаъда муайян намуданд [48, 26-37; 17, 66-80; 37, 6-20].

Овардани ин таҳлилҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар паём шаҳодати он аст, ки маҳз сулҳу субот ва оромии кишвар, амалӣ гардонидани Барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ, гузаронидани ислоҳотҳои ҳуқуқӣ дар мамлакат, аз ҷумла, ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва сатҳу сифати адолати судӣ, самаранокии татбиқи меъёрҳои қонун ва иҷрои санадҳои судӣ аз ҳамин нишондиҳандаҳо вобастагӣ дорад.

Дар паём ҳамчунин таъкид гардидааст, ки бо дарназардошти рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими кафолатҳои судии субъектҳои ин муносибатҳо зарур аст, ки фаъолияти мақомоти судӣ пайваста таҳкиму такмил дода шавад.

Тавре аз паём бармеояд Пешвои муаззами миллат ҷиҳати таҳкиму такмил додани фаъолити судӣ, оид ба бартараф намудани норасоиҳои ҷойдошта, интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии судяҳо андешидани тадбирҳои муассирро зарур шумориданд. Аз ҷумла, дар паём қайд карда шудааст, ки "Масъалаи дигари муҳим, ки дар низоми ҳуқуқии кишвар нақши калидӣ дорад, таъмини волоияти қонун буда, он меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

Таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ ба таҳкими қонуният, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд.

Ҷорӣ намудани технологияҳои муосири электронӣ дар фаъолияти судҳо низ аз ҷумлаи корҳои муҳим мебошад ва бояд дар ин самт тадбирҳои мушаххас андешида шаванд.

Тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамаи захираву имкониятҳоро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои зикршуда барои соли 2024 ва солҳои минбаъда, ки сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил гардид ва вазифаҳои дигар пешбинӣ гардидаанд, сафарбар намоянд. Зеро, Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои

ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад.

Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон доданд, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем.

Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.” [42, 7].

Ба андешаи мо ҷиҳати ба иҷро расонидани ин рисолатҳои бузурги паём, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва шуурнокии ҳуқуқии судяҳо ва дар ин замина тақвият бахшидан ба тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ тақозои замон мебошад.

Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон буда, ба воситаи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва ҷалби воситаҳои ахбори омма амалӣ карда мешавад. Тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ ба сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ мусоидат менамояд ва шароит фароҳам меорад, ки онҳо аз ҳуқуқҳои қонунии худ истифода баранд [29; 32].

Тарбияи ҳуқуқӣ бо дар назар доштани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ бояд ба амал бароварда шавад. Дар ин раванд, бояд диққати махсус ба интихоби мушаххаси гурӯҳҳои аҳолӣ, ки бо сабаби дар сатҳи паст будани маърифат ва шуури ҳуқуқӣ ё надоштани имконияти гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ дар ҳолати осебпазир қарор доранд, равона гардад [6].

Ҷиҳати таъмини босифати баамалбарории адолати судӣ, таҳкими таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва риояи принсипи баробарҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи судӣ, роҳ надодан ба кашолкорӣ, зарурати дар қонунҳои амалкунанда аз байн бурдани меъёрҳои носаҳеҳ ва дуҳӯра, дар ҳамин раванд бартараф кардани тарзу усулҳои душвори баррасии парвандаҳо ва дигар масоил зарурати ба қонунҳои моддию мурофиавӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё дар таҳрири нав қабул намудани онҳо ба миён омадааст, ки то тавонанд барои саривақт ва дар муддати кӯтоҳ баррасӣ намудани парвандаҳои судӣ, пешгирии сарфаи вақти аз ҷониби тарафҳо, истифодаи таҷрибаи татбиқи дурусти қонунҳо, дар маҷмуъ таъмини адолати судӣ ва пешрафти кори судҳо мусоидат намоянд [31; 1; 2, 15–19; 5, 474-475; 19; 20; 11, 119-141; 21; 23; 46, 6; 26].

Андешидани тадбирҳо ҷиҳати пайваста баланд бардоштани донишу малакаи касбӣ, масъулияту одоби судяҳо, бедошти раванди бозомӯзии ихтисосӣ бо назардошти тағйирот дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ва дар ин замина баланд бардоштани мақоми Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ метавонад барои қабули қарорҳои қонунию асоснок мусоидат намояд.

Бо дарназардошти ба низоми сезинагии таҳсилот гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар бояд масъалаи бознигарӣ кардани талабот нисбати номзадҳо ба вазифаи судягӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шавад.

Барномаҳои ислоҳотҳои судӣ- ҳуқуқӣ, ки аз соли 2007 то соли 2021 амалӣ гардиданд, барои устувор шудани муносибатҳои гуногун дар ин самт нақши калидӣ бозида, қонунгузории Тоҷикистон такмил дода шуда, барои боз ҳам баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, таъмини волоияти қонун ва адолати судӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шуданд. Имрӯз сатҳи таъминоти моддию техникии судҳо, омода намудан кадрҳои баландихтисос, саривақт баррасӣ ва ҳал шудани парвандаҳои судӣ, қабули санадҳои қонунию асоснок ба талаботи ҷомеа ва замона як дараҷа ҷавобгӯ шудаанд [32; 25; 24; 43; 7, 21-39; 12, 44-51; 26; 27].

Аммо ба ҳамаи ин дастовардҳо нигоҳ накарда, ҳоло ҳам масъалаҳое дар ин самт ҷой доранд, ки онҳо ҳалли умумро талаб менамоянд. Ин пеш аз ҳама омода намудани кадрҳои баландихтисос ва бозомӯзии судяҳо, дигар субеъктони ҳуққуқтатбиққкунанда, ки заминаи асосӣ ва кафолати самаранокии баамалбарории адолати судӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ мебошад.

Мо чунин мешуморем, ки тарбияи кадрҳо ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ имрӯз набояд танҳо аз рӯйи принсипи талаботи субъектони ҳуқуқ, балки ба урфу одатҳо ва арзишҳои баланди миллӣ асос ёфта бошанд, амалӣ шавад. Дар амалияи тарбияи ҳуқуқии муосир зарур аст, ки меъёрҳои ҳуқуқ, рафтори ҳуқуқӣ ва татбиқи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ ва эҳтиёҷоти ягонагӣ ва ҳамкории зичро ба вуҷуд оранд ва ҳавасманд кунанд. Ҳамзамон, ба назари мо, бояд тавсия дода шавад, ки тамоми кӯшишҳои тарбиявиро ба ташаккули чунин рафторҳое равона созем, ки мубориаи шадиди дохилӣ байни ангезаҳои иҷтимой-муфид ва шахсӣ дода нашаванд, балки натиҷаи чунин ангеза ба монанди ризоият ва тасдиқи шахс аз амалҳое, ки аз меъёрҳои ҳуқуқӣ бармеоянд, бартарӣ дошта бошанд [3, 53-57; 9, 88-103; 16, 87-98; 13, 45-54].

Инчунин барои мо хеле муҳим аст, ки фаҳмиши ҳуқуқро дар тамоми қишрҳои аҳолӣ ҳамчун воситаи муассиртарини танзими иҷтимоии муносибатҳо, табақабандии иҷтимоии ҳама ва ҳар кас, механизми

ҳамоҳангсозии манфиатҳои гуногуни иҷтимоӣ, ки тамоми ҷомеа бояд ба фаъолияти беҳтарини он манфиатдор бошад, ҷорӣ намоем.

Тарбияи ҳисси фаъолияти шаҳрвандӣ дар шаҳрвандон бояд мақсаднок бошад. Тамоми низоми таълими ҳуқуқӣ бояд ба табақаҳо ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мутобиқ карда шавад, яъне категорияи объекти тарбияи ҳуқуқӣ бояд аз ҷониби сохтори муосири иҷтимоии ҷомеа муайян карда шавад, ки комилан ҳамаи категорияҳои аҳолиро дар бар мегирад–аз кӯдакони томактабӣ, то нафақахӯрон.

Дар маҷмуъ, нишондиҳандаҳои самаранокӣ метавонанд дараҷаи ноил шудан ба ҳадафҳо, вақти ба даст овардани натиҷаи муайян, ҳаҷми хароҷоти ташкилӣ ва моддӣ, қобилияти шаҳрвандон барои истифодаи донишҳои бадастомада ва ғайра бошанд.

Меъёрҳои умумии самаранокии тарбияи ҳуқуқӣ тағйироти мусбӣ дар сохтори тарбияи ҳуқуқӣ мебошад, ки аз ҷумлаи онҳо сатҳи дониши ҳуқуқӣ, сатҳи эътиқоди ҳуқуқӣ, сатҳи фаъолияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ва ғайра мебошанд.

Ҳангоми гузаштан ба ҷанбаҳои амалӣ, бояд қайд кард, ки тарбияи ҳуқуқӣ бояд ба тарбияи рафтори қонунии фаъоли шахс ва эҳтиром ба қонун равона карда шавад. Аз ин рӯ, дар тамоми қишрҳои аҳолӣ ҷорӣ намудани фаҳмиши махсуси ҳуқуқ ҳамчун воситаи муассиртарини танзими иҷтимоии муносибатҳо, табақабандии иҷтимоии ҳама ва ҳама, механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои гуногуни иҷтимоӣ, ки тамоми ҷомеа ба фаъолияти оптималии он манфиатдор аст, хеле муҳим аст [47, 10].

Мо зарур мешуморем, ки чораҳои зеринро, ки ба рушди тарбияи ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон мусоидат мекунанд, баррасӣ намоем.

Дар айни замон, ташаккули эътиқоди қавии дохилӣ ба зарурати рафтори қонунӣ махсусан муҳим аст. Ҳамин тариқ, самаранокии шуури ҳуқуқӣ аз он вобаста хоҳад буд, ки чӣ гуна ҷомеа ба худидоракунӣ оғоз кардааст. Дар айни замон, чунин тарзи рафтори ҳуқуқиро қонунӣ номидан мумкин аст, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ, матлуб ё аз ҷиҳати иҷтимоӣ иҷозатдодашуда, тибқи муқаррароти ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад ва бо имконияти ҳимояи давлатӣ дастгирӣ карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври анъанавӣ ба ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар ҷомеа, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром ба қонун эътибори зиёд дода мешавад.Далели ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» ва Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, № 599 тасдиқ карда шудаанд ва як қатор санадҳои дигар мебошанд.

Ҳамин тавр, ҳангоми ҳалли вазифаҳои муҳим дар соҳаи таҳкими давлатдории миллӣ, рушди демократия ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур аст, ки баланд бардоштани сатҳи тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ ва такмил додани шаклҳо, усулҳо ва механизмҳои тарбияи ҳуқуқиро коркард ва пешниҳод намоем.

**Адабиёт:**


1. Аверин А.В. Правоприменительная деятельность суда и формирование научно-правового сознания судей: Проблемы теории и практики / Под ред. Байтина М.И. – Саратов: Изд-во ГОУ ВПО «Сарат. гос. акад. Права», 2003. – 305с.
2. Амосов С. Пределы судебного познания в процессуальном праве / С. Амосов // Российский судья. – 2001. – № 1. – С. 15–19.
3. Бабаджанов И.Х. Принцип состязательности и равноправия сторон в уголовном судопроизводстве. Материалы международной научно-практической конференции (Душанбе, 03 ноября 2016). – Душанбе, Ирфон 2016. – С. 53-57.
4. Баранов П.П., Овчинников А.И. Актуальные проблемы теории правосознания и правового мышления. – Ростов н/Д: РЮИ МВД России, 2006. – 82 с.
5. Баранов, П.П. Правосознание и правовое воспитание / П.П. Баранов // Общая теория права: Курс лекций /под ред. В.К. Бабаева. - Нижний Новгород: Изд-во Нижегород. ВШ МВД РФ, 1993. - С. 474 -475.
6. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, № 599 тасдиқ шудааст.
7. Бободжонзода И.Х. (Бабаджанов И.Х.)., Анушервонни Исрофил. Правовая система Республики Таджикистан в годы государственной независимости. Правовая жизнь. – 2019, июль-сентябрь. – №3 (27). –С. 21-39.
8. Бободжонзода И.Х. Возникновение и развитие новых институтов в гражданском процессуальном праве Таджикистана: Проблемы и перспективы. Академичекий юридический журнал. – 2019. – №2 (30). –С. 106-115.
9. Бободжонзода И.Х. Гаюров Ш.К. Добросовестность в гражданском праве: некоторые проблемы теории и практики. Правовая жизнь. январь-март 2019, №1 (25). –С. 88-103.
10. Бободжонзода И.Х. Правовое регулирование доступа к правовой информации.

Монография / колл. авторов. – Душанбе, 2017. (в соавт.). –103 с.
11. Furthermore Бободжонзода И.Х. Правоприменительная практика и механизмы судебной защиты субъективных гражданских прав // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики/И.Х. Бободжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 119-141.
12. Бободжонзода И.Х., Кодирзода Т.К. Гносеологические аспекты судебного правоприменения и его влияние на устойчивость судебных решений и независимость судей. Академический юридический журнал. – 2019. – №4 (32). – С. 44-51.
13. Бободжонзода И.Х., Кодирзода Т.К. Доступ к правосудию и особенности механизма судебной защиты субъективных гражданских прав в гражданском процессе / Академический юридический журнал. – 2019. – №3 (31). –С. 45-54.
14. Бободжонзода И.Х., Кодирзода Т.К. Понятие правосознание и ее структурные элементы // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики / И.Х. Бободжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 15-26.
15. Бободжонзода И.Х., Кодирзода Т.К. Проблемы правосознания и правовой культуры судей в процессе судебного правоприменения // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование):/И.Х. Бободжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 106-118.
16. Бободжонзода И.Х., Кодирзода Т.К. Процессуальные препятствия и особенности механизма судебной защиты субъективных гражданских прав в гражданском процессе. Законодательства. 2019, №3 (35). июль-сентябрь. –С. 87-98.
17. Бобоҷонзода И.Ҳ. Паёми таҷдирсоз ва ояндабин/Паёми Пешвои миллат-хуҷҷати камназири давлатсоз. – Душанбе, 2023. - С. 66-80.
18. Бобоҷонзода И.Ҳ. Ҳуқуқ ҳамчун арзиш ва арзишҳо дар ҳуқуқ: ҷанбаи назарӣ ва ҳуқуқӣ. Маводҳои I-умин Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик дар Академияи ВКД ҶТ (ш. Душанбе, 29 апрели соли 2022). Душанбе, 2022. - С. 72-80.
19. Бобоҷонов И.Ҳ., Давлатов С.А., Бадалов Ш.К. Мурофиаи гражданӣ: Намунаи ҳуҷҷатҳои судӣ. (Васоити таълимӣ). Нашри дуюм. Душанбе: «ЭР-граф», 2013. –504с.
20. Бобоҷононов И.Ҳ., Қодиров Т.Қ., Бадалов Ш.К. Уҳдадориҳои алиментдиҳӣ (дар назария ва амалия). Душанбе: «ЭР-граф», 2012. –272 с.
21. Гаибов Р.Д. «Судебное правоприменение в условиях судебно-правовой реформы в постсоветском Таджикистане: общетеоретический аспект». Душанбе, 2012г. –19с.
22. Ғаюрзода Ш.К., Азиззода У. А., Мирзозода П. З., Сулаймонзода М. С. //Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон": нашри аввал. Воситаи таълимӣ. Зери назари доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Насриддинзода Э.С. – Душанбе: матбааи ДМТ, 2024. – 140 с.
23. Грошев А.В. Правосознание и правотворчество (Уголовно-правовой аспект): Учеб. пособие / МВД России. Екатеринбург. высш. шк. Екатеринбург, 1996. - С. 54.
24. Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Сайти ММК назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. (санаи мурочиат 29.08.2025)
25. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Сайти ММК назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. (санаи мурочиат 29.08.2025)
26. Кодирзода Т.К. Правосознание судей (понятие, структура и виды). Монография. Часть 1. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. –164 с.
27. Кодирзода Т.К. Правосознание судей (судебное познание и мышления судей). Монография. Часть 2. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – 188с.
28. Кодирзода Т.К. Проблемы злоупотребления субъективными гражданскими правами. Монография. Душанбе.: Издательство "Эр-граф", 2019. -173с.
29. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. – Душанбе, 2018, (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – 118с.
30. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.
31. Қодирзода Т.Қ. Шуури ҳуқуқии судяҳо. Монография. – Душанбе: «Эр-граф», 2023. – 320 с.
32. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон». Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 1, мод. 380; с. 2015, №7-9, мод. 698; с. 2016, №7, 603; Қонуни конститутсионии ҶТ аз 21.02.2018 с., № 1509.
33. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2024, № 2049 «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак». https://www.google.com (санаи мурочиат 29.08.2025).
34. Маҳмудзода М.А., Раҳимзода М.З. Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 8-уми

мактабҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: “Маориф ва фарҳанг”, 2006. – 200 с.
35. Маҳмудзода М.А., Раҳимзода М.З. Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ барои синфи 9-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Нашри чорум. – Душанбе: “Маориф”, 2024. – 336 с.
36. Маърифати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон Маҳмудзода М.А. ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: “Дониш”, 2024. – 429 с.
37. Насриддинзода Э.С. Нақши Пешвои миллат дар баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа // Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди XXXIII. – Душанбе: Ирфон, 2021. – С. 6-20.
38. Насриддинзода Э.С. Правовая культура: теоретико-методологический аспект. Монография.- Душанбе: «ЭР-граф», 2013.- 160 с.
39. Насриддинзода Э.С. Правовое воспитание и образование как факторы формирования правовой культуры в Республики Таджикистан: Монография. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2014. – 184 с.
40. Нусратов Л.М. Проблемы формирования правосознания в современном Таджикистане (теоретико-методологические аспекты). Душанбе: Изд. «Дониш», 2012. - 142с.
41. Окара, А.Н. Правосознание - центральная категория философии права И.А. Ильина / А.Н. Окара // Государство и право. - 1999. - № 6. - С. 86.
42. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”. Ҳафтаномаи “Мароми пойтахт” №1 (779) аз 3.01.2024. – С. 7.
43. Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование) /Под ред., д.ю.н. Furthermore Бободжонзода И.Х., д.ю.н. Нематов А.Р. Из-во «Дониш», Душанбе, 2022, –246с.
44. Саидзода М.Ш. Проблемаҳои ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография. – Душанбе, 2021. – 240 с.
45. Сангинзод Д.Ш., Сангинов К.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ (Монография). – Душанбе: балоғат, 2024. – 304 с.
46. Сафронов В. В. Правосознание гражданина: дис. ... канд. юрид. наук. Красноярск, 2004. - С. 6.
47. Тафсири Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, «ЭР-граф,» 2014. – С. 520.
48. Холиқзода А.Ғ., Бобоҷонзода И.Ҳ., Шосаидзода Ш.Ш. Бардоштҳои маънавӣ-ҳуқуқӣ аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шоҳроҳи бунёди давлати миллӣ. «Маҷаллаи Академиявии ҳуқуқ». 2022, №2 (42). –С. 26-37.
49. Шарифов Р.А. Организационно-методическая и координационная деятельность Министерства юстиции Республики Таджикистан в сфере правового воспитания. – Душанбе: “Бухоро”, 2013. – 192 с.
50. Шарифов Р. Теории правового воспитания. – Душанбе: “Истеъдод”, – 2010. – 80 с.

**Бободжонзода Исрофил Хусейн** – доктор юридических наук, профессор, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, заведующий отделом теоретических проблем современного государства и права Email: bobojonov_i@mail.ru

**Теоретико-методологические основы право-вого воспитания в Республике Таджикистан с точки зрения юридической науки**

В статье изучаются, анализируются и исследуются вопросы правового образования с точки зрения юриспруденции. Отмечается, что одним из путей формирования уровня правового образования граждан в современную эпоху является повышение их осведомленности и использование возможностей поиска правовых мер при разрешении общественных конфликтов. В результате формируется правовое мышление общества, что в свою очередь в корне меняет мировоззрение таджикского общества. В этой связи правовое образование и подготовка юридических кадров как условие повышения правосознания и правовых механизмов в повседневной жизни общества должны стать одной из важных задач государственной политики в области правового воспитания. Достижение баланса в этой работе позволит более эффективно пропагандировать правовые ценности в обществе, а право и всю законодательную систему, прежде всего, трактовать как стимул для обеспечения достойной и благополучной жизни граждан. Условия должны формироваться исходя из возможностей государства по обеспечению достойной жизни граждан. В целом, все эти факторы позволяют непрерывно повышать правовую грамотность граждан с раннего возраста и тем самым обеспечивать надлежащее правовое воспитание граждан.

**Ключевые слова:** Конституция, концепция правовой политики, правовое воспитание, правосознание общества, правосознание,

образование юридических кадров, правовая культура, правосознание, правовая грамотность, программа правового воспитания, образование и воспитание детей, семья.

**Bobojonzoda Isrofyl Hussein** – Doctor of Law, Professor, National academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law Head of the Department of Theoretical Problems of the Modern State and Law E-mail: bobojonov_i@mail.ru

**Theoretical and methodological foundations of legal education in the Republic of Tajikistan from the point of view of legal science**

The article studies, analyzes and explores the issues of legal education from the point of view of jurisprudence. It is noted that one of the ways to form the level of legal education of citizens in the modern era is to increase their awareness and use the opportunities to search for legal measures in resolving social conflicts. As a result, the legal thinking of society is formed, which in turn radically changes the worldview of Tajik society. In this regard, legal education and training of legal personnel as a condition for raising legal awareness and legal mechanisms in the everyday life of society should become one of the important tasks of state policy in the field of legal education. Achieving a balance in this work will allow more effectively promoting legal values in society, and the law and the entire legislative system, first of all, to be interpreted as an incentive to ensure a decent and prosperous life for citizens. Conditions should be formed based on the capabilities of the state to ensure a decent life for citizens. In general, all these factors make it possible to continuously improve the legal literacy of citizens from an early age and thereby ensure proper legal education of citizens.

**Key words:** Constitution, concept of legal policy, legal education, legal consciousness of society, legal consciousness, education of legal personnel, legal culture, legal consciousness, legal literacy, legal education program, education and upbringing of children, family.

# СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ

**Қодирзода Тоҳир Қамар** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов, ходими пешбари илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосир, E-mail: t. kodirzoda@mail.ru

Дар мақолаи мазкур сиёсати ҳуқуқии давлат, мақсаду афзалиятҳо ва вазифаҳои стратегияи рушди миллӣ, бобати амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқии давлат ба воситаи тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, маҷмуи тадбирҳое, ки барои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ хизмат мекунанд, сухан рафта, қайд карда мешавад, ки сиёсати ҳуқуқӣ дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд муҳим буда, сиёсати ҳуқуқӣ ба фаъолияти ҳуқуқии шаҳрвандон, риоя ва иҷрои дурусти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалинамоии ҳуқуқу вазифаҳои онҳо, иштироки шаҳрвандон дар интихобот мусоидат намуда, таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, ки самти афзалиятноки амалинамоии сиёсати ҳуқуқӣ мебошад ва ба шаҳрвандон дар тарзу тартиби ҳимояи ҳуқуқҳои худ дар суд, дигар ҳуқуқҳои худро дар муносибатҳои ҳуқуқӣ истифода бурдан кӯмак намуда, ба баланд гардидани ҳисси масъулиятшиносии шаҳрвандон оварда мерасонад.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, қонун, суд, ҳуқуқ, фарҳанги ҳуқуқӣ, таълим, тарбияи ҳуқуқӣ, таҳсилоти ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҳуқуқбунёд, шуури ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ, шаҳрвандон.

Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти комили давлатӣ ва соҳибихтиёр гардидани Тоҷикистон, бо ҳидоятҳои хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, сиёсати ҳуқуқӣ дар асоси мақсадҳои стратегии давлати Тоҷикистон, афзалиятҳо ва вазифаҳои Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллӣ муайян гардида, оид ба иҷрои ин вазифаҳо ҳуҷҷатҳои муҳимми сиёсиву ҳуқуқии зерин қабул карда шудаанд: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳр-вандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи 1997 «Дар бораи баъзе тадбирҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2008 «Дар бораи нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028; Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 ва ғайра.

Сиёсати ҳуқуқӣ фаъолияти мунтазами Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамаи мақомоти давлатӣ, прокуратура, суд, ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайра ба шумор рафта, он бо мақсади баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон равона карда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқӣ ба воситаи шаклу усулҳои тарбиявию таълимӣ, аз қабили: ёрии ҳуқуқии ройгон ба кӯдакон, маъюбон, ятимон ва шаҳрвандони дигари ниёзманд бо ҷалби ҳуқуқшиносон, ташкили марказҳои ҳуқуқӣ, олимпиадаҳои ҳуқуқӣ, машғулиятҳои ҳуқуқӣ, суҳбат, машваратҳои ҳуқуқӣ, шарҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нашр ва паҳн намудани китобу монографияҳо доир ба ҳуқуқ, тафсири қонунҳо, таъсиррасонии ҳуқуқии меъёрӣ бо истифодаи Конститутсия, қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, тавассути тарғиби арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, омӯзиши асарҳои мутафаккирон, шоирону нависандагони намоёни мусоир, ки дар онҳо арзишҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ-маънавӣ инъикос шудаанд, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва рақамӣ ва ғайра, амалӣ мегардад.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ба ягонагии таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ асос ёфта, тарбияи ҳуқуқӣ бештар ба ҳиссиёт, арзишҳо, шуури инсон таъсир мерасонад [26, 200].

Таъсиррасонӣ ба ҳолати равонӣ, шуур ва ҷаҳонбинии инсон дар ҷараёни таълими ҳуқуқӣ низ мушоҳида шуда, таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ба иҷрои вазифаҳои умумии сиёсати ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд.

Маҷмуи тадбирҳое, ки барои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ хизмат мекунанд, инҳо шуда метавонанд: санадҳои татбиқи ҳуқуқ, стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ, ки афзалиятҳо, мақсадҳо ва дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқиро муайян мекунанд, ташвиқу тарғиби ҳуқуқӣ, воситаҳои ахбори омма, технологияҳои иттилоотӣ-

коммуникатсионӣ, лексияҳо, адабиёти ҳуқуқӣ, барномаҳои телевизионӣ ва ғайра.

Сиёсати ҳуқуқӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташилоту муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, шаҳрвандон ва ғайра буда, бо истифодаи чораҳои ташкилӣ-методӣ, ҳуқуқӣ, ташвиқотӣ, иттилоотӣ ва дигари таълимию тарбиявӣ ба роҳ монда мешавад.

Муассисаҳои таҳсилотӣ аз қабили, муассисаҳои томактабӣ, мактабҳо, литсейҳо, гимназияҳо, донишгоҳу донишкадаҳо, марказҳои хизмати таҳсилотӣ, курсҳои такмили ихтисос ва ғайра дар ҷарвёни тарбияи ҳуқуқӣ нақши муҳим доранд.

Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд мебошад, чунки сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ба амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини волоияти қонун, тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат карда, фаҳмиши мазмуну муҳтавои конститутсия, қонунҳо, ҳуқуқҳои интихоботӣ, ҳуқуқу вазифаҳои шаҳрвандон, муносибатҳои ҳуқуқии оила ва ғайра дар асоси тарбияи дурусти ҳуқуқӣ ба миён омада метавонад.

Сиёсати ҳуқуқӣ ба фаъолияти ҳуқуқии шаҳрвандон, риояи ва иҷрои дурусти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалинамоии ҳуқуқу вазифаҳои онҳо, иштироки шаҳрвандон дар интихобот, ба тарзу тартиби ҳимояи ҳуқуқҳои худ, ҳуқуқҳои худро дар суд ҳимоя намудан ва аз дигар ҳуқуқҳои худро дар муносибатҳои ҳуқуқӣ истифода бурдан, ба баланд гардидани ҳисси масъулиятшиносии шаҳрвндон мусоидат мекунад.

Сиёсати ҳуқуқӣ аз тарбияи ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқӣ иборат буда, тарбияи ҳуқуқӣ натиҷаи амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқӣ мебошад [14, 165-166]. Сиёсати ҳуқуқии тарбиявӣ тавассути фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандон дар самти ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқӣ бо роҳи ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ ва ғайра амалӣ карда шуда, ин имконият медиҳад, ки заминаҳои меъёрии ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқии тарбиявӣ ба миён омада, чораҳои таъсиррасонии тарбиявӣ ба шууру амали одамон бо ёрии фаъолияти мақомоти татбиқи ҳуқуқ таъмин карда шавад.

Айни замон тарбияи ҳуқуқӣ бо таълими ҳуқуқӣ робитаи устувор дошта, сиёсати ягонаи ҳуқуқӣ буда, ба ташаккули дониш ва маърифати ҳуқуқӣ равона карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар илми ҳуқуқшиносии пасошуравӣ тарбия ва таълими ҳуқуқӣ ҳамчун унсурҳои ҷудонопазири сиёсати ҳуқуқӣ таҳқиқ мешаванд [16, 202-215; 29, 82-89; 33, 82; 36, 5].

Сиёсати ҳуқуқӣ бо истифодаи шаклҳои гуногун, ба мисли таълими умумии ҳуқуқӣ, таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ, бозомӯзии ҳуқуқӣ, такмили ихтисос ва ғайра амалӣ гардида, намудҳои таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, аз қабили, муассисаҳои таҳсилотӣ, синну сол, вазъи иҷтимоӣ, наврасон, ҷавонон, мактаббачагон, донишҷӯён, духтарон, занон, соҳибкорон, сарбозон ва ғайра вобастагӣ дорад.

Сиёсати ҳуқуқӣ нисбат ба аҳолӣ, гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоии аҳолӣ, доираи муайяни шаҳрвандон амалӣ карда мешавад. Аз ин хотир, сиёсати мазкур самтҳои мустақил дошта, аз тарбия ва таълими ҳуқуқии кӯдакон дар оила, дар муасси-сахои томактабӣ, хонандагони мактабҳои миёна, литсей, гимназияҳо, колледжҳо, донишҷӯён, кормандони ташкилоту муассисаҳо дар курсҳои такмили ихтисос ва ғайра мебошанд. Айни замон самтҳои зикршуда дар фаъолияти амалӣ мушахасстар гардида, таълиму тарбияи ҳуқуқии ҷавонон бо назардошти вазъи иҷтимоии ҷавонони мактабхон, донишҷӯён, ҷавононе, ки дар сафи қувваҳои мусаллаҳ хизмат мекунанд, ҷавонони муҳоҷир ба роҳ монда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ нисбат ба самтҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ ба аҳолӣ наздиктар аст, бевосита дар байни шаҳрвандон, бо аъзоёни ҷомеа, иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрвандон, хонандагон, донишҷӯён, ронандагон, ҳунармандон, муҳоҷирони меҳнатӣ, ятимон, маъюбон ва дигарон амалӣ карда мешавад. Дар ҷомеаи иттилоотӣ истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, ба монанди алоқаи мобилӣ, Интернет, шабакаи иҷтимоӣ ва ғайра робитаи мустақимро бо шаҳрвандон таъмин мекунанд.

Тарзу усулҳои сиёсати ҳуқуқӣ лексия, семинар, суҳбат, саволу ҷавоб оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ дар симою садо, шабакаи Интернет, машварати ҳуқуқӣ ва ғайра буда, таълиму тарбияи дурусти ҳуқуқиро бо қишрҳои ҷомеа талаб мекунад ва сиёсати ҳуқуқӣ дар асоси таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, тарғибу ташвиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, бо дониши ҳуқуқӣ фарогир намудани шаҳрвандон, риояи қонунҳо, фаҳмонидани роҳҳои ҳимояи ҳуқуқу вазифаҳои шаҳрвандон ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои онҳо, иҷрои ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Аз ин хотир, сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ барои ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, дарку эҳсоси зарурат ва нақши қонун дар ҷомеа, тарбияи ҳисси эҳтиром ба шаҳрвандони дигар, ба ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ба қонун, ҳисси масъулиятшиносии ҳуқуқӣ, иҷрои бовиҷдонаи вазифаҳои ҳуқуқӣ аҳаммият дошта, дар

ин бора муҳаққиқони зиёд ибрози андеша намудаанд [11, 230].

Низоми таълиму тарбияи ҳуқуқӣ бобати иҷрои сиёсати ҳуқуқӣ бо дарназардошти омилҳои зерин: алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ, сиёсӣ, оилавӣ, ҳуқуқӣ; истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ ва фарҳангӣ дар раванди таълими умумии ҳуқуқӣ ва таҳсилоти ҳуқуқии касбӣ; танзими фаъолияти касбии ҳуқуқшиносон бо арзишҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ахлоқӣ-маънавӣ; нуфузи принсипҳои адолат, поквиҷдонӣ, одоби хизмати давлатӣ, татбиқи дурусти Кодекси маданӣ, Кодекси оила, Кодекси ҷиноятӣ ва дигар; истифодаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои тафсирӣ, фактҳои ҳуқуқӣ ва воситаҳои ғайриҳуқуқии иттилоотӣ, арзишӣ, тарбиявӣ, асарҳои бадеӣ, илмӣ, оммавӣ, наворҳои телевизионӣ, ҳамоишҳои илмӣ, чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Илова бар ин, дар шароити бухрони арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ, ки як қатор кишварҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст, амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбия бо истифодаи имкониятҳои тарбияи ахлоқӣ, педагогӣ, равонӣ ва дигар, аз он ҷумла анъанаҳои миллӣ аҳаммияти муҳим дорад. Доир ба алоқамандии меъёрҳои танзими иҷтимоӣ, доир ба саҳми тарбияи ҳуқуқӣ дар инкишофи муносибатҳои ахлоқӣ, анъанаҳои фарҳангӣ олимони зиёд ақидаронӣ кардаанд [8, 60; 17, 224; 21, 77; 27, 104].

Ба самаранокии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ равандҳои нави ҷомеаи ҷаҳон, ба мисли инкишофи тафовути фарҳангӣ-тамаддунӣ, ихтилофоти фарҳангу тамаддунҳо, ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла ҷаҳонишавии неолибералӣ, ултралибералӣ таъсир мерасонанд. Ҳамчунин, тағйироти куллии муносибатҳои ҷамъиятӣ, инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, муносибатҳои бозорӣ ба инкишофи низоми таълиму тарбия таъсир мерасонанд ва дар ин бора муҳаққиқон ибрози ақида мекунанд [34, 4].

Ислоҳоти низоми сиёсӣ, гуногунии сиёсӣ ва мафкуравӣ, ислоҳоти ҳуқуқӣ тарҳрезии консепсияи нави сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ талаб намуда, Консепсияи мазкур заминаҳои илмӣ-методологии сиёсати ҳуқуқиро дар робита бо ислоҳоти ҷомеа муайян мекунад.

Таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ аз қабили, терроризм, экстремизм, ҷиноятқории муташаккилонаи фаромиллӣ ва дигарҳо самтҳо ва мақсадҳои нави сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ муайян карда, сиёсати ҳуқуқӣ дар кишвар дар ҳолати инкишоф қарор дошта, мунтазам ба шароити нав мутобиқ карда мешавад.

Ҷаҳонишавӣ, навигариҳои нави ҷомеаи ҷаҳонӣ, таҳдиду хатарҳои ҷаҳони имрӯза, зарурати баланд бардоштани сиёсати ҳуқуқиро ҷиҳати такмили сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, тавассути тадбирҳои асосноки давлатӣ ва ҷамъиятӣ, тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиноси баландихтисосро талаб мекунад.

Ба зарурати такмили раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар шароити тағйироти куллии ҳаёти ҷомеа олимони зиёд таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд [6, 123; 9, 3-4; 30, 18; 24, 485-486; 31, 497; 32, 17-18].

Сиёсати ҳуқуқӣ бо мақсади ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ, бо истифодаи арзишҳои ҳуқуқӣ-ахлоқӣ амалӣ гардида, бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ, зиддикоррупсионӣ, зиддинашъамандӣ ва дигар алоқаманд аст.

Баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ мақсади стратегии сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Мақсади мазкур ба стратегияи эъмори давлати ҳуқуқбунёд тобеъ карда мешавад. Чунин ақида дар асарҳои илмӣ якдилона пазируфта мешавад [10, 14; 18, 497; 23, 409].

Гуногунии назарияҳои давлати ҳуқуқбунёд, назарияҳои ҳуқуқ, ақидаҳо оид ба мафҳуми шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ба дарки падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ дар шахс таъсир мерасонад ва ҳамин ҳолати мазкур зимни амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ бояд ба инобат гирифта шавад. Шахсе метавонад мавқеи худро ҳамчун ҷузъи ҷомеаи муосир мустаҳкам намояд, ки дорои дараҷаи муайяни шуур, фарҳанг ва маърифати ҳуқуқӣ бошад. Чун талаботи мавҷудаи замони муосир нисбат ба аҳолӣ бозгӯи он мебошад, ки амали одамон дар доираи санади меъёрии муайян ва ё одатҳои умумиэътирофгардида мавриди танзим қарор гирифтаанд, ки донистани онҳо зарур аст.

Бо назардошти раванди мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани сатҳи ҳуқуқдонии шаҳрвандон тадбирҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда шудаанд ва барои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ, механизмҳои ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ба омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ вобастагии ногусастанӣ дошта, нақш ва мавқеи мехнизмҳои ҳуқуқии ташаккул додани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ нақши калидиро мебозад.

Баланд бардоштани шуури ҳуқуқии шаҳрвандон асосии сиёсати ҳуқуқии давлати мо ба ҳисоб рафта, аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба ин самт таваҷҷуҳи махсус равона карда шудааст ва тавре зикр гардид, дар ин замина аз ҷониби давлат як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул гардидааст.

Ҳамзамон, дар ҳуҷҷати барномавии болозикр роҷеъ ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад дониста шудааст: ҷоннок кардани корҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ дар асоси ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектони тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ; таъмини мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо нашрияи расмии иттилоотӣ ҳуқуқӣ; ба таври васеъ ба аҳолӣ дастрас намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба онҳо; таъсис додани сомонаи ягонаи миллӣ бо ҷойгир кардани тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; такмил додани механизми коркарди мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун унсури муҳими баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар асоси ворид кардани дастовардҳои нави илму технология, пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ [12].

Тибқи муқаррароти моддаи 42-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [13] дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Чунин талабот заминаи асосии баланд бурдани маърифат ва шуури ҳуқуқист, ки худи Конститутсия низ тақозо дорад. Чунки пешрафти ҷомеа танҳо бо роҳи танзими қонунӣ имконпазир мегардад.

Маърифати ҳуқуқӣ яке аз заминаҳои асосии рушди шахсияти комил дар ҷомеа мебошад ва барои риоя ва амалӣ намудани қонуну қарор ва санадҳои дигар, ки аз ҷониби давлату ҳукумат мавриди амал қарор мегиранд, ҳар узви ҷомеаро сатҳи муайяни дониши ҳуқуқӣ зарур аст. Шахси дорои маърифати баланди ҳуқуқӣ, дониш ва шуур дар ҷомеа ҷойгоҳи хешро пайдо намуда, ҳаргиз ба амалҳои ғайриқонунӣ даст намезанад ва фирефтаи тарғиботи ифротгаронаи душманони миллат ва давлат нахоҳад шуд. Бинобар ин, омӯзиши қонунҳо, тарғибу ташвиқи онҳо бояд ҳанӯз дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оғоз ёфта, пасон дар коллеҷу донишгоҳҳо идома дода шавад. Дар ҷавонон ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихори миллиро баланд бардоштан, мутахассисони сатҳи баланди соҳаи ҳуқуқу тартиботро омода намудан зарур аст. Танҳо чунин муносибат ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, масъулиятшиносӣ, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат хоҳад кард [22].

Дар ин радиф Насриддинзода Э.С. таъкид менамояд, ки маърифати ҳуқуқӣ шакли бисёрҷанбаи фаъолияте аст, ки дар амалигардонии он низоми маориф нақши асосӣ дорад. Ба ҳайси ҳадафи асосии маърифати ҳуқуқӣ ташаккули асосҳои назариявии шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, тафаккури ҳуқуқӣ, инчунин, густариши ҷаҳонфаҳмии илмии ҳуқуқии шаҳрвандон ва дар ҳаёти ҳаррӯза татбиқ намудани талаботи ҳуқуқӣ баромад менамояд. Ба шумули масъалаҳои асосии маърифати ҳуқуқӣ инҳоро метавон мансуб донист: ба даст овардани донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон оид ба қонунгузорӣ, қонуният, ҳуқуқ ва уҳдадории онҳо; боз ҳам боло бурдани нақши ҳуқуқ ҳамчун арзиши бебаҳси иҷтимоӣ; эҳтиром ба қонун; мубориза бо ҳеҷангаройии (нигилизми) ҳуқуқӣ; дар доираи хонандагону донишҷӯён боз ҳам густариш додани тамоюл, нишондод ва одатҳо бо рафтори мутобиқи қонун [20].

Гуфтаҳои ёдрасшуда, заминаҳои бунёдии шаклгирӣ ва ташаккули шуури ҳуқуқӣ буда, барои амалигардонии сиёсати ҳуқуқӣ тамоми ниҳодҳои давлатӣ ва шаҳрвандӣ бо шаҳрвандон корҳои заруриро бояд ба иҷро расонанд.

Вобаста ба муҳимияти раванди сиёсати ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ устод Бобоҷонзода И.Ҳ. таъкид менамояд, ки муҳимтарин роҳи ташаккули сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон дар замони муосир, ин баланд бардоштани маърифатнокии онҳо ва истифодаи имкониятҳо дар ҷустани чораҳои ҳуқуқӣ ҳангоми танзими низоъҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар натиҷа тафаккури ҳуқуқии ҷомеа ташаккул ёфта, дар навбати худ нигоҳи ҷомеаи Тоҷикистонро куллан тағйир медиҳад. Аз ин лиҳоз, тарбияи ҳуқуқӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун шарти баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва механизмҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа бояд яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифатнокии ҳуқуқӣ гардад [4].

Ба андешаи Ҳасанов С.Ҳ шуури ҳуқуқӣ маҷмуи ақида, нуқтаи назар, ҳиссиётест, ки муносибати одамонро ба ҳуқуқ ифода мекунад. Ин тасаввурот дар бораи қонунгузорӣ, қонуният, адолати судӣ дар бораи рафторҳои қонунӣ ва ғайриқонунӣ мебошад[37, 54].

Бояд эътироф кард, ки аксар маврид шаҳрванд омода аст ба қоидаҳои муайяни ҳаёт, аз қабили меъёрҳои қонунгузорӣ мутобиқ шавад, агар барои рушди он шароити муайяни зарурӣ фароҳам оварда шавад. Дар ин ҷо низоми баҳисобгирии манфиатҳои давлат ва ҷомеа дар назар дошта шуда, ин ҳолат ба арзишҳои ҳуқуқиро дар байни ҷомеа самараноктар тарғиб карда намудан имконият медиҳад.

Ба андешаи муҳаққиқ Бобоҷонова С.Р. омӯзиш ва баррасии масъалаҳои ҳуқуқӣ дар миёни муҳассилини мактабҳои олӣ яке аз муҳимтарин ҳадафҳои илми ҳуқуқшиносӣ ва педагогикаи миллӣ маҳсуб мешавад, ки дар ташаккули шуури ҳуқуқии

донишҷӯён, фаъолнокии ҳуқуқии онҳо ва истифодаи усулҳои интерактивӣ дар машғулиятҳои таълимӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар ҳар ҷомеаи рӯ ба тараққӣ омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои марбут ба шуури ҳуқуқии донишҷӯён таваҷҷуҳи махсусро талаб намуда, дар баррасии ҳамаҷонибаи муаммоҳои тарбияи ҳуқуқӣ миёни донишҷӯён мусоидат хоҳад кард. Дар амалӣ намудани қарору қонунҳо ҷиҳати ташаккул ва густариши шуури ҳуқуқӣ корҳои зиёде мавҷуданд, ки дар вусъат додани шуури ҳуқуқии донишҷӯён кӯмак менамояд[5, 129-133].

Дар илми ҳуқуқшиносии муосир имрӯзҳо раванди доктриналие рӯи кор омадааст, ки падидаҳои фундаменталии рушддиҳандаи маърифати ҳуқуқии умумӣ ва соҳавӣ ба монанди шуури ҳуқуқӣ, дониши ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун намуди фаъолият, ҳамчун иттилоот ва ҳамчун арзиш пазируфта шудаанд [7, 2-8].

Баъзе муҳаққиқони соҳа [3] андешаашонро пешниҳод менамоянд, ки яке аз нишонаҳои дар сатҳи паст қарор додани маърифати ҳуқуқии аҳолиро мо метавонем аз таваҷҷуҳ надоштани шаҳрвандон ба муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, риоя накардани қонунгузорӣ, вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ, халалдор намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон мушоҳида намуданамон мумкин аст.

Зимнан, дар тақвияти андешаҳои болозикр Насриддинзода Э.С. таъкид менамояд, ки сарчашмаи дигари инкишофи маърифати ҳуқуқӣ дар роҳи ба камолоти маърифати ҳуқуқӣ расонидани шаҳрвандон ин омӯзиши арзишҳо ва донишҳои ҳуқуқие мебошад, ки давоми садаҳои сипаригашта аз сӯйи мутафаккирони бузурги гузаштаи халқи тоҷик, баргузида шудаанд. Аз ҷумла, «Тибби рӯҳонӣ»-и Закариёи Розӣ, «Ҷовидон Хирад»-и Ибни Мискавайҳ, «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, «Тадбири манзил»-и Абуалӣ ибни Сино, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Саодатнома»-и Носири Хусрав, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насируддини Тӯсӣ, «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва амсоли инҳо дар ташаккулу пешрафти шаклҳои гуногуни шуури ҷамъиятӣ (зебоипарастӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ) хусусияти бунёдӣ дошта, метавонанд яке аз омилҳои густариши маърифати ҳуқуқӣ бошанд [20].

Албатта, дар ташаккули шуур ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар баробари донистани муқаррароти қонунгузорӣ, огаҳ будан ва донистани ашъори бузургони гузаштаамон, мусоидат менамояд.

Таълими ҳуқуқии аҳолӣ, алалхусус, ҷавонону наврасон яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ба шумор меравад ва он бо иштироки бевоситаи давлат ва мақомоти он, тавассути маҷмуи тадбирҳои таҳсилотӣ ва тарбиявӣ, бо ҷалби сохторҳои ғайридавлатӣ ва доираи васеи шаҳрвандон, пеш аз ҳама, ҳуқуқшиносон, олимон, адвокатҳо, судяҳо, кормандони суд ва кормандони суд мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бояд ба роҳ монда шавад.

Оид ба ин сиёсати ҳуқуқӣ, муҳаққиқони зиёд ибрози ақида мекунанд. Чунончи, ба ақидаи муҳаққиқон таълими ҳуқуқии аҳолӣ самти мустақили сиёсати давлат буда, барои ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва такмили таълими ҳуқуқии насли ҷавон мусоидат мекунад [2, 64-68].

Муассисаҳои таҳсилотӣ, пеш аз ҳама, мактабҳои олӣ дар амалӣ гардидани сиёсати давлатӣ барои ҷавонон, дар асоси таълими ҳуқуқӣ саҳми назаррас доранд. Таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ яке аз самтҳои сиёсати ҳуқуқӣ буда, дар доираи омӯзиши фанҳои ҳуқуқӣ дар факултетҳо ва муассисаҳои ғайриҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Муассисаҳои таҳсилотӣ дар амалишавии сиёсати ҳуқуқи ҷавонон саҳми ҳалкунанда доранд. Аз ин хотир, як қатор муҳаққиқон роҳҳои такмили муассисаҳои таҳсилотиро тавассути такмили сифати муассисаи таҳсилотӣ, сифати омодагии субъектони маърифати ҳуқуқӣ ва сифати хизмати таҳсилотӣ пешниҳод мекунанд [1, 13].

Таклифу пешниҳодҳои муҳаққиқон оид ба такмили методологияи маърифати ҳуқуқӣ барои дар амал татбиқ гардидани сиёсати давлатии ҳуқуқӣ ва ташаккулу рушди шуури ҳуқуқии касбӣ, аз он ҷумла унсурҳои илмии маърифати ҳуқуқӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, усулҳои фалсафӣ, диалектикӣ, материалистӣ, функсионалӣ ва ғайра ба ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқии инсон, тафаккури ҳуқуқӣ, дониши мукаммали ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд.

Бештари муҳаққиқон муътақиданд, ки сиёсати давлатӣ, тадбирҳои давлатӣ, фаъолияти мақомоти давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ дар ташаккули маърифати ҳуқуқӣ нақши ҳалкунанда дорад [38, 117-120]. Дар ҳуҷҷатҳои давлатӣ ташаккулу рушди маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун самти сиёсати давлатӣ эълон гардида, сиёсати маърифатнокии ҳуқуқӣ ба сатҳи давлатӣ баромада, ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати давлатӣ тадбирҳои давлатӣ амалӣ карда шуда, ин ба ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат менамояд.

Бо мақсади аз таҷрибаи дигар ҷумҳуриҳо дар самти тадбирҳои давлатӣ доир ба сиёсати ҳуқуқӣ ва

ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон шиносоӣ пайдо намудан ва дар амалия онҳоро истифода бурдан, ба таври фишурда мисолҳо меорем. Масалан, бо Фармони Президенти Федератсияи Россия аз 28 апрели соли 2011 Асосҳои сиёсати давлатии Федератсияи Русия дар соҳаи инкишофи саводнокии ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон, тасдиқ шудааст [25], ва дар он мақсадҳои зерин гузошта шудаанд: ташаккули муносибати устувори эҳтиромона ба қонун ва пешгирии нигилизми ҳуқуқӣ; баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, аз он ҷумла маълумоти ҳуқуқӣ ва саводнокии ҳуқуқӣ; ташаккули ҳавасмандӣ ба риояи қонун ҳамчун намунаи асосии фаъолияти иҷтимоӣ; ба шуури ҷамъиятӣ ворид намудани ғояи иҷрои бовиҷдонаи вазифаҳо ва риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ.

Дар Нақшаи чорабиниҳо дар соҳаи маърифати ҳуқуқӣ барои солҳои 2016-2020, ки бо Қарори Шурои вазирони Ҷумҳурии Беларус тасдиқ шудааст [28], ташкили корҳо бо хонандагони муасисаҳои таҳсилотӣ дар шакли машғулиятҳои иловагӣ, семинарҳо, лексияҳо оид ба омӯзиши қонунгузорӣ, баргузории олимпиадаҳо пешбинӣ шудааст. Мақсади баргузории ин тадбирҳоро ташаккули шахсияти дорои сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ, ҷаҳонбинии муташаккил, тафаккури танқидии дорои майли иҷтимоӣ ва мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ ташкил медиҳад [19].

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҳуқуқӣ дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи такмили куллии системаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқӣ дар ҷомеа», Консепсияи баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа, Барномаи миллии амалӣ намудани Эъломияи СММ оид ба таълим ва тарбия дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба роҳ монда мешавад. Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон яке аз самтҳои муҳимми маърифати ҳуқуқӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон зарурати таҳияи консепсияи маърифати ҳуқуқӣ аз ҷониби як қатор муҳаққиқон ҳамчун самти нави ниҳодии инкишофи маърифатнокии ҳуқуқӣ асоснок карда мешавад. Консепсияи мазкур иштироки ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, соҳибкорон ва воситаҳои ахбори оммаро дар маърифатонии ҳуқуқӣ, маблағгузории давлатӣ ва иловагии маърифатонии ҳуқуқӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайридавлатӣ, тарҳрезии сиёсати маърифатонии ҳуқуқиро пешбинӣ мекунад[35].

Тавре бармеояд, сиёсати ҳуқуқӣ баҳри ташаккулу рушди шуури ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ва давлатҳои зикршуда самти муҳимми сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ буда, ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ, санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва амалӣ гардида, роҳҳои бо ҳам наздики ташаккули шуури ҳуқуқӣ муайян гардидааст ва омӯхтани таҷрибаи якдигар аҳаммияти худро дорад.

Ташаккули маърифати ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сифати тайёр кардани кадрҳои ҳуқуқиро талаб мекунад. Яке аз роҳҳои таъмини сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ такмил додани раванди таълим, навсозии барномаҳои таълимӣ ва барномаҳо, ҷорӣ намудани фанҳои нав мебошад. Инчунин бояд тамоюлҳои нави рушди фанҳои илмии ҳуқуқӣ, аз ҷумла тамоюли тақвияти робитаҳои байнисоҳавӣ байни фанҳои анъанавӣ ва нав ва байни фанҳои ҳуқуқӣ ва ғайрирасмӣ ба назар гирифта шаванд.

Дар иртибот ҳаминро қайд менамоем, ки ҷиҳати пешравии сиёсати ҳуқуқӣ ва дар ин замина беҳтар ташаккул ёфтани шуури ҳуқуқии шаҳрвандони кишвар, қабул намудани «Доктринаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ» тибқи пешниҳодҳои бо илми муосир ва берун аз ҷумҳурӣ асосёфта, зарур ба шумор меравад, ки он барои амалинамоии сиёсати ҳуқуқии давлат дар самти баланд бардоштани шуури ҳуқуқии аҳолӣ ёрӣ расонида, ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ дар таҳкими давлатдории миллӣ, рушди демократия ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд.

**Адабиёт**


1. Авдеева О.А., Авдеева Е.В. Методология юридического познания в контексте реализации правового воздействия и правового просвещения // Подготовка кадров для силовых структур: современные тенденции и образовательные технологии. Материалы XXIV Всероссийской научно-методической конференции (Иркутск, 28 февраля – 1 марта 2019 г.). – Иркутск: Изд-во Восточно-Сибирский институт МВД Российской Федерации, 2019. – С. 13.
2. Баранов В.М. Юридическая техника: учебник для бакалавриата и специалитета / В. М. Баранов [и др.]; под редакцией В. М. Баранова. - Москва: Издательство Юрайт, 2019. - 493 с.
3. Бобоҷонзода И.Ҳ. Маърифати ҳуқуқӣ: дар ҳошияи паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. // [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https://www.ifppanrt.tj/tj/ilm-va-navidho/andeshai-muhakkikon/item/1601-ma-rifati-u-u-dar-oshiyai-pajomi-prezidenti-um-urii to-ikiston.html (санаи муроҷиат 09.01.2024).
4. Бобоҷонова С.Р. Фаъолнокии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён. Маҷаллаи илмии «Номаи донишгоҳ»-и МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров», №1(70), 2022. – С. 129-133.

5. Вопленко Н.Н. Очерки общей теории права. Монография. – Волгоград, 2009. – С. 123;

6. Гранат Н. Л., Панасюк В. В. Правосознание и правовая культура // Юрист. 1998. - №11/12. С. 2–8.

7. Гуляихин В.Н. Правовое воспитание человека как процесс формирования ценностно-смыслового компонента правосознания // Вопросы права и политики. – 2014. – № 8. – С. 60;

8. Долгополов О.А. Организация правового воспитания в современной России: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 2004. – С. 3-4;

9. Зубова Я.В. Правовое образование в развитии правовой культуры формирующегося гражданского общества в современной России: дис. … д-ра соц. наук. – Майкоп, 2010. – С. 14;

10. Ильин И.А. О сущности правосознания. – М., 1994. – С. 230.

11. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2028 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 09.01.2024).

12. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.

13. Кудрявцев В.Н. Право и поведение. – М., 1978. – С. 165-166.

14. Қодирзода Т.Қ. Шуури ҳуқуқии судяҳо. Монография. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода. – Душанбе: «ЭР–граф», 2023. – 312 с. –

15. Малько А.В. Теория правовой политики. Монография. – М., 2012. – С. 202-215;

16. Министерство внутренних дел Республики Беларусь: [Электронный ресурс]: URL: http://mvd.gov.by/main.aspx?guid=162163.

17. Насриддинзода Э.С. Маориф ва раванди густариши маърифати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. // [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2024/01/maorif-va-ravandi-gustarishi-marifati-u-u-dar-um-urii-to-ikiston-mulo-iza-va-bardosht-oi-emomal-nasriddinzoda-dar-oshiyai-payomi-prezidenti-um-urii-to-ikiston-ba-ma-lisi-ol/ (санаи мурочиат 09.01.2024).

18. Нерсесянц В.С. Философия права. Учебник. – М., 1998. – С. 77;

19. Низомӣ Н. Маърифати ҳуқуқӣ - заминаи рушди шахсияти комил. // [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https://sadoimardum.tj/sijosat-va-huquq/ma-rifati-u-u-zaminai-rushdi-shahsiyati-komil/ (санаи мурочиат 09.01.2024).

20. Проблемы общей теории права и государства / под общей ред. В.С. Нерсесянца. – М., 2001. – С. 409.

21. Общая теория права. Курс лекций / под общей ред. В.К. Бабаева. – Нижний Новгород, 1993. – С. 485-486;

22. Основы государственной политики Российской Федерации в сфере развития правовой грамотности и правосознания граждан. Ӯтв. Президентом РФ 28 апр. 2011 г. № Пр-1168) // Консультант Плюс [Электронный ресурс]: справочная правовая система.

23. Перевалов В.Д. Теория государства и права: учебник. – М., 2005. – С. 200.

24. Пищелко А.В. Социально-педагогические основы перевоспитания осужденных. – М., 1992. – С. 104.

25. План мероприятий по правовому просвещению граждан на 2016-2020 гг.

26. Правовая политика: словарь и проект концепции / под ред. А.В. Малько. – Саратов, 2010. – С. 82-89;

27. Правовые установки граждан: дис … канд. юрид. наук. – Волгоград, 2002. – С. 18;

28. Проблемы теории государства и права. Учебник / под ред. В.М. Сырых. – М., 2008. – С. 497;

29. Радьков О.С. Правовой нигилизм в России (конец XX – начало XXI в.): автореф. дис… канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2005. – С. 17-18.

30. Спасская В.В. Правовое регулирование образовательных отношений: проблемы теории и практики. – 2-е изд. - М., 212. – С. 4.

31. Туленова Г. Молодежная политика в Республике Узбекистан: состояние и перспективы развития. – Ташкент, 2008. – С. 5.

32. Ҳасанов Солибой, Ҳасанов Музаффар. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Муҳаррири масъул Зокиров Ш.У. – Хуҷанд: Шах, 2005. – 412 с.

33. Юдина Н.В. Организация деятельности органов государственной власти по правовому просвещению населения // Вестник научой конференции. – Тамбов, 2016. – № 11-4 (15). – С. 117-120.

**Кодирзода Тохир Камар** — кандидат юридических наук, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права имени А. Баховаддинова, ведущий научный сотрудник отдела теоретических проблем государства и современного права, E-mail: t.kodirzoda@mail.ru

**Правовая политика Республики Таджикистан в сфере правового воспитания**

В данной статье рассматриваются правовая политика государства, цель, приоритеты и задачи национальной стратегии развития с учетом приоритета национальных интересов, реализация правовой политики государства посредством правового воспитания граждан, комплекс мер, служащих реализации правовой политики, а также отмечается, что правовая политика имеет важное значение в условиях построения правового государства, правовая политика способствует правомерной деятельности граждан, соблюдению и надлежащему исполнению правовых норм, реализации их прав и обязанностей, участию граждан в выборах, правовое просвещение и обучение, являясь приоритетным направлением реализации правовой политики, помогает гражданам в способах и порядке защиты своих прав, судебной защиты и реализации иных прав в правоотношениях, что способствует повышению ответственности граждан.

**Ключевые слова:** Конституция, право, суд, закон, правовая культура, образование, правовая подготовка, правовое воспитание, правовая грамотность, правовая база, правосознание, государственные органы, граждан.

**Kodirzoda Tohir Kamar** — Candidate of Legal Sciences, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov, Leading Researcher of the Department of Theoretical Problems of the State and Modern Law, E-mail: t.kodirzoda@mail.ru

**Legal policy of the Republic of Tajikistan in the field of legal education**

This article examines the legal policy of the state, the strategic goals of the state of Tajikistan, the priorities and objectives of the national development strategy taking into account the priority of national interests, the implementation of the legal policy of the state through legal education of citizens, a set of measures that serve the implementation of legal policy, and also notes that legal policy is of great importance in the context of building a legal state, legal policy contributes to the lawful activities of citizens, compliance with and proper execution of legal norms, the implementation of their rights and obligations, the participation of citizens in elections, legal education and training, being a priority area of the implementation of legal policy, helps citizens in the methods and procedures for protecting their rights, judicial protection and the implementation of other rights in legal relations, which contributes to increasing the responsibility of citizens.

**Key words:** Constitution, law, court, law, legal culture, education, legal training, legal education, legal literacy, legal framework, legal consciousness, government agencies, citizens.

**ИХТИСОСИ 6D030100** – ҲУҚУҚШИНОСӢ = ЮРИСПРУДЕНЦИЯ= JURISPRUDENCE

**СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.1.1. -** ТЕОРЕТИКО – ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРАВОВЫЕ НАУКИ = ИЛМҲОИ НАЗАРИЯВӢ–ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚӢ = THEORETICAL AND HISTORICAL LEGAL SCIENCES

# МАСОИЛ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ОМӮЗИШИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ ОРИЁӢ

**Буризода Эмомали Бозор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Академияи миллии илҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқ. E-mail: buriev-68@mail.ru

Ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, ташаккули давлатдорӣ ва ҳуқуқи миллӣ дар назди ҷомеаи тоҷик, махсусан дар назди илм ва зиёиён масъалаҳои мураккаби назариявӣ ва илмиро мегузорад, ки ҳалли онҳо баҳри ташаккули ҷомеаи муосир, давлат ва қонунгузории амалкунанда бениҳоят муҳим мебошад. Масоили пешомада ба таври маҷмӯи таҳияи илмии ҷанбаҳои гуногуни мавҷудияти умуман ҷомеаи муосири тоҷикон, ҷомеаи шаҳрвандӣ, омӯзиши ҳолати мавҷудаи воқеъияти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, таҷдиди назар ва тағйир додани амалияи падидаҳои давлативу ҳуқуқӣ, мутобиқ сохтани онҳо ба қонуниятҳои рушди муосири ҷомеа, дар ҷараёни таҳаввулоти иҷтимоӣ ба назар гирифтани вазъи иқтисодиву иҷтимоии минтақа ва ҷаҳони имрӯза, махсусан масоили геополитикии муосир, таҳияи дурнамои рушди масоили дар назди ҷомеаи тоҷик истода ва садҳо ин гуна масоили гуногунро талаб мекунад. Бо мақсади омӯзиши корҳои анҷомшуда ва мушаххас намудани қадамҳои нав дар ин самт, пеш аз ҳама, омӯзиши ҳолати мавҷуда, воқеъияти муосир ва коркарди тадбирҳои зарурӣ лозим аст. Вале ҷанбаи муҳимтарини омӯзиш - ба роҳ мондани раванди омӯзиш ва ҳалли масоили мавҷуда, мушаххас намудани муаммову мушкилоти имрӯза, дарки роҳҳалҳои он, инчунин натиҷаҳои имконпазири он бояд ба роҳ монда шавад. Дар ин замина методологияи омӯзиш ва муносибат ба мушкилоти пешомада нақши муҳим дорад. Албатта, омӯзиши методологӣ ва дарёфти методологияи ҳалли масоили муосир метиавонад заминаи илмии на танҳо дарк, балки ҳаллу фасли мушкилоти мавҷуда гардад. Методологияи илмӣ омӯзиши мушкилотро дар чаҳорчубаи илмӣ таъмин менамояд. Дар баробари ин, баҳри ҳалли масоили муосир шароити зарурӣ бояд ба вуҷуд оварда шавад ва заминаи он пеш аз ҳама, ваҳдати миллӣ мебошад, чунки дар шароити ҷангу нобоварӣ ҷомеа наметавонад ба ягон мақсади худ расад.

Яке аз масъалаҳои ҷавҳарӣ дар ин марҳилаи рушд - муттаҳид намудани шаҳрвандон, ба вуҷуд овардани ваҳдати миллӣ, ягонагӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолии кишвар мебошад, ки танҳо дар заминаи чунин ваҳдати миллӣ метавон ба таҳия ва ҳалли мушкилоти дигари давлатдорӣ давом дод.

Таҳияи нақшаи кор ва барномаи фаъолият дар ин самт, баргузории чорабиниҳои гуногунро талаб мекунад. Дар қатори роҳҳалҳои муҳим ва сарчашмаҳои ҳалли масоили пешомада шиносоӣ, сабақомӯзӣ ва истифодаи падидаву ниҳодҳои бостонӣ, ки солиёни дароз дар кишвар амал мекарданд, яъне омӯзиши фарҳанги ҳуқуқии ниёгон метавонад нақши ҳалкунанда доштабошад.

Сухан оид ба фарҳанги ҳуқуқии ниёгон меравад, ки таърихи он аз давраи пайдоиши давлатдорӣ ва ҳуқуқ то имрӯз идомат меёбад. Фарҳанги ҳуқуқӣ бештар дар муносибат, баррасии масоили гуногун, муносибати байни шаҳрвандон, шаҳрванд бо ҷомеа, давлат, дар муносибатҳои дохилиташкилотӣ ва ташкилот бо муҳит, муносибатҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, муносибатҳои ду ва бисёртарафаи давлативу ғайридавлатӣ, муносибатҳои минтақавию байналмилалӣ зоҳир ва ифодаи худро меёбад. Фарҳанг ба таври умум, дастовардҳои инсоният мебошанд, ки аз ҷониби инсон ва дар ҷомеа пайдо ва рушд меёбад. Дастовардҳои фарҳангӣ бо ақлу заковат ва амалу рафтори инсон алоқамандии зич дорад. Фарҳанг хусусияти субъективӣ дорад, яъне вобаста аст аз гуфтору рафтори инсон. Он дар ҷомеаи муайяни одамон амал мекунад ва пайравӣ мегардад.

Ҳуқуқ низ дар ҷомеа ба вуҷуд омада, муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамояд. Ҳуқуқ як ҷузъи фарҳанги иҷтимоӣ аст. Ҳуқуқ эътироф намудани муносибати муайян нисбат ба факт, далел ва робитаи байни субъектҳо, субъекту объект, субъект ва ашёҳо мебошад. Аз ин нуктаи назар ҳуқуқ низ дар пайдоиш падидаи субъективӣ мебошад. Албатта, ин маънои онро надорад, ки дар кулли

давраи мавҷудият ин хусусияти ҳуқуқ ва фарҳанг субъективӣ боқӣ мемонад. Дар марҳилаи ташаккулу рушд, фарҳанг минбаъд ҳамчун падидаи иҷтимоӣ хислати объективӣ пайдо намуда, мо хоҳем-нахоҳем аз он пайравӣ мекунем.

Фарҳанг ҳастии моро муайян мекунад, моро бо забон, миллат, эҷодиёту дасовардаҳоямон мешиносанд. Муносибатҳои моро дар қатори дигар сарчашмаҳои иҷтимоӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим менамояд, ки ҳуқуқдиҳанда, уҳдадоркунанда ва манъкунанда мебошанд. Минбаъд рафтори моро ҳуқуқ танзим менамояд. Дар ин ҷо муносибати субъективию объективии мураккаб ба вуҷуд меояд, ки ошкор кардани таносуби он кори мушкил аст.

Дар умум, фарҳанги ҳуқуқии ниёгонро чунин муайян кардан мумкин аст. Фарҳанги ҳуқуқии ниёгон фарзия, ғоя, арзишҳо, таълимот ва амалияи давлатдорӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки дар ҷомеаи муайян ба вуҷуд омада, аз ҷониби наслҳои нав ба нав эътироф, пайравӣ ва истифода мешаванд.

Масоили фарҳанги ҳуқуқии ниёгон кадомҳо ҳастанд?

Пеш аз ҳама қайд намудан зарур аст, ки истилоҳи «фарҳанги ҳуқуқӣ» яке аз серистеъмолтарин истилоҳоти назарияи давлат ва ҳуқуқ ба шумор рафта, оид ба мазмуну моҳияти он даҳсолаҳои аввали асри XXI андешаҳои зиёде гузориш шудааст. Он яке аз мавзуҳои баҳси китобҳои дарсии «Назарияи давлат ва ҳуқуқ» мебошад. Вале новобаста аз мубраммият ва шиносо будани истилоҳ ба ҳар як ҳуқуқшинос, ҷомеашиносу файласуф моҳият ва мазмун, инчунин таърифи ягонаи он то имрӯз дар адабиёти ҳуқуқии тоҷикзабон то охир ошкор нашуда боқӣ мемонад. Бояд қайд намуд, ки яке аз ташаббусҳои бузург дар ин самт Эълон шудани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» аст. Маърифати ҳуқуқи зинаи аввалини зеҳнӣ аст, барои ташаккул додани шуури ҳуқуқӣ, махсусан фарҳанги ҳуқуқии миллат.

Сабаби эълон намудани соли «маърифати ҳуқуқӣ» пеш аз ҳама, рӯ овардан ба ҳуқуқ, таълимоти ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ ва омӯзиши қонун аз ҷониби шаҳрвандон буда, он барои амалияи ҳуқуқӣ занҷираи муҳимтарин мебошад. Маърифати ҳуқуқӣ нисбат ба шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ заминаи асосӣ маҳсуб гардида, пойдевори ҳама гуна рафтор ва амалияи ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Яъне, ҳар як ҳуқуқшинос пеш аз ҳама бояд шиносоӣ ва дарки меъёру падидаҳои ҳуқуқиро дошта бошад.

Маърифати ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон, чӣ тавре аз мақсади эълони соли маърифати ҳуқуқӣ бармеояд, ба маънои васеъ истифода шудааст. Маърифати ҳуқуқӣ на танҳо шиносоӣ бо донишҳои ҳуқуқӣ, балки рафтори ҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқиро низ дар бар мегирифт. Зарурати ҷомеа, давлат ва шахсият аз доштани донишҳои ҳуқуқӣ, шиносоӣ бо сарчашмаҳои ҳуқуқӣ - аз нуктаи назари сиёсӣ, қадами аввалин буда, муҳимтар аз он дарку истифодаи ин донишҳо дар амал аст. Истифодаи донишҳои ҳуқуқӣ бо дарки амиқи он - мақсади асосии давлат ва ҷомеа мебошад.

Умуман, барои давлат, ҷомеа ва ҳуқуқшиносон ифодаёбии ҳуқуқ дар рафтору амали шахсият баёнгари фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ва шахсият мебошад. Албатта, ба таври идеалӣ (ормонӣ) донишҳои ҳуқуқӣ дар гуфтору рафтори шахс ифода ёфта, дар ҳалли мушкилоти ҳуқуқӣ бояд зоҳир шаванд. Вале на дар ҳама ҳолат гуфтор ва амали шахс метавонад баёнгари донишҳои ҳуқуқӣ, маърифати баланди ҳуқуқӣ бошад. Дар ҷомеа ашхосе кам нестанд, ки донишҳои васеъи ҳуқуқӣ доранд, вале дар рафтору амалияи онҳо ин донишҳо зоҳир намешаванд. Баръакс, як қисмати азими ҷинояткорони аз озодӣ маҳрумшуда низ донишҳои баланди ҳуқуқӣ доранд, аммо рафтори онҳоро «кодекси» рафтори байни ҷинояткорон» танзим менамояд. Аксари ҷинояткорон баъд аз ба озодӣ баромадан низ пайрави ин гуна қоидаҳо ҳастанд. Аз ин сабаб, яке аз муаммоҳои таълимот ва амалияи муосири ҳуқуқшиносӣ тафриқаи хеле бузурги байни донишҳои ҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқии фардӣ ба шумор меравад. Ин муаммо дар натиҷаи коркарди чандин самтҳои равобити мавҷуда дар ҷомеа, дар давлат, омодасозии кадрҳо, ҷобаҷогузории кадрҳо, муносибат бо мутахассисони ҷавон, ҷавонони болаёқат, мутахассисони миёнсолу ветеранҳои соҳа, муносибати байни ашхос, тарзи таълиму тарбия, идеологияи ҳукмрон, воқеъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва равонӣ ва таносуби он бо роҳҳалҳои ҳуқуқӣ, таълиму тарбияи умумии хонандагон дар мактабу оила, факултаҳои ҳуқуқшиносӣ ва аз ҷониби муҳит бояд таҳлил гардида, ҷой ва мавқеи ҳар яки он ва тарзи ислоҳи масъала пешниҳод гардад. Омилҳои муаасир ва муосир дар бартарафсозии нилигизми ҳуқуқӣ бояд дарёфт ва истифода гардад, то ҷомеа аз ин норасоӣ халос шавад.

Масъалаи дигар дар омӯзиши фарҳанги ориёӣ - ба таври комил таҳқиқ намудани фарҳанги ҳуқуқии ниёгон аст, ки дар маърифати ҳуқуқии муосир таъсиргузор буда, ошкор намудани саҳифаҳои таърихии фарҳанги ҳуқуқӣ метавонад барои мо донишҳои муназзами ҳуқуқиро диҳад. Умуман, маърифат аз дарки муназзами ҳодисаву далелҳо иборат буда, низоми ин донишҳо имконият фароҳам меорад, ки мо ба падида ва ё ҳодиса нуктаи назари муайяну мушаххас дошта бошем. Оид ба масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намуда, на танҳо

омӯзиши фарҳанги ниёгон, балки арҷгузории таърихи миллатро ба миён гузоштаанд. Эмомалӣ Раҳмон аллакай аз солҳои 1996 барои ҳалли ин мушкилот ба таърихи миллат рӯ оварда, ҷашнгирии сафҳаҳои таъриху дастовардҳои ниёгон, арҷгузории мутафаккирони миллатро ба миён гузоштанд. Ин ҷашни бахшида ба Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 1100 - солагии давлатдории Сомониён, 3000- солагии Авесто, «Соли тамаддуни ориёӣ», гиромидошти Абуҳанифа – Имоми Аъзам ва даҳҳо дигар ҷашну маросимҳо аст, ки метавонад на танҳо ба ифтихори миллӣ афзояд, балки маърифати умумӣ ва маърифати илмиву ҳуқуқиро ташаккул диҳад.

Муаммои дигар, ҷамъоварии кулли донишу сарчашмаҳо оид ба таърихи давлатдорӣ ва ҳуқуқии ниёгон аст. Мушкилоти мазкур бо масоили забондонӣ, тарҷима, таҳия ва нашри сарчашмаҳо аз забонҳои дигар ва аз хати бохтариву суғдӣ, юнониву чинӣ ва арабӣ сахт вобаста буда, ҳалли системавии масоили мазкурро талаб дорад. Бурдани таҳқиқотҳои муқоисавӣ, омӯзиши ҳуқуқ ва қонунгузории минтақаву ҷаҳонӣ метавонад барои мушаххас кардани саҳми мутафаккирони миллат дар пайдоиш, ташаккул ва рушди фарҳанги ҷаҳонӣ ва махсусан фарҳанги миллӣ корсоз бошад.

Ногуфта намонад, ки масъалаи мазкур бо легитиматсияи давлатдории тоҷикон сахт алоқаманд буда, як ҷузъи мубориза‍и идеологӣ барои устувору қавӣ гардонидани фалсафаи миллии давлатдорӣ равона шудааст. Дар шароити муосири геополитикӣ исбот намудани бузургии миллат бо чанд роҳ мумкин аст, масалан, рушди бемайлони иқтисодӣ, бо роҳи зӯроварӣ – нишон додани қудрати артиш ва яке аз роҳҳои беҳтарин кашф ва дарк намудани кулли дастовардҳо, бурди миллат дар гузаштаи таърихӣ ва шиносоии ҷаҳониён бо он аст. Тоҷикон миллати бостонии сарзамин мебошанд, ки бо ин роҳи сулҳомез метавонанд мавқеи худро дар минтақа ва ҷаҳон устувор намоянд. Дар ин раванд мутаҳид намудани нерӯи на танҳо ҳуқуқшиносони ҷумҳурӣ, балки файласуфон, сиёсатшиносон, забоншиносу ҷуғрофидонон ва нгамояндагони илмҳои дигар эҳсос мегардад.

Масъалаи методологии дигари омӯзишу баррасии масоили фарҳанги ориёӣ, пеш аз ҳама, дар муайян намудани таносуби фарҳанги гуногуни миллӣ дар таърихи гузаштаи миллат мебошад. Гузаштагони мо мардуми ориёӣ аз пайдоиш то имрӯз фарҳанги асили худро эҳё карда бошанд ҳам, бо таҳоҷум ва ҷангу ғасбкориҳои зиёд дучор гардида, дар баробари фарҳанги асили ориёӣ, фарҳанги зардуштӣ, фарҳанги исломӣ, фарҳанги шуравӣ ва фарҳанги ҳуқуқии муосир пайрави карда, дар заминаи фарҳанги ҳукмрон дастовардҳои бузургро ба даст овардаанд. Аз ин сабаб, таносуби ин фарҳангҳо дар умум ва вобаста ба падидаҳои муҳимтарини он бояд аз нуктаи назари манфиатҳои миллӣ, вазифаҳои муосири ҷомеа ва давлати тоҷикон, мавқеи геополитикии он дар минтақа ва ҷаҳон бояд илман асоснок таҳқиқ ва муайян карда шавад.

Дар баробари ин, масъалаи ташкили марказҳои пажуҳишӣ бояд ба миён гузошта шавад. Дар кишвар якчанд марказҳои омӯзиш, мисли маркази омӯзишҳои стратегӣ, маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази исломшиносӣ, бахши ҳуқуқ ва давлати Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва якчанд факултаи ҳуқуқшиносӣ ва идоракунии давлатӣ вуҷуд дорад, ки ба омӯзиши масоили ҳуқуқӣ машғул ҳастанд. Бо вуҷуди ин аксарияти ин марказҳои пажуҳишӣ тахассусмандона ба омӯзиши масоили фарҳанги ҳуқуқӣ машғул нестанд, чунки вазифаҳои дар наздашон гузошташуда мушаххас буда, масоили ба миён гузоштаи мо ба доираи масоили онҳо дохил намешавад. Як ҷузъи масоил аз ҷониби шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосир ва шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқ таҳлил мегардад, вале омӯзиш ба таври комплексӣ дараҷаи баланди таҳқиқот, мутахассисони зиёд ва маблағгузории зиёдро талаб дорад. Инчунин, нашру паҳн кардани таҳқиқотҳо низ маблағгузории навро талаб мекунад. Маркази ягонаи омӯзиш ва ё таъсиси Институти давлат ва ҳуқуқ, ки вазифаи асосии яке аз воҳидҳои он бояд масоили ба фарҳанги ҳуқӯкии ниёгон ва имрӯз бахшида шуда бошад ба мақсад мувофиқ буда, дар як марказ ва тибқи методологияи ягона омухтани масъала ба таври маҷмӯӣ ва мушикофона омухтани он мусоидат мекунад.

Мушкилоти дигар дар омӯзиши фарҳанги ҳуқуқӣ - ба роҳ мондани омӯзиши васеи масоили вобаста ба фарҳангу шуур, шуури касбии ҳуқуқӣ, нигилизми ҳуқуқӣ, деформатсияи шуури фардӣ ва гурӯҳӣ, моҳият ва мазмуни фарҳангу тамаддуни ҳуқуқӣ – масоили бо шуур алоқаманд дар кулли соҳаҳои идоракунии ҷомеа мебошад. Баъзан таҳти мафҳуми шуурии ҳуқуқии касбӣ аксарияти муҳаққиқон як падидаи куллиеро дарк мекунанд, ки барои кулли масалан ҳуқуқшиносон яксон ва хос аст. Ба андешаи мо танҳо дар назария ин падидаи куллӣ ва ягона аст, ки мо бояд барои ба он расидан ва ё расонидани дигарон кӯшиш намоем. Вале шуури касбӣ, ҷаҳонбинӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва рафтори судя, прокурор, корманди милиса, адвокат аз ҳамдигар тафовути ҷиддӣ доранд. Ҳарчанд ҳар яке аз онҳо як мактаби олии ҳуқуқшиносиро хатм мекунанд, як барномаи таълимиро азхуд менамоянд, ҳамон як китобҳоро мехонанд, қонунҳо ягона ҳастанд, вале он чӣ шуури ҳуқуқии онҳо тавсиф мекунад – яъне,

амали онҳо аз ҳамдигар фарқ доранд. Ба андешаи мо, шуурии касбии ҳуқуқшинос бо касбу кор, аз ҳама муҳим аз мансаби ишғолкарда, манфиатҳои давлатӣ, мақомот ва фардӣ алоқаманд аст. Пас, омӯзиши шуури ҳуқуқии ҳар яки он бояд дар алоҳидагӣ - мустақилона таҳқиқ гардад ва чораҳои меъёриву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва равонӣ барои наздик намудани он бо талаботи ягона пешниҳод гардад. Албатта дар ин раванд аз чапгаройӣ ва зиёдаравӣ бояд эҳтиёт шуд. Эълон намудани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» қадаме устувор дар амалӣ гаштани ин раванд мебошад. Соли маърифати ҳуқуқӣ баёнгари мубраммияти ҳуқуқ ва қонун дар ҳаёти ҷомеа мебошад. Дар баробари ин, номгузорӣ ва нашр гардидани чунин сарчашмаҳо мисли «маърифати ҳуқуқии ҳуқуқшинос» набояд ҷой дошта бошад, чунки маърифати ҳуқуқӣ бештар нақши маорифпарварона, яъне шиносоӣ ва дарки масоили ҳуқуқиро дорад ва зинаи аввалини кор бо сарчашмаҳои ҳуқуқӣ аст, ки дар муносибат ба ҳуқуқшиноси касбӣ набояд зери шубҳа бошад. Маърифати ҳуқуқӣ ба андешаи мо бештар ба психологияи ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Мавҷудияти эҳсосот, андеша, ғоя, фарзия ба психологияи ҳуқуқӣ алоқаманд буда, зинаи аввалини шуури ҳуқуқӣ мебошад. Аксарияти кулли аҳолии кишвар дорои психологияи ҳуқуқӣ мебошанд. Он бо анъанаву одатҳои ҳуқуқӣ, намунаҳо, таҷрибаҳо ва шиносоӣ бо ҳуқуқ сарукор дорад.

Дар баробари ин таълимот, илм, таҳсилот ва таҷрибаи ҳуқуқии касбӣ вуҷуд дорад, ки он сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ – идеологияи ҳуқуқиро инъикос мекунад. Ҳуқуқшинос аллакай дар сатҳи касбӣ ҳуқуқ ва қонунгузориро омӯхта ҳамарӯза бо меъёрҳои ҳуқуқӣ сарукор дорад. Аз ин лиҳоз, таҳлили маърифати ҳуқуқии ҳуқуқшинос – ин омӯзиши психологияи ҳуқуқиро дар назар дорад, ки ҳуқуқшинос шуури аз он баландтар ва малакаву маҳорати касбиро дорад.

Дар омӯзиши фарҳанги ҳуқуқӣ ба роҳ мондани омӯзиши байнифаннии фарҳанги ҳуқуқӣ муҳим мебошад, чунки илм як падидаи фарогиру куллӣ буда, дар заминаи дастовардҳои умумиилмӣ ба даст меояд. Махсусан таҳлили ҷанбаҳои фалсафӣ, таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсатшиносӣ ва равонии фарҳанг бояд дар заминаи дастовардҳои илмҳои номбаршуда таҳқиқ карда шавад. Дар ин сурат ҷанбаи илмии падида устувор гардида, робитаву алоқамандиҳои диалектикии муносибатҳои ҷамъиятӣ ошкор ва фарҳанги ҳуқуқӣ бо тамоми алоқамандӣ, сабабият, мазмун ва омилҳои муассир таҳлил мегардад. Омӯзиши байнифаннӣ алоқаву робитаҳои падидаро ошкор намуда, барои расидан ба ҳақиқати илмӣ дар баҳогузории падида шароит фароҳам меоварад.

Дар заминаи он чӣ гуфта шуд, омӯзиши фарҳанги ҳуқуқии ориёӣ, ё ин ки фарҳанги ҳуқуқии ниёгон дар марҳилаи ориёии рушд низ дар баробари муаммоҳои қайдшуда, боз якчанд масъалаҳои дигарро дар бар мегирад, ки дар адабиёти илмӣ пештар низ баъзе аз он қайд шудаанд. Дар баробари ин, мушкилоти дастрасии сарчашмаҳо вуҷуд дорад.

Мардуми ориёӣ дар марҳилаи бостонии таърихии ҷаҳон умр ба сар бурда, аз онҳо танҳо сарчашмаҳои минбаъдаи таърихӣ шаҳодат медиҳанд. Дар бораи таърихи миллати тоҷик сарчашмаҳои қадимтарин мисли Авесто, китоби «Тоҷ»- Ҷоҳиз ва «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ ва дигар сарчашмаҳо, аз ҷумла қонунномаи Сосониён иттилоот медиҳад. Инчунин, дастовардҳои бостоншиносӣ, мисли «Хазинаи Амударё» ва ғайра. Дар баробари ин, марҳилаи бузурге, ки чӣ гуна ва таҳти кадом таъсир мардуми кучии ориёӣ ҳаёт ба сар бурда, минбаъд муқимӣ шудаанд, то имрӯз ба таври кофӣ таҳлил нашудааст.

Сарчашмаҳои муҳиме, ки ба забони чинӣ ва дигар халқҳо вуҷуд дорад, тарҷима нашудаанд ва хатнависҳои зиёде бо алифбои бохтарӣ ва суғдӣ то имрӯз хонда нашудаанд, ки шиносоии комилро бо фарҳанги ҳуқуқии ориёӣ мушкил гардонидаанд.

Масъалаи мазкур имрӯз яке аз масоили мубрам гаштааст, аз он сабаб, ки бо ориёӣ хондани халқи Олмон ва чалипоро нишонаи худ қарор додани Гитлер масъалаи «ориёӣ» - мардум, тамаддун, фарҳанг, забон, хун, одату анъанаҳо ва ғайра то имрӯз мавриди омӯзиш буда, аксари халқҳои ҷаҳон дастовардҳои фарҳангии ориёиро ба худ мансуб медиҳанд. Баъзан кор то ҷое мерасад, ки мардуме, ки умуман ба фарҳанги ориёӣ, нажоду қавми ориёӣ шабоҳат надорад, худро ориёӣ «эълон» намуда, ин дастовардҳоро аз худ карданӣ мешаванд. Албатта, дар сурати хомӯш мондани меросбарони мардуми ориёӣ - тоҷикон, форсу осетинҳо имрӯз дуздони фарҳанги мо ин кӯшишҳоро паиҳам давом дода истодаанд.

Барои хунсо намудани ин гуна раванд, ки рӯз аз рӯз боло мегирад, ба таври ҷиддӣ рӯ овардан ба фарҳанги ниёгони ориёӣ, таҳия ва ба табъ расонидани дастовардҳои онон вазифаи мубрамтарин барои мо мебошад.

**Адабиёт:**

1. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академик Маҳмудзода М.А. – Душанбе: Эр-граф, 2009. - 620 с.

2. Буризода Э.Б. Вклад Абуханифы в развитии юридической науки и современные проблемы изучения фикха в Таджикистане // Известия

Академии наук Республики Таджикистан. Сер.: философия и право. 2010. №3. - 186 с. –С.95-100.

3. Буризода Э.Б. К вопросу о возникновение государства и права на территории нынешней Республики Таджикистан // Истиқлолият – омили ислоҳоти ҳуқуқӣ // маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ бахшида ба 20-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 80 солагии ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 6 сентябри 2011. - Душанбе, 2011. - 275 с. –С.20-30.

4. Буризода Э.Б. Правосудие квинтэссенция Навруза // Академический юридический журнал. – Душанбе, 2012. № 1. - 114 с. –С.21-30.

5. Буризода Э.Б., Давлатов И.Р. Проблемы истории институтов налогового права в ранней истории зороастрийской государственности // Вестник ТГУПБП (Вестник Таджикского госуниверситета права, бизнеса и политики). **Журнал ВАК РФ.** Серия гуманитарных наук. - Худжанд, 2013. № 4 (56). –С.3-10.

6. Буризода Э.Б.Таҳия ва қабули консепсияи омӯзиши фарҳанги ҳуқуқии ниёгон – талаби замон// Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. –Душанбе, 2018. –№4.

7. Буризода Э.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми аввал. Душанбе: Хирадмандон, 2020. 260 с.

8. Буризода Э.Б. Рушди фарҳанги ҳуқуқии ниёгон дар асрҳои миёна (дар заминаи таълимоти Кошифӣ оид ба ҷомеа, давлат ва ҳуқуқ) // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. - Душанбе, 2021. - №1(37).– С.16-29.

9. Буризода Э.Б. Баъзе масоили методологии омузиши ҷомеаи ибтидоӣ ва тамаддуни ориёӣ // Академический юридический журнал. – 2023. – №3 (47). – 199 с. –С.42-47.

10. Буризода Э.Б. Баъзе масоили методологии омузиши фарҳанги ҳуқуқии ориёӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2024. – №2(46). – С.22-33.

11. Буризода Э.Б. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масоили омӯзиши фарҳанги ҳуқуқии ориёӣ // Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – санади олии ҳуқуқии кишвар», бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи 1 – 2 ноябри соли 2024, ш. Бохтар. ДДБ. – Бохтар, 2024. – С.36-43.

12. Буризода Э.Б. Ниҳоди Шуро дар давлатҳои таърихии тоҷикон // // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. - Душанбе, 2025. - №2(54).– С.16-26.

**Буризода Эмомали Бозор** – доктор юридических наук, профессор, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии права, завотделом истории государства и права. E-mail: buriev-68@mail.ru,

**Проблемы изучения арийской правовой культуры**

Изучение правовой культуры в том числе институты государственности и права являются важнейшими составляющими при легитимации власти, доказательства древности народов и культур. Поэтому начиная изучение древнейшей правовой культуры предков, прежде всего мы выделили некоторые сложности и проблемы этого процесса. В статье раскрываются основные проблемы связанные с изучением древнейшей и древней правовой культуры таджиков.

**Ключевые слова:** История, история государства и права таджиков, культура, право, правовая культура, проблемы изучения древней культуры, арийская правовая культура

**Burizoda Emomali Bozor** – Doctor of Law, Professor, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science of Law, Head of the Department of History of State and Law. E-mail: buriev-68@mail.ru

**Problems of studying Aryan legal culture**

The study of legal culture, including the institutions of statehood and law, are the most important components in the legitimization of power, evidence of the antiquity of peoples and cultures. Therefore, starting to study the ancient legal culture of the ancestors, first of all we have identified some of the difficulties and problems of this process. The article reveals the main problems related to the study of the most ancient and ancient legal culture of the Tajiks.

**Keywords:** History, history of the state and rights of the Tajiks, culture, law, legal culture, problems of studying ancient culture, Aryan legal culture

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ АВЕСТО БО ҚОНУНГУЗОРИИ АМАЛКУНАНДАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БАХШИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ ВА МАДАНӢ

**Саъдизода Ҷаҳонгир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедра. E-mail: jahon_1967@mail.ru; **Азимзода Фирдавс Акбаралӣ** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедра. E-mail: Azimov.Firdavs.84@mail.ru

Дар мақолаи мазкур таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши муносибатҳои оилавӣ ва маданӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон, зимни таҳқиқи масъалаи мазкур андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, меъёрҳои ҳуқуқии Авесто ва қонунгузории соҳавии амалкунандаи кишварро ба инобат гирифта, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ гузаронидаанд. Зимни таҳқиқоти худ, муаллифон ба хулосае омаданд, ки омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ, муайян кардани нақши ниҳодҳои мазкур дар давраҳои таърихӣ, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ бо меъёрҳои қонунгузории замони муосир мубраммияти масъалаи таҳқиқшавандаро боз ҳам меафзояд. Дар Авесто меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ҳуқуқӣ-маданӣ, ҳуқуқӣ-оилавӣ, ҳуқуқӣ-экологӣ ва амсоли инҳо ба назар мерасад. Бо ин назардошт, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории соҳавии амалкунандаи кишвар дар бахши муносибатҳои оилавӣ ва маданӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам арзёбӣ гардида, метавонад дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ бошад.

**Калидвожаҳо:** усулҳои таҳлил, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, Авесто, Вандидод, меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи маданӣ, мерос, шартнома, никоҳ, фарзандхонӣ, қонунгузории амалкунанда.

Яке аз низомҳои таърихӣ-ҳуқуқие, ки пайдоишу ташаккули ҳуқуқи миллӣ аз он ибтидо гирифтааст ин низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи зардуштӣ дорои сарчашмаҳои расмию хаттие мебошад, ки бори нахуст ҷанбаҳои муҳимми ҳуқуқӣ, аз ҷумла падидаи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқиро дар шакли навишташуда муқаррар ва танзим намудааст, навиштаҳои хаттии он то ба имрӯз омада расидаанд.

Масъалаҳои соҳавии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳсбарангези назарияи давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон ба шумор меравад. Омӯзиш ва пажуҳиши ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод на танҳо ҷанбаи назариявию таърихӣ, балки ҷанбаҳои амалӣ низ дорад. Дар Авесто меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ҳуқуқӣ-маданӣ, ҳуқуқӣ-оилавӣ, ҳуқуқӣ-экологӣ ва амсоли инҳо ба назар мерасад. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки меъёрҳои Авесторо бо меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи кишвар дар самти муносибатҳои оилавӣ ва маданӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор диҳем.

**Муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ.** Низоми ҳуқуқи зардуштӣ дар пояи таълимоти зардуштия ташкил шуда, ба арзишҳои инсонӣ, махсусан оилавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Масъалаҳои бунёди оила, никоҳ, шартҳои никоҳ, аъзои оила, бекор кардани никоҳ, фарзандхонӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми оилавӣ мебошанд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ зардуштӣ танзим шудаанд. Қадимтарин сарчашмаи таърихии меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои никоҳӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна китоби муқаддаси дини зардуштӣ – Авесто мебошад [2, 56-68]. Дар қисмати қадимаи Авесто ба ғайр аз Вандидод 13 меъёри бевоситаи ҳуқуқие мавҷуд аст, ки муносибатҳои никоҳу оилавиро танзим мекунанд. Дар Вандидод, ки 90 фоизи меъёрҳои дар он мавҷудбуда ҳуқуқӣ мебошанд, 37 меъёр бевосита ба танзими масоили муносибатҳои никоҳию оилавӣ ва шаклҳои ҷойгиркунии фарзандон дахл доранд [10, 52]. Ба масъалаҳои оилавӣ, никоҳ ва таъмини фарзандон тибқи низоми ҳуқуқии зардуштӣ муҳаққиқ Б.А. Одинаев таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Муаллиф изҳор медорад, ки дар натиҷаи омӯзиши таълимоти зардуштия маълум гардид, ки дар таълимоти зардуштия масъалаҳое дохил мешуданд, ки дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди истифода қарор доранд. Аз ҷумла: манъ будани бисёрзанӣ; фарзандхонӣ; шартҳои бастани никоҳ ва ғайра. Тафовути асосӣ дар он буд, ки фарзанддорӣ шарти муҳимми оиладорӣ дониста мешуд ва талоқ ихтиёрӣ набуд [7, 154-156]. Ба назари мо, масъалаҳои мазкур бояд дар қонунгузории амалкунанда мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор дода шаванд. Зеро яке аз

омилҳои пешгирии парокандашавии оилаҳо маҳсуб меёбанд.

Масъалаи обрӯи зан дар Авесто сахт мавриди ҳифз қарор гирифтааст. Барои доғдор намудани он, ҳатто ҷазоҳои вазнин муқаррар шудааст. Масъалаи нигоҳдорӣ аз зан ва таъмини ӯро низ Авесто яке аз ухдадориҳои мард донистааст. Дар Авесто гуфта мешавад, ки агар мард бо духтаре ҳамхоба шавад ва ӯ обистан шавад, бояд то ҳангоме, ки кӯдак зода шавад, аз он зан нигаҳдорӣ кунад [1, 578]. Дар сурати ғайр, мард барои вайрон намудани талаботи одатию анъанавӣ гунаҳгор дониста мешуд ва ба ҷазо мубтало мегардид. Дар ин хусус А.Ғ. Холиқзода қайд намудааст, ки «қать намудани никоҳ ва бенигоҳубин гузоштани зан низ гуноҳи вазнин дониста мешуд» [9, 92]. Оид ба ҷазои чунин амал дар Авесто зикр шудааст, агар мард ончунон ки сазовор аст, аз зан нигаҳдорӣ накунад ва газанде ба кӯдак бирасад, барои сар боз задан аз нигаҳдории шоиста, подафраи гуноҳи куштани огоҳона бар ӯ равост [1]. Бояд гуфт, ки дар меъёри мазкур ҳадафи чунин нигоҳдорӣ асосан некуаҳволии кӯдак мебошад. Яъне, баҳри ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона гардидааст. Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки дар замонҳои қадим дар Осиёи Миёна кӯдаконро дар батни модар ҳифз мекарданд ва ба заноні ҳомиладор низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешуд. Тибби муосир собит кардааст, ки давраи инкишофи кӯдак дар батни модар дар рушди муътадили кӯдак нақши асосиро мебозад.

Қисми қадимтарини Авесто «Вандидод» мебошад, ки чунин меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегирифт, ки дар он муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба никоҳ, тарбияи аъзоёни ноболиғи оила, маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои марду зан бинобар вазъи оилавӣ ва ғайраро фаро гирифта буд. Аксари ҳуқуқу ухдадориҳои падару модар ва фарзандон дар сарчашмаҳои гуногуни низоми ҳуқуқии зардуштӣ, аз ҷумла Авесто муқаррар гардидаанд [11, 15]. Масалан, дар Вандидод омадааст, ки вазифаи волидайн дар зери назорати махсус нигоҳ доштани кӯдакро дар бар мегирад. Хӯрок ва пӯшонидани кӯдакон то синни ҳафтсолагӣ: «Кӯдакони то шашмоҳа ва кӯдакони то ҳафтсола бояд дар васоят қарор дошта бошанд» [8, 206]. Барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон дар Вандидод муқаррар шудааст, ки «...падари кӯдак бояд зани бадномро то калон шудани фарзанд дастгирӣ кунад» [1]. Тавре маълум мегардад, Авесто оид ба таъмини манфиатҳои кӯдакон меъёрҳои зиёд муқаррар кардааст. Дар ҳуқуқи муосири кишвар бошад, Кодекси оилаи ҶТ [5] ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» [6] ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ва ухдадориҳои волидонро нисбати ӯ муқаррар кардаанд.

Хулоса кардан мумкин аст, ки таъминоти моддие, ки қонунгузории оилавӣ дар шакли алимент муқаррар кардааст, заминаи таърихии худро маҳз аз сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ (меъёрҳои дар боло зикршуда) мегирад. Фарқият дар он зоҳир мегардад, ки дар Авесто барои нигоҳубини нодуруста модару кӯдак ҷазои вазнин муқаррар шуда буд. Агар падар аз чунин ухдадориҳо даст кашад, оиларо ҳимоя накунад ва аз ҷиҳати моддӣ таъмин нанамояд ва дар натиҷа, кӯдак ба ягон ҷиҳат нотавон гардад, шавҳар дар назди мардум ба қатл расонида мешавад: «Агар ӯро таъмин накунад, ҷазои куштори қасданро бар дӯш гирад» [1]. Меъёри мазкур бори дигар далолат ба он мекунад, ки масъалаи таъмини ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон аз ҷумлаи масъалаи муҳим буд. Бо ин назардошт, дар қонунгузори оилавии замони муосир бояд ба масъалаи мазкур боз ҳам таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад. Амалия нишон медиҳад, ки дар аксар ҳолатҳо ҳалномаи судӣ ҷиҳати таъмини моддии кӯдак (алимент) саривақт иҷро, яъне пардохт карда намешавад. Бинобар ин, барои сари вақт иҷро накардани ҳукми суд дар хусуси пардохти алимент бояд ҷавобгарии ҷиноятӣ пурзӯр карда шавад.

Ҳамин тавр, таҳқиқот нишон медиҳад, Авесто ҳамчун сарчашмаи нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ ба масъалаи муносибатҳои оилавӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаҳои оилавиро танзим намудааст, ки бо қонунгузории амалкунанда мазмунан мувофиқ ва монанд мебошанд. Аз ҷумла, шартҳои бастани никоҳ, бекор кардани никоҳ, якканикоҳӣ ва амсоли инҳо.

**Муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ.** Дар ҳуқуқи зардуштӣ ба масъалаи муносибатҳои маданӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Дар Авесто меъёрҳои зиёдеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки муносибатҳои маданиро танзим намуда, ба қонунгузории мадании амалкунандаи кишвар мувофиқат менамоянд.

Дар Авесто ҳамчун сарчашмаи бонуфузи низоми зардуштӣ оид ба масъалаи паймон (аҳд ва шартнома ба фаҳмиши ҳозира) меъёрҳои зиёдро дучор омадан мумкин аст. Аз ҷумла, фаргарди 4, бахши дувум А-Г) намудҳои алоҳидаи паймонро муқаррар кардааст [1, 484-487]. Бахши дувум Д) паймони хизматрасонӣ – шартномаи хизматрасонӣ аз ҷумла, додани таълимро муқаррар кардааст [1, 493]. Меъёрҳои зикршуда ба зерфасли 2 (шартнома) ва боби 43 (хизматрасонии музднок) [4] Кодекси мадании ҶТ мувофиқат менамоянд. Дар қисмати Вандидод бошад, ҷазо барои шикастани паймон пешбинӣ

карда шудааст. Аз ҷумла гуфта шудааст, ки «Эй додори ҷаҳони астуманд! Эй ашаван! Касе, ки гуфтор - паймонро бишканад, подафраи гуноҳаш чист? Аҳура Маздо посух дод: – Сесад тозиёна бо аспаҳе-аштра, сесад тозиёна бо сраушо-чарана» [1]. Тавре маълум мегардад, барои шикастани паймон дар ҳуқуқи зардуштӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардидааст.

Дар хусуси шартномаи кироя низ меъёрҳо дар Авесто ба назар мерасад. Аз ҷумла тибқи фаргарди 4, сатри 1 «Вақте ки касе шартномаи кироя мебандад ва дар натиҷа, кироягиранда аз баргардонидани он даст кашад, вайронкунандаи шартнома ба дузд баробар карда мешавад ва ҷазо мегирад...» [1]. Меъёри мазкур дар Авесто чунин муқаррар шудааст: «Касе, ки аз бозгардондани супурдае ба дорандааш худдорӣ кунад, кирдораш бад-он монад, ки он супурдаро аз дорандааш дуздида бошад. То ҳангоме ки он супурдаро дар хонаи хеш нигоҳ дорад, ҳар рӯзу ҳар шаб, ки ба-д-он даст занад ва онро аз они хеш бишуморад, бад-он монад, ки дигар бор онро дуздида бошад» [1, 484]. Меъёрҳои мазкур ба боби 39 [4] (иҷора) Кодекси мадании ҶТ мувофиқат менамоянд.

Дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ҳуқуқ ба мерос мавқеи назаррасро ишғол менамояд, ки заминаҳои таърихии онро дар меъёрҳои ҳуқуқии Авесто мушоҳида кардан мумкин аст. Дар Ясnои 32, сатри 11 ибораи «Бо рабудани шукуфоӣ аз меросбарон (аз ростон)» зикр шуда, меросро танҳо хоси ростон донистааст [1, 112]. Муҳаққиқони ватанӣ қайд намудаанд, ки танзими ҳуқуқи кӯдак ва ҳифзи манфиатҳои онҳо дар Авасто бештар бо ҷаҳонбинии динӣ муайян карда мешуд. Вобаста ба ҳуқуқи кӯдак, дар Авасто (аз ҷумла, Вандидод) нахустин маротиба дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ҳуқуқ ба моликият, мерос ва ва ғайра расман эътироф ва эълон шудааст [3, 31]. Мерос ҳамчун яке аз институтҳои муҳими ҳуқуқи маданӣ маҳз дар ҳуқуқи зардуштӣ ташаккул ёфта, марҳила ба марҳила ба низоми ҳуқуқи муосири Тоҷикистон гузариш намудааст.

Дар қисмати Баҳром Яшти Авесто масъалаи мерос равшантар муқаррар шудааст. Аз ҷумла, дар сатри 46 гуфта шудааст, ки «Ин мантархо Зардуҳушто майомуз ба дигаре ҳич [чи] мерос (а)ст ба пур аз падар, (аз бирод ар – ба биродари зода) (додар – ба додари зода) аз сароишн (?) атҳаурван ба шогирд мотарак монда (ба шогирд ба мерос монда)» [1, 345]. Дар меъёри мазкур возеҳу равшан ишора шудааст, ки субъектони меросгузоранда ва меросбаранда муқаррар шудааст. Фасли 7 Кодекси мадании ҶТ [4] масъалаи меросро танзим менамояд, ки бобҳои 69-73-ро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, аз таҳқиқот бармеояд, ки масъалаҳои алоҳидаи маданӣ-ҳуқуқӣ дар Авесто муқаррар шудаанд, ки ба қонунгузории мадании амалкунандаи ҶТ мувофиқ ва мушобеҳ мебошанд.

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории амалкунандаи ҶТ хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

1. Омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ, муайян кардани нақши институтҳои мазкур дар давраҳои таърихӣ, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ бо меъёрҳои қонунгузории замони муосир мубрамияти масъалаи таҳқиқшавандаро боз ҳам меафзояд. Дар Авесто меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, маданӣ-ҳуқуқӣ, оилавӣ-ҳуқуқӣ, экологӣ-ҳуқуқӣ ва амсоли инҳо ба назар мерасад. Бо ин назардошт, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории соҳавии амалкунандаи кишвар аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам арзёбӣ гардида, метавонад дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ бошад.

2. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар пояи таълимоти зардуштия ташкил шуда, ба арзишҳои инсонӣ, махсусан оилавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Масъалаҳои бунёди оила, никоҳ, шартҳои никоҳ, аъзоёни оила, бекор кардани никоҳ, фарзандхонӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми оилавӣ мебошанд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқии зардуштӣ танзим шудаанд. Авесто ҳамчун сарчашмаи нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ ба масъалаи муносибатҳои оилавӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаҳои оилавиро танзим намудааст, ки бо қонунгузории амалкунанда мувофиқ мебошанд. Аз ҷумла, шартҳои бастани никоҳ, бекор кардани никоҳ, якканикоҳӣ ва амсоли инҳо.

3. Тафовути асосӣ дар он буд, ки дар ҳуқуқи зардуштӣ фарзанддорӣ шарти муҳимми оиладорӣ дониста мешуд ва талоқ ихтиёрӣ набуд. Ба назари мо, масъалаҳои мазкур бояд дар қонунгузории амалкунанда мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор дода шаванд, зеро яке аз омилҳои парокандашавии оилаҳо маҳсуб мегарданд.

4. Хулоса кардан мумкин аст, ки таъминоти моддие, ки қонунгузории оилавӣ дар шакли алимент муқаррар кардааст, заминаи таърихии худро маҳз аз сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ мегирад. Фарқият дар он зоҳир мегардад, ки дар Авесто барои нигоҳубини нодурусти модару кӯдак ҷазои вазнин муқаррар кардааст. Бо ин назардошт, дар қонунгузори оилавии замони муосир бояд ба

масъалаи мазкур боз ҳам таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад. Амалия нишон медиҳад, ки дар аксар ҳолатҳо ҳалномаи судӣ ҷиҳати таъмини моддии кӯдак (алимент) саривақт пардохт карда намешавад. Бинобар ин, барои саривақт иҷро накардани ҳукми суд дар хусуси пардохти алимент бояд ҷавобгарии ҷиноятӣ пурзур карда шавад.

5. Дар ҳуқуқи зардуштӣ ба масъалаи муносибатҳои маданӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шудааст. Дар Авесто меъёрҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки муносибатҳои маданиро танзим намуда, ба қонунгузории мадании амалкунандаи кишвар мувофиқат менамоянд. Аз ҷумла, масъалаи намудҳои шартнома ва мерос.

**Адабиёт:**


1. Авасто. Ҷилди I [Матн]. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 839 с.

2. Буризода Э.Б. История государства и права Таджикистан. Часть 1. – Душанбе: Хирадмандон, 2020. – 260 с.

3. Искандаров Ш.Ф., Мизробов Ш.Ш. Ҳуқуқи кӯдак. Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2018. – С. 31.

4. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми декабри соли 2022, №1988 [Захираиэлектронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2024).

5. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми ноябри соли1998, №22 [Захираиэлектронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2024).

6. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18-уми марти соли 2015, №1196 [Захираиэлектронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2024).

7. Одинаев Б.А. Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ). – Душанбе, 2024. – 180 с.

8. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – С. 322–358.

9. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 92

10. Холинова, М.М. Эволюция института опеки и попечительства в истории таджикского права: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 197 с.

11.Шарифзода А. К вопросу о формировании правового статуса ребенка в досоветском Таджикистане // «Законодательство. – 2017. – № 1 (25). – С. 15-18.



**Саъдизода Джахонгир** – кандидат юридических наук, Таджикский национальный Университет, доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета; **Азимзода Фирдавс Акбарали.** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры права и государственного управления


### Сравнительно-правовой анализ Авесты с действующим законодательством Республики Таджикистан в области семейных и гражданских отношений


В данной статье рассматривается сравнительно-правовой анализ Авесты с действующим законодательством Республики Таджикистан в сфере семейных и гражданских отношений. При исследовании данного вопроса авторами был проведен сравнительно-правовой анализ с учетом мнений отечественных и зарубежных ученых, правовых норм Авесты, действующего отраслевого законодательства страны. В ходе исследования авторы пришли к выводу, что изучение исторических аспектов, определение роли данных институтов в исторические периоды, проведение сравнительно-правового анализа исторических правовых источников с современными законодательными нормами еще больше повышает актуальность исследуемой проблемы. Авеста содержит правовые нормы, касающиеся уголовно-правовых, гражданско-правовых, семейно-правовых, экологических и тому подобных отношений. В этой связи проведение сравнительно-правового анализа Авесты с действующим в стране отраслевым законодательством в сфере семейных и гражданских отношений отношений считается одним из наиболее актуальных вопросов и может иметь большое научное и практическое значение.



**Ключевые слова:** анализ, сравнительное право, Авеста, Вандидод, правовые нормы, семейное право, гражданское право, наследование, договор, брак, усыновление, действующее законодательство.



**Sadizoda Jahongir** – candidate of law, Tajik national university, associate professor of the department of human rights and comparative law**; Azimzoda Firdavs Akbarali** – Tajik pedagogical institute in the Rasht region assistant of the department of law and public administration

**Comparative legal analysis of the Avesta with the current legislation of the Republic of Tajikistan in the field of family and civil relations**

This article examines the comparative legal analysis of the Avesta with the current legislation of the Republic of Tajikistan in the field of family and civil relations. In studying this issue, the authors conducted a comparative legal analysis taking into account the opinions of domestic and foreign scientists, legal norms of the Avesta, and the current sectoral legislation of the country. During the study, the authors came to the conclusion that the study of historical aspects, determining the role of these institutions in historical periods, conducting a comparative legal analysis of historical legal sources with modern legislative norms further increases the relevance of the problem under study. The Avesta contains legal norms concerning criminal, civil, family, environmental and similar relations. In this regard, conducting a comparative legal analysis of the Avesta with the current sectoral legislation in the country in the field of family and civil relations is considered one of the most pressing issues and can be of great scientific and practical importance.

**Key words:** analysis, comparative law, Avesta, Vandidod, legal norms, family law, civil law, inheritance, contract, marriage, adoption, current legislation.

# МАСОИЛИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚИИ ДАВЛАТДОРИИ ПАҲЛАВИЁН (ПАРФИЯ)

**Давлатмуродзода Балхия Давлатмурод** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, ходими хурди илмии шуъба. E-mail:davlatmurodzoda89@mail.ru

Дар мақола сухан дар бораи таърих, ташаккул ва сохтори давлатдории Парфия меравад. Вақте дар масъалаи давлатдории Паҳлавиён (Парфия) ҳамчун низоми идоракунӣ сухан меравад, бояд қайд намуд, ки Паҳлавиён тавонистанд на танҳо давлатдории навини ориёиро эҳё намоянд, балки тайи асрҳо бо римиён ҷангида сохтори давлати худро устувор нигоҳ доштанд.

**Калидвожаҳо:** Таърихи давлат ва ҳуқуқ, давлат, давлатдорӣ, ҳокимияти Парфия, хусусият, салоҳият, ташаббус ва рафтору кирдор.

Давлати Парфия дар давраи ҳукмронии худ дар баробари давлати Рим, Кӯшониён ва Чин бузургдавлати ҷаҳонӣ ба шумор рафта, қариб 500 сол арзи ҳастӣ намудааст. Сулолаи Ашкониён тавонистанд, ки ҳукуматро дар як минтақаи начандон бузург ба даст оварда, сипас ҳудуди давлаташонро васеъ намуда онро ба як империяи муқтадир табдил диҳанд. Паҳлавиён аз миёни эронинажодон аввалин шуда, аз тобеъияти юнону мақдуниён баромаданд ва Порт – намуна аз давлате буд, ки баробари Рим тавоноӣ дошта, қариб панҷ аср истиқлолияти моддию маънавии мардуми эронинажодро ҳифз намудааст.[1, 27-28.]

Давлати Парфия дар ҷанубу шарқи баҳри Каспий дар ҳавзаи дарёи Таҷен воқеъ буда, дар ғарб он бо вилояти Гиркония (Гургони асрҳои миёна) ва дар шарқ ба Марғиён (Марв) ҳамсарҳад буд. Пойтахташ ш. Нисо буд, ки харобаҳои он дар масофаи 18 км дуртар аз ш. Ашқобод ҷойгиранд. Ҳамчун воҳиди алоҳидаи маъмурӣ Парфия ҳанӯз дар асри VIII-VII то м. вуҷуд дошт ва ба ҳайати давлати Мод дохил мешуд. Аҳолии он ориёӣ буданд.

Юнониён ин давлатро Парфиёна ё Парфия меномиданд. Шакли ориёии номи ин вилоят Парса аз номи яке аз вилоятҳои Эрони қадим Порс (Форс), ки дар ҷанубу ғарбии Эрон ҷойгир аст, якхела ва ҳаммаъно мебошад. Гузашта аз ин, ҳам порсҳо ва ҳам парфиён ориёӣ буданд ва яксонии номи маҳалҳои мазкур чандон тааҷҷубовар нест. Аз ҷониби дигар, шояд пайдоиши номи Парса дар ҷанубу ғарби Осиёи Миёна бо масири ҳаракати халқҳои ориёӣ, аз ҷумла, форсҳо аз ин минтақа ба ғарби Эрон алоқаманд бошад. Яъне порсҳо (форсҳо) пеш аз ба Эрони Ғарбӣ рафтан (тақрибан дар ҳудуди асри X - IX то м. ё аз ин ҳам барвақттар) як муддат (шояд тӯлонӣ) дар ин минтақа зиндагӣ карданд ва номи худро ба он доданд. Ин ном дар ин ҷо баъди рафтани порсҳо (форсҳо) низ боқӣ монд ва юнониён онро Парфия ё Парфиёна (аз калимаи Парса ва Порсиён) талаффуз мекарданд. Парфия дар давраи Ҳахоманишиён низ вуҷуд дошт ва дар қатори Суғду Хоразм ба ҳайати хшатрапанаи XVI дохил мешуд. Минбаъд ин вилоят ҷузъи империяи Искандари Мақдунӣ ва Селевкиён шуд. [2, 29-30.]

Дар бораи таърихи давлати Парфия, аз он ҷумла, ташкилшавии он муаррихони қадими Юнону Рум - Помпей Трог Страбон, Юстиниан, Плутарх, Аррин ва дигарон маълумот додаанд. Мутаассифона, ахбори онҳо хеле кӯтоҳ, пароканда, норавшан ва дар баъзе маврид хилофи якдигар мебошанд.

Дар ин бора ҳамчунин дар сарчашмаҳои яҳудӣ (аз ҷумла Талмуд), шомӣ (сурияги), хитоӣ, арманӣ ва ғайра баъзе иттиллоот додаанд. Ҳуҷҷатҳои портии аз харобаҳои ш. Нисо ёфтшуда, сиккаҳо ва маводи бостоншиносӣ низ дар омӯзиши ин масъала аҳамияти хосса доранд.

Дар миёнаҳои асри III то м. мавқеи Селевкиён, ки дар ғарби кишварашон ба якчанд мағлубият дучор шуда буданд, хеле заиф гардид. Аз вазъияти баамаломада вилоятҳои шарқӣ истифода бурда, аз ҳайати давлати Селевкиён баромада, худро мустақил эълон карданд. Ба қавли Помпей Трог, аввал шоҳи Парфия Андрагор ва баъд шоҳи Бохтар Диодот аз тобеияти Селевкиён баромаданд. Дар ҳақиқат бостоншиносон ду намуд сиккаҳои нукрагине пайдо намуданд, ки дар онҳо номи Андрагор навишта шудааст. Маълум аст, ки аз номи худ баровардани сикка аломати муҳими истиқлолияти давлатӣ ба шумор мерафт. Агар Андрагори Помпей Трог ёдкарда ва Андрагори сиккаҳо як шахс бошанд, пас дар давраи ин ҳоким мустақил шудани Парфия собит мегардад. Дар бораи як шахс будани онҳо ва ба Парфия тааллуқ доштани сиккаҳои номбаршуда шубҳаи ҷиддие вуҷуд надорад. Бояд ёдовар шуд, ки якчанд сиккаи Андрагор дар таркиби Хазинаи Амударё ҳузур дорад. Вале сиккашиносон қайд кардаанд, ки дар сиккаҳо номи Андрагор бе унвони «басилевс» («шоҳ») зарб шудааст. Шояд дар ин маврид танҳо баровардани сикка бо номи худ ҳамчун аломати

истиқлолияти давлатӣ муҳим буд ва Андрагор ба сабаби ҳанӯз қудрат наёфтанаш унвони «шоҳ»-ро дар сикка зарб накарда буд. Ин масъала тадқиқи бештари мутахассисонро тақозо мекунад.

Муносибатҳои дипломатии давлат тавассути алоқаҳои устувори Селевкиён хеле тараққӣ карда буд. Ба ақидаи муаррихони шуравӣ, мукотибаи сиёсӣ дар он давра хело нуфуз ёфта буд. Аз «Милина –Панха», ки рисолаи фалсафии асри II пеш аз мелод аст, маълум мешавад, ки подшоҳи Юнону Бохтар дар ноҳияҳои шимоли Ҳиндустонии худ шаш акрао доштааст: сарлашкар, сарвазир, сарқозӣ, сардори хазина,чатрбардор ва шофбардор. Ғайр аз ин мансабдори дигар «соҳиби -деҳа» низ ёдрас шудааст. Лашкар дар ҳаёти сиёсии ин давлат нақши муҳимро мебозид. [3, 58-59]

Агар ахбори Арриан дуруст бошад, Андрагор нисбат ба аҳолии маҳаллӣ такаббури зиёд дошт, ва пеш аз ҳама, ба ашрофон сиёсати золимонаро пеш гирифта буд. Ин амалҳои ӯ сабаби сар задани шӯриш бар зидди мақдуниҳо гардид. Ба шӯриш пешвоёни қабилаи парнҳо Аршак ва бародари ӯ Тиридат роҳбарӣ мекарданд. Парнҳо дар сарҳади шимолии Парфия зиндагӣ карда, ба иттиҳоди се қабилаи начандон калони дахиҳо дохил мешуданд.

Эҳтимол шӯриш ногаҳонӣ набуда, пешакӣ ба нақша гирифта шуда буд. Ашрофону аҳолии маҳалӣ аз ҳукмронии юнониён норозӣ буда, барои аз зулм халос шудан фурсати муносиб мечустанд. Чунин фурсат вақте фаро расид,ки Селевки II дар муҳориба бо галлҳо дар Осиёи Хурд шикаст хӯрд. Помпей Трог менависад, ки Аршак баъд аз шунидани ин хабар ба Парфия зада даромада, Андрагорро ба қатл расонд ва ҳокимиятро ба даст гирифт.

Дар давлати Порт ҳокимияти подшоҳиро ду шуро – шурои ашроф ва шурои коҳинон ба андозае маҳдуд мекарданд. Ба шурои ашроф ғайр аз намояндагони сулолаи ашконӣ, эҳтимолан, намояндагони боз шаш хонаводаи ашроф дохил мешуданд.Подшоҳро аз байни хонадони ҳукмрони ҳамин ду шуро интихоб намуда, васияти подшоҳи марҳумро ҳам ба эътибор мегирифтанд. [4, 73-75]

Дар бораи дар кадом сол аз Селевкиён ҷудо шудани Парфия дар байни олимон фикрҳои гуногун вуҷуд доранд. Асосан се сана 256, 250, 247 то мелод номбар шуда, вале то имрӯз ҳеҷ кадом аз он аз тарафи умум эътироф нашудааст. Бо вуҷуди ин бештари олимон санаи 250 ё 247-ро дуруст мешуморанд. Ҳамчунин маълум нест, ки Андрагор баъди чанд соли Парфияро мустақил эълон карданаш аз ҷониби Аршак сарнагун карда шуд. Дар бисёр тадқиқотҳо ин масъала сарфи назар карда шудааст. Ин ҳодисаро аввал ба соли 247 то м., сипас ба соли 238 то м. нисбат додааст.

Дар ҳар сурат дар натиҷаи шӯриши парфиҳо ё худ Портҳо ва парнҳо ба ҳукмронии 80-солаи юнониҳо ва мақдуниҳо дар ин минтақа хотима дода шуд ва аввалин сулолаи тоҷикӣ-эронӣ ё худ ориёӣ баъд аз истилои Искандари Мақдунӣ ва давраи ҳеллинизм дар Осиёи Миёнаву Эрон ба сари қудрат омад.

Селевкиён солҳои 246-239 то м. барои аз мисриён озод кардани кишварашон ҷанг мекарданд ва аз ин рӯ, имконият надоштанд, ки бар зидди Аршак ягон чораи қатъӣ бубинанд. Аз ин истифода бурда, Аршакиён ҳокимияти худро мустаҳкам карда, вилояти ҳамсоя - Гирконияро забт карда ба давлати худ ҳамроҳ намуданд. Ин вилоят нисбат ба Парфия хеле бойтар буд ва акнун Аршакиён метавонистанд бойигарии онро барои мустаҳкам кардани артиши худ истифода баранд. Аз ҷониби дигар бо гирифтани ин вилоят роҳ ба самти Эрони Ғарбӣ ва Байнаннаҳрайн кушода шуд.[5, 129-131]

Аршакиён 473 сол ҳукмронӣ карданд. Аз ин муддат беш аз 100 солашро дар мубориза бо Селевкиён барои ба даст даровардани Эрон гузаронданд. Баъди бастани сулҳ бо Птоломей ва анҷом ёфтани ҷанги чандинсола бо мисриён Селевки II солҳои 238-237 то м. ба шарқ лашкар кашида, ба Парфия ҳамла кард. Рух додани ин ҳодисаро муаррихон ба солҳои дигар (230-227, 227 то м.) низ нисбат додаанд. Мақсади Селевки II барқарор кардани ҳокимияти Селевкиён дар ин минтақа буд. Дар ин вақт дар Парфия бародари Аршак Тиридат ҳукмронӣ мекард. Ӯ бисёр кӯшиш кард, ки ҳамлаи Селевки II-ро гардонад, аммо ба ин муваффақ нашуд. Барои аз пурра торумор шудан нигоҳ доштани лашкари худ, ӯ ба шимоли Парфия ба сарзамини қабилаҳои апасиакҳо қафо нишаст. Вай дар он ҷо қувваи нав ҷамъ карда, лашкари худро мустаҳкам намуд. Ин имконият дод, ки ӯ дар муҳорибаҳои баъдӣ бар Селевки II ғалаба кунад. Дар ҳамин вақт дар Сурия шӯришҳо сар заданд ва Селевки II маҷбур шуд ҷангро бо Парфия қатъ карда, барои фурӯ нишондани шӯришҳо ба он ҷо баргардад. Дар бораи ҳамлаи Селевки II ба Парфия Юстин хабар додааст.

Баъди ин ҳодиса маросими тантанавии ба тахт нишастани Тиридат баргузор шуд. Маросим дар оташкадаи ш. Асаак гузаронда шуд. Дар вақти ҳукмронии Тиридат пойтахт ба ш.Ҳекатомпил, ки дар ҷанубу шарқи баҳри Каспий ҷойгир буд, кӯчонда шуд. Баъди марги Тиридат (соли 211 то м.) Артабони I (солҳои 211-196 то м.) ба тахт нишаст. Дар вақти ҳукмронии ӯ портҳо ҳудуди давлати худро дар самти ғарб васеъ карда, пойтахти Мод ш.Ҳангматанаро ишғол намуданд. Аммо

ҳукмронии Артабони I дар ин ҷо дер давом накард. Соли 209 то м. Антиохи III ба шарқ лашкар кашида, Ҳангматанаро ишғол намуд. Артабони I ба пойтахташ қафо нишаст. Антпохи III ҳуҷуми худро идома дода, Гиркония ва ш.Ҳекатомпилро низ ишғол кард. Артабони I маҷбур шуд ҳокимияти олии Селевкиёнро ба расмият шиносад.

Яке аз марҳилаҳои муҳими таърихи Парфия бо номи шоҳ Митридат (Меҳрдод - солҳои 173-138 то м.) алоқаманд мебошад. Помпей Трог ӯро «шахси фавқулода ҷасур…» номидааст. Маҳз дар давраи ӯ худуди давлати Парфия ба шарқ ва махсусан ба ғарб тавсиа пайдо кард.

Ӯ аввал ба Бохтар ҳуҷум карда, Марвро ишғол намуд. Баъд солҳои 148-147 то м. ба ғарб лашкар кашида, Модро ба тасарруфи худ даровард. Тасхири Мод роҳро ба ҷанубу ғарби Эрон ва Байнаннаҳрайн кушод. Селевкиён, ки пеш аз он дар ҷанг бо птоломейҳо ва дар Осиёи Хурд шикаст хӯрда буданд, хеле заиф шуда, иқтидори бар зидди портҳо баромаданро надоштанд. Як қатор вилоятҳо - Илом, Порс, Харакена аз итоати онҳо баромада буданд. Ин парокандагӣ ба фоидаи портҳо буд. Онҳо артиши зиёд ҷамъ намуда, нисбат ба рақибони худ бартарии ҳарбӣ пайдо карданд. На Селевкиён ва на вилоятҳои аз итоати онҳо баромада, қобилияти ба портҳо муқобилият нишон доданро надоштанд.

Баъди ишғоли Мод, Меҳрдоди I унвони «Подшоҳи Бузург»-ро гирифт. Соли 141 то м. ӯ ба Байнаннаҳрайн ҳуҷум карда, аввал калонтарин шаҳри ин минтақа Селевкияи соҳили Даҷла, сипас ш.Шушро ишғол кард. Ин ғалабаи муҳими портҳо буд. Онҳо тамоми Эронро аз юнону мақдуниҳо озод карда, як давлати пурқуввату паҳновари ориёӣ ташкил карданд. Парфия дар қатори Рум нерӯмандтарин давлати он давру замон ба шумор мерафт.

Таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки Абу Алӣ Аҳмади Мискавайҳ дар қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ зиста, дар шаҳри Бағдод, дар дарбори Бувайҳиён солҳои зиёде ба ҳайси дабир, китобдор ва надиму мусоҳиб ба хизмати давлатӣ машғул будааст. Дар баробари анҷом додани хидмати дарбор, Мискавайҳ инчунин таҳти сарпарастии вазирони фарҳангдӯсти Бувайҳиён, ки китобхонаи бузургеро ба ихтиёри ӯ гузошта буданд, ба таҳқиқи китобҳои фалсафӣ, динӣ, тиббӣ ва таърихӣ машғул шуда, дар ин замина дар ҳамаи ин соҳаҳо донишу маълумоти фаровонеро соҳиб шудааст.[14, 62] Ҳамаи ин донишу таҷрибаҳо дар ташаккули шахсияти илмиву фарҳангии Мискавайҳ нақши боризеро иҷро кардаанд.

Дар сарчашмаҳо роҷеъ ба теъдоди китобҳои Мискавайҳ фикру хабарҳои гуногун дарҷ ёфтаанд.[8, 126-127] Бархе муаррихон ӯро муаллифи 13 асар, гурӯҳи дигар муаллифи 18 асар, саввумиҳо – муаллифи 28 асар шумурдаанд. Мондагортарин ва муҳимтарин китобҳои таълифнамудаи Мискавайҳ, ба андешаи кулли муаррихону муҳаққиқони осори Мискавайҳ - “Таҳзиб ул-ахлоқ” ва “Таҷоруб ул-умам” мебошанд.[1, 27] Ҳар дуи ин китобҳоро Мискавайҳ баъди аз хизмати дарбор рафтан ва ба кори эҷодӣ машғул шудани худ навиштааст.

Мискавайҳ бархилофи аксарияти мутафаккирон, ки сарчашмаи пайдоиши ҷомеаи башариро танҳо дар табиатан мутамаддин будани инсон ҷустуҷӯ мекунанд, омилҳои пайдоиши ҷомеаро ба таври нисбатан дақиқ муайян кардааст.[18, 16-17] Ба андешаи ӯ, одамон ҳамчун махлуқи иҷтимоӣ дар асари хатару тарс ночори рӯй бар зиндагии маданӣ ва иҷтимоӣ овардаанд. Ин андешаи Мискавайҳ далел бар пайрави фалсафаи машшоӣ будани мутафаккир мебошад. Аммо дар маҷмуъ, Мискавайҳ нақши омилҳои гуногун, аз ҷумла табиатан мутамаддин будани инсон ва ҳам ба ночорӣ махлуқи иҷтимоӣ будани инсонро дар шаклгирии ҳаёти якҷояи инсонҳо муассир мешуморад.[4, 132] Мискавайҳ таърихи башариятро дар ташаккулу такомул, ҷомеаро бошад, ҳамчун як ҳастии доимо ба самти камол рушдёбанда тасаввур мекунад. Ҷомеаи башарӣ тибқи таълимоти Мискавайҳ аз иҷтимои кучаки хонавода оғоз гардида, бо ташаккулёбии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба авҷи такомули худ мерасад.

Ба андешаи Мискавайҳ, саодати ҳақиқӣ насиби он касе мешавад, ки аввал ҳуқуқ (шариат)-ро азбар намуда, худро бо он комилан мутобиқ созад ва тибқи аҳкоми он амал кунад, сипас, замоне, ки ба булуғи ақлӣ ва рушди комил расид, бояд ҳикматро биёмузад, ва онро хуб дарк кунад [5, 108]. Ин андешаи Мискавайҳ дар замони муосир низ аҳамияти амалии худро гум накардааст, зеро ба инсон зарурияти аввал ба камолоти ахлоқӣ расида, рафтори худро бо меъёрҳои ҳуқуқии ҳукмрон дар ҷомеа созгор намудан, сипас илму фунуни гуногунро азбар намуданро талқин мекунад. Мутафаккир муътақид аст, ки дар сурати риоя шудани чунин тартиби таҳсил ва касби илму донишҳои шаръӣ ва фалсафӣ, дар байни шариат ва илм (ҳикмат), яъне дар байни дин ва илму фалсафа ҳеҷ бархурде ва ё зиддияте боқӣ намемонад, баръакс, онҳо якдигарро тасдиқ ва такмил медиҳанд [7, 56].

Мискавайҳ таълимоти махсус оид ба пайдоиши ҷомеа таҳия намудааст. Сарчашмаҳои таъсиси

ҷомеаро Мискавайҳ омилҳои: якум, табиатан мутамаддин ва махлуқи иҷтимоӣ будани инсон ва дуюм, аз тарсу зарурат (ночорӣ) иҷтимоӣ шудани инсонҳо вобаста медонад [2, 27]. Омили якум инсонро барои касби ҳуқуқу озодиҳои фитрии худ, омили дуввум – барои эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва риояи низому тартиботи ҳуқуқии дар ҷомеа ҳукмрон тарбия мекунанд.

Масъалаи дигар, ҷомеапазирии инсон мебошад, ки Мискавайҳ ба таври мушаххас онро меомӯзад ва ба андешаи мутафаккир шахсияти инсон танҳо дар ҷомеа ва таҳти тарбияи ҷомеа ба вуҷуд меояд [9, 65]. Онҳое, ки аз ҷомеа дурӣ меҷӯянд ягон вақт хислатҳои беҳтарини инсонро дар худ тарбия ва аз худ зоҳир карда наметавонанд, чунки ин хислатҳо танҳо дар ҷомеа ба вуҷуд меоянд. Одам махлуқи ҷамъиятӣ буда, кӯшиш менамояд, ки фаъолияти худро дар ҷомеа амалӣ созад.

Мискавайҳ инчунин рушду тағйирпазирии ҷомеаро эътироф мекунад, ва иродаи инсонро омили тағйирдиҳандаи ҷомеа эътироф мекунад, ки аз андешаи К.Маркс (омили иқтисод), назарияи илоҳӣ (аз қувваҳои фавқуттабиӣ) тафовути ҷиддӣ дорад [11, 276]. Давлат ва раҳбари он инъикоскунанда ва татбиққунандаи иродаи умумии аҳли ҷомеа мебошанд.

Мискавайҳ оид ба пайдоиши давлат назари махсуси худро дорад. Ба андешаи мутафаккир пайдоиши падидаҳои иҷтимоӣ мақсад ва тайиноти муайян доранд [6.194]. Ба андешаи Мискавайҳ инсонҳо дар ҳаёти иҷтимоии худ барои ҷилавгирӣ аз тазоди манофеи афрод, ҷилавгирӣ аз зулму ноадолатиҳо ва нобаробариҳо, ба як нерӯ ва қудрате ниёз пайдо карданд, ки он метавонист зиндагии мардумро сомон бахшад ва ин қудрати танзимкунанда - давлат мебошанд [3, 42]. Мутафаккир зарурати дафъи нобаробариҳо ва ноадолатиҳои иҷтимоӣ, пешгирӣ ва маҳдуд кардани тазод ё бархурди манфиатҳоро аз омилҳои муҳими пайдоиши давлат мешуморад.

Мискавайҳ дар таълимоти худ кӯшиш намудааст, ки ба мавҷудияти ҳокимият ва давлат аз нуқтаи назари қонунӣ будани мавҷудияти онҳо баҳодиҳӣ намояд. Ӯ кӯшиш намудааст, ки вобаста аз таълимоти худ ва вобастагии ҳоким аз шароити қонунӣ будани ҳокимият - машруияти ҳокимият ва ҳокимонро ба намудҳо ҷудо намояд. Ченаки асосии тақсимот ба қонун (шариат) мувофиқ будани ҳокимият аст [7.56]. Тибқи ин ченак ӯ ду намуди ҳокимиятро аз ҳам фарқ мекунад – ҳокимияти қонунӣ - машруъ (шаръӣ) ва ҳокимияти ғайриқонунӣ – номашруъ (ғайришаръӣ). Намудҳои номбаршударо ба таври дигар низ ном мебарад, масалан ҳокимияти қонуниро - ҳукумати машруъ - “ҳукумати мулукия” ва ҳокимияти ғайриқонуниро - ҳукумати номашруъ - “ҳукумати ғалаба”меномад [10, 241, 242].

Мутафаккири ахлоқгаро, адолатро ҷавҳари муносибатҳои ахлоқӣ, сиёсӣ ва давлатӣ мешуморад. Принсипи адолат дар андешаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии Мискавайҳ ва дар ҷомеа дар низоми принсипҳои аслии идоракунии давлатии ҷомеа нақши муҳимтаринро дорад. Ба андешаи мутафаккир, татбиқи принсипи адолати иҷтимоӣ ба хусус дар арсаи сиёсат ва давлатдорӣ шарт ва зарур аст [12, 304]. Ба андешаи мутафаккир, риояи принсипи адолат сабаби пешрафти ҷомеа мешавад, аммо даст кашидан аз риояи ин принсип бошад, баръакс - вайронии давлат ва таназзули соҳаҳои мухталифи зиндагии иҷтимоиро ба дунбол дорад.

Яке аз меҳварҳои аслии андешаи Мискавайҳ принсипи адолат мебошад. Ба андешаи мутафаккир, татбиқи принсипи адолати иҷтимоӣ ба хусус дар арсаи сиёсат ва ҳокимият шарт ва муҳим мебошад. Тавре ки мутафаккир шарҳ медиҳад, риояи принсипи адолат сабаби пешрафти ҷомеа мешавад, аммо даст кашидан аз риояи ин принсип бошад, баръакс - вайронии соҳаҳои мухталифи зиндагии иҷтимоиро ба дунбол дорад. Зимнан, Мискавайҳ шариатро ҳамчун муҳимтарин манбаи инъикоскунандаи адолати иҷтимоӣ шарҳ медиҳад. Яке аз муҳимтарин андешаи ҳуқуқии Мискавайҳ дар таълимоти сиёсию ҳуқуқиаш – вобастагии давлат аз қонун (шариат) аст. Мутафаккир шариатро муҳимтарин манбаи инъикоскунандаи адолати иҷтимоӣ мешуморад ва нақши меҳварӣ ва калидии мардумро дар қабул кардани ҳокимияти қонунӣ (шаръӣ) эътироф мекунад. Аз назари ӯ инсон, ки мавҷуди табъан мутамаддин ва иҷтимоӣ аст, барои расидан ба саодати дунёӣ ва ухравӣ, бояд ҳамроҳи ҷамъият (иҷтимоъ), бо риояи қонунҳо (қонунҳои шаръӣ) барои сарнавишти сиёсӣ ва ҳуқуқии худ дар идоракунии давлатӣ иштирок намояд [13.93,94].

Мискавайҳ ҳудуди фаъолияти давлат, масъулияти онро нисбат ба шахсият (фард) ва баръакс, масъулияти шахсият (фард)-ро нисбат ба ҷомеа ва давлат муайян кардааст. Ӯ навиштааст: Ҳукумат наметавонад фардро ба коре бархилофи дастуроти қонун (қонунҳои амалкунанда) маҷбур кунад ва фард ҳам наметавонад аз ҳокимият чизеро талаб кунад, ки хориҷ аз ин чаҳорчӯбаи ҳуқуқ бошад [15.79]. Ҳам ҳокимияти давлатӣ ва ҳам мардум вазифадоранд, ки дар тамоми рафторҳо ва тасмимоти худ адолат ва инсоф, дурусткорӣ ва шафқатро риоя кунанд. Аз маҷмуи дидгоҳҳои Мискавайҳ бар меояд, ки дар сурати мутобиқати

фаъолияти ҳокимият бо қонун, мардум вазифадоранд, ки бо ҳокимият ҳамкорӣ карда, ба он итоат намоянд.

Нақши давлатро дар мавҷудият ва заволи ҳокимият ва ҷомеа муассир мешуморад.

Мискавайҳ яке аз падидаҳои навинро дар таърихи афкори сиёсию ҳуқуқии тоҷикон – падидаи назорати ҳокимият аз ҷониби халқро пешниҳод кардааст. Барои анҷоми вазифаҳои шаҳрвандии худ, мардум бояд аз ҳаққи назорати доимӣ бар фаъолияти ҳокимият ва мансабдорони он бархурдор бошанд. Назорати ҷамъиятиро аз болои мақомоти давлатӣ ва амалдорони давлатӣ талаб мекунад. Агар ҳокимият тибқи қонун амал накунад, вазифаҳои худро амалӣ карда натавонад ва ё суиистифода аз ваколатҳои худ карда берун аз дастуроти ҳуқуқ аз ҳокимияти давлатӣ истифода намояд, вазифаи итоат аз шаҳрвандон соқит мешавад.

Дар сурати риоя нашудани қонунҳо аз ҷониби ҳокимият, Мискавайҳ ба раийат ҳуқуқи мухолифат кардан бо ҳокимият ва ҳаққи инқилобро додааст.

Мискавайҳ дар таълимоти худ оид ба давлат вазифаҳои давлатро муайяну мушаххас намудааст. Вазифаҳои муҳимтарини давлат аз нигоҳи олими шинохта Р.Ш. Сотиволидиев ҳифзи марзҳо, таъмини саодат ва адолат, тавсеа ва пешрафти ҷомеа мебошад [16, 346]. Ӯ иҷрои ин вазифаҳоро барои пойдорӣ ва мавҷудияти ҷомеа ва давлат муҳим ва ҳатмӣ шуморидааст.

Бархилофи марксизм ва бархе дигар мактабҳои фалсафаи материалистӣ, ки омили тағйир ва таҳаввули ҷомеаро дар иқтисод медонанд, Мискавайҳ ин омилро бо иродаи инсон нисбат медиҳад ва зимнан, давлат ва раҳбарияти онро инъикоскунанда ва татбиқкунандаи иродаи умумии аҳли ҷомеа мешуморад. Мискавайҳ гарчи аз тазод ба унвони маншаи таҳаввули ҷомеа сухан мегӯяд, аммо тазоде, ки ӯ аз он сухан мегуяд, аз тазоде, ки Маркс дар назар дорад, фарқ мекунад.

Мискавайҳ дар осори худ ба масъалаи тақсимбандии ҷомеа низ диққат дода, аз сабабҳои гуногуне, ки дар бақо ва заволи ҷомеаҳо муассир ҳастанд, сухан ронда, нақши давлатро ҳамчун як бозингари аслӣ дар ҷомеа, бисёр муҳим ва пураҳамият донистааст ва бо таваҷҷуҳ ба ҳамин нақши давлат дар ҷомеа, барои давлат вазифаҳоеро мушаххас ва муайян кардааст [17, 89].

Умуман, Мискавайҳ дар осори худ дар робита бо ҷомеа, инсон, ҳокимият ва сиёсат зиёд таҳлилҳо анҷом дода, вазифаҳоеро монанди ҳифзи марзҳо, таъмини адолат, ва хушбахтии инсон тавсеа ва пешрафти шаҳрвандон ва ғайра барои давлат қоил шудааст ва иҷрои онҳоро барои пойдорӣ ва вуҷуди давлат муҳим ва ҳатмӣ шуморидааст.

Муҳимтарин андешаҳои ҳуқуқии Мискавайҳ – вобастагии ҳокимият аз қонун мебошад. Нақши меҳварӣ ва калидии мардумро бошад, Мискавайҳ дар қабул кардани ҳокимияти қонунӣ мебинад. Аз назари ӯ, инсон, ки мавҷуди табиатан мутамаддин ва иҷтимоӣ аст, барои расидан ба хушбахтӣ (саодат) бояд ҳамроҳи ҷомеа барои сарнавишти сиёсӣ ва ҳуқуқии худ дар идоракунии давлатӣ мушорикат намояд.

**Адабиёт:**

1. Абдулхонов Ф.М., Қодирзода С.М. Таълимоти Мискавайҳ оиди идораи давлат ва мансабдорони давлатӣ // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Иқтисодиёт, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ. ISSN 2413-5151/ 2019/№1. Қисми 1 Маркази табъу нашр, баргардондан ва тарҷума. – М.и., 2019. – 322 с. – С.226-229.
2. Буризода Э.Б., Қодирзода С.М. Андешаҳои ибни Мискавайҳ оид ба мафҳуми ҳокимият ва давлат // Маҷалаи академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2019. –2 (30). 200 с. – С 23-28.
3. Буриев И.Б. Таърихи афкори сиёсию ҳуқуқӣ. – Душанбе: Ирфон, 2016. - С.42. - 232 с.
4. Диноршоев М. Аз таърихи фалсафаи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1988. - 224 с.
5. Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. – Душанбе: Дониш, 1985. - 256 с.
6. Иванов В.Г. История этики средних веков. - Л.: Изд-во ЛГУ, 1984. - 279 с.
7. Идибеков Н.И. Этика Насириддина Туси в свете его теории свободы воли. – Душанбе: Дониш, 1987. - 92 с.
8. Исоев М. Баъзе мулоҳизахои Мискавайҳ роҷеъ ба ҳикмати кишвардорӣ // Фалсафа дар аҳди Сомониён. –Душанбе, 1999. – С. 250- 260.
9. Комилов Р. Социально - утопические учения в истории таджикско - персидской культуры (с древнейших времён до XVI вв.). – Душанбе, 2001.
10. Қодиров С.М. Масоили омӯзиши мафҳуми давлат ва ҳокимият дар таълимоти Ибни Мискавайҳ // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Иқтисодиёт, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардондан ва тарҷума, 2018. –№3. – С.239-243. ISSN 2413-5151
11. Марксистская этика. – М.: Политиздат, 1980. - 387 с.
12. Мискавайҳ. Ҷовидон хирад / Тарҷумаи Тақиуддин Муҳаммад Шуштарӣ. –Теҳрон, 1976. - 430 с.

13. Мискавайҳ. Ҷовидон хирад. Панд аз Ҳушангшоҳи Пешдод / Тарҷумаи Саид Муҳаммад Козим Имомӣ. –Теҳрон: Бе соли нашр. - 180 с.
14. Наққош Ҳ.И. Сулолаи Бувайҳиён. –Душанбе, 1989. – 96 с.
15. Орифӣ М. Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик. –Душанбе, 1962. – 143 с.
16. Сативалдыев Р.Ш. Политическая и правовая мысль раннесредневекового мусульманского Востока, (на примере «Кабуснамэ», «Сиасет-намэ», «Синдбаднамэ»). – Душанбе, 1999. - 357 с.
17. Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ. - Душанбе: ЭР-граф, 2011. - 460 с.
18. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе, 2002. Қисми 1. - 298 с.

**Кодирзода Сайидмуссо Мухибулло** - кандидат юридических наук, Дангаринский государственный университет, доцент кафедры. E-mail: saidmuso.kodirov@mail.ru

**Идеи и взгляды Ибн Мискавайха о принципах государственного управления и прав**

Значительным фактором в формировании научно – культурной становлении Мискавайха, его политико - правовой учении, сыграла опыт государственной службы во дворе Бувейхидов.

Мискавайх в дворе Бувейхидов служил в качестве наставника, библиотекаря, вел исследования, написал труды по философии, религиозные, правовые, медицинские и исторические книги. В этом ему помогала знание арабского и греческого языков.

Мискавайх считает что принципы развитии истории и общества неизменяются. Фактором изменения общества он считает волю человечества, в отличие от К. Маркса (фактор экономики), божественной теории (от сверхъестественных сил).

Государство и его имущество в теории Мискавайха являются отражением и осуществлением общей воли членов общества.

**Ключевые слова**: государство, право, политика, религия, власть, закон, общество, социальный, порядок, отношение, взгляд, наука, гуманизм, история, принцип, гражданин, правительство, государственные долги.

**Kodirzoda Sayidmusso Muhibullo** - PhD in Law, Dangara State University, Associate Professor of the Department. E-mail: saidmuso.kodirov@mail.ru

**Ibn Miskawaih's ideas and views on the principles of public administration and rights**

The experience of public service in the court of the Buwayhids played a significant factor in the formation of the scientific and cultural formation of the Miscavige, his political and legal teachings. Miskawaih served in the court of the Buwayhids as a mentor, librarian, conducted research, wrote works on philosophy, religious, legal, medical and historical books. His knowledge of Arabic and Greek helped him in this. Miscavige believes that the principles of the development of history and society remain unchanged. He considers the will of mankind to be a factor in changing society, unlike K. Marx (a factor of economics), divine theory (from supernatural forces). In Miscavige's theory, the State and its property are a reflection and realization of the common will of the members of society.

**Keywords:** state, law, politics, religion, power, law, society, social, order, attitude, view, science, humanism, history, principle, citizen, government, public debts.

# НИҲОДҲОИ МАЪМУРИИ БАРРАСИИ БАҲСҲОИ ҲУҚУҚӢ ДАР БАДАХШОН

**Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Ходими илмии шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқ.

Дар мақолаи мазкур дар бораи ниҳодҳои маъмурии баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар Бадахшон маълумот дода шудааст. Дар мақола муаллиф оид ба раванди ниҳоди маъмурии баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ маълумот дода, муайян намуд, ин мақоми маъмурӣ махсусан бо ҳамроҳшавии Помир ба Русия на танҳо фаъолияти маъмуриву идоракунии маҳаллӣ, балки дар баъзе мавридҳо адолати судиро низ амалӣ менамуданд. Инчунин дар асоси таҳлилҳо маълум гардид, ки амалисозии адолати судӣ аз ҷониби ниҳоди маъмурӣ махсусияти худро дошта, дар баъзе мавридҳо қозӣ баррасии баҳсҳои ҳуқуқиро ба зиммаи ниҳодҳои маъмурӣ - мансабдорони амалкунанда ва ё ашхоси бонуфузи сокини маҳалла мегузошт.

**Калидвожаҳо:** Ниҳоди маъмурӣ, баҳси ҳуқуқӣ, адолати судӣ, мансабдорони маҳаллӣ, идоракунии давлатӣ, қарор, муҳокимаи судӣ, ҳокимияти давлатӣ, мақомоти марказӣ, суди маъмурӣ

Дар таърихи давлатдориҳои гуногун, ҳолатҳое, ки адолати судиро мақомоти маъмурии идоракунии давлатӣ амалӣ месозанд, аз қадим мушоҳида мегардад ва ин вазъият дар таърихи аксарияти давлатҳои ҷаҳон вуҷуд дошт. Хушбахтона вазъияти мазкур аз ҷумла дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ ва муосир ҷой дошта бошад ҳам, як раванди фарогир набуда, танҳо дар марҳилаҳои муайяни он вуҷуд доштааст. Махсусан дар марҳилаи ба сари ҳокимият омадани манғитиҳо дар Аморати Бухоро чунин вазъият баръало мушоҳида мегардид. Аз ин лиҳоз дар асарҳои худ муҳаққиқи рус Логофет Д.Н Бухороро кишвари беҳуқуқ ва беадолат номида, дар заминаи таҳқиқотҳои доманадори худ исбот намудааст, ки дар Бухорои охири асри 19 ва ибтидои асри XX аз арбоби маҳалла – мансаабдори поёнии ҳокимияти маҳаллӣ оғоз намуда то Қушбегӣ ҳама адолати судиро амалӣ намуда ба баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ машғул буданд. [13, 220] Албатта, пеш аз он ки оид ба ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти маъмурии кишвар оғоз намоем, бояд қайд кунем, ки яке аз функсияҳои ҳокимияти давлатӣ баррасӣ, таъмин ва татбиқи ҳуқуқ мебошад. Аз ин хотир кулли мақомоти давлатӣ дар баробари қонунгузорӣ ва идоракунии давлатӣ, инчунин масоили гуногуни ҳаёти давлатиро баррасӣ, мавриди омӯзиш, қабули санадҳои ҳуқуқӣ ва амалисозии чорабиниҳои гуногун машғул мебошанд. Дар ҷараёни идоракунии давлатӣ ҳамарӯза масоилу мушкилот ва муаммоҳое пеш меоянд, ки на барои ҳалли ҳар яки он ба суд муроҷиат мекунанд. Бояд қайд намуд, ки аксарияти кулли муносибатҳои баҳсии ҳуқуқӣ тариқи ғайрсудӣ низ ҳалли худро ёфта, тарафҳо бо созиш якдигарро қонеъ менамоянд ва ё гуноҳи содиршударо мебахшанд. Аз ин лиҳоз, ниҳодҳои маъмурӣ низ дар ҷараёни ҳакамии баҳсҳои ҳуқуқӣ фаъол буда, кӯшиш менамоянд, роҳҳалҳои онҳоро дарёбанд. Махсусан мақомоти маҳаллии идоракунӣ, ки бештар бо мардум бевосита сарукор доранд, масоилу мушкилоти мардумро медонанд, таҷрибаи пешина ва ҳаётиро дар ҳалли ин гуна мушкилот доранд, кӯшиш мекарданд, дар ҳолати муроҷиат ба онҳо мушкилотро баррасӣ намоянд. Албатта, дар ин ҳолат мушкилоте дар назар аст, ки ночиз ҳастанд ва масоили ахлоқиву анъана ва одатҳоро вайрон кардаанд ва ба манфиатҳои ҷавҳарии шахсият дахолат надоранд.

Дар баробари ин, дар кишвар ҳанӯз то марҳилаи шуравӣ ниҳодҳои маъмурӣ инчунин ба амалисозии адолати судӣ, ки салоҳияти суди давлатиро ташкил медод, даст мезаданд ва оид ба он қарор қабул менамуданд. Дар ин ҳолатҳо, амалисозии адолати судӣ аз ҷониби ниҳоди маъмурӣ махсусияти худро дошт. Аз ҷониби дигар, дар ҳаёти ҳуқуқии аҳолии Бухоро инчунин ҳолатҳое вуҷуд дошт, ки қозӣ баррасии баҳсҳои ҳуқуқиро ба зиммаи ниҳодҳои маъмурӣ-мансабдорони амалкунанда ва ё ашхоси бонуфузи сокини маҳал мегузошт. Махсусан, ҳангоме, ки қозӣ ваколати баррасии парвандаро ба зиммаи мансабдори ниҳоди маъмурӣ ва ё ашхоси бонуфузи дар нафақа буда ва ё аз вазифа рафта мегузошт, дар аксар маврид ин парвандаҳо бо созиши тарафҳо анҷом меёфт. Азбаски ниҳоди маъмурӣ обрӯву эътибори зиёд надошт, вале дар маҳал ҳамчун намояндаи ҳокимият эътироф мегардид, бештар аз падидаи калонсолони маҳал истифода мебурд. Дар аксар маврид, дар ҷои намоён, мисли бозор ва ё масҷид ҷонибдорони ду тараф бо ҳам ҷамъ омада роҳҳали баҳсро меҷустанд ва бо даъвати куҳансолон бо ҳам созиш мекарданд. Ҳангоми баррасии масъала инчунин тарафҳоро оштӣ медоданд. Қарори қабулшуда ба қозӣ расонида мешуд, ки вай қарорро расман тасдиқ мекард.

Дар аксар маврид, қозӣ баррасии баҳсҳои на он қадар муҳимро ба ёрдамчиёнаш вогузор мекард. Дар

ин ҳолат низ ёрдамчии қозӣ аз ниҳоди маҳаллии идоракунӣ масалан арбоб, ашхоси маъруф хоҳиш менамуд, ки барои баррасии парванда ва ҳалли мушкилоти тарафҳо кӯмак расонанд. Парванда чӣ тавре дар боло зикр шуд аз ҷониби мақомоти маъмурияти маҳаллӣ баррасӣ гардида, бо қарор ба ёрдамчӣ расонида мешуд. Дар ин ҳолат низ қозӣ қарори қабулшударо мухр мегузошт ва аз номи худ нусхаи қарорро ба тарафҳо ирсол менамуд. Агар тарафҳо барои қаноатманд кардани якдигар розӣ шуда, созиш бананд ва аз даъво даст кашанд, пас, баррасии парванда дар ҳамин марҳила қатъ гардида, тарафҳо аз даъво даст мекашиданд. Инчунин, иттилоот оид ба дигар намуди ба адолати судӣ машғул шудани ашхоси маъмурӣ дар ҳудуди Тоҷикистони то шуравӣ вуҷуд дорад. Ин ҳолатҳо бо фаъолияти суди қозӣ алоқаманд мебошанд. Масалан дар Генерал-губернатории Туркистон ниҳоди маъмурии маҳаллӣ ба сифати Раиси суди қозӣ муайян карда шуда буд. [8, 22] Ҳокимони маҳаллӣ ки аз ҳисоби ҳарбиён ба сифати маъмурони маҳал тайин карда мешуданд, тибқи Низомнома якбора ба ҳайси Раиси суди қозӣ баромад менамуданд. Азбаски ин ҳарбиён оид ба ҳуқуқи ислом тасаввурот надоштанд, пас, пешакӣ гуфтан мумкин аст, ки чӣ гуна ба амалисозии адолати судӣ дахолат мекарданд. Дар ҳисоботи капитан Южаков ва чанд нафари дигар, ки фаъолияти судҳоро дар ин марҳилаи мустамликавии Туркистон санҷидаанд, далелҳои дахолати бевоситаи маъмурият ба фаъолияти суд ва амалисозии адолати судӣ оварда шудаанд. [19]

Бояд қайд намуд, ки ҳолати таҳлилшуда, бо қабули Низомнома оид ба идоракунии кишвари Туркистон тағйир ёфта, қозиён аз раисии маъмурон озод гаштанд. Вале маъмурияти ҳарбӣ метавонист дар сурати ба он муроҷиат намудани норозиён қарори судро бекор кунад ва ё қозиро барои қабули қарори муайян маҷбур созад. Инчунин, оид ба дигар ҳолатҳои дахолати ашхоси мансабдори Русия ба фаъолияти судҳо дар ҳудуди Аморати Бухоро бояд махсус қайд намуд. Маъмурони ҳокимияти Туркистон ва ҳатто сайёҳони рус дар Бухорои шарқӣ то Помир кӯшиш мекарданд, то тибқи "адолат" амал карда, қарор қабулнамудаи қозиро бекор ва тибқи ҳуқуқфаҳмии худ онро ба манфиати ин ё он тараф ҳал намоянд. Дар ин роҳ тамоми чораҳои "зарурӣ" аз ҷумла тарс додан, муроҷиат ба қозӣ, беки маҳаллӣ, Қушбегӣ, намояндаи Агентии сиёсии Русия дар Бухоро, амири Бухоро ва ғайра истифода карда мешуд. Дар ҳамин ҳолат кулли аҳолии табааи Русия ва пайравони дини ғайримусалмон дар ҳудуди Аморати Бухоро аз тобеъияти судии қозӣ берун карда шуда буданд ва даъво нисбат ба онҳоро Агентии сиёсӣ, суди Туркистон ва ё Қушбегӣ баррасӣ мекард. Чунин вазъият аз беҳуқуқии Аморати Бухоро шаҳодат медод. Дар ҳамин вазъият минтақаи Бадахшон низ гузошта шуда буд.

Дар фаъолияти ҳокимияти давлатӣ дар Бадахшон дар охири асри XIX ибтидои асри XX як қатор тағйироти куллӣ ба вуҷуд омаданд. Русия ва Англия чун ду давлати абарқудрати замон, байни ҳам шартнома оид ба ҳудуд бастанд. Тибқи ин шартнома дарёи Аму хатти сарҳадии байни Аморати Бухоро ва Афғонистон эътироф карда шуд. Азбаски ҳудуди бузурги тобеъи Аморат ба Афғонистон тибқи ин шартнома дода шуда буд, пас, пеш аз ҳама ҳудуди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшони муосир бар ивази ҳудуди дар натиҷаи шартномаи байни империяи Русия ва Англия аз соли 1895 басташуда, ки тибқи он як қисмати азими ҳудуди Аморати Бухоро ба ҳудуди Афғонистон ҳамроҳ карда шуд, ба Бухоро дода шуд. [4, 98]

Ҳокимони Аморат, ки бештар ба масоили устувор намудани ҳокимияти худ дар марказ машғул буда, танҳо бо тайин намудани якчанд мансабдор ба бекигариҳои нав қаноат карданд. Новобаста аз ҳамроҳкунии ин ҳудуд ба Аморати Бухоро дар он ягон тағйироти ҷиддии маъмурӣ гузаронида нашуд. Аз таҳлилҳои муҳаққиқон бармеояд, ки «дар Бухоро ҳатто дар сатҳи ҳокимияти маҳаллӣ ягонагӣ набуд, низоми мавҷудаи идоракунӣ бошад, чунон сохта шуда буд, ки ислоҳот танҳо зинаҳои болоии ҳокимиятро фаро мегирифту халос. Идоракунии давлат бошад бо роҳи истисмори халқ анҷом дода мешуд». Дар ҳудуди Бадахшон низ ягон ислоҳот гузаронида нашуд ва ҳокимияти марказӣ нияти гузаронидани ягон намуди ислоҳотро надошт. Дар ин вазъият ислоҳоти асосӣ - тайини амалдорони давлатӣ аз марказ – аз Бухоро ҷорӣ карда шуд. Дар тамоми марҳилаи ҷанги Бухорову Русия, ғасби ҳудудҳо ва ҳамроҳкунии ҳудуди Помир мақоми ҳуқуқии Помир яксон набуда, он ҳатто то инқилоби соли 1917 дар Русия ва сентябрии соли 1920 дар Бухоро духура боқӣ монда буд. [13, 38] Ин вазъияти сиёсии Помир дар натиҷаи бо ҳам омадани якчанд сабабу омилҳо ба вуқӯъ пайваста, минбаъд дар натиҷаи вазъи геополитикии Русия дар ҷаҳон, вазъи иқтисодии минтақа, вазъияти таъмин бо озуқаворӣи отряд ва гарнизони Хоруғ боз ҳам шадидтар гардид. Вазъият инчунин бо омадани омилону қозиёни Бухоро ба маҳалл бадтар шудан гирифт, чунки вазъи касоди иқтисодии мардум, кашида гирифтани молу мулки мардум, инчунин, аз ҳисоби андози ҷамъоварда таъмин намудани зиндагонии қозӣ, омил ва пешкашу ҳадя ба Амиру мақомоти марказӣ сабаби норозигии мардум ва куч бастани он ба ҳудуди кишвари Туркистон ва Афғонистон шуданд. Дар баробари ин омилҳо яке аз омили манфӣ дар ҳудуди Бадахшон ба адолати судӣ машғул

гардидани ниҳодҳои маъмурӣ ва дар ҳолатҳои дигар ба «миёнаравӣ» машғул шудани мансабдорони маҳаллӣ гардид. [6, 86]

Ба андешаи муҳаққиқ Буризода Э.Б. ҳудуди Помир расман ба ҳайати Аморати Бухоро дохил мешуд, аммо дар асл онро роҳбари отряди русҳо дар Помир идора мекард. Вазифаи сардори отряди Помир бо роҳбари уезд баробар ҳисоб мешуд, ва ӯ ба губернатори Фарғона итоат мекард. [17, 112] Дар сурати рух додани қонунвайронкунӣ, сардори отряд мувофиқи «Дастурамали муваққатии сардори отряди Помир», ки он 12 январи соли 1905 тасдиқ шуда буд, мебоист аз меъёрҳои одати маҳаллӣ истифода намояд. [3, 123]

Вале тақсимоти маъмурии ин ҳудудро Зарубин соли 1915 дар давоми сафари худ дар Помир чунин муайян кардааст: қисми уезди Ош ва қисми заминҳои Бухорои шарқӣ – ҷанубӣ қад-қади дарёи Язгулом ҳамчун округи Помир аз ҳайати идоракунии Туркистон ба идоракунии сардори отряди Помир гузашт. Сардори отряд бевосита ба губернатори ҳарбии Фарғона итоат мекард. Округи Помир ба ноҳияи шарқӣ(волости Помир ва Орошор), ноҳияи Хоруғ(волости Шуғнон ва Рушон), ноҳияи Лангар(волости Вахон ва Ишкошим) тақсим шуд. Ба сифати роҳбари ноҳия афсари отряди ҳарбии рус тайин мешуд. Ёрдамчии вай волостной управ ё мингбошӣ буд. Мингбошӣ дар навбати худ бавоситаи арбобони худ аз болои қозиҳо ва оқсақолҳои деҳа роҳбарӣ мекард. [8, 69]

Дар давраи тобеъияти Помир ба Аморати Бухоро, мақоми судии он ба низоми судии Аморат тобеъ гардид. Агар мо асоси низоми судии Помирро сохти суди қозигии Аморати Бухоро махсуб донем, «дар аморати Бухоро дар шахсияти қозӣ вазифаи якчанд мақомоти мустақил ҷамъ омада буд. Қозӣ мақоми амалисозандаи адолати судӣ маҳсуб мешуд. Инчунин масъалаи бастану қатъи никоҳ ба зиммаи қозӣ буд. Вай шартнома, васиқа ва дигар ҳуҷҷатҳоро таҳия ва тасдиқ менамуд ки вазифаи мушовири ҳуқуқи ва нотариат аст». [10, 210]

Аммо дар кӯҳистони Бадахшон меъёрҳои ҳуқуқи анъанавӣ нисбат ба ҳуқуқи исломӣ бартарият доштанд. Дар китоби худ «Анъанаҳо ва ҳуқуқ» муҳаққиқ Зиёев М. дар қатори шахсони мартабаи болоии ҷомеаи анъанавӣ хоҷаҳо, тураҳо ва саидҳоро нишон медиҳад. Пирҳоро бошад ҳамчун муаллим ёдрас мешавад. Дар баробари ҳамин муаллиф ба ҳайси хислати рафтори мардум категорияҳои оини зардуштиро асос мешуморад. [14, 89]

Сарчашмаҳои ҳуқуқии тошуравии Помир дар доираи низоми ҳуқуқи исломӣ амал карда тамоми сарчашмаҳои онро дар бар мегирифт. Дар ҷомеаи тошуравии Тоҷикистон муносибатҳои ҷамъиятӣ ва баҳсҳои ҳуқуқӣ тавассути меъёрҳои Қуръон, Сунна, иҷмоъ ва қиёс танзим мешуданд.Масъалаҳои таърихи фаъолияти судҳо дар замони тошуравӣ, тараққиёти низоми судӣ дар асрҳои XIX-XX ва фаъолияти қозиёту қозиҳо аз тарафи Буризода Э.Б. [5, 125] ва Шодиев И.Р., [18] мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтааст.Таҳлили сарчашмаҳо ва қонунгузории тошуравии Кӯҳистони Бадахшонро собит менамояд, ки дар марҳилаи тошуравӣ ниҳоди қозиёт дар ҳудуди Бадахшон асосан дар марҳилаи таҳким ёфтани ҳокимияти Аморат ташаккул ва устувор гардид. Бештар ин вазифаҳоро намояндагони табақаи руҳониён иҷро мекарданд, ки дар адабиёти таърихӣ ва илмӣ ба ин ишора шудааст. Оид ба амалигардонии адолати судӣ аз ҷониби намояндагони маъмурии ҳарбии Русия – сардори гарнизони Хоруғ қайд кардан ҷоиз аст, ки ин мақоми маъмурӣ махсусан бо ҳамроҳшавии Помир ба Русия на танҳо фаъолияти маъмуриву идоракунии маҳаллӣ, балки дар баъзе мавридҳо адолати судиро низ амалӣ менамуданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дахолати мақоми ҳарбии маъмурии рус ҷиҳати амалигардонии адолати судӣ ва умуман таъмини адолати иҷтимоӣ ба манфиати аҳолии маҳаллӣ буд. Иттилоот оид ба баррасии масъалаҳои гуногуни баҳсҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби сардори ҳарбии гарнизони Хоруғ зиёд аст. Андозбандии зиёд ва ҷамъоварии молиёт аз мардум норозигии мардуми маҳаллро ба вучуд оварда, сабаби ба вуҷуд омадани зиддият ва шӯришҳои ошкор мегардид. Новобаста аз он, ки расман ҳудуди Бадахшон дар тобеияти Аморати Бухоро буд, баъд аз яке аз шӯришҳои деҳқонони Вахон дар соли 1903 бар зидди амалдорони Бухоро, бо пешниҳоди сарвари гарнизони Хоруғ қарор дода шуд, ки минбаъд нигоҳ доштани тартибот дар ҳудуди Помир ва низоми таъини ҷазо ба намояндагони отряди ҳарбии Русия дар Хоруғ супурда шавад. [2,56]

Чӣ тавре сарчашмаҳои таърихӣ иттилоъ медиҳанд, беку қозиҳо ба бекигариҳои минтақаи Бадахшон аз Бухоро барои идоракунии маҳал тайин карда мешуданд. Бо сабабҳои гуногун музди маоши беку қозиҳо саривақт ба онҳо расонида намешуд. Воқеъияти ин масъала чунин буд, ки ба бекҳо музди маоши худро аз ҳисоби андози ҳарсола таъмин намуда, инчунин дар санаҳои ҷашну идҳо, аз қабили Навруз, баъд аз ҷамъоварии ҳосил, тую сури Амир ба онҳо ҳадя мефиристоданд. Кулли ин ҳадя аз ҳисоби ҷамъоварии андозу молиёти барзиёд ба даст меомад. Дар минтақаи Бадахшон бинобар вазнинии шароити зиндагии аҳолӣ, ҷамъовари андоз кори хеле мушкил буд. Аз ҷониби дигар, агар андозҳо пурра ҷамъоварӣ мешуд, гарнизони Хоруғ наметавонист худро таъмин намояд. Аз ин сабаб, бо ҳар роҳу восита, афсарони рус амалдорони Аморатро сиёҳ карда, кӯшиш мекарданд, ки андоз ё

ҷамъоварӣ карда нашавад ва ё он хеле кам ҷамъоварӣ шавад, то ин ки як қисми маҳсулот барои истифодаи онҳо боқӣ монад. Дар ин вазъият амалдорони тайиншуда, кӯшиш мекарданд, ки аз аҳолии маҳаллӣ қарз гиранд.

Умуман агар риояи қонун ва принсипи баробарӣ дар назди қонунро дар ин марҳила таҳлил намоем, мушоҳида мекунем, ки истифодаи қонун хусусияти яктарафа дошт, зеро он қариб ки танҳо нисбат ба табақаи поёнӣ истифода мешуд. Чунончӣ, амалдорони Бухоро, аз он ҷумла бекҳои маҳаллӣ аз мардум мол қарз карда, ҳангоми аз вазифа рафтан ба Бухоро бармегаштанд, вале қарзҳоро намепардохтанд. Масалан, ҳангоме, ки беки Шуғнону Рушон Юлдашбий аз вазифа маъзул гардид, аз мардуми Рушон 1200 танга қарздор буд, вале бо баҳонаи он ки ба вай музди маош аз Бухоро нафиристонданд, аз пардохти қарз саркашӣ намуд. Мисоли дигар, амлокдор Бурҳонбек ҳангоми тайин шудан ба қалъаи Рушон дар вақти рафтан аз Хоруғ ба мардум ваъда кард, ки қарзи онҳоро ба маблағи 2500 танга аз Қалъаи Вомар мефиристад, аммо ин ваъдаро иҷро накард».

Гирифтани қарз аз аҳолӣ, қарздор будани бекҳо аз мардум ба он оварда мерасонид, он ба вазъи муътадили қонуният ва фаъолияти ниҳодҳои судӣ дар минтақа таъсир расонида, аксари амалдорони давлатӣ ба он дахолат намуда, онро як роҳи ба даст овардани даромад ҳисоб мекарданд. Махсусияти ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ аз қабили пиру халифаҳо дар он буд, ки ҳаллу баррасии даъвоҳо аз ҷониби роҳбарони динӣ амалӣ гардида, аҳолӣ вобаста ба нуфузи динии онҳо қарору ҳукми қабулшударо бо ихтиёри худ амалӣ менамуданд, ки он барои мақомоти давлатӣ ягон вазнинӣ ва ё харҷи маблағро талаб намекард. Аз ҷониби пиру халифаҳо бошад, ин амал ба таври ройгон иҷро карда мешуд. Бо рафти пурзуршавии ниҳодҳои давлатӣ, анъанаи мурочиат ба институтҳои ғайрирасмӣ қатъ гардида, чунин таҷриба аз байн рафт.

Бояд таъкид намуд, ки яке аз мақоми бонуфузи баррасикунандаи баҳсҳои ҳуқуқӣ дар минтақа - амалдорони маъмурӣ ё ҳарбии рус буданд. Масалан, яке аз ниҳодҳои ҳалли баҳсҳо сардори дастаи ҳарбии Русияи подшоҳӣ дар Хоруғ буд. Дар мувофиқа бо ҳукумати Русия, амири Бухоро дар Помир беки худро тайин менамуд, ки вай кулли масоили бекигариро дар мувофиқа бо сардори дастаи низомии Хоруғ танзим мекард. Мурофиаҳои судӣ аз тарафи сардори дастаи ҳарбии рус дар шаҳри Хоруғ ва ҳамчунин аз тарафи амалдорони тайинкардаи амири Бухоро амалӣ карда мешуданд. [16, 122]

Таҳлили тарзи баррасии баҳсҳо баёнгари он аст, ки он ба тариқи сода тибқи талаботи суди маъмурӣ амалӣ мегардид, ки дар он аксари талаботи мурофиавии таълимоти исломӣ риоя намегардид. Дар хусуси баррасии парвандаҳо тадқиқотчии давраи пешазшуравии Бадахшон Карамова И. қайд мекунад: «Ҷиноятҳо дар миёни мардуми маҳаллӣ қариб ки содир намешуданд, аммо агар чунин ҳолат рух медод, судхурии амалдорони Бухоро беҳадду канор буд. Мисол, баҳори соли 1904 сарбозони дидбонгоҳи Хоруғ ба маблағи 23 рубл аз ҳисоби гарнизон асбобҳои оҳанин ба монанди бел, каланд ва ғайра гирифта, онҳоро ба мардуми таҳҷоӣ фурӯхтанд. Аммо онҳо аз он хабар надоштанд, ки ин мол аз тарафи сарбозони гарнизон дуздида шуда буд. Амлокдори Хоруғ Бурҳонбек аз ин аҳд дарак ёфта, тамоми моли фурухтаро аз мардум ҷамъ кард ва онҳоро маҷбур кард, ки боз 137 рубл ҷарима супоранд, дар ҳоле, ки нархи умумии ин молҳо танҳо 23 рублро ташкил медод». [12] Ин ҳолат нишон медиҳад, ки дар мавриди пайдо кардани фоида, ҳатто амлокдор ҳам ба амалисозии «адолат» машғул мегардид, ҳол он ки чунин салоҳият надошт.Соли 1911 мақолаи М.С. Андреев бо номи «Маводҳои этнографии қабилаҳои эронии Осиёи Миёна (Ишкошим ва Вахон) нашр гардид. Дар ин мақола муаллиф бори аввал маълумот дар бораи сохти иҷтимоии ҷомеаи минтақаи Вахону Ишкошимро таҳлил мекунад. Тибқи таснифоти табақа, муаллиф ба гурӯҳи аввал–руҳониён, сайидҳо, ба гурӯҳи дуюм акобирҳо ё ашрофони ҳарбӣ ва ба гурӯҳи саввум чокарон – аҳли заҳмат дохил намудааст. [11, 86]

Инчунин М.С. Андреев дар бораи андозҳои давлатӣ навиштааст, ки онҳо аз мардум ҳам аз тарафи амири Бухоро ва ҳам аз тарафи ҳокимони Бадахшон ситонида мешуданд. Дар баъзе мавридҳо мардуми маҳаллӣ аз амалӣ нашудани даъвояшон аз ҷониби қозии бекигарӣ ба мақомоти гуногуни Русия мурочиат мекарданд, ки дар ин ҳолатҳо маъмурони рус низ бо роҳҳои гуногун кӯшиш мекарданд, ки баҳсро баррасӣ намоянд. Дар чунин ҳолатҳо сардори гарнизони Хоруғ вобаста ба мурочиати аҳолӣ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои баҳснок мудохила менамуд. Масалан, академик Б. Искандаров дар ин бора чунин фактҳоро овардааст: «Аҳолии Шоҳдара, Ғунд ва Вахон дар шикоят ба Агенти сиёсии Бухоро навиштанд, ки онҳо аз таъқиби кормандони амир ба дод омада, хонаҳояшонро тарк намуданд. Закотчиён бе иҷозати мо ба хонаҳо ворид шуда, занонро ҳисоб карда, пас ба оғилҳо ворид шуданд ва чорворо ба ҳисоб гирифтанд. Онҳо аз рӯи шариат амал накарда, аз 20 сар як сар ва кадоме аз ин камтар дошт аз вайҳо ҳам аз даҳ як сар гирифтанд. Тибқи шариат гуфта мешавад, ки аз 40 сар якто гирифта мешавад». Барои хомӯш намудани оташи ғазаби мардум, сардори гарнизон ба масъала мудохила намудааст. [7, 74]

Дар хусуси меъёри андоз дар Бадахшон М.С. Андреев менависад: «Ҳар як хонавода тирамоҳ мебо-

ист ба ҳоким як арғамчин, як ҷуфт наъл, як пӯсти ҳайвон барои як ҷуфт чоруқ (пойафзол) диҳад. Ғайр аз ин сардорони ҳар як хонавода мебоист ба назди ҳоким рафта, як шабонарӯз ба вай бе музд хизмат мекарданд. Ҳар кас водор буд, ки бо худ як сар барра, як халта орд, як кӯза шир, чой равған, ду бори хар ҳезум гирифта барад».Иҷро нашудани андозҳои ҷинсиву молӣ сабаби ба маҳкама каши-дани гунаҳкор мегардид. Дар сурати иҷро накардани уҳдадорӣ гунаҳкорон ҷазо дода мешуданд. Табиист, ки қарор дар бораи ҷазо аз ҷониби бек ва амалдорони маъмурӣ қабул ва амалӣ карда мешуд. Дар баъзе мавридҳо ҳатто оқсақолҳои маҳаллӣ, ки аз миёни мардум интихоб мешуданд ва вазъияти иқтисодиву молиявии мардумро хуб медонистанд, ба муқобили беадолатии маъмурияти маҳал мебаромаданд ва кӯшиш мекарданд, ки пеши роҳи беадолатии амалдорони амирро гиранд. Ин зидди-яту норозигиҳо баъзан бо шӯриш анҷом меёфтанд. Чунин муносибати закотчиён аз ду чиз шаҳодат медод: аввалан ин далели он аст, ки оқсақолҳои маҳаллӣ нуфуз надоштанд ва фиристодагони амири Бухоро фикри онҳоро дар ҷамъоварии андоз ба назар намегирифтанд. Дуввум, закотчиён ба вайрон-кунии қонун роҳ дода ба қозиёни маҳаллӣ низ итоат намекарданд. Саввум, ин гуна муносибат ба қонун аз он шаҳодат медиҳад, ки баробарӣ дар назди қонун вуҷуд надошт ва фаъолияти қозиҳои маҳаллӣ танҳо дар доираи даъвои сокинони маҳаллӣ амал мекард. Ҳамин тавр, институти пирҳо бештар хусусияти анъанавӣ дошт ва институти қозӣ бошад ҳамчун ниҳоди давлатӣ ва расмӣ эътироф гардида буд. Амалдорони амир зимни ҳалли қазия аз тарафҳои даргири баҳс «хизматона» меситониданд. Ҳаққи хизматро аз ҳар ду тараф ситонида, дар сурати содир шудани ҷиноят, намояндаҳои амири Бухоро даромади бештар доштанд. Дар ин мавридҳо ягон ҳуҷҷати расмӣ истифода намешуд ва чи қадаре ки амалдорони амир мехостанд, ҳамон қадар ҷаримаро аз мардум меситониданд.Аз чунин муносибати ғайриодилонаи намояндагони амир нисбат ба мардуми маҳаллӣ ҳатто афсарони рус низ норозигӣ баён менамуданд. Вобаста ба ин, сардори отряди рус дар Хоруғ, капитан Аносов фармон баровард, ки минбаъд таъин кардани ҷазо аз тарафи беки Шуғнон нисбат ба ҷинояткорон бояд ҳатман дар асоси ҳуқуқи амалкунанда ва бо имзои амири Бухоро сурат гирад. Дар фармони капитан Аносов аз 4 июли 1900 таҳти № 1011 чунин омадааст: «Яке аз масоили муҳим, ки ба ҳуқуқи беки Шуғнон дар бораи таъини ҷазо тааллуқ дорад, ин аст, ки тамоми маблағи ҷарима ба фоидаи шахсии бек мегузарад ва ҳамчун манбаи даромади вай маҳсуб мешавад. Аз ҳамин лиҳоз афзоиши беназорати ин ҷаримаҳо ба хонавайроншавии мардум оварда мерасонад». [15]

Хулоса, дар минтақаи Бадахшон амалисозии адолати судӣ на танҳо аз ҷониби қозӣ – мақоми адолати судӣ, балки амалдорони маъмурӣ ва ҳатто ҳарбӣ иҷро гардида, як қатор хусусиятҳои хосро соҳиб гашта буд. Хусусиятҳои хоси он: машғул гардидани субъектҳои гуногун ба амалисозии адола-ти судӣ дар минтақа; салоҳияти баррасии намудҳои муайяни категорияи парвандаҳоро доштани мақоми ғайрирасмӣ – роҳбари динӣ – пиру халифаҳо; сало-ҳияти судӣ пайдо кардани мақоми ҳарбии Русия дар маҳалл; дахолат намудани мақоми маъмурӣ ва ҳарбӣ ба амалисозии адолати судӣ; ройгон иҷро намудани вазифаҳои давлатии бек ва қозӣ дар маҳалл, ки ба вазъияти қонуният ва адолати судӣ таъсири манфӣ дошт; дар шароити истисмори сетарафа, феодалони маҳал, намояндагони Аморати Бухоро ва ҳарбиёни Русия мондани мардуми маҳал мебошад.

**Адабиёт**


1. Акрамов Н.М. Вопросы истории, археологии и этнографии народов Памира и Припамирья в трудах Б.Л.Громбчевского. – Душанбе: Дониш, 1975. – 238 с.
2. Акризоев М.М. Бобринской А.А. Муҳаққиқи таърих ва этнографияи кӯҳистони Бадахшон: автореф. дисс. ном.илми…таърих. – 56 с.
3. Буриев И.Б. Источники права исламского периода таджикской государственности: теория и практика. – Душанбе, 2017. –224 с.
4. Буриев И.Б. Судебные институты государственности .– Душанбе, 2010. – 188 с.
5. Буриев И.Б. Становление и развитие институтов государственности на территории Таджикистана (досоветский период)/ Отв. ред. академик Ф.Т.Тахиров. – Душанбе,2008. – 294 с.
6. Буризода Э.Б., Одиназода Р.С. Судебные и квазисудебные институты в истории таджикской государсвенности. – Душанбе «Ирфон», 2018.–336 с.
7. Додалишоева К. Саҳми М.С. Андреев дар омузиши расму оинҳои мардуми Бадахшон // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – 2011. – №9. – С. 74.
8. Зарубин И.И. Материалы и заметки по этногорафии горных таджиков. Долина Бартанга // Сборник музея Антропологи и этнографии при Российской Академи наук. – T.V. – Петроград, 1917. – С.111.
9. Зиёев Х.М. Традиция и право. – Душанбе, 2009. – 198 с.
10. Искандаров Б.И. Юсупов Ш.Вазъи сиёсӣ – маъмурӣ ва иҷтимоӣ – иқтисодӣ дар Помир дар арафаи Инқилоби Октябр // Очерки истории Советского Бадахшана. – Душанбе, 1985. – С. 86.
11. ИскандаровБ.И. Восточная Бухара и Памир во второй половине.Ч.1.–228 с.

12. Карамова И. Прошлое зеркало будущего (Гузашта оинаи оянда аст). – Душанбе, 2017. – 150 с.
13. Логофет Д.Н. В горах и на равнинах Бухары (очерки Средней Азии). – СПб.,1913. – 636 с.
14. Назаршоев М. Добровольное вхождение Памира в состав России // Очерки истории Советского Бадахшана. – Душанбе,1985. – С.69.
15. Отчет секретаря Российского политического агенства в Бухаре А. Черкасова о камандировке в Припамирские бекства Бухарсткого ханства в 1904 год, №5.
16. Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории права и государства в условиях государственной независимости РТ. – Душанбе, 2009. –388 с.
17. Халфин Н.А. Борьба за Памир в 1873-1895 г: Автореф. дис. канд. ист. наук. – Ташкент,1945.- 27 с.; он же: Присоединение Средней Азии к России (60–90-е годы)- М.: Наука, 1965. – 468 с.; он же. Россия и Бухарский эмират на Западном Памире (конец XIX – начало XX вв.). – М.: Наука, 1975. – 128 с.
18. Шодиев И.Р.Развитие судебной системы в Таджикистане (Вторая половина XIX- нач XXI вв. ): дисс.к.ю.н. –Душанбе, 2010. – 180 с.
19. Южаков Ю.Д. Итоги 27-летнего управлния нашего Туркистанским краем. – СПб., 1891

**Алиназарова Кифоят Гуломназаровна** – Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, научный сотрудник отдела истории государства и права.

**Административные институт по рассмотрению правовых споров в Бадахшане**

В статье представлена информация об административных институтах по рассмотрению правовых споров в Бадахшане. В статье автор приводит сведения о процессе деятельности административного органа по рассмотрению правовых споров и определяет, что данный административный орган, особенно с присоединением Памира к России, не только осуществлял местную административно-управленческую деятельность, но и в некоторых случаях осуществлял правосудие. Также на основе проведенных анализов стало известно, что осуществление правосудия административным органом имеет свою специфику, и в некоторых случаях судья поручал рассмотрение правовых споров административным органам - действующим должностным лицам или влиятельным жителям микрорайона.

**Ключывые слова:** административное институты, правовые споры, местные чиновники, государственное управление, приказ, судебный процесс, государственная власть, центральные органы, адмнистративные суды.

**Alinazarova Kifoyat Gulomnazarovna** – National Academy of Scienses of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, Junior Researcher at the Department

**Administrative institute for legal dispute resolution in Badakhshan**

The article provides information on administrative institutions for the consideration of legal disputes in Badakhshan. In the article, the author provides information about the process of the administrative body for the consideration of legal disputes and determines that this administrative body, especially with the annexation of the Pamirs to Russia, not only carried out local administrative and managerial activities, but also in some cases carried out justice. Also, based on the conducted analyses, it became known that the administration of justice by an administrative body has its own specifics, and in some cases the judge assigned the consideration of legal disputes to administrative bodies - acting officials or influential residents of the neighborhood.

**Key words:** administrative institutions, legal disputes, local officials, Public administration, order, The trial, State power, central authorities, administrative courts

**МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ – 3 (55) / 2025**
**АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ – 3 (55) / 2025**

# РУШДИ ПАДИДАҲОИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Бозориён Бузургмеҳр Эмомалӣ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юм

Мақолаи мазкур ба мавзуи падидаҳое, ки дар қонунгузории имрӯза ва пас аз соҳибистиқлолии ҶТ ба вуҷуд омадаанд бахшида шудааст. Дар мақола методи муқоиса истифода бурда шудааст ва ин метод барои дилхоҳ соҳа дар дуруст амалишавии вазифаҳои соҳаи дахлдор саҳми арзанда гузошта метавонад. Аз ҷумла, дар мақолаи мазкур тавассути ин метод, муайян карда шуд, ки баъзе падидаҳое дар Кодекси имрӯзаи ҶТ, ки соли 2009 қабул шудааст, пешбинӣ гардидаанд, дар Кодексҳои пешина, соли 1935 ва 1961(тағйироту иловаҳои Кодекси соли 1961 ба назар гирифта нашудаанд) қабулгардида набуданд. Яъне, дар асоси таҳлилҳои муаллиф муайян гардид, ки дар Кодекси соли 2009 қабулгардидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳумҳое ба монанди хулосаи мутахассис, преюдитсия, экспертизаи комплексӣ ва комиссионӣ, якчанди дигар ба ҳайси падидаҳои нав ба шумор рафта имрӯз дар амалияи фаъолияти прокуратура ва суд ва дигар мақомоти ваколатдор дар ҷамъоварӣ, тафтиш, баҳодиҳӣ ва умуман дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ васеъ истифода шуда истодаанд.

**Калидвожаҳо:** экспертиза, преюдитсия, мурофиаи ҷиноятӣ, мутахассис, коршинос, амалиётҳои тафтишотӣ.

Дар ҷараёни таҳлили Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ки 3 декабри соли 2009 қабул гардидааст, муайян гардонида шуд, ки якчанд падидаҳои наве пешниҳод шудаанд, ки дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки 17 августи соли 1961 қабул шудааст, дида намешуданд. Масъалаи матраҳшаванда дар мақолаи мазкур, яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ва муҳим дар соҳаи мурофиавии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Яъне дар ин мақола масъалаи пайдоиши падидаҳои навро дар мурофиаи ҷиноятии давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистонро, назар ба давраи дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ будаамонро матраҳ мекунем, муқоиса ва таҳлил менамоем. Дар давраи 50 солаи инкишофи соҳаи мурофиавии ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, олимон ва муҳаққиқони соҳа, вобаста ба инкишофёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ, падидаҳои нави мурофиавиро дар ҷараёни таҳқиқу таҳлилҳои зиёд ва коркарди соҳаи мазкур ба вуҷуд оварда, Кодекси мурофиавии ҷиноятиро соли 2009 дар шакли нав қабул намуданд. Экспертизаҳои комиссионӣ ва комплексӣ, хулоса ва нишондоди мутахассис ҳамчун далел дар мурофиаи ҷиноятӣ, сабтҳои пинҳонӣ, гуфтугӯи телефонии гушкардашуда, мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ, пешбурди суръатнок дар парвандаҳои ҷиноятӣ, тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ, преюдитсия ва инчунин ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷумлаи падидаҳои муосир ё нав дар қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд. Ҳоло баъзе аз падидаҳои нави болозикрро мавриди таҳлил қарор медиҳем:

1. Экспертизаҳои комиссионӣ ва комплексӣ. Экспертизаи комиссионӣ ва комплексии судӣ дар Кодекси давраи Шуравии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда нашуда буд. Дар он танҳо навъҳои такрорӣ ва иловагии экспертиза пешбинӣ гашта буд. Ҳамин тавр, падидаи комиссионӣ ва комплексии экспертизаҳо дар моддаҳои 213 ва 214-и КМҶ ҶТ пешниҳод гардидааст[1, м. 213,214].

Пеш аз ҳама, оид ба экспертиза гуфтан мумкин аст, ки экспертиза – амали мустақили тафтишотӣ аст, ки бо мақсади ҳалли масъалаҳое, ки дар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба миён меоянд ва дониши махсусро дар соҳаҳои илм, техника, фарҳанг, касбу ҳунар талаб мекунанд, гузаронида мешавад. Ташхис (экспертиза) дар мавридҳое таъин карда мешавад, ки дар вақти гузаронидани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ донистани маълумоти махсуси соҳаи илм, техника, санъат ё касбу ҳунар зарур бошад[2, 326]. Экспертиза аз ҷониби шахсоне, ки дар муассисаҳои экспертии мақомоти корҳои дохилӣ, адлия, тандурустӣ кор мекунанд, ё дигар шахсоне, ки дар ҳалли масъалаҳои барои тафтишот ва суд манфиатдошта салоҳият доранд, гузаронида мешавад.

Экспертизаи комплексӣ дар ҳолатҳое таъин карда мешавад, ки барои таҳқиқоти онҳо маълумотҳо аз соҳаҳои гуногуни дониш (илм, касбу кор, фарҳанг, технология) зарур бошанд. Экспертизаи комплексӣ аз тарафи коршиносони (экспертони) дорои ихтисосҳои гуногун дар доираи салоҳиятнокии онҳо гузаронида мешавад. Дар хулосаи экспертизаи комплексӣ бояд зикр гардад, ки коршиносон (экспертон) кадом таҳқиқотро дар кадом ҳаҷм анҷом

додаанд ва ба кадом хулоса омадаанд. Ҳар як коршинос (эксперт) ҳамон қисми хулосаро имзо мекунад, ки дар он таҳқиқоти ӯ инъикос ёфтааст. Агар экспертизаи комплексӣ ба муассисаи экспертӣ супорида шуда бошад, ташкили таҳқиқи комплексӣ ба зиммаи роҳбари он муассиса гузошта мешавад.

Яъне, экспертизаи комплексӣ он экспертизаро мегуянд, ки вай аз тарафи 2 ва аз вай зиёд экспертҳои гуногункасб гузаронида шавад. Масалан, барои муайян кардани ки (аз ду кас) дар мавриди садамаи роҳ автомобилро идора карда буд, экспертизаи комплексӣ гузаронида мешавад, ки истеҳсоли вай ба комиссияи экспертҳо: эксперт-автотехник, эксперти судии тиббӣ ва эксперт-криминалист-пайшинос супорида мешавад.

Экспертизаи комиссионӣ дар ҳолатҳои зарурати анҷом додани таҳқиқоти мураккаби экспертӣ ва аз тарафи якчанд нафар коршиноси (экспертони) дорои як ихтисос (касб) гузаронида мешавад. Экспертизаи комиссионӣ дар ҳолатҳои зарурати анҷом додани таҳқиқоти мураккаби экспертӣ ва аз тарафи якчанд нафар коршиноси дорои як ихтисос (касб) гузаронида мешавад. Дар чунин маврид коршиносон (экспертон) натиҷаҳои ҳосилшударо якҷоя таҳлил мекунанд ва баъд аз ба як ақида омадан хулосаи ягона (ё акт дар бораи имконнопазирии пешниҳоди хулоса) тартиб медиҳанд ва имзо мекунанд.

2. Хулоса ва нишондоди мутахассис ҳамчун далел дар мурофиаи ҷиноятӣ ва фарқияти мутахассис аз коршинос. Хулоса ва нишондоди мутахассис ва коршинос - нисбатан ин ду намуди мустақили далел бо чунин ном дар қонунгузории ҶТ бори аввал дар КМҶ ҶТ соли 2009 пешбинӣ гардидааст.

Моддаи 77 КМҶ ҶТ хулоса ва нишондоди коршиносро ба тариқи зайл пешбинӣ менамояд. “Агар ҳангоми пешбурди тафтиш ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дониши махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ё касбу ҳунар зарур бошад, экспертиза таъин карда мешавад, ки тартиби гузаронидани онро боби 24 Кодекси мазкур муайян намудааст. Хулосаи коршинос барои суд, судя ҳатмӣ нест, вале норизоии онҳо нисбати хулоса бояд асоснок бошад. Коршинос оид ба ҳолатҳое ки аз хулосаи ӯ бармеоянд, пурсида шуданаш мумкин аст”.

Хулосаи коршинос барои тафтишот ва суд ҳатмӣ набуда, дар сурати мавҷуд будани шубҳа мумкин аст экспертизаи такрорӣ таъин карда шавад. Хулоса ва нишондоди мутахассис ба сифати далели мустақил дар КМҶ ҶТ пешбинӣ карда шуда, қонун мафҳуми онро пешбинӣ наменамояд. Дар муқоиса ба КМҶ ҶТ, КМҶ ФР хулоса ва нишондоди коршинос ва мутахассисро дар якҷоягӣ далели мустақил эътироф намудааст[4, м. 80].

Ҳамин тавр, хулосаи коршинос - моҳияти тадқиқот ва хулоса оид ба масъалаҳое, ки дар назди эксперт аз ҷониби шахси пешбари мурофиа ё тарафҳо ба тариқи хаттӣ пешниҳод карда мешавад.

Нишондоди коршинос-маълумоте, ки дар ҷараёни пурсиш баъд аз гирифтани хулоса аз ӯ бо мақсади шарҳ ва муайяннамоии хулосаи ӯ мебошад.

Хулосаи мутахассис - муҳокимае масъалаҳое, ки дар назди ӯ тарафҳо гузоштаанд ба таври хаттӣ мебошад.

Коррупсия яке аз сабабҳои асосии ҷиноятгорӣ буда, дар фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ мушкилоти системавӣ ба вуҷуд оварда, волоияти қонунро халадор месозад [9]. Дар шароити коррупсия одамон аксар вақт ба тақсимоти ноодилонаи захираҳо, худсарии мақомот, поймол гардидани ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ ва дастрасии нобаробар ба имтиёзҳои иҷтимоӣ дучор мешаванд. Ин боиси афзоиши беадолатии иҷтимоӣ мегардад, ки дар навбати худ ба афзоиши сатҳи ҷиноятгорӣ мусоидат мекунад, зеро шаҳрвандон метавонанд барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ ё ҳимояи манфиатҳои худ маҷбуранд қонунро вайрон кунанд.

Коррупсия, инчунин ба рушди иқтисодӣ ва суботи давлат таъсири манфӣ мерасонад. Маблағҳое, ки метавонистанд барои рушди инфрасохтор, тандурустӣ, маориф ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ истифода шаванд, ба дасти мансабдорони ришвахор мегузарад. Ин боиси тезу тунд шудани душвориҳои иҷтимоию иқтисодӣ гардида, барои афзудани ҷиноятгорӣ, аз ҷумла шаклҳои порахӯрӣ, тасарруфи маблағҳои давлатӣ ва сӯиистеъмол кардани ваколатҳо шароити мусоид фароҳам меоварад. Тавре аз нишондиҳандаҳои оморӣ бармеояд, дар солҳои 2013-2019 танҳо аз тарафи мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 12488 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки 9083 адади онро ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд ташкил медиҳанд. Агар дар соли 2013 ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта 1101 ададро ташкил диҳанд, пас ин нишондиҳанда дар соли 2014 ба 1179 ҷиноят, соли 2015 – 1306 ҷиноят, соли 2016 – 1326 ҷиноят, соли 2017 – 1445 ҷиноят, соли 2018 – 1364 ҷиноят ва соли 2019 ба 1362 ҷиноят расидаанд, ки ин нишондиҳандаҳо нигаронкунанда мебошанд. Ҳол он ки аксарияти ҷиноятҳои коррупсионӣ хусусияти латентиро ба худ касб намудаанд.

Омӯзиши сабабу шароитҳои ба содиршавӣ ва афзоиши онҳо мусоидаткунанда нишон дод, ки он дар номукаммалии қонунгузории соҳавӣ, ба таври зарурӣ татбиқ накардани чорабиниҳо, барномаву стратегияҳои давлатии зиддикоррупсионӣ, таъмин нагардидани назорати дурусту саривақтӣ, дарки нокифояи талаботи қонунгузории зиддикоррупсионӣ, ба таври холисона баҳогузорӣ накардани фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории нодурусти кадрҳо ва ғайраҳо ифода мeёбанд.

Барои пешгирии ҳама гуна ҳолатҳои коррупсионӣ, пеш аз ҳама, сарчашмаи пайдоиши он бояд муайян ва ошкор карда шавад. Зеро, бидуни ошкор кардани сабабҳои зуҳури ҳолатҳои коррупсионӣ муқовимат алайҳи ин падидаи номатлуб мушкил мегардад. Воқеан муайян намудани сарчашма имкон медиҳад, ки паҳн ва реша давонидани ҳама гуна ҳолатҳои коррупсионӣ пешгирӣ карда шаванд.

Дар Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карда шуд, ки ташаккул додани маърифати молиявии шаҳрвандон ва баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии татбиқи самараноки сиёсати андозу буҷет, аз ҷумла дар масъалаи гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ барои ноил гардидан ба устувории молиявии давлат ва рушди иқтисодӣ нақши муҳим дорад. Дар ин раванд, то охири соли 2025 пардохтҳои ғайринақдӣ дар соҳаҳои буҷетӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ пурра таъмин карда шаванд. Дар бисёр кишварҳо нишондиҳандаи пардохтҳои ғайринақдӣ 80 – 90 фоизро ташкил медиҳад. Ин яке аз роҳҳои асосии таъмин намудани шаффофияти амалиёти хизматрасонӣ, баҳисобгирӣ ва пешгирии коррупсия мебошад [1].

Барои мубориза бо коррупсия чораҳои ҳамаҷониба ва ҳамоҳангшуда ҷиҳати таҳкими ҳифзи қонун, шаффофияти расмиёти ҳукумат ва таҳкими институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур аст. Ташаккул додани механизмҳои зиддикоррупсионӣ, аз қабили баланд бардоштани сатҳи саводнокии ҳуқуқӣ ва ҷалби шаҳрвандон дар раванди қабули қарорҳо муҳим аст. Танҳо бо ҷидду ҷаҳди якҷояи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба хеле паст шудани дараҷаи коррупсия ва дар натиҷа дараҷаи ҷиноятгорӣ ноил шудан мумкин аст.

3. Дараҷаи пасти саводнокии (маърифати) ҳуқуқӣ. Дарки нокифояи меъёрҳои ҳуқуқии аҳолӣ боиси содир шудани ҷиноят мегардад. Дараҷаи пасти саводнокии ҳуқуқӣ мушкилоти ҷиддиест, ки боиси афзоиши ҷиноятгорӣ мегардад ва барои фаъолияти самараноки низоми ҳуқуқӣ монеа эҷод мекунад. Шахсоне, ки дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ маълумоти кофӣ надоранд, метавонанд ҷиддияти кирдори худ ё оқибатҳои амали худро нафаҳманд, ки он хавфи вайрон кардани қонунро зиёд мекунад. Набудани донишҳои ҳуқуқӣ шаҳрвандонро низ ба сӯиистифода, фасод ва дигар шаклҳои

сӯиистифода осебпазир мегардонад. Илова бар ин, сатҳи пасти саводнокии ҳуқуқӣ дастрасӣ ба адолатро бозмедорад. Одамоне, ки бо расмиёти ҳуқуқӣ шинос нестанд ё чӣ гуна ҳимояи ҳуқуқҳои худро намедонанд, аксар вақт дар ҳолати ногувор қарор мегиранд. Ин метавонад боиси қабули қарорҳои ноодилонаи судӣ, нотавонӣ аз ҳуқуқҳои худ ва афзоиши норозигӣ аз низоми ҳуқуқӣ ва умуман давлат гардад. Дар чунин шароит нобоварӣ ба адолат метавонад боиси афзудани шиддати иҷтимоӣ ва низоъ шавад.

Барои рафъи мушкилоти пасти саводнокии ҳуқуқӣ тадбирҳои фарогир, аз ҷумла, рушди таҳсилоти ҳуқуқӣ, беҳтар намудани дастрасӣ ба иттилооти ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷомеа заруранд. Дар Паёми Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» барои соли 2023 омадааст, ки "Тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамаи захираву имкониятҳоро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои зикршуда барои соли 2024, ки сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд". Ба хотири гиромидошти ин санаи муҳимми таърихӣ соли 2024-ро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд. Бояд гуфт, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад. Ҳамзамон, таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ва таъмин намудани волоияти қонун ҳамчун меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ баромад менамоянд [2].

«Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018 таҳти рақами №1005 тасдиқ ва мавриди амал қарор дода шуд [5]. Дар Консепсия қайд шудааст, ки "Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрванд, ки бевосита аз сифат ва дастрасии иттилооти ҳуқуқӣ вобаста мебошад, метавонад ба боло рафтани эҳтиром нисбат ба қонун ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи асосӣ ва калидии батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ, паст шудани сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ, инчунин дар ботини шахс ба вуҷуд овардани эътиқод ба рафтори ҳуқуқӣ, ташаккули масъулият оид ба итоат кардан ба муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат намояд ва шаҳрванд худро дар ҷомеа комилан озод ва бехатар эҳсос намояд.

Сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, № 94 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» амалӣ карда мешавад.

Таҳлили ҳолати муосири фарҳанги ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар ин самт ба инобат гирифтани шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва тамоюлҳои нав зарур аст. Бо мақсади бартараф намудани мушкилоти маҷмӯӣ дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти маърифатнокии ҳуқуқӣ зарурати тағйир додани муносибатҳо мавҷуд аст [6, 313-325.]. Дар робита бо ин нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар маърифатнокии ҳуқуқӣ ва фаъолияти маърифатпарварии хусусияти иттилоотӣ-ташвиқотидошта бояд баланд бардошта шавад, зеро имрӯз ташаккули сатҳи баланди маърифатнокии ҳуқуқӣ бе иштироки фаъолонаи ҷомеаи шаҳрвандӣ, тамоми хизматчиёни давлатӣ ва ҷомеаи ҳуқуқшиносони ҷумҳурӣ номумкин аст. Аз ин рӯ, дар ин самт тағйироти куллӣ, ки дигаркунии ҷиддии модели институтсионалиро дар татбиқи сиёсати маърифатнокии ҳуқуқӣ талаб менамояд, зарур аст. Ҳамчунин маърифатнокии ҳуқуқӣ бояд талаботи гурӯҳҳои мақсаднокро ба инобат гирифта, расмиёти баҳодиҳии сифат ва натиҷанокии ин фаъолиятро пешбинӣ намояд.

Дар замони муосир муҳимтарин роҳи баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ин баланд бардоштани маърифатнокии онҳо ва истифодаи имкониятҳои онҳо дар ҷустани чораҳои ҳуқуқӣ ҳангоми танзими низоъҳои ҷамъиятӣ мебошад. Бахусус донистан ва фаҳмидани самаранокии расмиёти ғайрисудӣ ва тосудии танзими баҳсҳо рафтори махсусро оид ба амалигардонии воситаҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа ташаккул хоҳад дод. Дар натиҷа тафаккури ҳуқуқии ҷомеа ташаккул ёфта, дар навбати худ нигоҳи ҷомеаи Тоҷикистонро

куллан тағйир медиҳад [7]. Аз ин лиҳоз тарғиби воситаву механизмҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа бояд яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифатнокии ҳуқуқӣ гардад. Ҳамин тавр, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон дар заминаи муносибатҳои пайвастаи низомнок натиҷаи самаранок медиҳад.

Мубориза бо хурофот ва ҷаҳолат, ки дар шароити муосир аҳамияти хоса пайдо кардааст, яке аз вазифаҳои муҳим ва рисолати шаҳрвандии ҳар як фарди ватандӯсти тоҷик аст. Хурофот ва ҷаҳолат зуҳуроте ҳастанд, ки аз бесаводӣ, бемаърифатӣ ва надоштани сатҳи зарурии донишҳои замонавӣ бавуҷуд меоянд. Ин падидаҳои манфӣ боиси коҳиши сатҳи пешравии иҷтимоиёт ва афзоиши паҳншавии таассуб дар давлату ҷомеа мегарданд. Дар ҷаҳони имрӯза, ки бо таҳаввулоти босуръати илмӣ ва иҷтимоӣ ҳамроҳ аст, ҷомеае, ки ба хурофот дода мешавад, наметавонад ба рушди устувор ва суботи миллӣ ноил гардад.

Бесаводӣ ва бемаърифатӣ, ки решаи асосии ҷаҳолат аст, инсонро аз дарки воқеият ва арзишҳои инсонӣ маҳрум месозад, ҳолати мазкур боиси афзоиши бадбинӣ, нафрат ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ мегардад. Тамаъ ва дигар ҳирсу ҳавасҳои ношоиста низ аз ҷаҳолат маншаъ мегиранд, зеро шахси ноогоҳ наметавонад эҳтиёҷоти воқеӣ ва маънавии худро дуруст шиносад ва идора кунад. Ҷаҳолат инсонро ба роҳҳои хато мебарад, ки дар онҳо адолати иҷтимоӣ поймол мегарданд. Ҳамин тариқ, ҷаҳолат на танҳо ба шахс, балки ба тамоми ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад, зеро он решаи аксари мушкилот ва ҷиноятҳо мебошад. Роҳи ягонаи халосӣ аз ин иллатҳо донишандӯзӣ ва тарғиби маърифат дар ҷомеа мебошад. Дар мавриди аз ҷаҳолат озод шудани инсон, дили ӯ аз кина пок мегардад, ҳасад ба эҳтиром табдил меёбад, ва тамаъ ҷойро ба қаноат ва инсоф медиҳад. Ҳамин аст роҳе, ки ҷомеаи инсонӣ метавонад ба суботи маънавӣ ва адолат ноил гардад.

Барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад аст: ҷоннок кардани корҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ дар асоси ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектони тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ; таъмини мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо нашрияи расмии иттилоотӣ-ҳуқуқӣ; ба таври васеъ ба аҳолӣ дастрас намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба онҳо; таъсис додани сомонаи ягонаи миллӣ бо ҷойгир кардани тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; такмил додани механизми коркарди мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун унсури муҳими баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар асоси ворид кардани дастовардҳои нави илму технология, пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ. Бо мақсади иҷрои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-уми ноябри соли 2019, таҳти рақами №599 “Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030” қабул шуд.

Муҳим аст, ки саводнокии ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи барномаҳои таълимӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ гардидааст, ки ин боиси коҳиши ҷиноятҳорӣ ва таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ мегардад.

4. Муҳоҷирати меҳнатӣ. Муҳоҷирати оммавии меҳнатӣ, махсусан, дар байни ҷавонон, боиси парокандагии иҷтимоӣ мегардад, ки метавонад ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар байни муҳоҷирони берун аз ҳудуди он ҷиноятҳориро ба амал орад. Муҳоҷирати меҳнатӣ раванди интиқоли қувваи корӣ аз як кишвар ба кишвари дигар бо мақсади дарёфти даромад ва шароити беҳтари корӣ мебошад. Дар кишварҳои дорои мизони муҳоҷирати корӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон, муҳоҷирон аксаран бо як қатор мушкилот, аз ҷумла, сатҳи пасти ҳифзи иҷтимоӣ, табъиз ва истисмор дар ҷои кор рӯбарӯ мешаванд. Ин шароит метавонад шиддати иҷтимоиро афзоиш диҳад ва ба афзоиши ҷиноятҳорӣ ҳам дар байни худи муҳоҷирон ва ҳам дар ҷомеаҳои қабулкунанда мусоидат кунад. Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз сабабҳои асосии ҷиноятҳорӣ ба шумор меравад, бахусус, дар кишварҳое, ки сатҳи баланди бесуботии иқтисодӣ ва имкониятҳои шуғли маҳдуд доранд [10]. Дар ҷустуҷӯи зиндагии беҳтар одамон аксар вақт оилаҳо ва ҷомеаҳои худро тарк карда, ба хориҷа мераванд. Муҳоҷирон, ки аз муҳити маъмулии иҷтимоии худ ҷудо шудаанд ва дастгирӣ надоранд, метавонанд дар як ҳолати осебпазир қарор гиранд, ки баъзан боиси даст доштан дар фаъолияти ҷиноятӣ дар кишвари худ ё дар кишвари иқомат мегардад.

Илова бар ин, муҳоҷирати меҳнатӣ аксаран бо мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ, аз қабили канда шудани робитаҳои оилавӣ, бад шудани шароити зиндагӣ, фишори равонӣ ва табъиз рӯ ба рӯ мешавад. Ҳамаи ин барои пайдоиши рафтори

девиантӣ ва шомилшавии муҳоҷирон ба шабакаҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла муомилоти ғайриқонунии моводи мухаддир, фаъолияти ғайриқонунӣ ва дигар намудҳои ҷинояткорӣ хатарҳои иловагӣ ба миён меорад. Муҳоҷирони бозгашта метавонанд бо мушкилоти ҳамгирой ба ҷомеа рӯбарӯ шаванд, бахусус, агар онҳо роҳҳои қонунии беҳбуди вазъи молии худро наёфта бошанд.

Ҳалли мушкилоти муҳоҷирати меҳнатӣ муносибати маҷмуиро, аз ҷумла, беҳтар намудани шароити иқтисодӣ дар кишвар, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, инчунин, таъмини муҳоҷирон бо ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар тақозо мекунад. Муҳим аст, ки барномаҳое таҳия карда шаванд, ки ба ҳамгироии муҳоҷирон, мутобиқ кардани онҳо ба муҳити нави иҷтимоӣ, инчунин дастгирии оилаҳои дар ватани худ боқӣ мондаанд. Ин тадбирҳо ба коҳиши сатҳи ҷиноятҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва таҳкими суботи иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

5. Мунокишаҳои минтақавӣ ва бесуботӣ. Вазъиятҳои печидаи геополитикӣ дар кишварҳои ҳамсоя ва низоъҳои минтақавӣ метавонанд ба амнияти дохилии Тоҷикистон таъсир расонанд. Ноамнӣ дар кишвари ҳамсоя метавонад ба ҷиноятҳои фаромарзӣ, аз қабили қочоқи силоҳ ва моводи мухаддир оварда расонад, ки дар навбати худ ба вазъи ҷинояткорӣ дар дохили кишвар таъсир мерасонад. Ҳамчунин, ноустувории сиёсӣ ва низоъҳо метавонанд ба афзоиши шумораи гурезаҳо ва муҳоҷирони дохилӣ мусоидат кунанд, ки вазъи ҷинояткориро печидатар созад.

Бо мақсади таҳкими мубориза бар зидди ҷиноятҳои хавфноки муосир терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, савдои одамон, коррупсия, дигар ҷинояткории муташаккилона ва фаромилӣ зарур аст, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамкориро бо мақомоти марбутаи дигар кишварҳо таҳким бахшад. Ҷиҳати софдилона иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ бояд дорои таҳсилоти зарурии касбӣ, сифатҳои кордонию ташаббускорӣ, ҳисси баланди ватандорию ифтихори миллӣ буда, талаботи қонунҳо ва оинномаҳои хизматии худро бечунучаро риоя намоянд.

6. Набудани дастгирии равонӣ ва ёрии равонӣ. Набудани дастгирии равонӣ ва ёрии равонӣ дар Тоҷикистон яке аз масъалаи муҳим ва дар айни замон ҳассос аст, ки метавонад ба вазъи умумии ҷомеа, аз ҷумла, ба афзоиши ҷинояткорӣ, таъсири ҷиддӣ расонад. Масъалаҳои равонӣ, ба монанди стресс, депрессия, изтироб ва мушкилоти дигари равонӣ метавонанд боиси рафторҳои номатлуб ва ҳатто ҷинояткорӣ шаванд. Дар шароите, ки дастрасӣ ба равоншиносон ва марказҳои ёрии равонӣ маҳдуд аст, ин мушкилот бештар намоён мегардад. Омилҳои асосии мушкилоти равонӣ ва набудани ёрии равонӣ дар Тоҷикистон чунин буда метавонанд[8]:

– норасоии равоншиносон ва мутахассисони соҳаи равонӣ. Яъне шумораи ками равоншиносон ва равонпизишкон дар Тоҷикистон, махсусан дар минтақаҳои дурдаст, боиси он мегардад, ки аксарияти мардум ба ёрии равонӣ дастрасӣ надоранд. Дар натиҷа, шахсоне, ки ба мушкилоти равонӣ рӯбарӯ ҳастанд, наметавонанд кӯмаки касбиро сари вақт дастрас кунанд;

– набудани фаҳмиш ва маърифати кофӣ дар бораи саломатии равонӣ. Дар ҷомеаи имрӯза, масъалаҳои равонӣ то ҳол ҳамчун мавзуи ҳассос боқӣ мемонанд, ва бисёр одамон аз истифодаи кӯмаки равонӣ худдорӣ мекунанд. Маърифати нокифоя дар бораи аҳамияти саломатии равонӣ боиси он мегардад, ки шахсон ба табобати ин масъалаҳо кам таваҷҷуҳ кунанд;

– набудани марказҳои ёрии равонӣ ва барномаҳои дастгирии равонӣ. Дар Тоҷикистон шумораи марказҳои ёрии равонӣ ва дастгирии равонӣ ҳоло ҳам нокифоя аст. Ин марказҳо метавонанд ба шахсони дар ҳолати мушкил қарор дошта ёрӣ расонанд ва онҳоро аз рафторҳои номатлуб дур нигоҳ доранд, вале набудани чунин марказҳо вазъиятро мураккаб мекунад;

– фишорҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, бахусус фақр ва бекорӣ, ба ҳолати равонии инсонҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Дар шароите, ки шахс натавонад ба муваффақиятҳои иқтисодӣ даст ёбад ё барои нигоҳ доштани оилаи худ заҳмат кашад, эҳсоси ноумедӣ ва стресс метавонад бар ӯ ҳукмфармо гардад. Набудани дастгирии равонӣ дар ин ҳолат метавонад шахсро ба рафторҳои ҷинояткорона ё номатлуб таҳрик диҳад.

Набудани ёрии равонӣ дар ҳолатҳои зиёде боиси он мегардад, ки шахсоне, ки ба мушкилоти равонӣ дучор гардидаанд, роҳи ҳалли дуруст пайдо карда наметавонанд. Ин ҳолат метавонад ба афзоиши сатҳи ҷинояткорӣ, истеъмоли моводи мухаддир, зӯроварӣ дар оила ва дигар мушкилоти иҷтимоӣ сабаб шавад. Ҳамчунин, нарасидани дастгирии равонӣ метавонад ба саломатии умумии ҷомеа ва сатҳи истеҳсолоти иқтисодӣ таъсири манфӣ расонад,

зеро шахсони дорои мушкилоти равонӣ наметавонанд пурра дар ҷомеа ва иқтисодиёт саҳм гузоранд. Барои ҳалли ин мушкилот андешидани чораҳои зарурӣ барои беҳтар намудани ёрии равонӣ заруранд ва ин чораҳо чунин буда метавонанд:

– омода намудани мутахассисон ва афзоиши шумораи равоншиносон дар ҳама ҷойҳое, ки зиёда аз 100 нафар шахсон кору фаъолият мекунанд;

– таъсиси марказҳои ёрии равонӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар;

– гузаронидани маъракаҳои маърифатӣ барои баланд бардоштани огоҳии аҳолӣ дар бораи аҳамияти саломатии равонӣ;

– таҳияи барномаҳои дастгирии равонӣ дар мактабҳо ва муассисаҳои таълимӣ.

Бо татбиқи ин чораҳо, давлат метавонад дастрасии мардум ба ёрии равониро беҳтар намуда, сатҳи ҷиноятkoриро коҳиш диҳад ва ба беҳтаршавии вазъи иҷтимоӣ ва саломатии умумии ҷомеа мусоидат намояд.

7. Муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир (нашъаовар) ва нашъамандӣ. Тамоюли дигари ҷинояткорӣ дар 5 соли охир вусъатёбии ғайриқонунии маводи нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз муомилоти ғайриқонунӣ ҳар сол миқдори калони маводи нашъаовар ёфта мусодира карда мешавад. Мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон, ки дар масири транзити маводи мухаддир аз Афғонистон ҷойгир аст, барои рушди қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои марбут ба он шароит фароҳам меорад.

Муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир (нашъаовар) ва нашъамандӣ падидаҳои ба ҳам алоқаманданд, ки ба ҷомеа таъсири харобиовар мерасонанд. Қочоқи маводи мухаддир боиси паҳншавии густурдаи маводи нашъаовар мегардад, ки дар навбати худ ба афзоиши шумораи нашъамандон мусоидат мекунад. Ин раванд як ҳалқаи мустаҳкамро ба вуҷуд меорад, ки дар он талабот ба маводи мухаддир таъминоти онҳоро ҳавасманд мекунад ва дастрасӣ ба маводи мухаддир шумораи нашъамандонро зиёд мекунад.

Муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир (нашъаовар) аксар вақт бо зӯроварӣ, ҷиноятkoрии муташаккилона ва фасод алоқаманд мебошад. Он ба амнияту суботи ҷомеа хатари ҷиддӣ эҷод карда, сохторҳои иҷтимоию иқтисодиро хароб мекунад. Маводи мухаддир сабаби ҷиноятҳои вобаста ба истеҳсол, тақсим ва истеъмоли он мегардад, инчунин, шумораи ҷиноятҳои нашъамандонро дар ҷустуҷӯи маблағ барои харидани вояи навбатӣ зиёд мекунад.

Нашъамандӣ на танҳо саломатӣ ва ҳаёти одамонро хароб мекунад, балки ба оила, кор ва муносибатҳои иҷтимоии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Нашъамандӣ боиси таназзули шахсият, вайрон шудани меъёрҳои иҷтимоӣ ва гум шудани арзишҳои ахлоқӣ мегардад. Дар натиҷа нашъамандон иштирокчии кирдорҳои ҷиноятӣ мегарданд, ки ин боиси афзоиши ҷиноятkoрӣ дар ҷомеа мегардад. Масалан, танҳо дар натиҷаи амалишавии Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, идораҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, назорати муомилоти қонунии онҳо, пешгирии нашъамандӣ ва табобату офиятбахшии беморони нашъамандӣ баланд гардида, чораҳои зерин амалӣ карда шуданд:

а) аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ 6664 ҷинояти марбут ба маводи нашъаовар ба қайд гирифта, аз муомилоти ғайриқонунӣ 33 тоннаю 210 килограмму 65 грамм маводи нашъаовар мусодира гардид. Аз ҷумла, 2 тоннаю 261 килограмму 523 грамм героин, 7 тоннаю 850 килограмму 592 грамм афюн, 23 тоннаю 45 килограмму 466 грамм гурӯҳи бангдона ва 52 килограмму 484 грамм дигар намуди маводи нашъаовар мебошанд. Ҳамчунин 68 ҳазору 787 адад ҳабҳо ва 81 килограмму 757 грамм моддаҳои психотропӣ ошкор ва мусодира карда шудааст;

б) тибқи маълумоти оморӣ шумораи содиршавии ҷиноятҳои марбут ба маводи нашъаовар ба таври назаррас коҳиш ёфта, аз 936 ҷинояти соли 2013 ба 700 ҷиноят дар соли 2020 расид;

в) мусодираи маводи нашъаовар ба таври ҷиддӣ коҳиш ёфта, аз 6 тоннаю 686 килограмм дар соли 2013 ба 2 тоннаю 425 килограмм дар соли 2020 расид;

г) фаъолияти 53 гурӯҳи муташаккили ҷиноятии фаромиллӣ ошкор ва қатъ карда шуда, 115 нафар аз ҳисоби саркарда ва аъзоёни фаъоли онҳо ба ҳабс гирифта шуданд;

д) миқдори зиёди маводи нашъаовари тариқи қочоқ ба Тоҷикистон воридшуда дар ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистон бо Афғонистон мусодира мегарданд. Масалан, аз 33 тоннаю 210 килограмму 65 грамм маводи нашъаоваре, ки тӯли солҳои 2013-2020 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира гардидаанд, 18 тоннаю 179 килограмму

367 грамм ва ё 54,7 фоизи онҳо ба ноҳияҳои наздисарҳадӣ рост меояд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон ба воридшавии моводи нашъадор ба дохили ҷумҳурӣ ва минбаъд интиқоли он ба дигар кишварҳо садди устувор гузоштааст;

е) дастгиршавии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар барои содир намудани ҷиноятҳои марбут ба маводи нашъаовар ва мусодираи маводи нашъаовар аз онҳо рӯ ба коҳиш ниҳодааст. Масалан, агар соли 2013 дар хориҷи кишвар 371 нафар шаҳрванди Тоҷикистон дастгир гардида, аз онҳо 1 тоннаю 189 килограмму 921 грамм маводи нашъаовар мусодира шуда бошад, пас дар 9 моҳи соли 2020 205 нафар шаҳрванд дастгир карда шуда, аз онҳо 109 килограмму 663 грамм маводи нашъаовар мусодира гардидааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин давра дастгиршавии шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа 55,2 фоиз ва мусодираи маводи нашъаовар 10,8 маротиба коҳиш ёфтааст;

ё) солҳои охир дар Тоҷикистон коҳишёбии сатҳи нашъамандӣ дар байни аҳолии кишвар ба мушоҳида расида, шумораи нашъамандон аз 7176 нафар дар соли 2013 то 5099 нафар ба ҳолати 1 январи соли 2021 расидааст. Аз теъдоди умумии беморони нашъамандӣ 3714 нафар ё 72,8 фоиз истеъмолкунандагони навъи героин буда, аз ин шумора 2835 нафарашон истеъмолкунандагони героин тавассути сӯзандору мебошанд. Имрӯз дар Тоҷикистон ба ҳар 100 ҳазор аҳолӣ 55 бемори нашъамандӣ рост меояд, ки он назар ба дигар давлатҳо нишондиҳандаи хеле паст аст [11].

Тамоюли болоравии сатҳи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва истифодаи ғайритабиии онҳо, зиёд шудани теъдоди гирифторони вируси норасоии масунияти одам, аз ҷумла, истеъмолкунандагони воситаҳои нашъадор ба солимии аҳолӣ, амният ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонад. Пешгирии нашъамандӣ вазифаи асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи коҳиши талабот ба маводи нашъадор буда, танҳо бо чораҳои мубориза бо истеҳсол, қочоқ ва муомилоти онҳо дар муқовимат ба паҳншавии нашъамандӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гаштан ғайриимкон мебошад. Бинобар ин, беҳтар намудани шароити пешгирӣ ва табобати шахсони мубталои нашъамандӣ талаботи замони муосир аст. Бо мақсади ташкили низоми самараноки муқовимат бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва пешгирии нашъамандӣ Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 амалӣ гардида истодааст.

Ин омилҳо бо ҳам якҷоя амал карда, заминаи мураккаби рушди ҷинояткорӣ дар Тоҷикистонро ба вуҷуд меоранд.

Хулоса: Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар бораи коҳиш додани сабаб ва шароитҳои ҷинояткорӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки муқарраротн зиддикоррупсионӣ, таъмини амнияти иҷтимоӣ ва беҳтар намудани саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ барои пешгирии ҷинояткории муосир муҳим аст. Маърифати ҳуқуқӣ, мубориза бо коррупсия ва ҳал кардани мушкилоти иҷтимоии кишвар, ба махсуси муҳоҷирати меҳнатӣ ва паст гардидани сатҳи ёрии равонӣ, аз омилҳои асосии коҳиш додани ҷинояткорӣ мебошанд. Ташаккул ва татбиқи барномаву стратегияҳои зидди ҷинояткории давлат, ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо ҷомеа, ва таҳкими маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар дарозмуддат ба коҳиш додани шиддати ҷинояткорӣ ва таҳкими суботи иҷтимоии кишвар мусоидат мекунанд.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ (соли 2024) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/49225 (санаи муроҷиат: 04.05.2025).
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ (соли 2023) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/36370 (санаи муроҷиат: 04.05.2025).
3. Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030.
4. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-уми ноябри соли 2019, таҳти рақами №599 тасдиқ шудааст.
5. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028». Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018 таҳти рақами №1005 тасдиқ шудааст.
6. Кудратов Н.А. Некоторые вопросы влияние образования в предупреждении экстремизма // Вестник Таджикского государственного

университета коммерции. – 2022. – № 3(42). – С. 313-325.
7. Кудратов Н.А. Уголовно–правовая охрана основ конституционного строя и безопасности государства: проблемы доктрины, правоприменения и совершенствования законодательства: диссертация на соискание ученой степени доктора юридических наук. – Душанбе, 2021. – 539 с.
8. Қудратов Н.А. Криминология. Қисми умумӣ. - Душанбе: ЭР-граф., 2025. – 455 с.
9. Криминология: учебник для бакалавриата, специалитета и магистратуры / под общ. ред. О.С. Капинус; под науч. ред. В.В. Меркурьева. – 2-е изд. – М.: Издательство Юрайт, 2019. – 1132 с.
10. Криминология: Учебник / Под ред. В.Н. Кудрявцева, В.Е. Эминова. – 5-е изд. – М.: Норма: НИЦ ИНФРА-М, 2022. – 800 с.
11. Хусейнова М.С. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика незаконного оборота наркотических средств по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2021. – 243 с.

**Кудратов Некруз Абдунабиевич** – доктор юридических наук, профессор, Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, начальник управления науки и инноваций E-mail: **nek-kudratov@mail.ru**; **Курбонова Афзуна Азимбаевна** – Таджикский педагогический институт г.Пенджикент, декан факультета педагогики и психологии. E-mail: **afzuna.kurbonova@bk.ru**; **Хабибов Судошан Иззатуллоевич** – Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, старший преподаватель. E-mail: sudoshan@inbox.ru

### Роль Послания Лидера нации в снижении причин и условий преступности в Республике Таджикистан

Послание Лидера Нации, уважаемого Эмомали Рахмона, о снижении причин и условий преступности в Республике Таджикистан привлекает внимание к важнейшим факторам, влияющим на рост преступности. Оно охватывает борьбу с коррупцией, улучшение правовой грамотности населения, а также внедрение различных социально-экономических и психологических мер по снижению уровня преступности в Республике Таджикистан. Послание подчеркивает, что для снижения преступности важно провести анализ и устранение социальных, экономических и психологических факторов, способствующих этому. Темы, поднятые в Послании Лидера Нации, играют важную роль в обеспечении социальной стабильности и развитии правовой культуры в обществе.

**Ключевые слова:** Послание Лидера Нации, причины преступности, коррупция, правовая грамотность, трудовая миграция, психологическая помощь, антикоррупционные программы, правовая культура, социальная стабильность, стратегии противодействия преступности.

**Kudratov Nekruz Abdunabievich** – Doctor of Law, Professor, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Head of the Department of Science and Innovation E-mail: nek-kudratov@mail.ru; **Kurbonova Afzuna Azimbaevna** – Tajik Pedagogical Institute of Penjikent, Dean of the Faculty of Pedagogy and Psychology. E-mail: afzuna.kurbonova@bk.ru; **Khabibov Sudoshan Izzatulloevich** – International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Senior Lecturer. E-mail: sudoshan@inbox.ru

### The role of the message of the Leader of the nation in reducing the causes and conditions of crime in the Republic of Tajikistan

The message of the Leader of the Nation, respected Emomali Rahmon, on reducing the causes and conditions of crime in the Republic of Tajikistan draws attention to the most important factors influencing the growth of crime. It covers the fight against corruption, improving the legal literacy of the population, as well as the introduction of various socio-economic and psychological measures to reduce the level of crime in the Republic of Tajikistan. The message emphasizes that in order to reduce crime, it is important to analyze and eliminate the social, economic and psychological factors that contribute to this. The topics raised in the Message of the Leader of the Nation play an important role in ensuring social stability and developing a legal culture in society.

**Key words:** Message of the Leader of the Nation, causes of crime, corruption, legal literacy, labor migration, psychological assistance, anti-corruption programs, legal culture, social stability, strategies for combating crime.

# ОИД БА НАҚШ ВА МАҚОМИ ПРОКУРАТУРА ДАР НИЗОМИ ТАЪМИНИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ, ОЗОДӢ ВА УХДАДОРИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ

**Муҳаммадиев Изатулло Сайфуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, профессори кафедра; **Юсуфӣ Далер Ҳомидзода -** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, унвонҷӯй.

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва тавассути мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъмин мегарданд. Дар таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд мақомоти прокуратура нақши калидӣ дорад.

Дар мақола, бо дарназардошти гирд овардани андешаҳои олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, нақш ва мақоми прокуратура дар таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудаанд.

**Калидвожа:** Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонун, волоияти қонун, прокуратура, ҳимоя, инсон, шаҳрванд, ҷомеаи демократӣ.

Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ унсури муҳими давлати демократию ҳуқуқбунёд ва падидаи аввалиндараҷаи ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Бо қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бунёди ҷомеаи демократӣ ва давлати иҷтимоӣ пойдеворӣ устувор тарҳрезӣ гардида, инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш ҳамчун бузургтарин арзишҳо шинохта шуданд [1].

Зикр намудан ба маврид аст, ки арзиши олӣ доштани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, инчунин кафолати ҳифзи онҳо нишонаи асосии давлати ҳуқуқбунёд аст, ки Тоҷикистон онро дар сатҳи қонуни асосии худ муқаррар намудааст. Назария ва амалияи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таърихи бисёрасра дошта, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ дар ҳуҷҷатҳову санадҳои гуногун инъикос ёфтааст.

Аз мазмун ва муҳтавои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2023 бармеояд, ки масъалаи таъмини идоракунии демократӣ дар мамлакат, волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва ухдадориҳои инсон ва шаҳрванд, вусъат додан ба имкониятҳои инсон дар замони муосир аҳамияти аввалиндараҷа доранд [5].

Дар таълимоти ҳуқуқшиносӣ оид ба арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳифз намудани онҳо андешаҳои гуногун арзи ҳастӣ намудаанд.

Ҳуқуқи инсон ба андешаи С.С. Алексеев, маҷмуи талабот ва ғояҳои иҷтимоӣ - табиие махсуб мёёбанд, ки тавассути шуур ва ахлоқи шахс ташаккул ёфта, минбаъд дар шакли меъёрҳо ва сарчашмаҳои ҳуқуқ пайдо мешаванд [6, 123].

Ба андешаи олими ватанӣ А.М. Диноршоҳ, ҳуқуқи инсон дар замони муосир, ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва маънавӣ ба категорияи арзишҳои асосии умумибашарӣ мансуб аст [10, ч.3].

Бо ҷонибдорӣ аз гуфтаҳои боло иброз медорем, ки ҳуқуқи инсон яке аз маҳакҳои асосии пешрафти ҷомеаи мутамаддин ва унсурҳои асосии барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд ба шумор меравад. Ҳифз намудани он вазифаи на танҳо давлат, балки тамоми аъзоёни ҷомеа ба шумор меравад. Бо ибораи дигар, асоси ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин намудан ва кафолати амалисозии онҳо ташкил медиҳад, ки он бевосита дар моддаи 14-и Конститутсия муқаррар карда шудааст.

Илова намудан бамаврид аст, ки таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути роҳ ва воситаҳои гуногуни ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ин тарз ва воситаҳоро ҳамчун механизми таъмини ҳимояи ҳуқуқ меноманд.

Ба андешаи олимони назарияи давлат ва ҳуқуқ, механизми ҳимояи ҳуқуқ аз маҷмуи тарз ва воситаҳои амалинамоии ҳуқуқ иборат аст, ки дар ду шакл амалӣ карда мешавад.

Якум, тавассути татбиқи чораҳо ё воситаҳои меъёрӣ – қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва ғайраҳо.

Дуюм, тавассути чораҳои ташкилӣ – оммавӣ, мурофиавӣ, яъне тавассути фаъолияти институтҳои алоҳидаи давлат, мақомоти давлатӣ, ҳокимияти оммавӣ [6, 7, 16].

Бо ҷонибдорӣ аз андешаҳои мазкур иброз медорем, ки дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, нақши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хеле муассир аст ва ҳақ бар ҷониби олими тоҷик аст,

ки менависад: дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд фаъолияти босамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муҳим арзёбӣ мегардад [13, 4].

Дар низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, прокуратура яке аз мақомоти асосии назоратие ба шумор меравад, ки дар таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон ва шаҳрванд дар давлат ҷойгоҳи махсус дорад. Фаъолияти ин мақомот ҳамчун яке аз шохаҳои асосии амаликунандаи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 муқаррар менамояд, ки прокуратура дар самти таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши калидӣ дорад ва тибқи талаботи ин консепсия имрӯзҳо дар доираи қонунгузории амалкунанда такмил додан ва пурзӯр намудани фаъолияти назорати прокурорӣ низ ба миён омадааст [4].

Дар ҳамин асос ибрози андеша дорем, ки дар самти эъмори давлати ҳуқуқбунёд, эътироф гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ, барои мустаҳкамшавии қонуният ва тартиботи ҳуқуқии кишварамон, таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд нақши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, мақомоти прокуратура муҳим аст.

Бояд зикр намуд, ки назорати прокурорӣ, ҳамаи ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳифзиҳуқуқии прокуратураи Тоҷикистон яке аз кафолатҳои муҳими ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, манфиатҳои қонунии шахсони ҳуқуқӣ сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шакли моликияти онҳо ва умуман давлат мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, давлат ва ҷомеа бештар манфиатдор ҳастанд, ки ҳама гуна фаъолияти назоратии прокуратура ҳарчи зиёдтар самаранок гардад, ки воқеан ҳам ба мустаҳкам шудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат намояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини волоияти қонун, пойдории сулҳу осоиш дар мамлакат, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона саҳми босазои худро гузоштааст.

Чи тавре муҳаққиқи тоҷик И.Т. Маҳмудов менависад, дар замони муосир назорати прокурорӣ ҳамчун кафили асосии таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ва ҳамчун яке аз механизмҳои самарабахши таъмини қонуният баромад менамояд [14, 3].

Ба андешаи олимони хориҷӣ, назорати прокурорӣ дар шароити муосир яке аз шаклҳои ягонаи фаъолияти тафтиши оммавӣ ба шумор меравад, ки тавассути он баҳои ҳуқуқии таъмини иҷроиши қонун аз ҷониби аксари иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ дода мешавад [8, 183].

Ба андешаи О.А. Грачёва, О.В. Шутило мақомоти прокуратура ягона мақомоти роҳбарикунандае махсуб меёбад, ки қисмати асосии фаъолияти он маҳз ба таъмини ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд равона карда шудааст [9, 61].

Муҳаққиқи дигар менависад, ки мақомоти прокуратура дар фаъолияти худ тавассути функсияҳои назоратии худ кӯшиш менамояд ҳамеша ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ, шахсони мансабдори онҳо, мақомоти судӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, риоя ва ҳифз карда шаванд. Назорати прокурорӣ ба мақсади пешгирии содиршавии кирдорҳои номатлуб ва маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд низ равона карда шудааст [12, 229].

Воқеан, бо ҷонибдорӣ аз андешаҳои боло иброз медорем, ки бунёди давлати ҳуқуқӣ, барпо намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини волоияти қонун ва иҷроиши якхелаи онҳо бидуни такмили фаъолияти мақомоти назоратӣ оид ба риояи дақиқ, иҷрои якхелаи қонунҳо ғайриимкон аст.

Зикр намудан бамаврид аст, ки масъалаи таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби мақомоти прокуратура дар меъёрҳои моддаи 5 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" низ муқаррар карда шудааст, ки тибқи он мақомоти прокуратура вазифадор аст, ки аз болои риоя намудан ва иҷроиши қонунҳо ҳангоми дар судҳо баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, маданӣ, иқтисодӣ, оилавӣ ва маъмурӣ назорат баранд ва дар баррасии онҳо иштирок намоянд [2].

Яке аз шартҳои зарурии назорати прокурорӣ аз болои риояи тобеияти тафтишӣ дар мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ин дар доираи муқаррароти қонун саривақт аз тарафи прокурор ба амал баровардани ваколатҳои худ ба ҳисоб меравад.

Ба таври қотеъона риоя намудани тобеияти тафтишии парвандаҳои ҷиноятӣ аз тарафи мақомоти таҳқиқ, муфаттишон, кормандони прокуратура кафолати боварибахши огоҳонӣ аз ҳамагуна вайронкунии қонун эътироф гардида, ҳиссиёти ҷавобгарии онҳоро баҳри ба дастории натиҷаҳои мусбӣ дар кушодан ва тафтиши ҷиноятҳо баланд мебардорад.

Дар мавриди иштироки прокурор дар баррасии парвандаҳои маданӣ илова намудан бамаврид аст, ки иштироки прокурор дар мурофиаҳои судӣ доир

ба парвандаҳои мадании, ба амал баровардани назорати прокурорӣ аз болои риояи конунгузории соҳаи мазкур, мавриди баррасии парвандаҳо, ба манфиатҳои шаҳрвандон, давлат ва ҷамъият, пешниҳоди даъво ба судҳои умумӣ ва иқтисодӣ, нисбат ба қарорҳои беасосу ғайриқонунии судҳо овардани эътироз, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро прокурор кафолат дода, ба яке аз самтҳои асосии назорати прокурорӣ табдил ёфтааст.

Ҳалли қонунию одилонаи баҳсҳои маданию иқтисодӣ, саривақт пешгирӣ ва бартараф намудани камбудию нуқсонҳои судӣ, дуруст ба роҳ мондани иҷрои санадҳои судӣ, дар ҳама мавридҳо аз сатҳу сифати баланди назорати прокурорӣ вобаста мебошад.

Ин ҳолатҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки мақом ва нақши назорати прокурорӣ дар таъмини волоияти қонун пас аз қабули Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва як қатор қонунҳои мурофиавии судӣ ба таври назаррас афзудааст. Ногуфта намонад, ки иштироки прокурор дар мурофиаи судӣ ба таъмину иҷрои бечунучарои талаботи қонунгузорӣ равона карда шудааст, яъне баррасии пурра, ҳамаҷониба ва объективонаи (холисонаи) парвандаи мадании аз ҷониби суд, таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, риояи баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва суд, аз рӯи ҳар як парвандаи маданӣ қабули қарори қонунӣ, асоснок ва адолатнок аз ҷониби судҳо таъмин карда мешавад.

Прокуроре, ки дар баррасии парвандаҳои маданӣ дар маҷлиси судӣ иштирок мекунад, моҳияти ҳуқуқӣ ва мавқеи иҷтимоии иштироки худро дар суд ҳамчун кафили асосии волоияти қонун дар амалӣ гардонидани адолат аз рӯи ин парванда бояд дарк намояд ва иҷроиши сифатноки вазифаҳои худро таъмин намояд.

Дар мурофиаи судӣ прокурор мувофиқи қонунгузории мурофиавии маданӣ дар баррасии парвандаҳо маданӣ аз тарафи судҳо иштирок намуда, хулосаи асоснок медиҳад, дар сурати ғайриқонунӣ ва беасос қабул гардидани санадҳои судӣ нисбат ба ҳалномаю таъиноти судҳо, ки хилофи қонунанд, эътироз меоранд. Яъне, дар байни вазифаҳои прокуратура вазифаи иштироки вай дар баррасии парвандаҳои маданӣ дар суд мавқеи хоса дорад.

Мавқеи хоса доштани ин вазифаи прокуратура дар он зоҳир мешавад, ки прокуратура назоратро аз болои фаъолияти суд ба амал намебарорад, ба мустақилият ва ба принсипи холисонаи мурофиаи маданӣ дахолат намекунад. Он ба суд ҳамчун воситаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои дигар шахсоне, ки тибқи қонун ба ин гуна ҳифз эҳтиёҷот доранд муроҷиат мекунад. Прокурорҳое, ки дар мурофиаи судӣ иштирок менамоянд, бояд қатъиян принсипи мустақилияти судҳо ва тобеъ будани онҳо ба қонун риоя намуда, тартиботи дар мурофиаи судӣ муқарраршударо ба инобат гирифта, дар маҷлисҳои судӣ нисбат ба суд ва дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ эҳтиром зоҳир намоянд.

Мувофиқи қонунгузории амалкунанда прокурор ҳуқуқ дорад, ки ба суд бо даъво муроҷиат намояд ё дар баррасии парванда иштирок намояд, агар инро ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва манфиатҳои қонунии ҷамъият ва давлат талаб намояд. Прокурор дар мурофиаи маданӣ иштирок карда, таҳкими қонуният амалӣ менамояд, ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳоро ҳимоя менамояд, бо риояи принсипи мустақилияти судяҳо ва дар мурофиа итоати онҳо танҳо ба қонун барои амалӣ намудани мақсадҳои адолати судӣ мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, зарур дониста мешавад, ки баҳри ба амал татбиқ намудани ин вазифаҳо аз ҷониби ҳар як прокурор маҷмуи воситаҳои ҳуқуқӣ дар таҳкими қонуният, мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ва пешгирӣ намудани онҳо самаранок истифода шуда, ҳуқуқҳои поймолгардидаи шаҳрвандон ва дигар субъектҳои хоҷагидор новобаста аз шакли моликияташон ҳаматарафа ҳимоя карда шаванд.

Оид ба нақши прокурор дар ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни парвандаи маданӣ илова намудан бамарид аст, ки алҳол дар меъёрҳои Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи ин гуна парвандаҳои маданӣ, ки дар он иштироки прокурор ҳатмӣ аст васеъ гардидааст.

Чунончӣ, бо қабули Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар таҳрири нав) моҳи июли соли 2022 иштироки ҳатмии прокурор иловатан дар баррасии парвандаҳои маданӣ оид ба баҳсҳои замин ва алоқаманд ба он ва додани хулоса пешбинӣ гардидааст.

Бо зиёд гардидани ваколатҳои прокурор зимни иштирок дар баррасии парвандаҳои маданӣ, вале то ҳол тибқи талаботи қонунгузории мурофиавӣ ҳуқуқҳои прокурор дар баъзе мавридҳо маҳдуд карда шудааст. Аз ҷумла, бе иштироки прокурори даъватшуда, ки аз вақт ва маҳалли маҷлиси судӣ огоҳ карда шудааст, шуруъ кардан ба баррасии парвандаи маданӣ ба ҳисоб меравад.

Меъёрҳои мазкур моҳиятан, баррасӣ намудани парвандаро бе иштироки прокурор мукаррар намудааст, ки ба ақидаи мо он метавонад ба поймол гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон имконият фароҳам орад.

Барои ҳамин ба андешаи мо, васеъ намудани имкониятҳои прокурор ва иштирокии ҳатмии вай дар баррасии парвандаҳои маданӣ бевосита ба таъмин гардидани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, давлат ва ҷомеа имконият фароҳам оварда, ҳамаҷониба, холисона ва пурра ҳаллу фасл намудани баҳси ҳуқуқиро таъмин менамояд ва дар натиҷа зарурати минбаъд эътироз овардан нисбати амал ё санадҳои ғайриқонунӣ ва беасоси судиро аз байн мебардорад.

Дар баробари ин, зарур мешуморем, ки мақомоти прокуратура дар мавриди амалӣ намудани назорати прокурорӣ ба масъалаҳои зерин диққати аввалиндараҷа зоҳир намояд:

- ҳамоҳангӣ ва ҳамкории мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ташкилоту муассисаҳои давлатию ҷамъиятӣ баҳри баррасии ҳаматарафаи парвандаҳо ва мусоидат дар қабули қарорҳои одилонаи судӣ бояд таъмин карда шавад;

- дар баррасӣ намудани парвандаҳо дар суд, дар мавриди ҳифзи ҳуқуқҳои вайронгардида фаъолнокӣ, истодагарӣ ва сатҳи баланди тахассусии прокурорӣ, малакаи касбии он бояд бо истифода аз таҷриба мунтазам баланд бардошта шавад.

**Адабиёт**


Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйироту иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 126 с.

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрас: URL:http://www.adlia.tj.

Кодекси мурофиаи маданиии ҶТ аз 5 январи соли 2008. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрас: URL:http://www.adlia.tj.

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрас: URL:http://www.adlia.tj.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ шудааст. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрас: URL:http://www.adlia.tj.

Алексеев С.С. Теория права. – М.: Издательство БЕК, 1995. – 320 с.

Выходов А.А. Социально-правовой механизм обеспечения прав личности в современной России: теоретико-правовое исследование: дис. … канд.юрид.наук. 12.00.01. – Орел, 2013. 196 с.

Воронин О.В. О сущности современного прокурорского надзора // Уголовная юстиция. – 2018. – № 11. – С. 183-189.

Грачёва О.А. Шутило О.В., Матушкин П.А. К вопросу об определении роли современной российской прокуратуры как основного правозащитного механизма в правовом государстве // ВЭПС. - 2021. - №4. – С. 60 – 64.

Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан [Текст]: дис. … д–ра юрид. наук:12.00.02. – М., 2015. – 535 с.

Инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши меҳварии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Захираи электронӣ: Дасстрасӣ аз: https://mort.tj/ (санаи муроҷиат: 20.02.2025).

Лембик Б.В. Роль органов прокуратуры в сфере защиты прав и свобод человека и гражданина ДАНИНА // Вестник науки. - 2024. - №5. – С. 229 – 236.

Мухаммадиев И.С. Теоретические и исторические аспекты борьбы с преступностью в условиях военного положения (на примере деятельности органов прокуратуры в годы ВОВ 1941 – 1945). Уч. пособие. – Худжанд, 2024. – 210 с.

Махмудов И.Т. Теоретические основы и научно-практические проблемы прокурорского надзора за исполнением законов в оперативно-розыскной деятельности: по материалам Республики Таджикистан: автореф. дис. … канд. юрид. наук. 12.00.11. – Москва, 2008. - 37 с.

Права человека: энциклопедический словарь: [А-Я] / отв. ред. С.С. Алексеев. - Москва: Норма, 2009 (Казань: ПИК Идел-Пресс). - 654 с.

Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Сино», 2018. – 784 с.



**Мухаммадиев Изатулло Сайфуллоевич** -доктор юридических наук, Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, профессор кафедры теории и истории государства и права; **Юсуфӣ Далер Ҳомидзода -** Таджикский

государственный университет права, бизнеса и политики, соискатель.

**О роли и месте прокуратуры в системе обеспечения защиты прав, свобод и обязанностей человека и гражданина: теоретические аспекты**

Права и свободы человека и гражданина реализуются непосредственно. Они определяют цель, содержание и реализацию законов, деятельность органов законодательной, исполнительной власти, органов местного самоуправления и обеспечиваются правоохранительными органами. В обеспечении защиты прав, свобод и законных интересов человека и гражданина, ключевую роль играет органы прокуратуры.

В статье с учетом мнений отечественных и зарубежных ученых и исследователей рассматриваются и анализируются роль и место органов прокуратуры в обеспечении защиты прав, свобод и законных интересов человека и гражданина.

**Ключевые слова:** Конституция, Республика Таджикистан, закон, верховенства закона, прокуратура, охрана, человек, гражданин, гражданское общество.

**Mukhammadiev Izatullo Saifulloevich** - Doctor of Law, Tajik State University of Law, Business and Politics, Professor of the Department of Theory and History of State and Law; **Yusuf Daler Omidzoda** - Tajik State University of Law, Business and Politics, candidate.

**On the role and place of the Prosecutor's Office in the system of ensuring the protection of human and civil rights, freedoms and duties: theoretical aspects**

The rights and freedoms of man and citizen are realized directly. They determine the purpose, content and implementation of laws, the activities of legislative and executive authorities, local government bodies and are ensured by law enforcement agencies. In ensuring the protection of the rights, freedoms and legitimate interests of a person and citizen, the prosecutor's office plays a key role.

The article, taking into account the opinions of domestic and foreign scientists and researchers, examines and analyzes the role and place of the prosecutor's office in ensuring the protection of the rights, freedoms and legitimate interests of a person and citizen.

7. Закон Республики Таджикистан «О Национальном банке Таджикистана» (В редакции Законов Республики Таджикистан от 26.07.2014г., №1112; 2014.-№1113; 2018.-№1548; 2019.-№1645; 2020. №1721). URL: https://mmk.tj/search/node/% (Дата обращения 1.07.2023).

8. Закон Республики Таджикистан «О принятии Налогового кодекса Республики Таджикистан» от 23 декабря 2021 г., №1844. URL: https://mmk.tj/search/node/%(дата обращения 27.06.2023 г.)

9. Закон Республики Таджикистан «О проверках деятельности хозяйствующих субъектов в РТ» от 25 декабря 2015г., №1269. URL: https://mmk.tj/search/node/%(дата обращения 19.07.2023 г.)

10. Закон Республики Таджикистан «О счётной палате Республики Таджикистан» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. -2011. -№6, ст. 460.

11. Закон Республики Таджикистан «О финансовом управлении и внутреннем контроле в государственном секторе» //Ахбори Маджлиси Республики Таджикистан. -2010. - №7, ст. 558.

12. Закон Республики Таджикистан «Об иных обязательных платежах в бюджет» //Ахбор Маджлиси Оли Республики Таджикистан. -2006. -№ 7, ст. 345; 2009. -№ 5, ст.327; 2010. -№1, ст.3; 2011.-№12, ст.848; 2013. -№3, ст. 191.

13. Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» (в редакции Закона РТ 19.07.2019 г. №1632, от 23.12. 2021 г. №1820). URL: https://mmk.tj/search/node/%(дата обращения 15.07.2023 г.)

14. Закон Республики Таджикистан от 07 декабря 2022 г., №1916 «О Государственном

бюджете Республики Таджикистан» на 2023г. (с изменениями 22.06.2023г.) https://ncz.tj/content/

15. Закон Республики Таджикистан «О рынке ценных бумаг» //Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2011. -№6, ст. 456; 2014.-№3, ст.151.

16. Конституционный закон Республики Таджикистан «О Маджлиси Оли Республики Таджикистан» //Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. -2000. -№ 4, ст.108; 2004. -№ 5, ст. 351; 2007. №5, ст.351; 2008. -№10, ст.796; 2010. -№7, ст. 539, -№12, ч-1, ст. 801; 2011. -№12, ст.830; 2013. -№3, ст.178; -№7, ст.499.

1. Конституционный закон Республики Таджикистан «О местных органах государственной власти» //Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. -2004. -№5, ст. 339; 2006. -№11, ст 472; 2009. -№12, ст.814; 2010. -№12, ч-1, ст. 800; 2013. -№3, ст.179; №7, ст.500.

2. Конституционный Закон Республики Таджикистан «О Правительстве Республики Таджикистан» //Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. -2001. № 4, ст. 215; 2003. №4, ст. 152; 2008. №1, ч. 1, ст. 1; 2009. №12, ст.813.

3. Концепция правовой политики Республики Таджикистан на 2018-2028 гг. Утвержден Указом Президента РТ от 6 февраля 2018г, №1005. URL: https://www.mmk.tj [Электронный ресурс дата обращения 15.07.2023г.]

4. Ленин В.И. Полн. собр. соч. – М.: Прогресс, 1984. - Т.33. – С. 201.

5. Маркс К. Критика Готской программы // Маркс К. и Энгельс Ф. Сочинения. 2-е изд. Т. 19. – С . 19.

6. Плеханов Г.В. О материалистическом понимании истории. [Электронный адрес: http://www.revolucia.ru/plehanov_o_mater_ponimanii_istorii.html], (дата обращения: 12.10.2022 г.).

7. «Стратегия управления фискальными рысками государственных предприятий на 2016-2020 гг.» от 15 сентября 2016 г., №755. https://www.mmk.tj [Электронный ресурс], (дата обращения 15.07.2023 г.)

8. Таможенный кодекс Республики Таджикистан. В редакции Закона РТ от 3.03.2006г., №169; 2007.-№319; 2008.-№401; 2008.-№437; 2011.-№747; 2012. -№800; 2012. -№845, 2012.-№874; 2012. -№881; 2012. -№906; 2013.-№1035; 2015. -№ 1189; 2016. -№1298; 2016. -№1347; 2016.-№1366; 2017. -№1421; 2017. -№1422; 2018. -№1512; 2018. -№1545, 2019. -№1600; 2019. -№1621; 2020. -№1678; 2020. -№1746; 2021.-№1768; 2022.-№1868; 2022. -№1906.

9. Тахиров Ф.Т. Значение нормативно-правовых актов XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан в становлении демократического государства в Таджикистане //Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. - Душанбе, 2009. – С. 176-177.

10. Финансовое право : учеб. пособие / Д.В. Нёфедов [и др.]. – СПб.: Изд-во Политехн. ун-та, 2013. – 400 с.

11. Хаитов С.П. Становление и развитие налогового законодательства в Таджикистане (вторая половина XIX - начало XXI вв.). Дис. … канд. юрд. наук. – Душанбе, 2011. – 208 с.

**Ҳаитов Саидали Поргиевич -** номзади илмҳои ҳуқуқ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, дотсент. E- email. saidali.66@ list.ru

## Таркиби қонунгузории молиявӣ ҳамчун заминаи сиёсати молиявӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аҳамиятнокии мақола зоҳир менамояд, ки аз дида баромадани равишҳои мавҷуда ба сохтори қонунгузории молиявӣ, ҳамчун асоси сиёсати молиявию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи тағйир ёфтани манбаъҳои ҳуқуқи молиявӣ, баланд бардоштани нақши танзимкунандаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста аст.

Мақсади ин мақола аз таҳлили умумии назариявии мафҳум, аломатҳо, функсияҳо, намудҳои санадҳои меъерии ҳуқуқӣ, ҳамчун манбаи ҳуқуқи молиявии Тоҷикистон, сиёсати ташаккулёфтаи молиявию ҳуқуқии кишвар мебошад.

Санадҳои меъёрии дорои иерархияи худ дар қонунгузории молиявӣ ба хотири танзими муносибатҳо дар соҳаи ҳуқуқи молиявӣ равона карда шудаанд. Хусусияти фарққкунандаи санадҳои меъерию ҳуқуқӣ асосан хусусияти оммавии онҳо мебошад, зеро ҷонибҳои он институтҳои ҷамъиятӣ (давлат, мақомоти алоҳидаи он Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андоз, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ) мебошанд. Ин санадҳо ба қонеъ кардани манфиатҳои ҷамъиятӣ равона карда шудаанд.

Дар мақола намудҳои гуногуни санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон, ки муносибатҳои молиявию ҳуқуқиро танзим мекунанд, яъне қонунҳо, меъёрҳои қонунӣ, санадҳои маҳаллӣ, шартномаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қоидаҳо баррасӣ карда мешаванд

**Калидвожаҳо:** қонунҳо, таҳлили умумии назариявии мафҳум, аломатҳо, функсияҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, давлат, қонунгузории молиявӣ, қонеъ кардани манфиатҳои ҷамъиятӣ, ҳуқуқҳои молиявӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ,

мақомоти алоҳидаи давлатӣ, иерархияи қонунгузорӣ, сиёсати молиявӣ-ҳуқуқӣ.

**Khaitov Saidali Porgievich -** candidate of juridical sciences, The Tajik state university of Finance and Economics, associate Professor. E-mail:saidali.66@list.ru

**The structure of financial legislation as the basis of the financial and legal policy of the Republic of Tajikistan**

The relevance of the article is due to the revision of existing approaches to the structure of financial legislation, as the basis of the financial and legal policy of the Republic of Tajikistan against the backdrop of changing sources of financial law, increasing the regulatory role of regulatory legal acts.

The purpose of this article is a general theoretical analysis of the concept, features, functions, types of regulatory legal acts as a source of financial law in Tajikistan, the emerging financial and legal policy of the country.

Regulatory acts that have their own hierarchy in financial legislation are focused on regulating relations in the field of financial law.

A distinctive feature of regulatory legal acts is their predominantly public nature, since its parties are public institutions (the state, its individual bodies of the Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan, the Tax Committee, the Customs Service under the Government of the Republic of Tajikistan, the National Bank of Tajikistan, local government bodies). These acts are aimed at satisfying public interests.

The article discusses various types of regulatory legal acts of Tajikistan regulating financial and legal relations, namely laws, by-laws, local acts, international legal treaties, business rules.

**Keywords:** laws, general theoretical analysis of the concept, signs, functions, normative legal acts, the state, financial legislation, satisfaction of public interests, financial law, local governments, individual state bodies, legislative hierarchy, financial and legal policy.

МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ – 3 (55) / 2025
АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ – 3 (55) / 2025

СПЕЦИАЛЬНОСТЬ 5.1.3. - ЧАСТНО-ПРАВОВЫЕ(ЦИВИЛИСТИЧЕСКИЕ) НАУКИ= ИЛМҲОИ ХУСУСӢ – ҲУҚУҚӢ= PRIVATE LEGAL (CIVILISTIC) SCIENCES

# ТАҲЛИЛИ МАФҲУМ ВА МАЗМУНИ РАҚОБАТ АЗ НИГОҲИ ҲУҚУҚӢ ВА ИҚТИСОДӢ

**Каримов Абдулҳанон Қадимович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедра. E-mail: karimov-ak@mail.ru

Дар мақола мафҳуми рақобат аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф таҳлили ҳаматарафаи мафҳуми рақобатро анҷом дода, муҳтаво ва хусусиятҳои асосии онро дар заминаи муносибатҳои муосири иқтисоди бозорӣ равшан месозад. Диққати бештар ба танзими ҳуқуқии рақобат бо истифодаи меъёрҳои қонунгузории ин соҳа дода шудааст. Дар мақола ҷанбаҳои иқтисодӣ дар доираи таъсири рақобат ба самаранокии бозор, рафтори иштирокчиён ва рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ таҳлил мегарданд.

**Калидвожаҳо:** рақобат; таҳлили ҳуқуқӣ; иқтисоди бозорӣ; таҳлили иқтисодӣ; танзими зиддиинҳисорӣ; бозор; истеъмолкунанда.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди истиқлолияти давлатӣ ба даст овардан тадриҷан ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ гузашт. Ин гузариш чунин вазифагузорӣ намуд, ки рушди механизми бозорӣ дар Тоҷикистон бояд ба шаклҳои муосири он, ки хоси тамоми кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон аст, мувофиқат кунад.

Бояд қайд намуд, ки иқтисоди бозорӣ пеш аз ҳама дар асоси амали қонунҳои иқтисодии талабот, пешниҳод ва арзиш фаъолият менамояд[5, 7]. Ҳамзамон, чун қоида, моҳияти муносибатҳои бозорӣ мусобиқаи иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ оид ба истеҳсол ва фурӯши молҳои муайян, истифодаи молу мулк[16, 35], беҳтар кардани шароити хоҷагидорӣ ба хотири фоидаи бештар гирифтан мебошад[15, 110]. Ҳамин тавр, яке аз хусусиятҳои асосии иқтисоди бозор рақобат - ҳамчун шакли мусобиқаи байниҳамдигарии субъектҳои муносибатҳои бозорӣ ва ҳамчун механизми танзими истеҳсолоти ҷамъиятӣ дониста мешавад. Муносибатҳои иқтисоди бозорӣ бидуни таъмини рақобати озод ҳамчун шарти татбиқи пурраи қонунҳои иқтисодии талабот ва пешниҳод ғайриимкон аст.

Чунин шароит ба субъектҳои хоҷагидорӣ имкон медиҳад, ки дар раванди фаъолият байни худ рақобат намоянд, зеро соҳибкорӣ аз рӯи моҳияти худ фаъолияти рақобатӣ мебошад. Дар натиҷа, рақобати байни соҳибкорон барои ба даст овардани фоидаи бештар ва амалӣ намудани мақсадҳои худ, доираи фаъолияти хоҷагии онҳо васеъ мегардад, ки ин аз бисёр ҷиҳат ба рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд. Дар асоси рақобат байни соҳибкорон муносибатҳои байниҳамдигарӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамзамон, дар раванди рақобат на танҳо фурӯшандагон, балки харидорон низ иштирок менамоянд. Рақобати байни истеъмолкунандагон дар чунин ҳолатҳое ба вуҷуд меояд, ки талабот ба мол дар бозор ба шиддати зиёд боло меравад. Ҳамин тавр, рақобат механизмеро ифода менамояд, ки дар ҳамаи марҳилаҳои такрористеҳсолот амал карда, дар раванди муомилоти мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ иштирок менамояд[17, 78].

Маҳз рақобат низоми тақсимот ва қонеъгардонии эҳтиёҷотро муайян мекунад[24, 8]. Рақобат ҳамчунин соҳибкоронро водор менамояд, ки сифати маҳсулотро беҳтар намуда, арзиши хароҷоти истеҳсолотро кам намоянд[9, 20] ва ҳамчун муҳимтарин омилҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ мансуб дониста мешаванд[27, 5].

Рақобат ҳамчун муносибати ҷамъиятӣ байни субъектҳои хоҷагидор дар ҷараёни фаъолияти соҳибкории онҳо инкишоф меёбад. Дар амал бозор доимо инкишоф меёбад, тағйир меёбад ва якҷоя бо он рақобат низ, инкишоф ва тағйир меёбад. Ба вуҷуд овардани муҳити рақобат, ҳимояи он аз тамоюлҳои инҳисорӣ - вазифаи муҳимест, ки дар назди ҳар як давлати дорои иқтисоди бозорӣ меистад[23, 308].

Бояд қайд намуд, ки истилоҳи «рақобат» аз калимаи лотинии «concurrent» гирифта шуда, маъноят «бархӯрд» аст. Дар таърих аз замонҳои қадим чунин шакли ҳамкории одамон, ба монанди мусобиқа маълум аст[4, 385]. Мафҳуми «рақобат»-ро ба маънои васеъ метавон ҳамчун рафтори якчанд шахс муайян кард, ки дар кӯшиши ҳар яки онҳо ба даст овардани он чизе, ки дар ҳамин вақт дигаре ҳам ба даст овардан мехоҳад, ифода меёбад. Дар луғати маъруфи тафсирии Вебстер: «рақобат» ба маънои рақибӣ, мусобиқаи одамон, гурӯҳҳо, ташкилотҳо барои ноил шудани натиҷаҳои бештари фоидаовар дар соҳаи муайяни фаъолияти ҷамъиятӣ дониста мешавад[29].

Мафҳуми «мусобиқа» дар робита ба мафҳуми «рақобат» категорияи хеле умумитар мебошад. Мусобиқа, ки аз кооператсияи меҳнат ба вуҷуд омадааст, аллакай дар ҷомеаи ибтидоӣ пайдо шудааст, рақобат бошад - маҳсули давраи истеҳсоли мол, аниқтараш, кооператсияи меҳнат дар шароити истеҳсолоти мол мебошад. Мусобиқа як падидаест, ки ба ҳама форматсияҳои ҷамъиятӣ хос буда, аз натиҷаи фаъолияти меҳнатии муштараки одамон бармеояд.

Мафҳум ва маънои рақобат дар адабиёти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ бисёрмаъно шарҳ дода мешавад. Аксари олимон ба хулосае меоянд, ки рақобат дар ҳаёти иқтисодӣ падидаи бисёрҷанба ва сермазмун буда, таърифи мукаммали ин мафҳумро ёфтан имконнопазир аст.

Таърифи истилоҳи «рақобат» ва навъҳои он бори аввал дар асарҳои А. Курно баён шудаанд. Чунон, ки Б.Г. Серебряков қайд менамояд, А. Курно се намуди асосии онро ҷудо кардааст: инҳисории мутлақ, рақобати маҳдуди якчанд соҳибкорон ва рақобати бемаҳдуди соҳибкорони зиёд [19, 134]. А. Смит дар асари худ «Тадқиқот дар бораи табиат ва сабаби бойгарии халқҳо» рақобатро «дасти ноаён» номидааст. Ҳар як соҳибкор кӯшиш мекунад, ки фоидаи бештар ба даст оварад ва дар натиҷаи мусобиқаи байни соҳибкорон манфиати ҷамъият қонеъ мегардад[20, 175-176].

Чуноне, ки маълум аст, классикони марксизм-ленинизм ба рақобат муносибати манфӣ доштанд. Ленин В.И. чунин андеша баён менамуд, рақобат ҳамчун шакли махсуси «мусобиқае, ки ба ҷамъияти сармоядорӣ хос мебошад» [8, 150].

Рақобат ҳамчун категорияи иқтисодӣ низ, аз мавқеи хусусиятҳои объективии онҳо муайян карда мешавад. «Рақобат табиати дохилии сармоя мебошад, ки таърифи муҳими он дар таъсиррасонии мутақобилаи бисёр сармояҳо ба ҳамдигар зоҳир ва амалӣ мегардад, тамоюли дохилие мебошад, ки дар шакли зарурати берунӣ баромад менамояд. Рақобат шакли мавҷудияти сармоя ва чунин тарзеро ифода менамояд, ки сармоя бо сармоя ҳам бо худ ва ҳам бо сармояи дигар рақобат мекунад»[11, 391].

Ба гуфтаи А. Маршалл, «рақобат рафторест, ки як одам бо дигараш рақобат мекунад, махсусан ҳангоми хариду фурӯши мол»[12, 60]. Бо ин вай рақобатро ба соҳаи мубодилаи неъматҳои моддӣ мансуб медонад.

Рақобат дар давраи шуравӣ ҳамчун «мубориза и антагонистии байни истеҳсолкунандагони хусусӣ барои шароити бештар мусоиди истеҳсолот ва фурӯши мол, ки хоси истеҳсолоти молӣ буда, ба моликияти хусусии воситаҳои истеҳсолот асос ёфтааст...»[6, 28-29] баҳо дода мешуд. Ҳамчун «муборизаи байни молистеҳсолкунандагони хусусӣ барои шароити бештари мусоидтари истеҳсол ва фуруши мол барои ба даст овардани фоидаи бештар» муайян карда шуда буд[21, 619]. Дар таърифҳои зикргардида рақобат ҳамчун зуҳуроти манфӣ, яъне ҳамчун рақибӣ ва мубориза тавсиф мешуд.

Дар давраи иқтисодиёти нақшавии сотсиалистӣ кӯшиш мекарданд, ки рақобатро бо мусобиқаи сотсиалистӣ иваз намоянд, ки асоси онро робитаи ҷамъиятии байни истеҳсолкунандагон ташкил карда буд ва мусобиқа барои барзиёд иҷро намудани нақшаи давлатӣ равона мешуд. Аммо ба он нигоҳ накарда, ки «рақобат» маънои «мусобиқа»-ро дошт, ин гуна мусобиқа моҳиятан ба рушд ва самаранокии истеҳсолот таъсир намерасонд. Чунин мусобиқа ба маънои маълум хусусияти техникӣ-иқтисодӣ дошта, ба таври расмӣ сурат гирифта, инкишофи муносибатҳои молию пулиро дар худ нишон медод[16,35], ки дараҷаи некуаҳволии мамлакатро таъмин карда наметавонист. Ҳангоми мавҷуд набудани механизмҳои воқеии бозорӣ бошад, фароҳам овардани муносибатҳои рақобатӣ барои ноил шудани натиҷаҳои пешбинишуда имконнопазир мебошад.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ мафҳуми «рақобат» ба тарзҳои гуногун таъриф дода мешавад. Пеш аз ҳама, рақобатро аксар вақт ҳамчун фишанги иқтисодии хавасмандгардонии истеҳсолот ва воситаи таъмини сифати маҳсулот, ҳамчун қонуни иқтисодӣ ё ҳамчун яке

аз механизмҳои бозор тавсиф менамоянд[2, 28]. Дар баробари ин бозор ҳамчун маҷмуи муносибатҳои байни иштирокчиёни мубодила, ки бо якдигар ба воситаи ин ё он механизмҳои зич алоқаманданд, ки алоқаи байни соҳибкорон ва харидорон, мувофиқан алоқаи байни истеҳсолот ва истеъмолро амалӣ намуда, ки дар он ҷойи талаботи ҷамъият ва имкониятҳои истеҳсолкунанда муайян карда мешавад, самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятии арзёбӣ карда мешавад[26, 5].

Як гурӯҳ олимони иқтисодчӣ дар таърифи мафҳуми рақобат хусусияти сохтории онро аз ҳама бештар қобили қабул ҳисоб мекунанд. Мувофиқи хусусияти мазкур, рақобат ҳамчун воситае баррасӣ карда мешавад, ки ба ташаккули озоди нарх ва амали қонунҳои талабот ва пешниҳод дар бозор мусоидат мекунад[10, 52-53].

Аксар вақт мафҳуми «рақобат» барои инъикоси хусусияти муносибатҳои ҳамдигарии субъектҳои хоҷагидории дар бозор фаъолияткунанда истифода мешавад. Муносибатҳои ҳамдигарии субъектҳои хоҷагидорӣ метавонад мусобиқавӣ бошад, вақте, ки ҳар кадоме аз иштирокчиёни бозор ҳадафи ба даст овардани фоидаи бештари худро пайгирӣ мекунад ва он гоҳ муносибатҳои байни субъектҳои хоҷагидор дар бозор хусусияти рақобатӣ пайдо мекунанд.

Ба ақидаи як гурӯҳ олимони иқтисодчӣ рақобат унсури механизми бозорӣ буда, вазифаи асосии он мусобиқаи субъектҳои хоҷагидор барои шароити мусоидтари иқтисодии фурӯши молу хизматрасонӣ мебошад[24, 35]. Равиши мусобиқа ба таърифи рақобат дар илм ва амалия махсусан васеъ паҳн шудааст. Иддае аз олимон, ба монанди М.З. Раҳимзода[18, 14], С. Парашук[13, 16] ва К.Ю. Тотев[22, 17], рақобатро ҳамчун механизми доимо амалкунандаи мусобиқаи озоди субъектҳои хоҷагидорӣ бо мақсади ба даст овардани фоида медонанд. Ба ақидаи онҳо мазмуни асосии рақобат – ин мубориза барои истеъмолкунанда, барои ҳисса дар бозор бо мақсади ба даст овардани фоидаи бештар мебошад.

Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари иқтисодӣ мафҳуми рақобат маънои муборизаи субъектҳои хоҷагидори муносибатҳоро оид ба истеҳсол, тақсимот ва мубодилаи молу хизматрасониҳои ҳамдигарро ивазкунанда бо мақсади кам кардани хароҷот ва васеъ намудани миқёси истеҳсолот, ки афзоиши даромад ва фоидаро таъмин мекунад, дар назар дошта мешавад.

Баъзе муҳаққиқон ба таърифи мафҳуми «рақобат» ҳамаҷониба муносибат намуда, ҳамаи хусусиятҳои дар боло зикршударо муттаҳид мекунанд. Онҳо вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рақобатро таъкид намуда, чунин мафҳуми рақобатро ба монанди рақобати якчанд субъектҳои хоҷагидор барои ноил шудан ба ҳамон як мақсад, пешниҳод мекунанд. Рақибон кӯшиш мекунанд, ки мавқеи якдигарро дар бозор маҳдуд кунанд, ин ё он молу ашёро дар ихтиёри худ гиранд ва аз ин рӯ рақобат ҳамеша хусусияти муборизаро дорад[28].

Дар шакли аз ҳама бештар умумӣ дар тахти мафҳуми рақобат бояд фаъолияте фаҳмида шавад, ки дар натиҷаи он субъекти хоҷагидор метавонад ҳаҷми фоидаи гирифтаашро тағйир диҳад, яъне онро зиёд кунад. Зимнан, рақобат бояд соҳибкоронро ба амалҳое водор созад, ки хилофи қонуну шартномаҳо набошанд ва боиси афзоиши фоида бо роҳи ҷустуҷӯи шаклу усулҳои нави истеҳсолот, истифодаи технологияи навтарин, тарзҳои нави ташкил ва идоракунӣ буда, бо ин рақобат ба сифати воситаи ноил шудани натиҷаи ниҳоӣ баромад намоянд[16,36]. Ҳама гуна фаъолияти мақсадноки одамон дорои ҷанбаи соҳибкорӣ мебошад, ки бо пешбини намудани ҳолати минбаъда фаъолияти онҳо алоқаманд аст[7, 29]. Зимнан, амалҳои рақобатии шахсони фаъолияткунанда бо тамоми гуногунпаҳлу будани худ бояд дар доираи тартибот нигоҳ дошта шаванд, то ки эътимоднокии ҳадафҳои фаъолияти тарафҳоро таъмин намоянд[14, 190]. Маврид ба зикр аст, ки фаъолияти иқтисодӣ бо мақсади ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ, ки дигарон, низ барои ноил шудан кӯшиш мекунанд, рақобатӣ дониста мешавад[30].

Дар асоси гуфтаҳои боло қайд менамоем, ки мусобиқаи соҳибкорон дар бозор барои бартарӣ додан ба манфиатҳои истеъмолкунандагон бо мақсади ба даст овардани фоида ё даромади бештар мазмуни иқтисодии рақобатро ташкил медиҳад[17, 79].

Ҳамаи таърифҳои дар боло зикргардида нисбати мафҳуми «рақобат» хусусияти иқтисодӣ доранд. Таърифи иқтисодии рақобат бояд ҳангоми тадқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқии ин падида ба назар гирифта шавад. Аз ин рӯ, бо мақсади таъмини пуррагӣ ва тадқиқи ҳаматарафаи ин мафҳум зарур аст, ки мазмуни ҳуқуқии

рақобатро муайян намоем. Он муносибатҳои рақобатие, ки субъектҳои бозор дар байни худ доранд, робитаи онҳо бо меъёрҳои қонунгузории рақобат танзим карда мешаванд.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, рақобатро метавон ҳамчун танзимкунандае муайян кард, ки рафтори субъектҳои гуногуни хоҷагидориро новобаста аз шакли моликият муайян мекунад. Ба ин сифат рақобат вазифаҳои танзимкунандаро иҷро намуда, ба рафтори субъектҳои хоҷагидор таъсир мерасонад, ба сифати воситаи асосии танзими нарх баромад мекунад ва маҳз ба шарофати рақобати бовиҷдонона нархи воқеии мол, кор ва хизмат муайян карда мешавад. Дар рафти рақобат нарх муқаррар карда шуда, вазифаи танзими талабот ва пешниҳод иҷро мешавад. Дар баробари ин, заминаи ҳуқуқии рақобат озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ баромад менамояд, ки онро моддаи 12 Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳанд.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.
2. Баркова С.А. Исследование конкуренции на товарных рынках: Дисс... канд. экон. наук. – Новосибирск, 1997. – 148с.
3. Барр Р. Политическая экономия. - М., 1995. - Т.1. - 608 с.
4. Бартошек М. Римское право: Понятия, термины, определения/ Пер. с чеш. - М.: Юрид. лит. 1989. – 401 с.
5. Богачев В. И., Дидоренко Э. А. Экономико-правовые вопросы рыночных отношений. – Луганск, 1998. – 172с.
6. Большая советская энциклопедия. - М., 1973. Т. 13. - 608 с.
7. Кирцнер И. Конкуренция и предпринимательство: Пер. с англ. / Под ред. А.Н. Романова. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2001. - 232 с.
8. Ленин В.И. Первоначальный вариант статьи «Очередные задачи советского власти» // – Полн. собр. соч. - Т. 36. – 741 с.
9. Логинов М.В. Антимонопольное законодательство и рынок// Законодательство и экономика. - 1995. - № 3-4. - С.20.
10. Макконелла К.Р., Брю С.Л. Экономикс: Принципы, проблемы и политика / В 2 т: Пер. с англ. – М.: Прогресс, 1993, Т.1. - 415 с.
11. Маркс К., Энгельс Ф. Соч.Т.46.- 550 с.
12. Маршалл А. Принципы экономической науки. – М.: Прогресс, 1993. Т.1. - 416с.
13. Паращук С.А. Конкурентное право (правовое регулирование конкуренции и монополии). –М.: Городец-издат, 2002. – 416с.
14. Политическая и экономическая этика / Пер. с нем. С. Курбатовой, К. Костюка. – М.: ФАИР-ПРЕСС, 2001. – 368 с..
15. Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование. – Душанбе, 2007. – 294 с
16. Рахимов М.З. Конкуренция как средство достижения конечных результатов предпринимательской деятельности // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия: философия и правоведение. - 1995. - № 3 (16). - С.35.
17. Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности. - Душанбе, 1998. - 176 с
18. Рахимов М.З. Предпринимательское право (на таджикском языке). – Душанбе - 2005. – 408с.
19. Серебряков Б.Г. Теория экономического равновесия. – М.: Мысль, 1973. – 223с.
20. Смит А. Исследование о природе и причине богатства народа. - М., 1993. Кн. 1-3. – С. 175 – 176.
21. Советский энциклопедический словарь. – М., 1989. - С. 619.
22. Тотьев К.Ю. Конкурентное право (правовое регулирование деятельности субъектов конкуренции и монополий): Учеб. для вузов. - М., 2003. – 480с.
23. Уруков В.Н. Российское предпринимательское право: Общая часть: Учебник. - Чебоксары, 2001. - 587с.
24. Хайек Ф. А. Дорога к рабству. М., 1992. – 176с.
25. Хайек Ф. Конкуренция как процедура открытия// МЭ и МО. - 1989. - №12. - С.8.
26. Халфин Р.О. Современный рынок: правила игры. - М., 1993. – 138с.
27. Цуканова Н.Ш. Структура товарных рынков и конкурентная политика в переходной экономике // Законодательство и экономика. - 1995. - № 3-4. - С.5.
28. Энциклопедический словарь Ф.А. Брокгауза и И.А. Ефрона (Электронное

издание, воспроизведение по 41-томному изданию 1890 года.) – М., 1997.

29. Webster Dictionary. C. 38-Prunk, London, 1979.

30. Knöpfle. Der Rechtsbegriff Wettbewerb und die Realität des Wirtschaftslebens – Kertellrundschau, Heft 7. 1966.

**Каримов Абдулханон Кадимович** – кандидат юридических наук, Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, доцент кафедры. E-mail: karimov-ak@mail.ru

### Правовой и экономический анализ понятия и содержания конкуренции

В статье рассматривается понятие конкуренции с позиций права и экономики. Автор проводит системный анализ понятия конкуренции, раскрывая её содержание и основные характеристики в контексте современных рыночных отношений. Особое внимание уделяется правовому регулированию конкуренции, включая элементы конкурентного законодательства. Экономические аспекты анализируются в рамках влияния конкуренции на эффективность рынка, поведение участников и устойчивое развитие предпринимательской деятельности.

**Ключевые слова:** конкуренция; правовой анализ; рыночная экономика; экономический анализ; антимонопольное регулирование; рынок; потребитель.

**Karimov Abdulkhanon Kadimovich** – PhD in Law, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Associate Professor of the Department. E-mail: karimov-ak@mail.ru

### Legal and economic analysis of the concept and content of competition

The article deals with the concept of competition from the standpoint of law and economics. The author conducts a systematic analysis of the concept of competition, revealing its content and main characteristics in the context of modern market relations. Special attention is paid to the legal regulation of competition, including elements of competition law. Economic aspects are analyzed in the framework of the impact of competition on market efficiency, behavior of participants and sustainable development of entrepreneurial activity.

**Keywords:** competition; legal analysis; economic analysis; market economy; antitrust regulation; market; consumer.

МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ – 3 (55) / 2025
АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ – 3 (55) / 2025

# ДАР БОРАИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ПАРДОХТҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**Мансури Шодмон Ҷамолиддинзода -** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедра. **E-mail:** Mansoorovshj@mail.ru

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи баъзе масъалаҳои пардохтҳои электронӣ ва танзими ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ меравад. Омӯзиш ва таҳлили илмию амалӣ, қонунгузории соҳаи иқтисоди рақамӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки низоми пардохтҳои электронӣ ва танзими ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ дар ҷумҳурӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Бинобар ин, муаллиф пешниҳод менамояд, ки қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи иқтисоди рақамӣ таҷдиди назар карда шавад. Инчунин, маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бардошташуда, шароити хизматрасонии иқтисоди рақамӣ дар маҳал фароҳам оварда шавад.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, қонунгузорӣ, пардохти электронӣ, танзим, иқтисоди рақамӣ, савдои электронӣ, имзои электронии рақамӣ, хизматрасонӣ, консепсия, иттилоот, ҳамёни электронӣ, молумулк ва шартнома.

Дар идоракунии давлатӣ пардохтҳои электронӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисоди рақамӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Асосҳои ҳуқуқии танзимнамоии муносибатҳои ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он зоҳир мегардад, ки ба ин масъала дар даврони соҳибистиқлолӣ кам таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2024 иброз доштанд, ки идоракунии давлатӣ дар заминаи соҳибмаърифатгардонии аҳолӣ, рушди илму иноватсия ва иқтисоди рақамӣ ба роҳ монда шуда, солҳои 2025-2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шавад[1].

Дар идоракунии давлатӣ кишвари мо дар марҳилаи тараққиёти худ қарор дошта, бо амалӣ намудани стратегияву барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида истодааст. Доир ба масъалаҳои пешгирӣ намудани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тадбирҳои мушаххас андешида мешавад.

Пардохтҳои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муомилоти молиявӣ муайян карда шуда, тавассути воситаҳои рақамӣ, аз ҷумла, кортҳои бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, платформаҳои онлайн, барномаҳои мобилӣ ва ғайра амалӣ карда мешаванд. Пардохтҳои мазкур дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ, тиҷорати электронӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ аҳамияти махсусро ба худ касб мекунад. Ба ақидаи А. Абдуҷалилов, пардохтҳои электронӣ ба афзоиши шаффофияти муомилот, коҳиши хароҷоти амалиётӣ ва дастрасии васеи аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат мекунанд[2].

Пардохтҳои электронӣ воситаи асосии амалиёти молиявӣ дар муҳити рақамӣ буда, хариду фурӯши молу хизматрасонӣ, интиқоли пул ва пардохти хизматрасониҳои давлатиро дар бар мегиранд. Тибқи таҳқиқоти З. Майнусова, пардохтҳои электронӣ дар Тоҷикистон тавассути низоми пардохтҳо, ба монанди кортҳои бонкии Visa ва Mastercard, ҳамёнҳои электронӣ ва барномаҳои мобилӣ, ба мисли Alif Mobi, рушд мекунанд[3]. Ин пардохтҳо дар асоси қонунгузории миллӣ, аз қабили Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ» ва «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ», танзим карда мешаванд [4]. Масалан, имзои электронии рақамӣ барои таъмини амнияти муомилоти онлайн истифода мешавад.

Хусусияти асосии пардохтҳои электронӣ дар Тоҷикистон дар он аст, ки онҳо дар шароити маҳдудиятҳои инфрасохтори молиявӣ ва сатҳи пасти огоҳии рақамии аҳолӣ амал мекунанд. Тибқи таҳқиқоти Ш. Исмоилов, дастрасии

нобаробар ба интернет ва набудани нуқтаҳои дастрасии бонкӣ дар минтақаҳои дурдаст истифодаи пардохтҳои электрониро маҳдуд мекунад[5]. Ин мушкилот дар Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст, ки барои рушди инфрасохтори рақамӣ ва афзоиши дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ сармоягузориҳоро пешбинӣ мекунад [6]. Тибқи таҳқиқоти М. Раҳимзода, сатҳи пасти огоҳии аҳолӣ дар бораи пардохтҳои электронӣ низ хатари қаллобии рақамиро афзоиш медиҳад[7].

Аҳамияти пардохтҳои электронӣ дар Тоҷикистон бо афзоиши истифодаи технологияҳои рақамӣ дар тиҷорати электронӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ алоқаманд аст. Тибқи таҳқиқоти С. Маньшина, пардохтҳои электронӣ ба коҳиши муомилоти нақдӣ, афзоиши шаффофият ва суръати амалиёт мусоидат мекунанд [8]. Масалан, пардохтҳои онлайн барои хариди молҳо дар платформаҳои тиҷорати электронӣ ва пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ ба корбарон имкон медиҳанд, ки амалиётро зуд ва осон анҷом диҳанд. Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ», платформаҳо вазифадоранд, ки амнияти пардохтҳоро таъмин кунанд, то эътимоди корбаронро баланд бардоранд [9].

Асосҳои ҳуқуқии пардохтҳои электронӣ дар Тоҷикистон дар асоси қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ ташаккул меёбанд. Тибқи таҳқиқоти У. Меликов, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иттилоот» талаботро ба муҳофизати маълумоти молиявӣ дар муомилоти онлайн муқаррар мекунад [10, 16]. Ин қонун операторҳоро вазифадор мекунад, ки аз технологияҳои рамзгузорӣ истифода баранд, то маълумоти корбаронро аз дуздии маълумот ҳифз намоянд. Тибқи таҳқиқоти Ш. Гаюров, афзоиши таҳдидҳои кибернетикӣ, ба монанди фишинг, зарурати таҳкими ин талаботро ба миён овардааст[11]. Аммо тибқи таҳқиқоти Ш. Исмаилов, маҳдудияти инфрасохтори технологӣ татбиқи ин чораҳоро дар минтақаҳои дурдаст маҳдуд мекунад[5].

Пардохтҳои электронӣ дар Тоҷикистон на танҳо амалиётҳои молиявиро осон мекунанд, балки дар рушди иқтисоди рақамӣ нақши муҳим мебозанд. Танзими ҳуқуқии пардохтҳои электронӣ дар Тоҷикистон ба қонунҳои миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ такя мекунад. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» заминаи ҳуқуқиро барои тасдиқи транзаксияҳо фароҳам меорад, ки эътимоднокии онҳоро баланд мебардорад. Мушкилоти ҷорӣ намудани пардохтҳои электронӣ дар Тоҷикистон саводи ноустувори рақамӣ, инфрасохтори маҳдуд ва кибертаҳдидҳоро дар бар мегирад. Таҷрибаи байналмилалӣ роҳҳои самараноки рушди пардохтҳои электрониро нишон медиҳад.

Таҳқиқоти масъалаҳои ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ ин таҳлили маҷмуии танзими муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад. Бо сабаби вазъияти сиёсиву иқтисодии ҷаҳон мураккаб гаштан, таъсири паҳншавии бемориҳои сироятӣ, низоъҳои тиҷоратӣ ва ба вуқуъ омадани бӯҳрони иқтисодӣ барои шаҳрвандон шароит фароҳам овардан дар муносибатҳои танзими мадании иқтисоди рақамӣ душвор аст. Вале дар идоракунии давлатӣ оид ба иқтисоди рақамӣ як навъ дигаргуниҳои иттилоотӣ-технологӣ бавуҷуд омаданд. Соҳаи энергетика, озуқаворӣ, коммуникатсия ва саноатикунонӣ дар иқтисодиёти рақамӣ нақши калидӣ дошта, дар сохтани низоми навъи иқтисодиёт, муҳим арзёбӣ мегардад.

Танзими рақамикунонии муносибатҳои байни шаҳрвандон дар бораи объектҳои моддӣ ва ғайримоддӣ натиҷаи дастовардҳои пешрафти илм ва техника баҳисоб рафта, табдил додани танзими муносибатҳои рақамӣ ва таҳияи заминаи ҳуқуқии он, ки ба татбиқи амалинамоии иқтисоди рақамӣ дар ҳуқуқи маданӣ мусоидат менамояд, муҳим мебошад.

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 давраи навро дар таҳия, такмил ва қабули қонунгузорӣ, аз ҷумла, қонунгузории иттилоот, ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ, савдои электронӣ, алоқаи рақамӣ ва ғайра оғоз намуд. Марҳилаи инкишофи қонунгузорӣ аз ҳамин маврид оғоз ёфта, Конститутсия бо дарназардошти дурнамои рушди кишвар шаклҳои гуногуни моликиятро ба сифати асоси иқтисодиёти кишвар эътироф намуда, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат дод [12]. Ҳамин тавр дар Конститутсия бори аввал оид ба ибораи «моликияти хусусӣ» сухан рафта, принсипи озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ дар сатҳи Конститутсия муқаррар карда шуд.

Бо мақсади ба танзим овардани фаъолияти соҳаи мазкур тибқи муқаррароти Конститутсия қонунҳои зерин қабул карда шудааст, аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6 августи соли 2001, №40 [13], қабул гардида, муносибатҳои ҳуқуқиеро, ки дар рафти ташаккулу истифодаи иттилооти ҳуҷҷатшуда ва манбаю захираҳои иттилоот ба миён омад, офаридани технологияҳои иттилоотӣ, шабакаву низоми автоматиконидашудаи иттилоотро танзим намуда, тартиби муҳофизати захираи иттилоот, инчунин, ҳуқуқ ва вазифаҳои субъектҳоеро, ки дар раванди иттилоотонӣ ширкат менамоянд, муайян намуд.

Мақсади Қонуни мазкур ҳифзи манфиатҳои қонунӣ, муҳайё кардани шароити мусоид барои қонеъ гардонидани талаботи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ ба иттилоот дар асоси ташаккул додани инфраструктураи ҳозиразамони иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, якҷоя кардани он бо шабакаю системаҳои байналмилалии иттилоот мебошад.

Инчунин, талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи барқӣ» аз 10 майи соли 2002, №56 бошад [14], асосҳои ҳуқуқии танзим ва идоракунии фаъолият дар соҳаи бунёд, амал ва рушди алоқаи барқиро дар ҷумҳурӣ муқаррар намуда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки дар ин кор иштирок мекунанд ё аз хизмати алоқаи ҳар навъи интиқол ё қабули нишонҳо, ишоратҳо, матни хаттӣ, тасвирҳо, овозҳо ё ҳар намуди иттилоот тавассути симҳо, радиооптика ё системаҳои дигари электромагнитӣ мебошад. Шабакаи алоқаи барқӣ яъне низоми махсуси интиқол ва таҷҳизоти коммутатсияи хати алоқа, ҳамзамон Интернет ва сайёри заминӣ, шабакаҳои барои радиошунавонӣ ва телевизион истифодашаванда, ҳамчунин шабакаҳои кабелӣ, ки новобаста аз намуди иттилооти интиқолшаванда ишоратҳоро таҳвил медиҳанд.

Ҳамзамон, тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» аз 10 майи соли 2002, №55 [15] асосҳои ҳуқуқии фаъолияти иттилоотӣ, мақсад, вазифа, принсип, субъект ва объектҳои муносибатҳои иттилоотиро ба танзим дароварда, сиёсати давлатии иттилоотиро дар ҷомеа муқаррар намуд. Иттилоот яъне маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳод, ҳамчунин, фаъолияти иттилоотӣ яъне маҷмуи амалиётест, ки барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти иттилоотии субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ равона гардидааст.

Дар баробари ин, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» аз 15 марти соли 2023, №1965 [4], масъалаи муносибатҳои ҷамъиятиро ҳангоми созмон додан ва истифодаи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ дар ҷараёни ташаккул ва истифодаи ҳуҷҷатҳо дар шакли инъикоси электронӣ тавассути низоми иттилоотии автоматикунонидашуда ва телекоммуникатсионӣ, воситаҳои барномавию техникӣ ба танзим медарорад. Муқаррароти Қонуни мазкур нисбат ба ҳуҷатҳои электронии тавассути имзои электронии ҳамгуншавандаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ инчунин, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми анҷом додани аҳдҳои ҳуқуқии маданӣ ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад. Мақсади Қонуни мазкур аз таъмини шароити ҳуқуқии истифодаи имзои электронӣ дар ҳуҷҷатҳои электронӣ иборат аст, ки ҳангоми риояи он имзо дар ҳуҷҷати электронӣ ба имзои дастии дар ҳуҷҷатҳои ҳомили коғазӣ мавҷудбуда баробар эътироф карда мешавад.

Инчунин, тибқи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ» аз 24 декабри соли 2022, №1921 [16] муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти савдои электронӣ танзим карда шуда, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни савдои электронӣ ва таъмини фаъолияти онҳо таъмин карда мешавад. Аҳди электронӣ ин амалҳои иштирокчиёни савдои электроние, ки ба муқаррар намудан, тағйир додан ё қатъ кардани ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо равона гардида, тавассути шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ анҷомдода мешаванд. Муносибатҳои савдои электронӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хариду фурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ, бо истифодаи шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва расмиёти электронӣ, ба роҳ монда мешавад.

Таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва амалии соҳаи иқтисоди рақамӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки баъзе масъалаҳои иттилоот, ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ, савдои электронӣ, алоқаи рақамӣ ва ғайра танзим гардида, дар баъзе ҳолатҳо мушкилот ҷой дорад, вобаста ба танзими қонунии иқтисоди рақамӣ мушаххасан ба роҳ монда нашуда, ягон қонуни алоҳида қабул карда нашудааст. Бинобар ин, Д.Сангинзода пешниҳод мена-

мояд, ки барои рушди ҳуқуқи иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сомон расондани корҳои зерин зарур ва мубрам аст: 1. Ворид намудани фанни ҳуқуқи иқтисоди рақамӣ ба барномаҳои таълимии кулли донишгоҳ, донишкада ва колеҷҳои кишвар.

2. Қабули Кодекси рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва пешниҳодҳои мушаххас[17].

Инчунин, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикитон барои давраи то соли 2030, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 қабул гардидааст, ки дурнамо, ҳадаф ва вазифаҳои Тоҷикистон то соли 2030 муайян шуда, он кишвари дорои рушди устувор ва рақобатпазир гардида, аҳолии он аз сатҳу сифати арзандаи зиндагӣ бо имкониятҳои баробар барои татбиқи неруи инсонӣ дар асоси баробарҳуқуқӣ ва адолат вусъат мeёбад[18].

Дар ин замина, бо мақсади танзим ва шароит фароҳам овардан оид ба масъалаҳои иқтисоди рақамӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декбри соли 2019, №642 «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо вазифадор гардидаанд, ки ҷиҳати амалӣ намудани Консепсияи мазкур тадбирҳои зарурӣ андеша, татбиқи он дар доираи маблағҳои ҳарсолаи пешбинишудаи вазорату идораҳо, муассисаҳо ва корхонаҳо, инчунин маблағҳои ғайрибуҷетӣ, грантҳо ва дигар манбаъҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, амалӣ карда шавад. Татбиқи ҳамаҷонибаи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла технологияҳои пешрафта бояд асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва рушди рақобатпазирии байналмилалии кишвар гардад. Рақамикунонии иқтисодиёт имкон медиҳад, ки модели нави рушди иқтисодӣ таъсис дода шавад, сармоягузорони байналмилалӣ ҷалб карда шаванд.

Масъалаи танзими иқтисоди рақамӣ оид ба ҳуқуқи маданӣ дар баъзе қонунгузории кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил вуҷуд дорад. Мушкилоти масъалаи бастани шартномаҳо дар музоядаҳои интернетӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷой дорад. Вале чунин тарзи ба созиш омадан аз имконияти дастрасӣ ба воситаи интернет дар сомонаҳои расмӣ бавуҷуд меояд. Таҷриба дар соҳаи идоракунии рушди иқтисоди рақамӣ гуногун буда, танҳо дар асоси санадҳои махсуси танзимкунандаи ҳуқуқӣ метавон бо субъектҳои дахлдор, тарафҳо ё давлатҳо имкон диҳад, ки барои иқтисодиёти рақамии миллӣ бо мақсади ҳамгирой ба фазои рақамии ҷаҳонӣ ва конвенсияҳои байналмилалӣ нақши муҳим мебозад.

Қобили зикр аст, ки барои ҳамкориҳои судманд ва ҳамгироии байни давлатҳо ҷиҳати танзим намудан ва таъмини рушди иқтисоди рақамӣ Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба истифодаи паёмҳои электронӣ дар шартномаҳои байналмилалӣ аз 23 ноябри соли 2005, №60/21 бо қатъномаи Ассамблеяи Генералӣ қабул шудааст[19]. Давлатҳои иштирокчии Конвенсияи мазкур бо тасдиқи эътиқоди худ дар бораи он, ки тиҷорати байналмилалӣ дар асоси баробарӣ ва манфиатҳои мутақобилаи дӯстона байни давлатҳо ба роҳ монда мешавад. Ин имконият истифодаи паёмҳои электронӣ самаранокии фаъолияти тиҷоратӣ байни давлатҳоро баланд мебардорад, робитаҳои тиҷоратиро тақвият мебахшад, ба ин васила дар мусоидат ба тиҷорат ва рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ қарор гирифтан нақши асосӣ мебозад. Конвенсияи мазкур ба истифодаи паёмҳои электронӣ вобаста ба бастан ё иҷрои шартномаҳо байни тарафҳое, ки корхонаҳои тиҷоратии онҳо дар давлатҳои гуногун ҷойгиранд, амал менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рушди қонунгузорӣ тағйироти назаррас ҷой дорад, вале барои амалӣ намудани иқтисоди рақамӣ дар ҳуқуқи маданӣ дар идоракунии давлатӣ мушкилоти гуногун вуҷуд дорад. Ворид гардидани фаъолияти иқтисоди рақамӣ ба идоракунии давлатӣ ба чӣ гуна хароҷотҳои молиявӣ моро оварда мерасонад, аввал барои чунин фаъолияти иқтисоди рақамӣ шароит фароҳам овардан зарур аст, бо чунин роҳи идоракунӣ масъалаи андозбандӣ ва монеаҳои дигарро бартараф намудан мумкин аст.

Омӯзиш ва таҳлили илмию амалӣ, қонунгузории соҳаи иқтисоди рақамӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки низоми пардохтҳои электронӣ ва танзими ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Бинобар ин,

қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи иқтисоди рақамӣ дар доираи урфу одат ва шароити зиндагии шаҳрвандон таҷдиди назар карда шавад. Инчунин, маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бардошташуда, шароити хизматрасонии иқтисоди рақамӣ дар маҳал фароҳам оварда шавад. Раванди идоракунии кишвар ва ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки танзими масъалаҳои иқтисоди рақамӣ дар ҳуқуқи маданӣ дар қонунгузории ҷумҳурӣ мустаҳкам карда шуда, ба рушди ҷаҳони муосир мутобиқ карда шавад, чунки ин талаботи замон буда, дар асоси қонунгузорӣ танзим намудани муносибатҳои ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ саривақтӣ мебошад.

Дар идоракунии давлатӣ табдил додани иттилоот ба шакли рақамӣ хуб буда, имкониятҳои номаҳдуди коркарди ҷустуҷӯ, дарёфт, нигоҳдорӣ ва паҳн кардани иттилоотро дар реҷаи воқеӣ ба корбарон мекушояд. Инчунин, рақамикунонӣ тамоюли муосири умумиҷаҳонии рушди иқтисодиёт ва ҷомеаро ифода мекунад, ки ба табдил додани шакли рақамии иттилоот асос ёфта, барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёт мусоидат менамояд.

**Адабиёт:**

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj.

2.Абдуҷалилов А. Проблемы правового регулирования договорных отношений в интернете. дис… д-ра юрид. наук / А. Абдуҷалилов. – Душанбе, 2024. – 365 с.

3.Майнусова З. М. Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Проблемаҳои қонунгузорӣ ва қиёсӣ ҳуқуқӣ / З. М. Майнусова // Паёми ДМТ. – 2021. – № 4. – С. 262–269.

4.Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» аз аз 15 марти соли 2023, №1965 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2023, №1-3, мод. 17.

5.Исмаилов Ш.М. Модернизация экономики. Экономико-правовые проблемы инновационного предпринимательства в Таджикистане / Ш.М. Исмаилов // Предпринимательское право. – М., 2014. – № 3. – С. 29–34.

6.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 декбри соли 2019, №642 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj.

7.Раҳимзода М. З. Актуальные проблемы предпринимательского права в Республике Таджикистан. монография / М. З. Раҳимзода. – Душанбе, 2019. – 557 с.

8.Маньшин С. В. Гражданско-правовое регулирование применения электронно-цифровой подписи в сфере электронного обмена данными. автореф. дис. … канд. юрид. наук / С. В. Маньшин. – М., 2001. – 24 с.

9.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» аз 19 марти соли 2013, № 943 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2013. – №3. – мод. 186.

10. Меликов У.А. Правовой режим объектов гражданских прав в Интернете / У.А. Меликов. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 242 с.

11. Гаюров Ш. К. Личное информационное право граждан. проблемы гражданско-правового регулирования в Республике Таджикистан. монография / Ш. К. Гаюров. – М.: Спутник, 2010. – 361 с.

12. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 [Матн]: дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуда, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – 136 с.

13. Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6 августи соли 2001, №40 / Ахбори Махлиси Олии Хум[урии Тохикистон соли 2001, №7, мод.502; с.2005, №12, мод. 639; Қ ҶТ аз 4 апрели с.2019, №1595.

14.Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи барқӣ» аз 10 майи соли 2002, №56 / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, №4, қ 2, мод. 323; с. 2006, №3, мод. 156; с. 2008, № 3, мод. 198; №12, қ. 2, мод. 996; с.2013, №12, мод.891; с.2015, №12 қ1, мод.1117; с.2016, №3, мод.154; с.2017,№1-2,мод.24.

15.Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» аз 10 майи соли 2002, №55 Ахбори Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, №4, қ.2, мод. 320; с.2012,№7, мод.698; с.2014,№11,мод.673.

16.Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ» аз 24 декабри соли 2022, №1921 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Точикистон аз 24 декабри соли 2022, №1921.

17.Сангинзода Д.Ш. Ҳуқуқи иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025 // https://www.facebook.com/people...

18.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикитон барои давраи то соли 2030» аз 1 декабри соли 2016, №636 қабул гардидааст, \\ Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj.

19.Конвенция ООН об использовании электронных сообщений в международных договорах. Принята резолюцией 60/21 Генеральной Ассамблеи от 23 ноября 2005 года.

**Мансури Шодмон Джамолиддинзода** - кандидат юридических наук, Таджикский национальный университет, доцент кафедры. **E-mail:** Mansoorovshj@mail.ru

**О некоторых вопросах электронных платежей и правового регулирования цифровой экономики**

В настоящей статье рассматриваются некоторые вопросы, связанные с электронными платежами и правовым регулированием цифровой экономики. Научно-практические исследования и анализ законодательства в сфере цифровой экономики свидетельствуют о том, что в республике система электронных платежей и правовое регулирование цифровой экономики не сформированы на должном уровне. В связи с этим автор предлагает пересмотреть законодательство и нормативные правовые акты в сфере цифровой экономики. Также необходимо повышать правовую грамотность и правовую культуру граждан, создавать на местах условия для предоставления услуг цифровой экономики.

**Ключевые слова:** право, законодательство, электронный платежи, регулирование, цифровая экономика, электронная коммерция, электронная цифровая подпись, услуга, концепция, информация, электронный кошелек, имущество и договор.

**Mansuri Shodmon Jamoliddinzoda -** Candidate of Legal Sciences, Tajik National University, Associate Professor of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law, **E-mail:** Mansoorovshj@mail.ru

**On some issues of electronic payments and legal regulation of the digital economy**

This article discusses some issues of electronic payments and legal regulation of the digital economy. Scientific and practical study and analysis of the legislation in the field of the digital economy indicate that the system of electronic payments and legal regulation of the digital economy in the republic is not established at the required level.

Therefore, the author proposes to revise the legislation and regulatory legal acts in the field of the digital economy. Also, to increase the legal awareness and legal culture of citizens, and to create conditions for providing digital economy services in the region.

**Keywords:** law, legislation, electronic payment, regulation, digital economy, electronic commerce, electronic digital signature, service, concept, information, electronic wallet, property and contract.

# ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ ЦИФРОВОЙ ВАЛЮТЫ

**Желтова Виктория Алексеевна** - Национальная Академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, докторант PHD

В данной статье рассматривается правовой статус и свойства цифровых прав. Правовые аспекты цифровой валюты охватывают широкий спектр вопросов, включая определение ее статуса, механиз-мы регулирования, вопросы налогообложения и защиты прав потребителей. Важным аспектом является необходимость создания четкой правовой базы, которая обеспечивала бы безопасность и прозрачность операций с цифровыми валютами. Анализ правовых подходов к регулированию цифровой валюты в различных юрисдикциях показывает, что подходы могут различаться от полной легализации до полного запрета.

**Ключевые слова:** цифровая валюта, криптова-люта, криптокошелек, правовая природа, блокчейн, биткоин, фиатные деньги.

Популяризация цифровых денег приводит к их активному использованию во всем мире в качестве платежного средства, способа заработка или инструмента сохранения капитала.

При уяснении правового режима криптовалюты необходимо ориентироваться, во-первых, на суть правовой природы этого объекта гражданских прав. Во-вторых, следует определить правовой статус субъекта, который будет связан с оборотом криптовалюты и только потом устанавливать какие регуляторы в гражданско-правовой сфере могут быть использованы в регламентации криптовалюты [5, 50-52].

В результате изучения был получен материал, анализ которого позволил заключить, что понятие «криптовалюта» является общепринятым в профессиональной среде, отражает технологическую сторону данного явления: результат соединения криптографических технологий и технологии распределенных реестров, позволяющий за счет этого обеспечивать выполнение отдельных функций традиционных денежных средств.

22 июля 2020 года в РФ был принят Федеральный закон «О цифровых финансовых активах, цифровой валюте и о внесении изменений в отдельные законодательные акты Российской Федерации» от 31.07.2020 N259-ФЗ (последняя редакция).

В итоге рассмотрения данного вопроса можно сказать, что к предмету Закона, в частности, отнесены отношения, возникающие при обороте цифровой валюты в Российской Федерации (ст. 1).

В первоначальном законопроекте предлагалось определить криптовалюты через описание техноло-гии их создания и функционирования. Этот подход критиковался учеными и практикам, и в результате разработчики от него отказались [10,89]. Мы не будем исследовать первоначальную версию законо-проекта «О цифровых финансовых активах» и перейдем непосредственно к принятой редакции.

Согласно принятой редакции Закона, «цифровой валютой» признается «совокупность электронных данных (цифрового кода или обозначения), содержащихся в информационной системе, которые предлагаются и (или) могут быть приняты в качестве средства платежа… и (или) в качестве инвестиций и в отношении которых отсутствует лицо, обязанное перед каждым обладателем таких электронных данных…» (ч. 3 ст. 1).

Результаты, проведенного нами анализа позволяют сделать некоторые частные выводы, представляющие интерес для нашего исследования: криптовалюта - это «совокупность электронных данных». В связи с прогрессом в сфере информационных технологий законодателю необходимо успеть за бурным развитием общественных отношений, т.е заранее разработать нормативно - правовые акты касающиеся данной темы исследования. Закон намеренно не относит криптовалюту к цифровым правам; очевидно, такое решение позволило не разрешать вопрос гражданско-правовой природы криптовалюты. Таким образом, правовая природа «совокупности электронных данных» остается неопределенной.

Еще, точнее, по этому поводу высказался Гаврилов В.Н.: «Полагаем, что правовая природа криптовалюты может быть определена

исключи-тельно с позиции ее функционального назначения в обороте, в котором она (обладая стоимостью, определяемой стоимостью той имущественной ценности, которую в обмен на нее готовы предоставить на рынке) выступает в качестве товара в цифровом формате» [4, 55-56].

Много споров возникло относительно правового статуса криптовалют. С одной стороны, статья 128 ГК РФ к объектам гражданского права относит «иное имущество», под которым можно понимать криптовалюту и виртуальную валюту. С другой стороны, в статье 128 ГК РФ чётко прописаны, какие виды, и формы денег являются объектом гражданского права и в этом перечне нет ни криптовалют, ни виртуальных валют, ни электронных денег [1]. Всё дело в том, что первая редакция ГК РФ была принята 30.11.1994 года. Основные положения ГК РФ с тех не пересматривались. В 1994 году такого явления как криптовалюта не было, поэтому в законодательстве не отрицается и не подтверждается наличие такого объекта права, как криптовалюты. Криптовалюта нормативно к деньгам не относится, но и не отрицается обратное. Естественно приравнивание криптовалют в категорию объектов гражданских прав позволит нам функционировать в четком правовом поле.

Рассуждая о свойствах криптовалюты, Э.Л. Сидоренко делает вывод, что она не является ни вещью, ни имущественным правом, ни иным имуществом и, следовательно, не может быть признана объектом имущественных прав де-юре [11, 130-137]. Сразу стоит обозначить, что криптовалюта не может рассматриваться в качестве: 1) Вещи, так как не имеет материального выражения; 2) Результата работ или оказания услуг, в связи с отсутствием обязательственной составляющей; 3) Результата интеллектуальной деятельности, так как является продуктом функционирования программных протоколов, а не творчества человека; 4) Нематериального блага – отсутствие связи с личностью человека [9, 136].

В большинстве случаев криптовалюту рассматривают в качестве: денег, электронных денежных средств, валютных ценностей и информации.

В законодательстве Республике Таджикистан, действительно, нет понятия «цифровая валюта» или «криптовалюта», хотя во многих странах, в частности в соседних Казахстане и Узбекистане оборот цифровых валют легализован. К слову, Казахстан в этом году вышел на второе место в мире по объемам добычи криптовалюты. В Кыргызстане также готовится к принятию соответствующий закон. Однако в Таджикистане вопросы добычи и оборота криптовалют и их законодательного урегулирования пока даже не обсуждаются в публичном пространстве. В Национальном банке РТ заявляют, что криптовалюта официально «не является средством обмена, сбережения, а также расчетной единицей», все финансовые операции в республике производятся исключительно в национальной валюте — сомони.

Необходимо подчеркнуть, то, что руководство Национального банка Таджикистана 15 января 2018 года впервые озвучило свою позицию по поводу использования криптовалюты. Важно отметить, что, по мнению специалистов, использование биткоинов слишком рискованно. В этом таджикские эксперты солидарны с основателем площадки Bitcoin.com Эмилем Ольденбургом, который признал неустойчивость цифровой валюты.

Представители Нацбанка Республики также разъяснили, что многие операции с биткоинами можно проводить анонимно. Это открывает простор для незаконных сделок, торговли оружием и наркотиками, коррупции, финансирования терроризма, уточняет «Радио Озоди».

Более того, криптовалюта может подвергнуться хакерским атакам, из-за чего вкладчики потеряют свои сбережения.

Стоит отметить, что на данный момент Республика не признала биткоин и подобные валюты, как средство обмена, как, например, сомони. Таким образом, граждане будут сами нести ответственность за риски и потери во время использования виртуальных денег. Определить криптовалюту можно как виртуальные деньги (цифровые монеты), которые существуют только в электронном виде в интернете. Реальные деньги отличаются от криптовалюты тем, что подделать виртуальную монету невозможно, так как она зашифрована специальным кодом. Информацию, которую несет в себе криптомонета, скопировать нельзя благодаря электронной защите. Применение криптографии послужило употреблению приставки «крипто». Отсюда и последовало название — криптовалюта [4, 55].

Криптовалюта является обязательственным правом. Позиция о том, что такая криптовалюта, как биткойн, является обязательственным правом требования, возникающим на основании соглашения между участниками соответст-

вующей системы расчетов, была высказана доктором юридических наук, профессором Л. Новоселовой. В обоснование своей позиции профессор Л. Новоселова относит биткойн к безналичным денежным средствам в той мере, в которой биткойн выполняет функцию денег, его передача для целей оплаты товаров, работ и услуг должна рассматриваться как окончательный платеж, прекращающий денежное обязательство исполнением [8, 15].

Отношения, предметом которых является криптовалюта, строятся путем присоединения участника к торговой платформе, на которой осуществляется обращение криптовалюты. В любом случае, чтобы купить криптовалюту, нужно обзавестись собственным криптовалютным кошельком. Криптокошелек - это специальная программа, которая хранит ключи по проведенным транзакциям.

Дело в том, что, приобретая криптовалюту, вы, по сути, покупаете право на ее использование, поскольку криптовалюта не имеет вещную форму - физически не существует, а все операции по покупке и продаже криптовалюты — это записи транзакций, которые хранятся во множестве цепочек блоков (блокчейне). Т.е., управляя криптовалютным счетом, вы управляете, по сути, записями и ключами, которые хранятся в этом кошельке. При этом само по себе присоединение к платформе и открытие цифрового кошелька еще не создает обязанности участников такой системы по приобретению криптовалюты, т.е. кошелек может остаться пустым. После приобретения участником криптовалюты у него не возникает и обязанностей прав требований к другим участникам системы. При этом к криптовалюте, учитываемой в криптокошельке, участник относится как к своей, а публичность, прозрачность данных, содержащихся в распределенном реестре блокчейна, обеспечивают относимость (закрепленность) данного имущества за участником в таком формате, в котором не допускается нарушение со стороны всех остальных.

Количество владельцев криптовалюты в Таджикистане неизвестно, но эксперты говорят, что с учетом частоты и активности пользователей социальных сетей по этому вопросу видно, что некоторые люди в Таджикистане имеют отношение к виртуальной валюте, как еще называют криптовалюту .

В соответствии с Федеральным законом от 31.07.2020 N 259-ФЗ (ред. от 04.08.2023) «О цифровых финансовых активах, цифровой валюте и о внесении изменений в отдельные законодательные акты Российской Федерации» ст.1 пунктом 3 Цифровой валютой признается совокупность электронных данных (цифрового кода или обозначения), содержащихся в информационной системе, которые предлагаются и (или) могут быть приняты в качестве средства платежа, не являющегося денежной единицей Российской Федерации, денежной единицей иностранного государства и (или) международной денежной или расчетной единицей, и (или) в качестве инвестиций и в отношении которых отсутствует лицо, обязанное перед каждым обладателем таких электронных данных, за исключением оператора и (или) узлов информационной системы, обязанных только обеспечивать соответствие порядка выпуска этих электронных данных и осуществления в их отношении действий по внесению (изменению) записей в такую информационную систему ее правилам.

Исходя из этого определения возникают вопрос применительно к обозначению формулировки «международная денежная или расчетная единица».

Не совсем понятно, что понимается под «международной денежной или расчетной единицей». Если подойти формально, то таковыми могут считаться ripple, эфир или биткойн, и, таким образом, на них не будут распространяться ограничения, предусмотренные законодательством РФ о ЦВ. Предположительно на практике в России ripple, эфир или биткойн будут рассматриваться именно как ЦВ.

Оговорка «в отношении которых отсутствует лицо, обязанное перед каждым обладателем таких электронных данных» дает основание предположить, что речь идет о классических криптовалютах, таких как биткойн (BTC) или эфир (ETH), которые создаются децентрализованно и не означают обязательств какого-либо ответственного лица.

Следует отметить, что к цифровой валюте относится и криптовалюта, которая в понимании ФЗ № 259-ФЗ может быть признана средством платежа, однако не является денежной единицей РФ, денежной единицей иностранного государства и (или) международной денежной или расчетной единицей. При этом, в РФ запрещается распространение информации о предложении и (или) приеме цифровой валюты в качестве встречного предоставления за передаваемые ими (им)

товары, выполняемые ими (им) работы, оказываемые ими (им) услуги или иного способа, позволяющего предполагать оплату цифровой валютой товаров (работ, услуг). Вместе с тем, вопросы правового регулирования выпуска и обращения «криптовалюты» в положениях ФЗ № 259-ФЗ раскрыты очень поверхностно и требуют дальнейшей детальной проработки с целью закрепления в соответствующем законодательстве [6, 152].

Таким образом, ряд вопросов, связанных с выпуском и обращением цифровых финансовых активов и цифровой валюты остается нерешенным, в силу чего, возникает правовая неопределенность в рамках реализации правоотношений с цифровыми финансовыми активами и цифровой валютой, что не будет способствовать реализации и достижению целей ФЗ № 259-ФЗ. ФЗ № 259-ФЗ придал правовой статус «криптовалюте» путем отнесения ее к категории «цифровых денег» и путем возможности включения ее в состав конкурсной массы при процедурах банкротства, наследования, исполнительного производства, противодействия легализации (отмыванию) доходов, полученных преступным путем, и финансированию терроризма, противодействия коррупции и др. Как свидетельствует судебная практика, подобные решения уже имели место быть, когда «криптовалюту» приравнивали к имуществу.

Как утверждает М.А. Егорова «…Цифровая валюта представляет собой общее понятие, обозначающее особую формы валюты, существующая только в цифровом (электронном) виде. Цифровая валюта нематериальна, операции с ней и хранение возможны только при наличии подключенных к сети Интернет или иной назначенной сети электронных кошельков. Цифровые валюты могут быть использованы для оплаты товаров и услуг, чаще всего на определенных интернет-портал, в социальных сетях или на игровых сайтах [7, 131].

В частности, главным отличием электроных денег от криптовалют является наличие у электронных денег центрального эмитента и отсутствие его у криптовалют. Другим важным отличием криптовалют от электронных денег является способ их эмиссии и хранения.

Криптовалюты хранятся и выпускаются в децентрализованной форме, в то время как данные об электронных деньгах и транзакциях, могут храниться на одном централизованном сервере. Имеются и иные отличия, такие как обязательное применение асимметричного криптографического шифрования при создании криптовалют.

Учитывая, что криптовалюты можно продать на виртуальной бирже за фиатные деньги, а также использовать в качестве средства платежа, обоснован вывод, что с юридической точки зрения криптовалюты представляют собой имущество в цифровой форме.

Криптовалюты не являются законным средством платежа, но могут быть использованы в качестве средства оплаты товаров, работ и услуг (частные деньги).

18 марта 2019 г. был принят Федеральный закон № 34ФЗ «О внесении изменений в части Гражданского кодекса Российской Федерации», который дополнил ГК РФ статьей 141.1 «Цифровые права».

В соответствии с п. 1 ст. 141.1 ГК РФ цифровыми правами признаются названные в таком качестве в законе обязательственные и иные права, содержание и условия осуществления которых определяются в соответствии с правилами информационной системы, отвечающей установленным законом признакам. Осуществление, распоряжение, в том числе передача, залог, обременение цифрового права другими способами или ограничение распоряжения цифровым правом возможны только в информационной системе без обращения к третьему лицу.

Следовательно, под цифровыми правами понимается право на объект, в том числе право на криптовалюты. Однако принятый Закон не содержит определения объекта права, хотя такая возможность была.

К сожалению, из текста действующего Федерального закона № 34 ФЗ была исключена статья 141.2, которая содержала определение цифровых денег [3].

В соответствии с п. 1 ст. 141.2 ГК РФ в редакции законопроекта № 4246327, представленного к первому чтению, «цифровыми деньгами может признаваться не удостоверяющая право на какой-либо объект гражданских прав совокупность электронных данных (цифровой код или обозначение), созданная в информационной системе, отвечающей установленным законом признакам децентрализованной информационной системы, и используемая пользователями этой системы для осуществления платежей».

По причине новизны для законодателя общественные отношения, складывающиеся в условиях оборота криптовалюты, пока

находятся вне правового поля в большинстве стран мира (многие международные регуляторы занимают выжидающую позицию, наблюдая за развитием криптовалютной индустрии и проверяя ее жизнеспособность). Определение правовой природы цифрового актива носит экспериментальный и во многом дискуссионный характер, что обусловлено как сложностью и неординарностью анализируемого явления, так и определенными различиями в построении национальных систем прав.

В результате проведенного нами исследоваания мы пришли к выводу, что правовая природа криптовалюты в качестве объекта гражданских прав на доктринальном и законодательном уровнях не определена.

На сегодняшний день в мировой практике не сложилось единого подхода, а также нормативно-правового регулирования определения дефиниции «криптовалюта».

Обращаясь к вышеуказанному акту, можно также сделать вывод о том, что Российская Федерация не признает цифровые финансовые активы в качестве средства платежа, однако допускает операции с данными активами.

Таджикистан, как и многие другие страны, ещё не определился со своим отношением к криптовалюте, и не принял никаких нормативных актов по регулированию криптовалюты.

Механизм правового регулирования самого осуществления сделок с криптовалютой, к сожалению, остается непонятным. Можно также утверждать, что законодатель рассматривает цифровой финансовый актив как инструмент для инвестирования.

**Литература:**


1.Гражданский кодекс Российской Федерации (часть первая)» от 30.11.1994 N 51-ФЗ (ред. от 24.07.2023) (с изм. и доп., вступ. в силу с 01.10.2023).

2.Федеральный закон «О внесении изменений в части первую, вторую и статью 1124 части третьей Гражданского кодекса Российской Федерации» от 18.03.2019 N 34-ФЗ (последняя редакция).

3.Федеральный закон «О цифровых финансовых активах, цифровой валюте и о внесении изменений в отдельные законодательные акты Российской Федерации» от 31.07.2020 N259-ФЗ.

4. Гаврилов В.Н., Рафиков Р.М. Криптовалюта как объект гражданских прав в законодательстве России и ряда зарубежных государств. Вестник экономики, права и социологии, 2019, № 1. С.55-56.

5. Демичева А.Г. Криптовалюта в России: особенности правового режима. Проблемы экономики и юридической практики. № 6 2018 .- С.50-52.

6. Евсикова Е. В., Старицын А. В. Некоторые аспекты нормативно-правового регулирования цифровых финансовых активов в Российской Федерации. Ученые записки Крымского федерального университета имени В. И. Вернадского Юридические науки. – 2022. – Т. 8 (74). № 2. – С. 152.

7. Егорова М. А., Ефимова Л.Г. Понятие криптовалют в контексте совершенствования российского законодательства. №7.2019.- С.131.

8. Новоселова Л. О правовой природе биткойна // Хозяйство и право. 2017. N 9. С. 15.

9. Савельев А.И. Криптовалюты в системе объектов гражданских прав / А. И. Савельев //Закон. 2017. № 8. С.136.

10.Санникова Л. В. Цифровые эксперименты российского законодателя // Имущественные отношения в РФ . 2019 . № 12 . С .89.

11.Сидоренко Э. Л. Правовой статус криптовалют в Российской Федерации // Экономика. Налоги. Право. 2018. № 2. С. 130-137.



**Желтова Виктория Алексеевна -** Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, докторанти PHD


**Ҷанбаҳои ҳуқуқии танзими пулҳои рақамӣ**

Ин мақола вазъи ҳуқуқӣ ва хосиятҳои ҳуқуқҳои рақамиро баррасӣ мекунад. Ҷанбаҳои ҳуқуқии пули рақамӣ доираи васеи масъалаҳоро дар бар мегирад, аз ҷумла муайян кардани мақоми он, механизмҳои танзим, масъалаҳои андозбандӣ ва ҳифзи истеъмолкунандагон. Ҷанбаи муҳим ин зарурати эҷоди заминаи дақиқи қонунист, ки амният ва шаффофияти муомилот бо асъори рақамиро таъмин мекунад. Таҳлили равишҳои ҳуқуқӣ барои танзими асъори рақамӣ дар қаламравҳои гуногун нишон медиҳад, ки равишҳо метавонанд аз қонунигардонии пурра то мамнуъияти пурра фарқ кунанд.

**Калидвожаҳо**: асъори рақамӣ, cryptocurrency, ҳамёни криптографӣ, табиати ҳукуқӣ, блокчейн, биткоин, пули фиат.

**Zheltova Victoria Alekseevna-** National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, PHD student

**Legal aspects of digital currency regulation**

This article examines the legal status and properties of digital rights. The legal aspects of digital currency cover a wide range of issues, including determining its status, regulatory mechanisms, taxation issues, and consumer protection. An important aspect is the need to create a clear legal framework that would ensure the security and transparency of transactions with digital currencies.

**Key words:** digital currency, cryptocurrency, crypto wallet, legal nature, blockchain, bitcoin, fiat money.

# ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУАЙЯННАМОИИ МАФҲУМИ СИРРИ БОНКӢ ДАР НАЗАРИЯ ВА ҚОНУНГУЗОРӢ

**Асоева Гулнора Афғоновна** - Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, унвонҷӯй; Сардори идораи ҳуқуқи КВД БА ҶТ "Амонатбонк". E-mail: asoeva-g@amonatbonk.tj

Дар мақола сухан дар бораи муайян намудани сирри бонкӣ ва маълумотҳое, ки онро ташкил медиҳанд, меравад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ кӯшиши ошкор кардани мазмуни сирри бонкӣ ва муайян кардани ин категорияи ҳуқуқӣ – иқтисодӣ сурат гирифтааст. Тамоми андешаҳои баённамудаи муҳаққиқонро дар мафҳуми сирри бонкӣ таҳлил намуда, ҳамаи онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст: тарафдорони мазмуни васеи мафҳуми сирри бонкӣ ва тарафдорони мазмуни маҳдуди мафҳуми сирри бонкӣ. Тарафдорони тафсири васеи сирри бонкӣ ба он тамоми маълумотеро, ки ба муштарии ташкилоти қарзӣ дахл доранд, дохил мекунанд. Қайд мегардад, ки мафҳуми сирри бонкиро ҳамчун маълумоте, ки ташкилоти қарзӣ дар бораи муомилот, суратҳисобҳо ва пасандозҳои муштариён ва корреспонденти худ ҳифз мекунад, инчунин дигар маълумоти аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба манфиати онҳо муқарраршуда муайян карда шудааст, ки паҳн кардани онҳо метавонад ба мизоҷон ва корреспондентҳои ташкилоти қарзӣ зарар расонад, фаҳмида мешавад.

**Калидвожаҳо:** Институти сирри бонкӣ, мафҳуми сирри бонкӣ, фаъолияти бонкӣ, ташкилотҳои махсуси иқтисодӣ, воситаҳои пулӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои муштариён, ҳисоббаробаркуниҳо, муомилот бо коғазҳои қимматнок, муносибатҳои молӣ – пулӣ, амалиёти саррофӣ, махфӣ будани пасандозҳо

Мафҳуми сирри бонкӣ яке аз масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалие мебошад, ки таҳлили он яке аз вазифаҳои таҳқиқоти илмии моро ташкил медиҳад. Ин масъала дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври васеъ инъикос ёфта, дар фаъолияти ҳаррӯзаи бонкҳо бештар ба назар мерасад.

Тазаккур бояд дод, ки мафҳуми сирри бонкӣ ба ғайр аз дар адабиётҳои илмӣ, инчунин дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ мустаҳкам карда шудааст. Чунончӣ, тибқи қ.1 м. 946 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[5], маълумот дар бораи суратҳисоби бонкӣ, амалиётҳо ва хизматрасонӣ вобаста ба он, оид ба соҳиби суратҳисоб маҳрамона буда, бонк маҳрамияти мазкурро кафолат медиҳад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" [7] дар м. 48 пешбинӣ намудааст, ки маълумот дар бораи фаъолият ва ҳолати молиявии муштарӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо муштарӣ ё бо шахси сеюм маълум шудааст ва ошкор кардани он мумкин аст ба муштарӣ зиёни моддӣ ё маънавӣ расонад, сирри бонкӣ мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ кӯшиши ошкор кардани мазмуни сирри бонкӣ ва муайян кардани ин категорияи ҳуқуқӣ – иқтисодӣ сурат гирифтааст. Тамоми андешаҳои баённамуди муҳаққиақонро дар мафҳуми сирри бонкӣ таҳлил намуда, ҳамаи онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст: тарафдорони мазмуни васеи мафҳуми сирри бонкӣ ва тарафдорони мазмуни маҳдуди мафҳуми сирри бонкӣ. Тарафдорони тафсири васеи сирри бонкӣ ба он тамоми маълумотеро, ки ба муштарии ташкилоти қарзӣ дахл доранд, дохил мекунанд. Тарафдорони ақидаи мазкур Ефимова Л.Г., Тосунян Г.А., Викулин А.Ю., Лисицина Н.В., Куршаков Д., Маркелова К.А. мебошанд.

Чунончӣ, Ефимова Л.Г. бар ин назар аст, ки «мафҳуми сирри бонкӣ бояд ҳамчун як низоми махсуси ҳуқуқии маълумот дар бораи мизоҷон, ки қонун муайян кардааст, ба бонк бинобар амалисозии фаъолияти касбии бонкӣ маълум гардид, фаҳмида мешавад. Ин низоми ҳуқуқӣ бонкро вазифадор мекунад, ки маълумоти гирифта-шударо фош накунад, инчунин тартиб ва шартҳои бе ризоияти мизоҷони худ ба шахсони сеюм додани маълумоти зикршударо муайян менамояд [4].

Аз ҷониби Тосунян Г.А. ва Викулин А.Ю. мафҳуми зерини сирри бонкиро пешниҳод намудаанд: "сирри бонкӣ ин маълумотест, ки ташкилоти қарзӣ дар бораи муомилот, суратҳисобҳо ва пасандозҳои муштариён ва корреспонденти худ ҳифз мекунад, инчунин дигар маълумоте, ки ташкилоти қарзӣ дар асоси қонунҳо ба манфиати онҳо муқаррар кардааст, ки тавассути онҳо муштарӣ ва корреспондентҳои ташкилоти қарзӣ муайян карда мешаванд" [16].

Лиситсина Н.В. чунин мешуморад, ки сирри бонкӣ як намуди сирри бо қонун ҳифзшаванда буда, аз маълумоте иборат аст, ки дар ҷараёни фаъолияти бонкӣ дар бораи мизоҷон ва (ё) корреспондентҳои ташкилоти қарзӣ, дар бораи суратҳисобҳои бонкии онҳо, пасандозҳои бонкӣ, муомилот ва дигар амалиёти бонкӣ, инчунин дигар маълумоте, ки ташкилоти қарзӣ муқаррар кардааст, иборат аст [8].

Куршаков Д. сирри бонкиро ҳамчун ӯҳдадории касбии бонк оид ба махфияти қатъӣ нигоҳ доштани тамоми маълумоти марбут ба ҷихатҳои молиявӣ ва шахсии фаъолияти муштариён ва шахсони сеюми муайян, ба шарте ки чунин маълумот дар натиҷаи хизматрасонии муътадили бонки ба ин муштариён ба даст оварда шуда бошад [6].

Ба андешаи Маркелова К.А. маълумотҳои зерин низоми сирри бонкии муштарии шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳад: шартномаи таъсисӣ, шаҳодатномаи бақайдгирӣ, шаҳодатномаи бақайдгирӣ дар мақомоти андоз, шаҳодатномаҳои фондҳои ғайрибуҷетӣ, кортҳо бо намунаҳои имзо ва мӯҳр, ки ҳуқуқи гирифтани имзои якум ва дуюмро муайян мекунанд, муҳлати ваколати онҳо, бюллетени иттилоотӣ, ки номгӯи ҳама маълумот дар бораи муштарӣ мебошад, аз қабили: рақами суратҳисоби ҷорӣ, санаи кушодашавӣ, номи муштарӣ, номи муштарӣ, рақами мушаххаси бонкӣ, рамзи саноат, рамзи фонди нафақа, ҳисоби дуюм, номи пурра, мудир, рақами телефони ӯ, мақсади ҳисобнома, номи пурра, сармуҳосиб, рақами телефони ӯ, давраи додани ҳисоботи суратҳисоб, суроғаи ҳуқуқӣ, индекси почта, санаи огоҳинома ба мақомоти андоз ва Фонди нафақа, рақами намуди фаъолият, шартҳои пардохти музди меҳнат, номи ташкилоти ибтидоӣ, рақами шартномаи хизматрасонӣ, санаи бастани шартномаи хизматрасонӣ. Инчунин, маълумот дар бораи муштарӣ - шахси ҳуқуқӣ маълумот дар бораи таърихи қарзи муштарӣ, мазмун ва шартҳои шартномаҳои бо муштарӣ басташуда: шартномаи қарз, шартномаи таъмини иҷрои ӯҳдадориҳо, шартномаи маблағгузорӣ аз рӯи гузашти талаботи пулӣ ва ғайра, инчунин маълумот дар бораи шахсони воқеӣ: реквизитҳои шиносномаи директор, сармуҳосиб, рақами телефони хонагӣ ва ғайраро дар бар мегирад [9; 2, 37-41]. Нисбат ба шахси воқеӣ ба андешаи Маркелова К.А. низоми сирри бонкӣ бояд пеш аз ҳама худи факти муносибатҳои муштарӣ бо бонк, маълумот дар бораи шиносномаи ӯ, кортҳои дорои намунаҳои имзои муштарӣ, шумораи суратҳисобҳо ва пасандозҳои муштарӣ, маълумот дар бораи мазмун ва шартҳои шартномаҳои бо муштарӣ басташуда: шартномаи пасандози бонкӣ, шартно-маи қарз ва ғайра, маълумот дар бораи фоизи пасандозҳо бо муштарӣ, маълумот дар бораи он, ки дар бораи фоизҳо бо муштарӣ гузошта шудааст, дар бар гирад дар бораи мавҷуд будан ё набудани дафтарчаи амонатӣ, шартномаи пасандози бонкӣ, сертификатҳо ва ғайра, барои баъзе шартномаҳо - маълумот дар бораи ки дар сурати фавти муштарӣ фоидагиранда, барои шартномаҳои қарзӣ – маълумот дар бораи вазъи оилавии муштарӣ, дар баъзе мавридҳо - маълумот дар бораи вазъи саломатии мизоҷ ва ғайраро дар назар дорад [9, 50-51].

Викулин А.Ю. мафҳуми сирри бонкиро ҳамчун маълумоте, ки ташкилоти қарзӣ дар бораи муомилот, суратҳисобҳо ва пасандозҳои муштариён ва корреспонденти худ ҳифз мекунад, инчунин дигар маълумоти аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба манфиати онҳо муқарраршуда муайян карда шудааст, ки паҳн кардани онҳо метавонад ба мизоҷон ва корреспондентҳои ташкилоти қарзӣ зарар расонад [3, 36-39].

Тарафдорони фаҳмиши маҳдуди сирри бонкӣ маълумоти ба сирри бонкӣ дохилшударо бо меъёрҳои муайян маҳдуд мекунанд [1, 12-16]. Олимони зерин тарафдорони фаҳмиши маҳдуди мафҳуми сирри бонкӣ мебошанд: Суханова Е.А., Рассказова Н.Ю., Маҳмудзода М.А. ва дигарон мебошанд.

Чунончӣ, сирри бонкӣ ӯҳдадории бонк ё дигар ташкилоти қарзӣ оид ба нигоҳ доштани

сирри амалиёти муштарӣ ба ҳисоб меравад [12, 155].

Рассказова Н.Ю. сирри бонкиро ҳамчун «низоми ҳуқуқӣ, ки истифодаи маълумоти муайян бояд зери он бошад» фаҳмида мешавад, ки фош кардани маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, вайрон кардани шартномаи суратҳисоби бонкӣ мебошад, ки барои он бонк дар назди мизоҷ дар асоси умумӣ ҷавобгар аст [13, 609-610].

Ба ақидаи олимони ватанӣ сирри бонкӣ мутобиқи он сирри тиҷоратии бонкҳо ва мушттариёни онҳо, яъне шахсони ҳуқуқӣ ва сирри шахсии амонатгузорон ҳифз карда мешавад [15, 426-427].

Аз ақидаи баённамудаи олимони тарафдори фаҳмиши маҳдуди мафҳуми сирри бонкӣ маълум мегардад, ки олимони мазкур баъзе паҳлуҳои моҳи-яти ҳуқуқии мафҳуми сирри бонкиро сарфи назар намудаанд, ки ҳамаи онҳо зимни таҳлили масъалаҳои дар назди кори илмӣ гузошташуда баён намуда, баъдан мафҳуми муаллифии онро пешниҳод мекунем.

Тазаккур бояд дод, ки  мафҳумҳое, ки дар КМ ҶТ ва ҚҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” аз ҳамдигар тафовут доранд. Чунончӣ, мафҳуме, ки дар КМ ҶТ пешбинӣ шудааст, ба суратҳисоби бонкӣ, амалиётҳо ва хизматрасонӣ вобаста ба он, оид ба соҳиби суратҳисоб нигаронида шуда, мафҳуме, ки дар ҚҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” пешбинӣ шудааст, сухан дар бораи амалиётҳои бонкӣ дар умум меравад, яъне, мафҳуми мазкур на танҳо дар бораи муомилоти суратҳисоб, балки дар бораи муомилоти пасандоз, инчунин дар бораи дигар амалиётҳое, ки муштарии ташкилоти қарзӣ анҷом медиҳанд, нигаронида шудааст.

Дигар фарқияти мафҳумҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида дар он ифода меёбад, ки ҚҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ташкилотҳои қарзӣ, кормандон ва дигар хизматчиёни он, ки зимни амалӣ намудаи фаъолияти касбӣ ба сирри бонкӣ дастрасӣ пайдо намудаанд, ҷиҳати ифшо накардани он уҳдадор мекунад. Аммо муқаррароти мазкур дар КМ ҶТ ҳамчун танҳо уҳдадории бонк пешбинӣ карда шудааст.

Фарқияти сеюми мафҳумҳои дар қонунгузорӣ пешбинигардида ин муайян гардидани оқибати фош кардани онҳо ба ҳисоб меравад. Чунончӣ, ҚҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” оқибати ифшо кардани онро расонидани зарари моддӣ ва зарари маънавӣ эътироф намудааст, ки дар ин бора дар КМ ҶТ мушаххасоте ҷой надорад.

Тафовут ва фарқиятҳои баёнгардида инчунин, диққати олимонро ба худ ҷалб намуда, масъалаи мазкур аз ҷониби олимон ҳар гуна тафсир карда шудааст. Масалан, Олейник О.М., доир ба фарқияти якум чунин қайд намудааст, ки аз беэҳтиётии қонунгузор танҳо амалиёти суратҳисоби таҳти сирри бонкӣ қарор гирифта, амалиёти пасандозҳо берун аз ин низом боқӣ мондааст, ки онро шарҳ додан ғайриимкон аст [11, 255].

Ба ақидаи мазкур Маркелова К.А. розӣ нашуда, чунин нуқтаи назарро пешниҳод намудааст, ки дар қ. 3 м. 834 Кодекси граждании Федератсияи Россия (м. 930 КМ ҶТ - муаллиф) гуфта мешавад, ки қоидаҳои шартномаи суратҳисоби бонкӣ нисбати муносибатҳои байни бонк ва пасандозгузор аз рӯи суратҳисобе, ки ба он пасандоз гузошта шудааст, татбиқ мегардад. Эҳтимол, қонунгузор чунин мешуморад, ки муомилоти пасандозҳо аслан муомилоти суратҳисобе мебошанд, ки ба он пасандоз гузошта шудааст ва аз ин рӯ мафҳумҳои якхеларо дар ташаккули сирри бонкӣ дар бар нагирифта, онҳоро ба мафҳуми умумӣ ва васеътар – муомилоти суратҳисобӣ муттаҳид накардааст [9, 43].

Бо ақидаи мазкури Маркелова К.А. ҷиҳати таҳлил намудани фарқиятҳои баёнгардида қобили қабул намешуморем. Зеро, сараввал муқаррароти қ. 3 м. 834 Кодекси граждании Федератсияи Россия дар қонунгузории мо ҷой надорад. Баъдан, тазаккур бояд дод, ки дар КМ ҶТ танҳо дар боби 49 (Суратҳисоби бонкӣ) меъёр доир ба маҳрамияти маълумот пешбинӣ шудааст. Аммо тавре маълум аст, дар дигар меъёрҳои КМ ҶТ дигар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ таҳти танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудаанд, ки ба фаъолияти бонкӣ дахл доранд. Масалан, боби 46 (Қарз ва кредит), боби 48 (пасандози бонкӣ) ва боби 50 (ҳисоббаробаркунӣ). Омӯзиши меъёрҳои бобҳои зикргардида нишон медиҳанд, ки дар онҳо муқаррарот дар бораи сирри бонкӣ ва тартиби маҳрамияти он пешбинӣ нагардидааст, ки ба андешаи мо ин норасогии қонунгузорӣ мебошад, ки ҷиҳати бартараф намудани он дар таҳқиқот пешниҳодҳои худро манзур менамоем.

Ақидаҳои баённамудаи олимонро таҳлил намуда, мафҳуми зерини сирри бонкиро

пешниҳод менамоем: сирри бонкӣ – маҷмуи маълумотҳо дар бораи шахсият, фаъолият ва ҳолати молиявии муштарӣ мебошад, ки ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардида, низоми махсуси ҳимояро доро мебошад, ки фош кардани он боиси вайрон гардидани ҳуқуқ ва ба манфиатҳои қонунии муштарӣ зарар мерасонад ва боиси пайдо шудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад.

**Адабиёт:**


1. Андронова Т.А. Банковская тайна: проблемы правового регулирования. Дисс...к.ю.н. – М., 2008. – С. 12-16.
2. Бободжонзода И.Х., Шухратпур Мухамадюсуф. Особенности филиалов иностранных банков в России и Таджикистан: сравнительно-правовой анализ. // Маҷаллаи академияи ҳуқуқ. – 2024. – №3(51). – С. 37-41.
3. Викулин А.Ю. Категория "банковская тайна" и "коммерческая тайна банка" и их соотношение //Банковское дело. – 1997. – № 12. – С. 36-39.
4. Ефимова Л.Г. Банковское право. учебник. - М.: Проспект, 2015. - 451 с.
5. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 // Махзани муттамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат 05.02.2025).
6. Куршаков Д. Банковская тайна // Закон. –1998. – № 2. – С. 65.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" аз 19 майи соли 2009, №524 // Маҳзани муттамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат 05.02.2025).
8. Лисицина Н.В. Банковская тайна как объект правового регулирования. Дисс.к.ю.н. – М., 2003. – 220 с.
9. Маркелова К А. Особенности банковской тайны как правовой категории // Банковское право. – 2000. – № 1. – С. 42-51.
10. Маркелова К.А. Банковская тайна: правовые аспекты. - Дис. к.ю.н. –Саратов, 2000. – 184 с.
11. Олейник О.М. Основы банковского права, курс лекций. – М., 1997. – 424 с.
12. Правовое регулирование банковской деятельности/ Под ред. Суханова Е.А. – М., 1997. – 448 с.
13. Рассказова Н.Ю. Комментарий к Гражданскому кодексу РФ. Часть вторая. Постатейный / Под ред. Сергеева А.П., Толстого К.Ю. – М., 2003. – С. 609-610.
14. Тосунян Г.А, Викулин А.Ю. Банковское право. Российский понятийный аппарат и словарь нормативных определений / под. ред. Эсмаляна А М. – М.: Изв-во Юристь, 2000. - С. 93.
15. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Маҳмудов М.А. – Душанбе: "ЭР-граф", 2009. – С. 426-427.



**Асоева Гулнора Афгоновна -** Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, соискатель; Начальник юридического отдела Государственного унитарного предприятия Республики Таджикистан «Амонатбонк». E-mail: asoeva-g@amonatbonk.tj


## Теоретические проблемы определения понятия банковской тайны в теории и законодательстве


В статье рассматривается определение банковской тайны и сведения, ее составляющие. В юридической литературе предпринимались попытки раскрыть сущность банковской тайны и дать определение этой экономико-правовой категории. Анализируя все мнения, высказанные учеными относительно понятия банковской тайны, их можно разделить на две группы: сторонники широкого понимания понятия банковской тайны и сторонники узкого понимания понятия банковской тайны. Сторонники широкого толкования банковской тайны включают в нее всю информацию, касающуюся клиента кредитной организации. Отмечено, что под понятием банковской тайны понимаются сведения, которые кредитная организация защищает об операциях, счетах и вкладах своих клиентов и корреспондентов, а также иные сведения, определяемые кредитной организацией в своих интересах, разглашение которых может причинить вред клиентам и корреспондентам кредитной организации.



**Ключевые слова:** Институт банковской тайны, понятие банковской тайны, банковская

деятельность, специальные экономические организации, денежные средства, защита прав клиентов, расчеты, операции с ценными бумагами, финансово-денежные отношения, валютные операции, тайна вкладов.

**Gulnora Afgonovna Asoeva -** National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, Candidate; Head of the Legal Department of the State Unitary Enterprise of the Republic of Tajikistan «Amonatbonk». E-mail: asoeva-g@amonatbonk.tj

**Theoretical problems of defining the concept of banking secrecy in theory and legislation**

The article examines the definition of banking secrecy and the information that constitutes it. In the legal literature, attempts have been made to reveal the essence of banking secrecy and to define this economic and legal category. Analyzing all the opinions expressed by scientists regarding the concept of banking secrecy, they can be divided into two groups: supporters of a broad understanding of the concept of banking secrecy and supporters of a narrow understanding of the concept of banking secrecy. Supporters of a broad interpretation of banking secrecy include all information concerning the client of a credit institution. It is noted that the concept of banking secrecy means information that a credit institution protects about the transactions, accounts and deposits of its clients and correspondents, as well as other information determined by the credit institution in its interests, the disclosure of which may cause harm to clients and correspondents of the credit institution.

**Keywords:** Institute of banking secrecy, banking activities, special economic organizations, monetary instruments, protection of clients' rights, settlements, operations with securities, financial and monetary relations, currency transactions, deposit secrecy.

МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ – 3 (55) / 2025
АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ – 3 (55) / 2025

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИДОРАКУНИИ МЕҲНАТ ДАР САТҲИ ЛОКАЛӢ (ТАШКИЛОТҲО)

**Одиназода Рамазон Сафар** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Ходими пешбари илмӣ; **Тоҷиддини Баҳриддин -** Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, унвонҷӯй

Дар мақола таҳлили унсури асосии идоракунии меҳнат, яъне танзими ҳуқуқии он баррасӣ шудааст. Танзими ҳуқуқӣ заминаи ҳамагуна идоракунӣ ба шумор меравад, чунки онро қонунӣ мегардонад, роҳу восита ва механизмҳои идоракунӣ, намудҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷазодиҳӣ, ки якҷоя маҷмуи идоракунандаро ташкил медиҳад, муқаррар мекунад. Мубрамияти идораккунӣ дар сатҳи локалӣ чӣ тавре муаллифон баён кардаанд, дар он аст, ки он ҳалқаи муҳиммтарини идоракунии меҳнат аст, чунки дар сатҳи локалӣ масоили муҳимтарини идоракунӣ баррасӣ мегардад.

**Калидвожаҳо:** меҳнат, ҳуқуқи меҳнат, танзими меҳнат, идоракунии ташкилот, идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии локалӣ, ҷавобгарӣ.

Идоракунии меҳнат яке аз ниҳодҳои муҳимтарини ҳуқуки меҳнат ба шумор рафта, имрӯз яке аз масоили мураккаби муносибатҳои меҳнатӣ ба шумор меравад. Қайд намудан зарур аст, ки идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини идоракунии меҳнат бу шумор рафта, ҳалқаи асосии он мебошад. Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ тавассути маҷмуи санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) ва шартномаҳои коллективӣ амалӣ карда мешавад.

Дар мақолаи мо намудҳои санадҳои танзимкунандаи идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ, инчунин баъзе мушкилоти танзими онҳо ба таври муфассал баррасӣ карда мешаванд.

## 1. Санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ)

Тибқи моддаи 1 КМ ҶТ зери мафҳуми "санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ)" ин "санадҳои меъёрии аз тарафи мақомоти дахлдори идоракунии ташкилот бо розигии мақомоти намояндагии кормандон қабулнамудае, ки муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқамандро танзим намуда, дар ҳудуди ташкилот амал мекунанд" фаҳмида мешавад.

Санадҳои меъёрии дохилиро аз руи мазмунашон "ба (1) санадҳои ташкилию ҳуқуқӣ, (2) маъмурӣ ва (3) иттилоотӣ ҷудо кардан мумкин аст"[6,19-20]. Ин санадҳо барои танзими ҷанбаҳои гуногуни идоракунии меҳнат, аз ҷумла масъалаҳои ташкилӣ, маъмурӣ, иттилоотӣ ва дигар мавзуъҳо қабул карда мешаванд. Санадҳои хусусияти ташкилию ҳуқуқидошта асосан ба вазъи ҳуқуқии ташкилот, муайянсозии самтҳои асосии фаъолият, низомномаи ташкилот, воҳидҳои сохторӣ, банақшагирӣ ва назорати кор, сохтори идоракунии ташкилот, басти вазифаҳо, қоидаҳои дохилии меҳнат, дастур оид ба намудҳои алоҳидаи фаъолият (дастур оид ба кори коргузорӣ), тавсифи вазифаҳо, низомномаҳо оид ба шурои директорон ва ғайра рабт доранд.

Санадҳои меъёрии дохилии хусусияти ташкилию ҳукуқидошта ҳамчунин дар шакли қоидаҳо, оинномаҳо, дастурҳо, низомномахо, руйхатҳо, таснифкунихо ва дигар намудҳо қабул карда мешаванд, ки метавонанд хусусияти доимӣ (бе махдуд кардани мухлати татбики онҳо) ва муваққатӣ (дар мухлати дар онҳо пешбинишуда ё то фарорасии ҳодисаи муайян) дошта бошанд.

Асосҳои ҳуқуқии қабули санадҳои меъёрии дохилии корфармо қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла меъёрҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои соҳавӣ, санадҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои вазорату идораҳои соҳавӣ дар мавзуъҳои салоҳиятдошта, қарорҳои муассисони ташкилот, меъёрҳои созишномаҳои соҳавӣ, шартномаҳои коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мебошанд.

Санадҳои меъёрии дохилӣ инчунин бо мақсадҳои муқаррар намудани меъёрҳо, талаботҳо, қоидаҳо оид ба идоракунии меҳнат, ки

қаблан дар ташкилот объекти танзим набуданд, қабул карда мешаванд. Бо санадҳои меъёрии дохилӣ дар ташкилот меъёрҳо, талаботҳо, қоидаҳои мавҷуда, ки бо ҳуҷҷатҳои меъёрии пештар баровардашуда муқаррар шудаанд, метавонанд тағйир дода шаванд ё бекор карда шаванд. Санадҳои меъёрии дохилӣ дар ҳолати мавҷудияти соҳаи кор (масъалаҳои фаъолият), ки танзими меъёриро тақозо мекунад, қабул карда мешаванд.

Санадҳои меъёрии дохилӣ аз ҷониби олимон аз рӯи аломатҳои гуногун тасниф карда мешаванд: "аз рӯи усули эҷод - яккасардорӣ, муштарак, мувофиқашуда-шартномавӣ, бо назардошти андешаи мақомоти намояндагии кормандон; вобаста ба доираи амал – санадҳои амали умумӣ ва махсус; бо назардошти меъёрҳои аз ҷониби давлат муқарраршуда - санадҳои меъёрии дохилии дар қонунҳо пешбинишуда, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (аз ҷумла созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ); аз руи мазмун - моддӣ ва мурофиавӣ; аз руи дараҷаи умумият-маҷмуӣ (оинномаҳо, шартномаҳои коллективӣ) ва амалкунанда; аз руи шакли ифода–шартномаҳо, созишномаҳо, оинномаҳо, муқаррарот, қоидаҳо, дастурҳо, руйхатҳо, ҷадвалҳо, тартибҳо, стандартҳо, фармонҳо" [8,13-14].

Инчунин таснифоти дигари санадҳои меъёрии дохилӣ – "аз руи дараҷаи умумият – мураккаб ва институтсионалӣ, аз руи предмети танзим - вобаста ба ниҳодҳои ҳуқуқи меҳнат ё шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ"[3,74-88] мавҷуданд.

Дар амал дар масъалаи фарқ намудан ва муайян кардани моҳияти ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи санадҳои ташкилию ҳуқуқӣ - санадҳои меъёрӣ ва санадҳои хусусияти ташкилидошта душвориҳо ба амал меоянд. Таснифи намудҳои гуногуни муқаррарот ва қоидаҳо ҳамчун қоидаҳои дохилӣ маъмул аст. Як қатор олимон масъалаи мазкурро ба баҳс кашиданд, аз ҷумла: "тартиб додани ҷадвали штатӣ ё ҷадвали рухсатӣ ҳамчун қоидаҳои дохилӣ боиси баҳсҳои зиёде мегардад. Аз нуқтаи назари амалӣ ин масъала вобаста ба уҳдадории корфармо, ки моддаи 22 Кодекси меҳнати ҶТ мукаррар кардааст, муҳим аст. Тибқи ин модда корфармо ҳар як кормандро бо санадҳои меъёрии локалӣ, ки бо имзои худ қабул кардааст, бояд шинос кунад. Дар сурате, ки масалан, ҷадвали штатӣ ҳамчун санади меъёрии локалӣ эътироф карда мешавад, якбора якчанд саволҳои амалӣ ба миён меоянд: қонунӣ будани шиносоии корманд бо ҷадвали штатӣ, ки дорои маълумоти шахсии дигар кормандон (маълумот дар бораи андозаи музди меҳнат ва ғ.), дар бораи зарурати огоҳ намудани ҳамаи кормандон дар ҳолати тағйир додани ҷадвали штатӣ ва ғайра"[7,46-55].

Ҳамин тариқ, масъалаи фарқияти санадҳои меъёрӣ ва санадҳои дохилии хусусияти ташкилидошта айни замон аҳамияти муҳим пайдо намудааст. Масалан, баъзе муҳаққиқон ҷадвали бастӣ ва ҷадвали рухсатиро ҳамчун санадҳои меъёрии дохилӣ тасниф намуда, баъзеи дигар онҳоро санадҳои ташкилӣ медонанд.

Олимон чун аломатҳои асосии фарққунандаи санадҳои меъёрии дохилӣ инҳоро номбар мекунанд: "а) меъёрӣ, яъне ба тамоми коллективи кормандон ё як қисми он (воҳиди сохторӣ); (б) такрори татбиқи меъёрҳои дар он зикргардида; в) зарурати ба инобат гирифтани фикри мақомоти намояндагии кормандон (агар мавҷуд бошад)" [5]. Масалан, "муқарраарот дар бораи музди меҳнат, коркарди маълумоти шахсии кормандон ё қоидаҳо ва дастурҳо оид ба ҳифзи меҳнат меъёрҳои дохилӣ мебошанд, зеро онҳо ба ҳамаи талаботи дар боло зикршуда мувофиқат мекунанд, яъне онҳо қоидаҳои марбут ба кори ҳама ё аксарияти кормандонро дар бар мегиранд ва ҳуқуқ ва (ё) ӯҳдадориҳои онҳоро муқаррар мекунанд (меъёрӣ), татбиқи такрории қоидаҳои дар онҳо зикршударо дар назар доранд" [7,46-55].

Мо низ ба ин мавқеъ мувофиқем, ки басти вазифаҳо ва ҷадвали рухсатӣ санадҳои ташкилии корфармо мебошанд, зеро ин санадҳо хусусияти меъёрӣ надоранд ва барои кормандон ва ба кори онҳо ягон қоида муқаррар намекунанд. Баръакс ин санадҳо иҷрои меъёри аллакай муқарраршуда, мисол ҳуқуқ ба истифодаи рухсатиро дар амал татбиқ мекунанд, яъне хусусияти ёридиҳанда ва ташкилӣ доранд. Ҳатто мавҷуд набудани ҷадвали рухсатиҳо кормандро аз ҳуқуқи истифодаи рухсатӣ маҳрум ё маҳдуд карда наметавонад. Ҷадвали рухсатиҳо бо мақсади танзимоти дохилии навбати рухсатиҳои кормандон тартиб дода мешавад. Ҳамингуна басти вазифаҳои кормандон, ки хусусияти ташкилӣ дошта, он маълумоти зарурирo дар бораи вазифа, музди меҳнат ва дигар маълумоти кормандонро дар бар мегирад, ки заминаҳои меъёрии он муқаррароти

КМ ҶТ ва шартномаи меҳнатии басташуда маҳсуб шуда, он меъёрҳои нав ё иловагиро муқаррар намекунад.

Вобаста ба шарти қабули ҳатмии санадҳои меъёрии дохилӣ онҳоро метавон ба санадҳои (1) қабулашон дар аксари ташкилотҳо ҳатмибуда, (2) ҳатмӣ будани қабули онҳо дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои муайян, (3) тибқи қонун қабули онҳо ҳатмӣ нест, ҷудо кард.

Мисол, санадҳои меъёрии дохилие, ки корфармоён ба таври ҳатмӣ бояд қабул кунанд ин: қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ (моддаи 59-и КМ ҶТ), ҳуҷҷатеро, ки тартиби нигоҳдорӣ ва истифодаи маълумоти шахсии кормандонро танзим мекунанд (моддаи 57-и КМ ҶТ), санадҳо дар бораи музди меҳнат ва мукофотпулӣ (моддаи 139 КМ ҶТ), қоидаҳо ва дастурҳо оид ба ҳифзи меҳнат (моддаи 348 КМ ҶТ), тартиб ва андозаи ҷуброни хароҷоти вобаста ба сафарҳои хизматӣ (моддаи 177 КМ ҶТ), санади меъёрии дохилӣ (моддаи 19 КМ ҶТ), ҷадвали рухсатҳо (моддаи 107 КМ ҶТ) ба шумор меравaнд.

Санадҳои меъёрии дохилие, ки қабул ва нигоҳдории онҳо дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои дахлдор ҳатмӣ мебошанд, санадҳоеро дар мегиранд, ки ҷорӣ, иваз ва аз нав дида баромадани меъёрҳои меҳнат (моддаи 134 КМ ҶТ), ба қисмҳо тақсим кардани рузи корӣ (моддаи 75 КМ ҶТ), тартиб ва шартҳои додани рухсатии иловагии пардохтшаванда (моддаи 119 КМ ҶТ), ҷуброн барои корҳои дорои хусусияти ҳаракаткунанда ва сайёр (моддаи 178 КМ ҶТ) ва ҷадвали бастҳои кориро (моддаи 86 КМ ҶТ) пешбинӣ менамоянд. Инчунин, санадҳои меъёрии дохилие мавҷуданд, ки қабули онҳо тибқи талаботи қонунгузории махсус ҳатмӣ аст, масалан, оинномаҳо ва низомномаҳо дар бораи интизоми муқаррарнамудаи қонунҳо нисбат ба хизматчиёни ҳарбӣ, низомномаҳо дар бораи аттестатсияи мутахассисон дар соҳаҳои гуногун, мисол, қоидаҳои аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ, тартиби гузаронидани аттестатсияи кормандони омузгорӣ, кодекси одоб ва рафтори расмии кормандони ташкилот, стандартҳо ва тартиботе, ки ба таъмини меҳнати софдилона нигаронида шудаанд ва чораҳои пешгирӣ аз бархӯрди манфиатҳо дар ташкилот, низомнома дар бораи низоми пардохти музди меҳнати ташкилотҳои қарзӣ, ҳуҷҷатҳои ташкилоти қарзӣ, ки тартиб ва ё меъёрҳои қабули чунин кормандонро муайян мекунанд ё рӯйхати чунин гурӯҳҳо, меъёрҳои қабули чунин кормандон ва дигар гурӯҳҳоро муайян мекунанд, тартиби муайян кардани музди меҳнати роҳбарони ташкилоти қарзӣ, андозаи фонди музди меҳнати ташкилоти қарзӣ ва ғ.

Ба гурӯҳи охирин санадҳои меъёрии дохилие ворид мешаванд, ки қабули онҳо тибқи қонун ҳатмӣ нест. Масалан, тибқи қонунгузории амалкунанда, дастурамали вазифавӣ санади қабулаш ҳатмӣ нест. Мутаассифона, дар амалия аз ҷониби Хадамоти назорати меҳнат ва дигар мақомоти назоративу санҷишӣ нисбати корфармоён барои мавҷуд набудани дастурамали вазифавии кормандон ҷарима таъйин карда мешавад.

Бо вуҷуди ин, баъзе олимон дастурамали вазифавии кормандро ҳамчун санади меъёрии дохилии ҳатмӣ тасниф мекунанд"[4,124-134]. Ба ин мавқеъ қисман розӣ шудан мумкин аст, зеро мутобиқи моддаи 24 КМ ҶТ дар матни шартномаи меҳнатӣ бояд вазифаи (мансаби) ишғолнамудаи корманд ва хусусияти шароити меҳнат нишон дода шаванд. Бо назардошти ин, тавсифи намуди муайяни кори супурдашуда ба корманд метавонад бевосита ба матни шартномаи меҳнатӣ (бидуни тасдиқи дастурамали алоҳидаи вазифавӣ) дохил карда шавад.

Қисми алоҳидаи санадҳои меъёрии дохилии корфармо санадҳои корпоративиро дар бар мегирад, ки дар онҳо асосан муқарраротҳ ҳуқуқи маданӣдарҷ меёбад, вале қисман муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои идоракунии меҳнатро танзим мекунанд. Ба чунин санадҳои меъёрии дохилии корпоративӣ инҳо дохил мешаванд: оинномаи ташкилот, низомномаҳо дар бораи филиалҳо, намояндагиҳо (моддаи 56 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 [2]), низомнома дар бораи Шӯрои директорон, низомнома дар бораи Раёсат, низомнома оид ба ҳифзи сирри тиҷоратӣ (Қонуни ҶТ аз 18 июни соли 2008 "Дар бораи сирри тиҷоратӣ»"[1]) ва ғайра.

Ҳамин тавр, санадҳои меъёрии дохилиро аз руи аломати хусусияти ҳатмидошта шартан ба гурӯҳҳои зерин муттаҳид кардан мумкин аст:

1) санадҳое, ки мавҷудияти онҳо дар аксари ташкилотҳо ҳатмӣ мебошад;

2) санадҳое, ки дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои дахлдор қабул ва нигоҳ доштани онҳо ҳатмист;

3) санадҳое, ки қабули онҳо ҳатмӣ нест.

Дар асоси таҳқиқи боло метавон ба хулоса омад, ки аввалан, санадҳои меъёрии дохилӣ

бояд ба қонунгузории меҳнат, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ пурра мувофикат кунанд; дуюм, ӯҳдадории корфармо оид ба қабули санадҳои дахлдори меъёрии дохилӣ оид ба шумораи зиёди масъалаҳо ва ҷавобгарии маъмурии корфармо барои набудани онҳо зуҳуроти унсурҳои ошкорбаёнӣ дар танзими ҳуқуқии меъёрҳои дохилӣ мебошад. Ҳамзамон, салоҳиятро ҳамчун қувваи иқтисодии корфармо бояд имконияти муқаррар намудани меъёрҳое эътироф кард, ки мавқеи кормандро дар муқоиса бо қонунгузории амалкунанда беҳтар мегардонанд ва меҳнати кормандонро бо тарзе, ки хилофи қонунгузории амалкунанда нест, танзим мекунанд.

Меъёрҳои қонунгузории меҳнат, ки ба танзими дохилӣ (локалӣ) бахшида шудаанд, инчунин ба мо имкон медиҳанд, ки номукаммалии техникаи ҳуқуқии истифодашавандаро баён кунем. Ҳамин тариқ, як қатор меъёрҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамоянд, ки корфармо дорои ягон санади меъёрии дохилӣ (локалӣ) мебошад, аммо ҳуқуқу ӯҳдадории корфармо оид ба қабули он мустақиман муқаррар карда нашудааст, масалан, тибқи моддаи 139 КМ ҶТ низоми пардохти музди меҳнат, андозаи ставкаҳои тарифӣ, маошҳо ва дигар намуди музддиҳиро барои ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, санадҳои меъёрии дохилии (локалии) ташкилотҳо муайян мекунанд. Маълум нест, ки қабули санади меъёрии дохилӣ дар ин мавзуъ ҳамчун ҳуқуқи корфармо амалӣ мешавад ва ё он уҳдадории корфармо аст. Чунин духурагиҳо дар масъалаи қабули санадҳои меъёрии дохилии корфармо, инчунин дар муқарраротҳи дигар моддаҳои КМ ҶТ: моддаи 72 (намудҳои ҳафтаи корӣ ва низоми вақти корӣ), модда 102 (баҳисобгирии собиқаи кор, ки барои рухсатии меҳнатии ҳарсола ҳуқуқ медиҳад), моддаи 125 (имтиёзҳо барои кормандоне, ки дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил мекунанд), моддаи 158 (мухлатҳои пардохти музди меҳнат) ва дигар моддаҳои кодекс мавҷуданд, ки дар амалия боиси нофаҳмиҳо ва қисман маврид суистифода аз он мегарданд. Ҳамин тариқ, барои роҳ надодан ба номуайянии ҳуқуқӣ, қонунгузор бояд ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти дахлдор ворид кунад, ки мушаххасан кадом санадҳои меъёрии дохилиро бояд корфармо қабул кунад.

Инҷо пешниҳоди баъзе муҳаққиқон оид ба "зарурати ба низом даровардани санадҳои меъёрии дохилӣ масалан, тавассути ба роҳ мондани баҳисобгирии (инвентаризатсияи) ин санадҳо, инчунин барои ҳалли фаврии масъалаҳои такмили онҳо бо назардошти зарурати истеҳсолии бамиёномада" [8,19-20], қобили дастгирӣ мебошад.

**Адабиёт:**


1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №6, мод. 461.
2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2022, №12, қ. 1, 2, мод. 757.
3. Драчук М.А. О роли, видах, содержании и сущности локальных нормативных актов в структуре юридического механизма управления работниками // Российский ежегодник трудового права. –2008. – № 4. – С. 74-88.
4. Зайцева О.Б., Шамардин Е. Локальное нормотворчество как проявление нормативной власти работодателя (на примере газовой промышленности) // Кадровик. Кадровое делопроизводство. – 2012. № 6. С. 124134.
5. Комментарий к Трудовому кодексу Российской Федерации (постатейный) / С.Ю. Головина, А.В. Гребенщиков, Т.В. Иванкина и др.; под ред. А.М. Куренного, С.П. Маврина, В.А. Сафонова, Е.Б. Хохлова. 3-е изд., пересмотр. – М.: НОРМА; ИНФРАМ, 2015. – 848 с. // СПС КонсультантПлюс.
6. Слюсарев Д.С. Механизм правового регулирования отношений по организации труда и управлению трудом в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук / Д.С. Слюсарев. – М., 2022.
7. Слюсарев, Д.С. Локальное регулирование труда: проблемы теории и практики // Законодательство. – 2019. – № 4. – С. 46-55.
8. Хныкин Г.В. Локальные источники российского трудового права: теория и практика применения: Автореф. дис. ... докт. юрид. наук. – М., 2005.



**Одиназода Рамазон Сафар** – доктор юридических наук, профессор, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, Ведущий научный сотрудник отдела; **Тоджиддини Бахриддин -** Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, соискатель.

**Правовое регулирование управления трудом на локальном уровне (в организациях)**

В статье речь идет о важнейшем составляющем института управления трудом, её правовое регулирование. Правове регулирование является основой всякого управления, так как легализует само управление, указывает на пути, способы и механизмы управления, виды поощрения и наказания, которые вместе составляют комплекс для управленца. Важность управления в локальном уровне как указывают авторы состоит в том, что это важнейшее звено управления трудом, так как на этом уровне решаются важнейшие задачи управления.

**Ключевые слова:** труд, трудовое право, регулирование труда, правовое регулирование, управления трудом, упрпавление организацией, управления трудом на локальном уровне, локальные нормативно-правовые акты, отвественность

**Odinazoda Ramazon Safar** – Doctor of Law, Professor, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, Leading Researcher of the Department; **Tojiddini Bahriddin -** National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, candidate.

**Legal regulation of labor management at the local level (in organizations)**

The article deals with the most important component of the institute of labor management, its legal regulation. Legal regulation is the basis of all management, as it legalizes management itself, points to ways, methods and mechanisms of management, types of encouragement and punishment, which together form a complex for the manager. The importance of management at the local level, as the authors point out, is that it is the most important link in labor management, since at this level the most important management tasks are solved.

**Keywords:** labor, labor law, labor regulation, legal regulation, labor management, organization management, labor management at the local level, local regulations, responsibility

МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ – 3 (55) / 2025
АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ – 3 (55) / 2025

# МАФҲУМИ ҲУҚУҚИИ ИДОРАКУНИИ МЕҲНАТ ВА НИЗОМИ ОН: ФАҲМИШИ КЛАССИКӢ ВА МУОСИРИ ИН НИҲОД

**Тоҷиддини Бахриддин** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистогн, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, унвонҷуй

Дар мақола сухан оид ба меҳнат ва идоракунии меҳнат меравад. Муаллиф кушиш намудлааст, ки мафҳуми ҳуқуқии идоракунии меҳнатро ошкор созад. Дар заминаи омӯзиши сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ муаллиф кӯшиш намудааст, ки таърифи институти мазкурро пешниҳод намояд. Инчунин мафҳуми системаи идоракуни меҳнат дар мақола таҳлил шудааст.

**Калижвожаҳо:** меҳнат, иқтисод, ҳуқуқи меҳнат, мафҳуми идоракунии меҳнат, муносибатҳои меҳнатӣ, низоми идоракунии меҳнат, самтҳои идоракунии меҳнат,

Марҳилаи муосири рушди ҷомеа, ки бо ивазшавии парадигмаи рушди иқтисоду иҷтимоиёт зуҳур ёфта истодааст, мутаносибан тағйири ҳадаф, вазифа ва усулҳои идоракунии равандҳо ва муносибатҳои ҷамъиятиро пеш мегузорад. Дар ин ҷараён яке аз зернизомҳои муҳими идоракунӣ ин идоракунии меҳнат махсуб шуда, дар рушди минбаъдаи дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ - ҳуқуқӣ нақши калидӣ дорад.

Новобаста аз эътирофи муҳимияти муаммоҳои идоракунии меҳнат ва истифодаи рӯзмарраи мафҳуми мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ, ҳануз фаҳмиши ягонаи мундариҷаи он мавҷуд набуда, ба таври гуногун тавсиф мешавад.

Ба ақидаи К.Маркс "ҳамагуна меҳнати бевоситаи ҷамъиятӣ ва ё муштараки дар миқёси калон амалишаванда, ба идоракуние эҳтиёҷ дорад, ки мувофиқати байни корҳои фардиро муқаррар намуда, вазифаҳои умумии дар натиҷаи ҳаракати ҳамаи сохторҳои истеҳсолӣ бавуҷудомадаро дар қиёс ба узвҳои мустақили он, иҷро мекунад"[1, 342].

Дар ҳуқуқи меҳнати муосир консепсияи "идоракунии меҳнат" (идоракунии муносибатҳои меҳнатӣ) яке аз мавзуъҳои асосии баҳсу баррасиҳои олимони соҳа гардидааст. Дар маҷмуъ, мафҳуми "идоракунии меҳнат" низоми ҳуқуқӣ ва ташкилии чорабиниҳои аз ҷониби субъектҳои идоракунӣ (давлат, корфармо, иттифоқҳои касаба ва дигар) амалишавандаест, ки танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таъмини самаранокии шуғл, ҳифзи меҳнат, рушди касбии кормандон ва риояи қонунгузории меҳнатро ифода мекунад.

Бо назардошти ин таъриф, аз назари илми ҳуқуқ ҷузъҳои асосии мафҳуми мазкурро инҳо ташкил медиҳанд:

1. Асосҳои ҳуқуқӣ. Идоракунии меҳнат бо қонунгузории меҳнат (масалан, Кодекси меҳнат, санадҳои зерқонунӣ), шартномаҳои байналмилалӣ (конвенсияҳои СБМ) ва шартномаҳои коллективӣ асос меёбад.

2. Субъектҳои идоракунии меҳнат: мақомоти давлатӣ (Вазорати меҳнат, хадамоти шуғли аҳолӣ, инспексияи меҳнат); корфармоён (ҷониби корфарморо шуъбаҳои кадрҳои ташкилотҳо намояндагӣ мекунанд); намояндаи кормандон (иттифоқҳои касаба, коллективҳои меҳнатӣ);

Объекти идоракунии меҳнат: Муносибатҳои меҳнатӣ; шароити меҳнат ва муҳофизати меҳнат; сиёсати кадрӣ; музди меҳнат ва ҳавасмандкунӣ; шарикии иҷтимоӣ.

3. Вазифаҳои идоракунии меҳнат иборатанд аз муқаррар кардани меъёр (таҳияи меъёру стандартҳои меҳнат); назорат (назорати риояи қонунгузорӣ); ташкилӣ (таҳияи сиёсати шуғл, барномаҳои таълимӣ); иҷозатдиҳӣ (иҷозати кор); машваратӣ ва иттилоотӣ (таълими ҳуқуқӣ).

Дар муайян кардани мазмуни мафҳуми «идоракунии меҳнат» дар илми ҳуқуқ асосан се равиши илмӣ мавҷуд аст. Аз ҷумла, равиши маъмурию ҳуқуқӣ идоракунии меҳнатро ҷузъи фаъолияти маъмурии давлатӣ мешуморад. Ҳуқуқи меҳнат бошад ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва иштироки ҳамаи субъектҳои ҳуқуқи меҳнатӣ дар ин раванд нигаронида шудааст. Равиши муносибати иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ иштироки институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, иттифоқҳои касаба ва шарикони иҷтимоиро дар идоракунии меҳнат таъкид мекунад.

Инчунин, дар шарҳи мазмуни мафҳуми идоракунии меҳнат ва сохтори он андешаҳои гуногуни олимон ба назар мерасанд. Ин ҷо мо

таърифи умумӣ ва нуктаҳои асосии назари муҳаққиқони соҳаҳои гуногунро оид ба мавзӯи матраҳшуда баррасӣ мекунем.

Фредерик В.Тейлор ва дигар намояндагони мактаби ташкили илмии меҳнат "меҳнатро як қатор амалиётҳо ва вазифаҳое ҳисоб мекарданд, ки бояд ҷиддӣ таҳлил ва стандартизатсия карда шаванд, то ки ҳосилнокии меҳнат бо мақсади зиёд намудани фоида ва некуаҳволии кормандон афзоиш дода шавад"[2].

А.К. Гастев ва мактаби шуравиии ТИМ (ташкили илмии меҳнат) ба омили инсонӣ таваҷҷуҳи бештар дода, чунин мешуморанд, ки "самараи корманд аз тарбияи маданияти меҳнат ва интизоми шахсӣ оғоз мёёбад" [3]. Олимони классики ин соҳа А.Файоль (инженери конҳои франсавӣ, назариячӣ ва идоракунандаи меҳнат дар амалия, асосгузори мактаби маъмурии (классикӣ) идоракунӣ) ва М.Вебер дар идоракунии меҳнат риояи қатъии иерархия, танзимнамоӣ, тақсимоти вазифаҳо, интизом ва масъулиятро таъкид мекунанд. Ин принципҳо ба идоракунии меҳнат дар ташкилотҳо низ дахл доранд. Ба ақидаи А.Файол "вазифаи асосии идоракунӣ тақсимоти аниқ ва ҳамоҳангсозии меҳнат, низоми ҳавасмандгардонӣ, интизом, банақшагирӣ ва назоратро дарбар мегирад" [4].

Ба назари Э.Майо ва дигар намояндагони мактаби муносибатҳои инсонӣ "ҳосилнокии меҳнат натанҳо бо ташкили саъю кушиш, балки бо муносибатҳои байни одамон, таваҷҷуҳ ба омили инсонӣ, муносибати одилонаи роҳбарият нисбат ба кормандон муайян карда мешавад" [5,89-95].

Аз нуқтаи назари дигар олимони самти иҷтимоию иқтисодӣ ва идоракунӣ, махсусан Шекин Г.В., "меҳнат фаъолияти ба мақсад мувофиқ буда, мазмун, шакл ва робитаҳои иҷтимоию иқтисодиро муттаҳид мекунад. Идоракунии меҳнат ин - аз ҷиҳати илмӣ асоснок ташкил кардани он, таъмини самаранокии ҷойҳои корӣ, интизом, низоми пардохти музди меҳнат ва ҳавасмандгардониҳо мебошад" [6].

Мутобиқи назария ва ақидаҳои илмии муосир оид ба идоракунӣ ҳамчун низоми иҷтимоию меҳнатӣ, олимон идоракунии меҳнатро як ҷузъи соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнатӣ медонанд. Ба он банақшагирӣ, чорабиниҳои ташкилӣ, ҳавасмандгардонӣ, назорат ва усулҳо - ҳам усулҳои директивӣ ва ҳам иқтисодӣ-психологӣ ва ҳам усулҳои худидоракунии меҳнат (дар коллектив бидуни роҳбари мушаххас) дохил мешаванд.

Масалан, Н.Г.Александров чунин мешуморад, ки давлат субъекти асосии идоракунист. Ба фикри ӯ, "идораи меҳнат пеш аз ҳама, фаъолияти давлатӣ оид ба нақшаи ташкили меҳнат ва тақсимоти меҳнат дар дохили хоҷагии халқ мебошад. Воситаи асосӣ қоидаҳои марказонидашуда мебошанд. Корфармо дар иҷрои ин вазифаҳо дар сатҳи корхона ҳамчун агенти давлат баромад мекунад. Бартарии асосӣ ба ягонагии идоракунии хоҷагӣ ва танзими ҳуқуқии меҳнат дода мешавад" [7].

А.С. Пашков, С.А. Иванов тарафдорони назарияи пайвастагии идоракунии давлатӣ ва дохилиистеҳсолӣ, чунин хусусияти дугонаи идоракунии меҳнатро таъкид мекунанд:

"- ҷамъиятию ҳуқуқӣ: давлат ҳади аққали ҳатмии кафолатҳо (ҳифзи меҳнат, вақти корӣ, ҳадди ақали музди меҳнат)-ро муқаррар намуда, риояи онҳоро назорат мекунад;

- хусусӣ - ҳуқуқӣ (дохилиистеҳсолӣ): Корфармо раванди меҳнатро дар доираи муқаррарнамудаи давлат тавассути санадҳои дохилӣ, фармонҳо, шартномаҳои меҳнатӣ ташкил мекунад. Идоракунӣ дар ин сатҳ ваколати корфармо мебошад, ки аз моликият ва воситаҳои истеҳсолот бармеояд" [8].

А.М. Лушников, М.В. Лушникова (намояндагони назарияи комплексии муосир) дар масъалаи идоракунии меҳнат назарияи бисёрсубъектӣ ва шарикии иҷтимоиро дастгирӣ мекунанд. Онҳо идоракунии меҳнатро ҳамчун низоми динамикӣ, аз ҷумла таъсири мутақобилаи се субъекти асосӣ баррасӣ мекунанд:

"1. Давлат, ки «қоидаҳои бозӣ»-ро муқаррар мекунад, ҳуқуқҳои меҳнатиро кафолат медиҳад, риояи онҳоро назорат мекунад.

2. Корфармоён (иттиҳодияҳои онҳо), ки ташкили бевоситаи меҳнат ва идоракунии кадрҳоро ба амал мебароранд.

3. Кормандон ва намояндагони онҳо (иттифоқи касаба), ки дар идоракунӣ тавассути шартномаи коллективӣ бо назардошти фикру мулоҳизаҳо иштирок мекунанд, шарикии иҷтимоӣ" [9].

Мавқеи асосии онҳо ин аст, ки идораи самараноки меҳнат танҳо тавассути тавозуни манфиатҳо ва муколама (шарикии иҷтимоӣ) байни ин субъектҳо дар сатҳҳои гуногун (аз миллӣ то маҳаллӣ) имконпазир аст. Онҳо нақши танзими

коллективӣ - шартномавиро ҳамчун усули ҳамоҳангсозии манфиатҳо қайд мекунанд.

Баръакси ин, Э.Н. Бондаренко идоракунии меҳнатро вазифаи корфармо мешуморад. Ба андешаи мавсуф идоракунии меҳнат ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ваколатҳои корфарморо инъикос мекунад, ки онҳо дар қонунгузории меҳнат пешбинӣ шудаанд. Ин ҳуқуқҳо иборатанд аз:

- ҳуқуқи ташкил ва идоракунии меҳнат;

-ҳуқуқи талаб кардани иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ;

-ҳуқуқи ҳавасмандгардонӣ ва татбиқи ҷазоҳои интизомӣ.

-ҳуқуқи кабули санадҳои локалӣ (бо назардошти фикри иттифоқи касаба).

Муайян менамояд, ки "ин ҳуқуқ мутлақ набуда, бо қонунҳо, шартномаҳои коллективӣ, созишномаҳо маҳдуд шуда, барои ноил шудан ба мақсадҳои корфармо бо риояи ҳуқуқҳои кормандон нигаронида шудааст" [10].

К.Н. Гусов, В.Н. Толкунова (ҷанбаи ташкилию ҳуқуқӣ) ягонагии усулҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиро пешниҳод мекунанд. Онҳо таъкид мекунанд, ки "идоракунии меҳнат маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои ташкилот ва эҳтироми ҳуқуқи меҳнат истифода мешаванд" [11]. Онҳо ба муносибати байни меъёрҳои ҳуқуқӣ (муқаррар намудани замина) ва амалҳои ташкилии корфармо (ба амал баровардани ин меъёрҳо дар раванди муайяни меҳнат) таъкид мекунанд. Онҳо идоракуниро ҳамчун фаъолият оид ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат дар ташкилоти мушаххас медонанд.

Л.Ю. Бугров ба сатҳи локалӣ (сатҳи ташкилот) ва чандирии идоракунии меҳнат ҳамчун воситаи чандиртарини мутобиқсозии меъёрҳои умумӣ ба хусусиятҳои ташкилоти мушаххас таваҷҷуҳи бештар медиҳад. Проблемаҳои таносуби оптималии танзими мутамарказ ва локалии меҳнат, инчунин додани ваколатҳои идоракунии меҳнат дар дохили ташкилотро (ба сардорони шуъбаҳо) мавриди таҳқиқ қарор додааст. Мавсуф зарурати равишҳои чандириро дар идоракунии меҳнат дар шароити муосири иқтисодӣ таъкид мекунад [12].

Н.Л.Лютов тамоюлҳои муосирро (шаклҳои чандирии шуғл, рақамикунонӣ, платформаҳои меҳнат) аз ҷиҳати таъсири онҳо ба самаранокии идоракунии меҳнат ва кафолатҳои ҳуқуқҳои меҳнатӣ таҳлил намудааст. Номбурда аксар маврид усули муқоисавии ҳуқуқӣ, баҳодиҳии модели идоракунии меҳнатро дар заминаи стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи кишварҳои дигар истифода бурда, дар бораи кифоя будани механизмҳои мавҷудаи назорат ва муҳофизати меҳнат дар воқеиятҳои нав масъалагузорӣ менамояд [13, с.115-130].

Фаҳмидани таҳаввулоти ин ақидаҳо ва баҳсҳои мавҷуда ба мо имкон медиҳад, ки моҳият ва мушкилоти танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнатро дар марҳалаи ҳозира бештар таҳқиқ намоем.

Дар ин ҷо мо ба мубоҳисаҳои илмӣ ва мавқеи мушаххаси олимон вобаста ба танзими давлатии идоракунии меҳнат дар илми ҳуқуқшиносӣ таваҷҷуҳ хоҳем кард. Ин самт яке аз масъалаҳои мубрамтарин буда, нақш, маҳдудият ва самаранокии дахолати давлат ба муносибатҳои меҳнатиро дар бар мегирад.

Мушаххасоти мавқеъҳо ва баҳсҳои асосии илмӣ оид ба ин масъала аз инҳо иборатанд:

Намояндагони назарияи «Давлат ҳамчун кафили олии стандартҳои ҳадди ақал": Н.Г.Александров (таърих), В.М.Лебедев [14, с.43-72], ва қисман К.Н.Гусов чунин мавқеъро ҷонибдорӣ мекунанд, ки давлат ҳамчун субъекти асосӣ ва баҳснашаванда ҳадди ақали ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва кафолатҳоро муқаррар мекунад. Нақши он аз ҳимояи гурӯҳи иштирокчиёни аз ҷиҳати иқтисодӣ осебпазир - кормандон аз амалҳои худсаронаи корфармо мебошад, ки ин ҳимоя тавассути татбиқи чораҳои зерин амалӣ мегардад:

- муқаррарсозии меъёрҳои қатъии муҳофизати меҳнат, вақти истироҳат, ҳадди ақали музди меҳнат.

- ташкили дастгоҳи васеи назоратӣ (инспексияи меҳнат, прокуратура).

- маҳдудсозии озодии шартнома дар соҳаи меҳнат бо мақсади роҳ надодан ба бадтаршавии вазъи корманд нисбат ба шароитҳои муқарраркардаи Кодекси меҳнат.

Ин мавқеъро бо далели мавҷудияти анъанаи таърихии давлат, зарурати таъмини суббoти иҷтимоӣ, ҳимоя аз истисмори меҳнатӣ дар шароити бесарусомониҳои иқтисоди бозоргонӣ, таъмини фазои ягонаи ҳуқуқӣ исбот менамоянд.

Ба ин мавқеъ дигар олимон: (Н.Л. Лютов, Э.Н. Бондаренко, Лушниковҳо) мухолифат намуда, қайд мекунанд, ки чунин муносибат ба «гипертанзим» ва "бюрократикунонии

муносибатҳои меҳнатӣ” оварда мерасонад, ба ташаббусҳои корфармоён ва тағйирпазирии бозори меҳнат монеъ мегардад, дар шароити тавлиду рушди шаклҳои нави шуғл: корҳои фосилавӣ, кор тавассути платформаҳо самара намедиҳад, аксар вақт боиси вайроншавии воқеии идораи меҳнат мегардад, нақши танзими коллективӣ-шартномавиро коҳиш дода, онро дуюмдараҷа мегардонад.

Е.Н. Бондаренко, А.М. Куренной [15], Р.З. Лившитс [16], тарафдорони «гилотини танзимкунанда» чунин мешуморанд, ки нақши давлат бояд камтарин бошад ва танҳо ба муқаррар намудани кафолатҳои заминавӣ ва асосӣ (манъи меҳнати маҷбурӣ, табъиз, меҳнати кудакон; ҳадди ақали бехатарӣ) маҳдуд карда шавад; таъмини механизми самарабахши ҳалли баҳсҳо (судҳо, арбитражҳои меҳнатӣ); муҳайё кардани шароит барои шарикии иҷтимоӣ ва танзими коллективӣ-шартномавӣ ҳамчун воситаи асосии идоракунии меҳнат; паст кардани фишори маъмурӣ (назорат «аз рӯи шикоят», равиши ба хавф асосёфта).

Онҳо мавқеи худро дар баланд бардоштани рақобатпазирии тиҷорат; ҳавасмандгардонии тағйирпазирии бозори меҳнат; озод кардани муносибатҳои меҳнатӣ аз бюрократизми зиёдатӣ; пурзур намудани нақши воқеии шартномаҳо (меҳнатӣ ва коллективӣ) ҳамчун воситаи худтанзимкунии тарафҳо асоснок мекунанд.

М.В. Лебедев, Лушниковҳо, К.Н. Гусов ва мутахассисони иттифоқҳои касаба ба ақидаи боло мухолиф буда, чунин мешуморанд, ки ин тарзи идоракуии меҳнат муҳофизати кормандонро бахусус дар иттифоқҳои касабаи соҳавии рушднаёфта ва гурӯҳҳои осебпазир коҳиш медиҳад; ба пошхурии меъёрҳои меҳнат, мусобиқа барои паст намудани сатҳи кафолатҳои меҳнатӣ оварда мерасонад; номутаносибии қувваҳоро байни кормандон ва корфармо ба инобат намегирад, модели танзими шартномавиро беадолатона мегардонад; хавфи халалдоршавии субботи иҷтимоиро ба миён меорад.

Дар навбати худ, гурӯҳи дигари олимон, ҷонибдорони назарияи «Давлат ҳамчун иштирокчии баробарҳуқуқи муколамаи иҷтимоӣ (модели шарикии иҷтимоӣ)”: А.М. Лушников, М.В. Лушникова, И.Я. Киселев [17], С.Ю. Головина [18] чунин мешуморанд, ки “давлат яке аз се субъектҳои баробарҳуқуқи идоракунии меҳнат дар баробари иттиҳодияҳои корфармоён ва кормандон (иттифоқҳои касаба) мебошад. Нақши он дар ташаббус намудан ва дастгирии муколамаи иҷтимоӣ дар ҳама сатҳҳо (сатҳи генералӣ, комиссияҳои соҳавӣ); муқаррар намудани “қоидаҳои бозӣ” барои гуфтушунидҳои коллективӣ ва ҳалли баҳсҳо; кафолати риояи шартномаҳо ва созишномаҳои коллективии басташуда, илова намудан, ивaз накардани танзими коллективӣ-шартномавӣ, вогузор намудани фазои васеътар барои шарикии иҷтимоӣ (хусусан дар сатҳи соҳавӣ ва минтақавӣ); амалӣ намудани танзими оқилонаи ба ризояти трипартизм асосёфта ифода мегардад”. Мавқеи худро ба он асоснок мекунанд, ки чунин идоракунии меҳнат ба стандартҳои байналмилалии меҳнат мувофиқат мекунад. Таъкид мегардад, ки идоракунии меҳнатро танҳо бо идоракунии захираҳои меҳнатӣ маҳдуд намудан мумкин нест: он тамоми раванди меҳнат–захираҳои меҳнатӣ, воситаҳо ва олоти меҳнат, инчунин таъсири онҳо ва омилҳои беруна, аз ҷумла қонунгузорӣ ва шароити бозорро дар бар мегирад. Маҳз чунин низоми маҷмуи идоракунии меҳнат дорои ҳамаи ҷузъиёти ин раванд мебошад.

Инчунин, мубоҳисаи гарм дар хусуси ҳадди дахолати давлатӣ дар идоракунии меҳнат ҷой дорад. Мавзуи баҳс ин аст, ки то чӣ андоза идоракунии меҳнат бояд дар сатҳи давлатӣ сурат бигирад ва кадом ҳаҷми он бояд ба сатҳи шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ ва санадҳои локалии корфармо дода шавад. Дар ин масъала В.М. Лебедев ба нигоҳ доштани ҳадди ақали Кодекси меҳнат ва шартномаҳо танҳо ба шарти бехтар намудани вазъияти корманд, такя мекунад. Л.Ю. Бугров, А.М. Куренной, Э.Н. Бондаренко, ки мавқеи «ғайримарказикунонии фасеҳ»-ро дастгирӣ намуданд, чунин мешуморанд, ки васеъ намудани доираи танзими диспозитивӣ (ҳаволакунанда) дар Кодекси меҳнат, имкон медиҳад, ки шартномаҳои коллективӣ ва санадҳои меъёрии локалӣ аз меъёрҳои императивии (ҳатмии) Кодекси меҳнат ба самти беҳтарсозӣ ва ё бадтарсозии ҳуқуқҳои меҳнатӣ озод шаванд (ба ҳадди оқилона ва бо розигии иттифоқҳои касаба), агар ин бо дигар имтиёзҳо ҷуброн карда шавад (музди меҳнати зиёдтар, мукофотпулӣ). Ҳадаф мутобиқшавӣ ба хусусияти фаъолияти соҳа/корхона мебошад.

Инчунин, шаклҳои нави меҳнат (рақамикунонӣ, платформаҳо) дар идоракунии меҳнат ва танзими давлатии он мушкилоти навро ба вуҷуд оварда истодаанд. Мушкилот дар он аст,

ки танзими анъанавии давлатӣ, ки ба модели шартномаи стандартии меҳнатӣ бо як корфармо дар ҷои кор асос ёфтааст, ба воқеияти нав мувофиқат намекунад. А.М. Лушников, С.Ю. Головина чунин мешуморанд, ки меъёрҳои мавҷудаи Кодекси меҳнатро (дар бораи кори фосилавӣ, назорати корфармо) нисбат ба шаклҳои нави меҳнат шарҳ додан зарур аст. Муҳофизати маълумоти кормандон бояд пурзӯр карда шавад. Аммо, Н.Л. Лютов, Г.С. Скачкова [19] чунин мешуморанд, ки барои ин танзими махсус зарур аст: дар Кодекси меҳнат ва қонунҳои соҳавӣ бобҳои нав лозиманд, ки мақоми махсусро (масалан, «корманди платформа») бо кафолатҳои гибридӣ (на бастаи пурраи иҷтимоӣ, балки кафолати пардохт, амният, маҳдудиятҳо дар идоракунии алгоритмӣ) эҷод мекунанд. Аммо, Э.Н. Бондаренко бар ин назар аст, ки барои рушди шаклҳои нав дар асоси шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ, давлат танҳо бояд ба таври возеҳ меъёрҳои фарқияти шартномаи меҳнатӣ аз шартномаи гражданӣ – ҳуқуқиро муқаррар намояд, муҳофизат аз сӯиистифодаҳои ошкоро дар он таъмин намояд.

Ба проблемаҳои идоракунии меҳнат дар шароити рушди зеҳни сунъӣ муҳаққиқони тоҷик таваҷҷуҳи хоса доранд. Бахсус дар асари олимони тоҷик Қ.Х. Абдураҳмонов ва Қ.Х. Хушвахтзода ҷолишҳои нав дар идоракунии меҳнат бар асари таъсири зеҳни сунъӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ таҳқиқ шудаанд. Онҳо ба ин назаранд, ки: "технологияҳои муосир таъсири назаррас ба бозори меҳнат доранд, онро бо суръати баланд табдил медиҳанд. Ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ ва системаҳои зеҳни сунъӣ ба табдилоти босуръати соҳаи меҳнат оварда мерасонад. Ин раванд на танҳо ширкатҳои алоҳида, балки тамоми соҳаҳоро фаро мегирад, моделҳои тиҷоратӣ, равандҳои корӣ ва принсипҳои ҳамкории байни иштирокчиёни бозорро тағйир медиҳад" [20, 60].

Мубоҳисаҳо дар ин мавзуъ якчанд саволҳои муҳими идоракунии меҳнатро ба миён овардаанд, аз ҷумла: чӣ гуна тавозуни байни ҳифзи ҳуқуқҳои кормандонро дар шароити рушди иноватсия ва чандирии иқтисодиёти нав пайдо кард? Давлат то чӣ андоза идоракунии алгоритмиро бояд амиқ танзим кунад? Ҳадди имконпазири бад шудани вазъи корманд бо мувофиқаи тарафҳо (инфиродӣ ё коллективӣ) дар қиёс ба Кодекси меҳнат кадом аст? Бо кадом тарз самаранокии танзими давлатиро муайян кардан мумкин аст? Оё кам шудани шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои расмӣ нишондиҳандаи муваффақият аст, агар шуғли «ғайрирасмӣ» афзояд? Нақши инспексияи меҳнат чигуна бояд бошад, ба кадом ҷузъи он бартарӣ бояд дод: ҷазодиҳӣ, пешгирикунанда, ба хатар асосёфта ва ё умуман ваколатдор? Шарикии иҷтимоӣ чи тавр бояд таъмин карда шуда, он аз низоми расмиётӣ ба воситаи ҳақиқии идоракунии меҳнат табдил дода шавад? Дар шароити рушди иноватсия ва рақамикунонии равандҳои меҳнат давлат аз кадом усули танзими меҳнат бояд кор гирад?

**Хулоса,** дар илми ҳуқуқшиносии муосир нуқтаи назари ҳамаҷонибаи идоракунии меҳнат ҳамчун низоми бисёрсатҳа ва бисёрсоҳавӣ, ки ба принсипҳои шарикии иҷтимоӣ асос ёфтааст, бартарӣ дорад. Ба андешаи мо гарчанде ҳуқуқи корфармо дар идоракунии кормандон ҳамчун асос эътироф карда мешавад, аммо он бояд мутлақ ҳисобида нашавад. Мувозинати он тавассути муқаррарсозии меъёрҳои ҳатмии давлат; тартиби бастани шартномаи коллективӣ; иштироки намояндагони кормандон дар идоракунии меҳнат ва таъмини кафолатҳои ҳуқуқҳои меҳнатии фардӣ зарур мебошанд.

Ба назари мо, набояд мафҳуми «идоракунии меҳнат» бо мафҳуми «ташкили меҳнат» омехта карда шавад. Идоракунии меҳнат мафҳуми васеътар буда, он ҳам танзими ҳуқуқӣ ва ҳам ҷанбаҳои иҷтимоии онро фаро мегирад. Ташкили меҳнат танҳо ҷанбаҳои техникӣ, технологӣ ва иқтисодии (тақсимоти вазифаҳо, оптимизатсияи равандҳо, стандартикунонӣ) меҳнатро дар бар мегирад.

Ба андешаи мо таҳрири зайли мафҳуми "идоракунии меҳнат" мазмуни ҳуқуқии ин мафҳумро пурратар ифода мекунад: "**Идоракунии меҳнат** - маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби субъектҳои идоракунӣ (давлат, корфармоён, иттифоқҳои касаба ва ғайра) дар сатҳҳои муайян барои ба танзим даровардани маҷмуи масъалаҳои меҳнат: таҳияи меъёрҳои ҳуқуқӣ, танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таъмини шуғли самарабахш, ҳифзи меҳнат, такмили ихтисоси кормандон ва назорати риояи қонунгузории меҳнат нигаронида шудаанд".

Дар шароити муосир ниҳоди идоракунии меҳнат таҳти таъсири равандҳо ва омилҳои гуногун рушд ёфта истодааст, ки мавзуи

танзими минбаъдаи он аз шаклгирии муносибатҳои нави ҳуқуқии ин бахш вобастагӣ дорад. Айни замон масоиле, ки дар идоракунии меҳнат таҳқиқи пурраи илмиро тақозо мекунанд ба назари мо аз инҳо иборатанд:

-мувозинати манфиатҳо: Ҷустуҷӯи муносибатҳои самараноки байни "корфармо" ва "корманд", ки ҷавобгуи манфиатҳои ҳам корфармо (таъмини самаранокии меҳнат, интизомнокӣ) ва ҳимояи иҷтимоии корманд (таъмини ҳуқуқҳо, шароити муносиб, иштирок дар идораи меҳнат) мебошад;

-нақши субъектҳои шарикии иҷтимоӣ: Аҳаммияти иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандон дар низоми идоракунии меҳнат;

- мутобиқат ва устуворӣ: Муносибсозии идоракунии меҳнат ба талаботи нави бозор, шаклҳои нави меҳнат бе халалдорсозӣ ба устувории муносибатҳои меҳнатӣ ва коҳишёбии сатҳи кафолатҳои кормандон;

-ҳадди танзими меҳнат дар сатҳи локалӣ: Санадҳои корфармо муносибатҳои меҳнатиро бе вайрон кардани қоидаҳои ҳатмии қонун ва бе бадтар кардани вазъи корманд дар қиёс ба созишнома / шартномаи коллективӣ то чӣ андоза амиктар танзим карда метавонанд;

- рақамикунонӣ: Таъсири технологияҳои нав (кори фосилавӣ, идоракунии алгоритмӣ, платформаҳо) ба моделҳои анъанавии идоракунии меҳнат ва назорати кормандон.

- давлат ва бахши хусусӣ: Робитаи доимӣ ва марзҳои байни ҳуқуқи давлатӣ (танзими давлатӣ, назорат) ва ҳуқуқи хусусӣ (шартномавӣ, танзими дохилихочагӣ) дар идоракунии меҳнат.

Чунин ба назар мерасад, ки нуқтаи назари бартаридошта доир ба идоракунии меҳнат ин зарурати танзими «оқилона» ва мутавозини дар заминаи муколамаи сеҷониба асосёфта мебошад, ки ба таъмини кафолати устувори ҳуқуқҳои асосӣ ва тағйирпазирии он дар сатҳи соҳавӣ ва сатҳи локалӣ (ташкилот) мутобиқ аст. Аммо, тавре таҳқиқот нишон медиҳад дар амалия шиддати мухолифати байни тарафдорони назорати мутамаркази идораи меҳнат ва талаботи чандирии бозор боқӣ мемонад ва механизмҳои мавҷуда бошанд самараи дилхоҳ надоранд. Мушкилоти рақамикунонии меҳнат боиси шадидтар гардидани ин мубоҳисаҳо гардида истодаанд, ки чунин вазъият аз илм ва қонунгузорӣ роҳҳои нав ва ғайристандартии ҳалли онро талаб мекунад.

**Адабиёт:**


1. Маркс К. Капитал. Т.1. // Маркс К., Энгельс Ф. Соч., 2-е изд. Т. 23. – С.342.
2. F.W.Taylor The Principles of Scientific Management) 1911// https://www.gutenberg.org/ebooks/6435.
3. Архангельский Г., Лукашенко М., Телегина Т., Бехтеров С. Тайм-менеджмент. Полный курс. – М.: Альпина Паблишер, 2012. - 312 с.
4. Fayol, Henri Administration industrielle et générale. – Paris: Dunod et Pinat, 1916. – 174 p.
5. Zdep, S. M. & Irvine, S. H. (1970) «A reverse Hawthorne effect in educational evaluation» // Journal of School Psychology №8. – P. 89-95.
6. Щёгин Г.В. Социальная теория и кадровая политика. Моногр. - К.: МАУП, 2000. – 576 с.
7. Александров Н.Г. Трудовое правоотношение. -М.: Юрид. изд-во МЮ СССР, 1948. – 336 с.
8. Социальная политика и трудовое право / Пашков А.С., Ротань В.Г. - М.: Юрид. лит., 1986. –240 с.
9. Лушников А. М., Лушникова М. В. Трудовое право: учебник / А. М. Лушников, М. В. Лушникова. – М.: Проспект, 2021. – 768 с.
10. Трудовое право России: учебник для бакалавров / К.Н. Гусов, А.А. Андреев, Э.Н. Бондаренко, ред.: К.Н. Гусов, ред.: Н.Л. Лютов, Моск. гос. юрид. унт им. О.Е. Кутафина (МГЮА). – 2е изд., перераб. и доп. – М.: Проспект, 2017. - 594 с.
11. Трудовое право России. Учебное пособие / Гусов К.Н., Толкунова В.Н.; Под ред.: Толкунова В.Н. – М.: Юрист, 1995. – 448 с.
12. Проблемы свободы труда в трудовом праве России / Бугров Л.Ю. – Пермь: Изд-во Перм. ун-та, 1992. – 236 с.
13. Лютов Н.Л. Трансформация трудового правоотношения и новые формы занятости в условиях цифровой экономики // Journal of Russian Law. – 2019. – №7. – P. 115-130.
14. Лебедев В.М. Воспитательная функция советского трудового права. – М.: Юрид. лит., 1981.
15. Куренной А.М. Производственная демократия: теория и практика правового регулирования: Автореф. Дисс… д-ра юридических наук. – М., 1989. - 48 с.
16. Иванов С. А., Лившиц Р. З. Личность в советском трудовом праве / Отв. ред. Иванов С. А. – М.: Наука, 1982. – 232 с.

17. Киселев, И. Я. Трудовое право России: историко-правовое исследование. Учеб. пособие. - М.: Норма-Инфра. – М, 2003. – 384 с.

18. Комментарий к Трудовому кодексу Российской Федерации (постатейный) / С. Ю. Головина, А. В. Гребенщиков, Т. В. Иванкина и др.; под ред. А. М. Куренного, С. П. Маврина, В. А. Сафонова, Е. Б. Хохлова. 3е изд., пересмотр. – М.: НОРМА; ИНФРАМ, 2015. - 848 с. // СПС КонсультантПлюс.

19. Скачкова Г.С. Расширение сферы действия трудового права и дифференциация его норм: Автореф. Дисс…д-ра юр.наук. - М., 2003. – 62 с.

20. Абдураҳмонов Қ.Х., Хушвахтзода Қ.Х. Иқтисоди меҳнат дар асри зеҳни сунъӣ. - китоби дарсӣ. – Душанбе: «Дониш», 2025.

**Тоджиддини Бахриддин** – Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии права, соискатель

**Правовое понятие управление трудом и её система: классическое и современное понимание данного института**

В статье речь идет о труде и управление трудом. Автор постарался определить правовое понятие управление трудом. На основе изучения научных и нормативно-правовых источников автор исследовал и предлагает новое определение института управления трудом. В сттаье также проанализирована система управления трудом.

**Ключевые слова:** труд, экономика, трудовое право, понятие управления трудом, трудовые отношения, система управления трудом, направления управленитя труда.

**Tojiddini Bahriddin** – National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science of Law, applicant

**The legal concept of labor management and its system: classical and modern understanding of this institution**

The article is about labor and labor management. The author has tried to define the legal concept of labor management. Based on the study of scientific and regulatory sources, the author has researched and proposes a new definition of the institute of labor management. The article also analyzes the labor management system.

**Keywords:** labor, economics, labor law, the concept of labor management, labor relations, labor management system, areas of labor management.

**ИХТИСОСИ 6D030200 -** ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ= МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО = INTERNATIONAL LAW

**СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.1.5 –** МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫЕ НАУКИ = ИЛМҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ-ҲУҚУҚӢ = INTERNATIONAL LEGAL SCIENCES

# АФКОРИ СИЁСИИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИК ДАР БОРАИ ҶАНГ ВА СУЛҲ ВА ТАШАККУЛЁБИИ ҲУҚУҚИ МУОСИРИ БАШАРДӮСТОНА

**Раҷабов Саидумар Адинаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов, мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ. E-mail: saidumar1951@mail.ru; **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов, мудири шуъбаи масоили назариявии давлати ва ҳуқуқи муосир. E-mail: bobojonov_i@mail.ru

Дар мақола таҳаввул ва вижагиҳои назари муҳаққиқони тоҷик дар бораи падидаҳои ҷанг ва сулҳ дар партави ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона баррасӣ шудааст. Асарҳои олимони ватанӣ, ки масъалаҳои мунокишаҳои мусаллаҳона, ҳуқуқи инсон дар шароити ҷанг, инчунин мафҳуми сулҳ дар анъанаҳои илмию фалсафии тоҷиконро дар бар мегиранд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аҳамияти заминаи таърихию фарҳангии ташаккули ин ақидаҳо ва ҳамгироии онҳо ба арсаи ҳуқуқии муосир таъкид шудааст.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона, муҳаққиқони тоҷик, ҷанг, сулҳ, рушди ҳуқуқӣ, инсонпарварӣ.

Андешаҳои илмию фалсафии тоҷик ба арзишҳои инсонпарварӣ, адолат ва сулҳҷӯӣ такя доранд, ки аз осори мутафаккирони классик - Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Низомулмулк, Носири Хусрав, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон маншаъ мегиранд. Онҳо ҷангро ҳамчун шарри нобаҳангом дарк мекарданд, ки танҳо дар ҳолатҳои дифоӣ қобили қабул буда, бояд ба маҳдудиятҳои сахти ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ тобеъ бошад.

Ҷолишҳо ва низоъҳои муосир таваҷҷуҳи ҷомеаи илмиро ба паҳлӯҳои инсонпарваронаи ҷанг ва ташаккули сулҳи устувор афзудаанд. Дар ин замина омӯзиши назариёт ва равишҳои минтақавӣ, аз ҷумла саҳми муҳаққиқони тоҷик дар ташаккул ва рушди тасаввурот дар бораи ҷанг, сулҳ ва меъёрҳои башардӯстона аҳамияти хоса пайдо кардааст. Аҳаммияти мавзуъ дар зарурати таҳлили амиқи ин назарияҳо дар доираи ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона (ҲББ) ва саҳми онҳо дар ташаккули инсонгароии ҳуқуқӣ ва риояи ҳуқуқи инсон зоҳир мегардад.

Чунон ки омӯзиши таърих нишон медиҳад, дар байни миллатҳои гуногун қоидаҳои пешбурди ҷанг, меъёрҳои башардӯстона нисбат ба мағлубшудагон ва расонидани кӯмак ба осебдидагон роиҷ буданд. Гумон мерафт, ки дар вақти ҷанг ҳатто нисбат ба душман низ бояд баъзе меъёрҳои муайяни рафтор риоя шаванд. Дар ҳамаи давраҳои таърихӣ кӯшишҳое ба харҷ дода мешуданд, то азобу ранҷҳои ба воситаи ҷанг ва низоъҳои мусаллаҳона расида, коҳиш дода шаванд.

Ҳанӯз дар замонҳои қадим, баъзе фармондеҳон тибқи урфу одати роиҷ иҷозат намедоданд, ки сарбозонашон асиронро қатл кунанд, дастур медоданд, ки ба занон, пиронсолон ва кӯдакон раҳм кунанд, заҳролуд кардани чоҳҳо ва чашмаҳоро манъ мекарданд. Бо гузашти вақт ин урфу одатҳо шакли меъёрҳои ҳуқуқи башардӯстонаи урфӣ (одатӣ)-ро гирифтанд, ки тарафҳои ҷангкунанда онҳоро риоя мекарданд [1; 2; 3; 4; 5; 6; 7; 8; 11; 12; 13; 14].

Бояд қайд кард, ки андешаи башардӯстонаи мардуми тоҷик реша дар умқи ҳазорсолаҳо дорад ва табиист, ки тамоми арзишҳои мутараққӣ ва инсонпарваронаи аз ҷониби ниёгони тоҷикон офаридашударо дар ҳамаи марҳилаҳои ташаккули ҳуқуқи башардӯстона дар худ таҷассум намудааст. Мавзуи ҷанг ва

сулҳ низ аз ин раванд истисно набуд ва андешаи ҳарбӣ-башардӯстонаи аҷдоди тоҷик дар ин замина низ аз худ осори намоён боқӣ гузоштааст.

Манобеи хаттии таърихи асримиёнагии мардуми тоҷик дар ин самт аҳаммияти бузурги илмӣ ва фарҳангӣ доранд.

Масоили ҷанг ва сулҳ дар осори **Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ** - поягузори адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ - нақши марказӣ надоранд, мисли он чи ки дар ҳамосаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дида мешавад.

Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз мазмуни лирикӣ ва фалсафии ашъори Рӯдакӣ, дар осори ӯ метавон як қатор андешаҳои муҳимро дар бораи моҳияти сулҳ, зӯроварӣ, адолат, ҳокимият ва вазифаи инсон дарёфт кард. Рӯдакӣ шоири инсонпарвар буд. Ӯ ба зиндагии осоиштаву муносиб даъват мекард, ки дар меҳвари он инсон, саодати ӯ ва оромиши ботиниаш қарор дорад.

Дар шеъри ӯ пайваста андешаи зерин садо медиҳад: - фони будани зиндагӣ ва ҳокимият, ки аз он метавон хулоса кард: душманӣ ва ҷанг беасос ва бемаънӣ мебошанд; - ноустувории бахт ва қудрат, ки ҷангро ба василаи кибр табдил медиҳад, на ба воситаи ақл [26]. Ин даъватест шеърӣ ба офаридан, на ба хароб кардан.

Гарчанде Рӯдакӣ шоири дарборӣ буд, дар бархе аз ашъори ӯ интиқоди ниҳонии бераҳмӣ, беадолатӣ ва сӯистифода аз қудрат ба мушоҳида мерасад, ки маҳз чунин амалҳо бисёр вақт сабаби ҷангу низоъ мегардиданд. Даъватҳои ӯ ба адолат ва некӯкории ҳоким дар асл маҳкум кардани ҷангҳои ба хотири манфиат ва ҳирси сиёсӣ мебошад [26].

Ин гуна андешаронӣ пояҳои ахлоқии дурусти ҳукмронӣ ва низоми сулҳомезро таҳким бахшида, ҷангро ҳамчун василаи таҳкими ҳокимият зери шубҳа мебарад. Рӯдакӣ дар рӯҳияи фалсафаи шарқӣ зиндагиро дар фазои сулҳ, муҳаббат ва фаровонӣ ситоиш мекард ва онҳоро муқобили маҳрумият, адоват ва ранҷ қарор медод. Сулҳ дар шеърҳои ӯ на танҳо маънии набудани ҷангро дорад, балки ҳамзамон ҳолати оромиши ботинӣ ва ҳамоҳангии рӯҳӣ низ мебошад [26].

Рӯдакӣ борҳо ба симои ҳокими идеалӣ рӯ меоварад, ки пойдории низом ва оромии ҷомеа аз вай вобаста аст. Сулҳ дар давлат - натиҷаи ҳикмат ва адолати подшоҳест оқил. Ин нукта ба идеяҳои «ҳокимияти сулҳомез» ҳамчун олитарин шакли идоракунӣ ишора мекунад [26].

Гарчанде Рӯдакӣ мустақиман асарҳое дар бораи ҷанг нанавиштааст, аммо шеъри ӯ бо рӯҳияи зиддиҷангӣ ва инсонгароӣ фаро гирифта шудааст. Ӯ сулҳро ба муқобили ҷанг, раҳму шафқатро ба муқобили зӯроварӣ, адолатро ба муқобили истибдод ва ҳамоҳангиро ба муқобили вайронкорӣ қарор медиҳад. Аз ин рӯ, фалсафаи сулҳ яке аз асосҳои ахлоқии тамоми эҷодиёти Рӯдакиро ташкил медиҳад.

Масоили ҷанг ва сулҳ дар таълимоти **Ибни Сино** (Абуалӣ ибни Сино) низ мавзӯи марказии осори ӯ намебошанд, зеро диққати асосии файласуф ба метафизика, ахлоқ, тиб, мантиқ ва илмҳои табиӣ равона гардида буд. Бо вуҷуди ин, дар натиҷаи таҳлили амиқи андешаҳои фалсафӣ-сиёсии ӯ метавон як қатор ақидаҳои муҳимро ҷудо кард, ки ба мавзӯи ҷанг ва сулҳ дар як чаҳорчӯбаи махсус дахл доранд.

**1. Ҷанг ҳамчун воситаи ҳимояи тартибот ва адолат.** Ибни Сино ҷомеаро ҳамчун низоми иртиботии зинавӣ (иерархӣ) медонист, ки дар он подшоҳ-файласуф (ё ҳоким) бояд дар бораи ҳифзи манфиати умумӣ (маслаҳа) ғамхорӣ намояд. Дар ин замина, иҷозати истифодаи ҷанг фақат дар ҳолатҳои зерин мавҷуд аст:

- ҳимояи давлат аз таҷовуз;
- ҷазо барои саркӯб кардани ошӯб ё исён, ки тартиботи одилонаро вайрон мекунад;
- боздоштани шарру беадолатӣ, агар дигар василаҳо самара надода бошанд.

Ба ин тартиб, ба ақидаи Ибни Сино, ҷанги одилона имконпазир аст, вале он бояд аз лиҳози ахлоқӣ асоснок ва ба манфиати хайр хидмат кунад.

**2. Сулҳ ҳамчун ҳадафи олитарини сиёсӣ ва ахлоқӣ.** Ибни Сино, ки пайрави мактаби Арасту ва неоплатонизм буд, бар он назар буд, ки мақсади асосии давлат ва ҳоким таъмини ҳамоҳангӣ, тартибот ва камоли маънавии инсон мебошад. Сулҳ шарти зарурӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва ахлоқии инсон, тараққиёти илм, фалсафа ва тиб, ҳамчунин фаъолияти мӯътадили ниҳодҳои ҷамъиятӣ мебошад. Ба гуфтаи ӯ, ҳокими оқил бояд ба сулҳ бикӯшад, на ба ҷанг, ва зӯровариро танҳо дар ҳолатҳои ногузир истифода кунад.

**3. Ахлоқи ҷанг ва вазифаи ахлоқии инсон.** Ибни Сино таъкид мекард, ки ахлоқ бояд бар ақл асос ёбад ва амали инсонҳо бояд ба меъёрҳои ахлоқӣ мувофиқ бошад. Ҷанг, мисли

ҳар амали дигар, мавриди баҳогузории ахлоқӣ қарор мегирад:

- ҷанге, ки беасос ва аз рӯи ҳирсу манфиат аст, гуноҳ ва вайронкорист;

- ҷанги одилона ва дифоъӣ метавонад ҳамчун вазифаи ахлоқии ҳоким пазируфта шавад;

- зӯроварие, ки ба фурӯпошии тартиботи ахлоқӣ мебарад, бояд маҳкум гардад.

Ибни Сино нақши ҳокими қонунӣ, оқил ва одилро ҳамчун кафили сулҳ таъкид мекард. Ӯ ҳокимро бо табиб муқоиса менамуд: чунон ки табиб ҷисмро муолиҷа мекунад, ҳоким низ бояд бемориҳои ҷомеаро — низоъ, ҷаҳолат ва душманиро шифо бахшад.

Гарчанде Ибни Сино мустақиман назарияи махсусе дар бораи ҷанг ва сулҳ наофарида бошад ҳам, вале андешаҳои фалсафии ӯ имкон медиҳанд, ки чунин хулоса шавад:

- сулҳ - ҳолати табиии ҷомеа мебошад, ки бояд тавассути адолат, дониш ва ахлоқ ҳифз гардад;

- ҷанг - истисноест, ки танҳо барои аз байн бурдани шарр ё ҳифзи тартибот ҷоиз аст;

- ҳадафи файласуф ва ҳоким -эҷоди заминаи сулҳ, камоли маънавӣ ва рушди фикриву иҷтимоии инсон ва ҷомеа мебошад.

**Абулқосим Фирдавсӣ** низ дар осори худ масъалаҳои ҷанг ва сулҳро баррасӣ намудааст. Мавзӯи ҷанг ва сулҳ дар «Шоҳнома» - достони ҳамосаии безаволи Фирдавсӣ — нақши калидӣ дорад [16]. Ин асар на танҳо дар бораи қаҳрамониву шуҷоат нақл мекунад, балки масъалаҳои муҳимми ахлоқӣ, фалсафӣ ва сиёсиро матраҳ месозад, ки барои замони худ (ва ҳатто имрӯз) аҳаммияти бузург доранд.

Фирдавсӣ борҳо таъкид мекунад, ки ҷанг танҳо дар ҳолате қобили қабул аст, ки ҳимоят аз Ватан, номус, адолат ва низоми илоҳӣ дар миён бошад. Аксари ҷангҳо дар «Шоҳнома» ҳамчун ҷавоб ба таҷовуз, хиёнат ё нақзи савганд оғоз меёбанд. Масалан, ҷангҳо бо Тӯр ва Афросиёб ҳамчун вокуниши дифоӣ ба хатарҳои хориҷӣ тасвир шудаанд; набардҳои Рустам бо барқарорсозии адолат ва ҷазо додани гунаҳгорон вобастагӣ доранд.

Сарфи назар аз тасвири шуҷоатмандонаи набардҳо, Фирдавсӣ зӯроварии беҳуда ва ҷангро барои ҷанг маҳкум мекунад. Ӯ дар баробари қаҳрамониву ҷасорат, ранҷу маҳрумият, ҳалокати қаҳрамонон, парокандагии хонаводаҳоро низ нишон медиҳад, ки ин ҳамдардӣ ва андеша дар бораи нархи ҷангро ба вуҷуд меорад. Фоҷиаи Сиёвуш - яке аз саҳнаҳои аламовар аст, ки на аз адолат, балки аз макру ҳила ва дурӯғ сарчашма мегирад.

Фирдавсӣ ҳикмат, тавоноии музокира ва кӯшиш барои сулҳро баланд арзёбӣ мекунад. Подшоҳони оқил ва одил мекӯшанд ҷангро пешгирӣ кунанд ва ба воситаи музокира, дипломатия ва созиш сулҳро ҳифз намоянд.

Дар «Шоҳнома» ҷанг ва сулҳ на танҳо ба воқеияти сиёсӣ, балки ба тақдир ва интихоби ахлоқии қаҳрамонон вобаста аст. Аксар фоҷиаҳо аз такаббур, хашм, хиёнат ва ғурур сар мезананд. Аз ин ҷост, ки ҷанг фақат бархӯрди ҷисмонӣ нест - он озмоиши рӯҳонӣ низ мебошад.

Гарчанде қаҳрамонони «Шоҳнома» - ҷангҷӯёнанд, онҳо борҳо раҳм ва фазилат нишон медиҳанд. Ҳатто дар майдони набард, душман эҳтиром мешавад, мубориза бо риояи қоидаҳо сурат мегирад, кодекси шараф риоя мешавад. Ин таъкид мекунад, ки ҷанг набояд ба ваҳшоният табдил ёбад.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ танҳо як таърихи низомӣ нест - он асари фалсафии амиқ аст, ки ба масъалаи ҷанг ва сулҳ ҳамчун масъалаи ҷовидонаи инсонӣ менигарад. Шоир нишон медиҳад, ки бузургии воқеии подшоҳ ва қаҳрамон дар қобилияти нигоҳ доштани сулҳ, адолат ва тартибот зоҳир мегардад, на дар қобилияти куштор.

Аз ин рӯ, масъалаҳои матраҳшуда дар «Шоҳнома» то имрӯз низ дорои аҳаммияти хос мебошанд.

Яке аз сарчашмаҳои муҳими хаттии таърихи асримиёнагии миллати тоҷик - «Сиёсатнома» мебошад. «Сиёсатнома» («Китоб дар бораи идораи давлат»), ки онро **Низомулмулк** дар асри XI навиштааст, андешаҳои муҳимеро доир ба масъалаҳои ҷанг ва сулҳ аз назари фалсафаи сиёсӣ ва амалияи идоракунии давлат дар ҷаҳони ислом дар бар мегирад [27].

Низомулмулк ҷангро на ҳамчун ҳадафи ниҳоӣ, балки ҳамчун василаи зарурии ҳифзи давлат, дину тартибот медонад. Ӯ таъкид мекунад, ки подшоҳи одил вазифадор аст, ки марзҳои давлатро аз душманон ва ошӯбгарон ҳифз намояд; сустӣ дар муқобили душман ба нобудии давлат мебарад; артиш ва интизоми он санги асоси суботи давлатдорӣ мебошад.

Ба андешаи ӯ, султон бояд лашкари қавӣ ва мутеи худро нигоҳ дорад ва дар қалби душман тарс эҷод кунад, то ки зарбаи пешакӣ зада нашавад. Ҷанг дар ин ҷо ҳамчун василаи

пешгирии шикасти давлат ба тасвир гирифта мешавад.

Ҳамзамон, Низомулмулк сулҳро ҳамчун ҷилваи хирад ва адолат мешиносад. Ба назари ӯ, сулҳ беҳтарин роҳи ҳукуматдорӣ барои подшоҳ аст, вале сулҳ танҳо дар шароити ҳифзи қудрат ва тартибот имконпазир аст. Дар акси ҳол, сулҳ ҳамчун заъф тафсир мешавад. Ӯ бар он аст, ки сулҳ бояд бар асоси адолат бошад; музокирот танҳо дар сурате қабулпазиранд, ки манфиатҳои давлатро таҳким бахшанд; шадидии аз ҳад зиёди ҷазо ё нармдилии зиёд метавонад ба нооромӣ оварда расонад.

Низомулмулк чунин таъкид мекунад: «Давлат бар адолат устувор аст, ва адолат бар қонун ва ҷазо». Ӯ бовар дорад, ки душманони дохилӣ ҳамон андоза хатарноканд, ки душманони берунӣ. Аз ин ҷост, ки зарурати вокуниши фаврӣ ба шӯришҳо ва ошӯбҳо таъкид мешавад; таҳаммул ба хиёнат ва хиёнаткорон нодуруст шумурда мешавад; барои идоракунии дуруст хирадмандӣ ва дурбинӣ лозим аст, то тавтеаҳоро пешбинӣ ва аз онҳо ҷилавгирӣ намуд.

Низомулмулк маслиҳатҳои амалиро оид ба идораи артиш ва бастани сулҳ пешкаш мекунад. Ӯ ба масъалаҳои нигоҳдорӣ ва музди лашкар, пешгирии фасод дар байни фармондеҳон ва бастани аҳдномаҳо танҳо бо шахсоне, ки сазовори эътимоданд, диққат медиҳад.

Дар «Сиёсатнома» чунин тавсияи амалӣ зикр шудааст: «Бо душман бояд чунон ҷанг кард, ки роҳи сулҳ кушода монад; бо дӯст ва душман чунон бояд робита барқарор кард, ки агар барканем, боз пайвастан мумкин бошад». Ин гуфтаҳо муҳиммияти мувозинат миёни ҷанг ва сулҳро нишон медиҳанд ва дар идоракунии давлат ҳамчун сабақи хирадмандона арзишманд мебошанд.

Дар байни сарчашмаҳои таърихи низомии мардуми тоҷик дар асрҳои миёна (то замони ҳуҷуми муғулҳо) ҷойгоҳи махсусро рисолаи низомии **Шариф Муҳаммад Мансур Муборакшоҳ** — маъруф бо номи Фахрии Мудаббир, ишғол мекунад. Ин асар бо номи «Адаб ал-ҳарб ва-ш-шуҷоат» («Қоидаҳои ҷанг ва шуҷоат») машҳур буда, дар охири асри XII ва аввали асри XIII таълиф ёфтааст. Ин рисола на танҳо таъсири амиқ ба ташаккули афкори низомӣ гузоштааст, балки то имрӯз дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дар рушди ҳуқуқи башардӯстона мебошад.

Шиносоӣ бо ин асари пурқимат ба ин андеша мерасонад, ки рушди соҳаи ҳуқуқ, ки имрӯз бо номи «ҳуқуқи Женева» ва «ҳуқуқи Гаага» маъруф аст, воқеан, реша дар Аврупо надошта, заминаҳои аввалияи он маҳз дар Шарқ гузошта шудаанд [18]. Рисолаи «Адаб ал-ҳарб ва-ш-шуҷоат» дар оғози асри XIII мураттаб ва кодификатсия шудааст. Муборакшоҳ соли 1211 ин рисоларо ба султони Деҳлӣ - Абу Музаффар Шамсиддин Илтутмиш бахшида ва тақдим намудааст.

Бисёре аз муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки Фахрии Мудаббир шахсияти нуфузманд дар дарбори охирин ҳокимони сулолаи Ғазнавӣ буд, баъдан ба хидмати Ғӯриён гузашта, охири умрашро дар дарбори султони аввалини Деҳлӣ сипарӣ кардааст.

Гарчанде аксари муҳаққиқон ташаккули ҳуқуқи байналмилалии башардӯстонаро ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ ба даҳсолаҳои 60-уми асри XIX нисбат медиҳанд ва бо номи шахсиятҳое чун Анри Дюнан (1828–1910) -и швейтсарӣ ва Френсис Либер (1798–1872) – и амрикоии олмониасл мепайванданд, сарчашмаҳои он дар Шарқ хеле қадимтаранд. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки маҳз дар он айёме, ки кишварҳои Аврупоӣ ба ҷангҳои салибӣ алайҳи ҷаҳони ислом (1096–1270) машғул буданд, намояндаи миллати тоҷик - Фахрии Мудаббир, бар асоси воқеаҳои таърихӣ ва шоҳидии худ, рисолаи «Адаб ал-ҳарб ва-ш-шуҷоат»-ро таълиф мекард. Ӯ дар ин асар қонуниятҳои рушди афкори низомӣ ва масъалаҳои мубрами ташаккули ҳуқуқи башардӯстонаро таҳлил намудааст.

Маълумоти овардашуда дар ин рисола шаҳодат медиҳад, ки Муборакшоҳ қоидаҳо ва урфу одатҳои ҷангро ҷамъоварӣ намуда, беҳтарин дастовардҳои фикрии башардӯстонаро дар ин самт гирд овардааст. Ӯ аз сарчашмаҳои низомии Византия, Миср, Ҳинд, Чин ва Мовароуннаҳр ба таври васеъ истифода кардааст.

Ба андешаи академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Акбар Турсон, равандҳои рушди афкори башардӯстона дар давраи «Эҳёи тоҷикон» (асрҳои IX–XI) ва фарохтар - «Эҳёи аҷам» (асрҳои IX–XV) шиддати хосса пайдо карданд. Дар ин давра таваҷҷуҳи рӯзафзуни инсонгароёна бо эътирофи арзишмандии худи инсон тавъам шуда, падидаҳои иҷтимоӣ - чун ҷанг ва сулҳ - тавассути меъёри дорои арзиши олӣ - ҳаёти инсон, ҳуқуқ, ниёз ва манфиатҳои ӯ арзёбӣ ва баррасӣ мешуданд [28, 4–22].

Асоси муносибати нави ахлоқӣ дар даврони Эҳёи мардуми тоҷикро арзёбии ахлоқӣ ташкил медод: падидаҳои иҷтимоӣ аз мавқеи инсондӯстӣ ва адолат таҳлил мешуданд. Инсон дар маркази диққати мутафаккирон, шоирон, наққошон ва олимон қарор мегирифт. Ҳама чиз атрофи инсон, эҳсосу андеша, ҷаҳонбинии ботинии инсон чарх мезад. Олами мураккаби рӯҳии инсон мавриди таваҷҷуҳи амиқ ва таҳлили илмӣ қарор мегирифт. Далели равшани ин раванд - адабиёти тоҷику форси давраи мазкур аст, ки саршор аз ғояҳои гуманистӣ, инсондӯстӣ ва башардӯстӣ мебошад.

Тавре қаблан зикр гардид, осори Рӯдакӣ (858–941), Фирдавсӣ (934–1020), Ибни Сино (980–1037), Низомулмулк (1018–1092), Умари Хайём (1048–1123), Саъдӣ (1210–1293) ва дигарон бузургии маънавии инсонро тараннум намуда, ба сулҳ, рафтори инсонпарварона ва ҳамдардӣ нисбат ба қурбониёни ҷанг ва асирон даъват мекарданд, беэътиноиро ба дарди дигарон маҳкум менамуданд ва ваҳдати инсониятро васф мекарданд. Онҳо ба хотир меоварданд, ки ҳамаи фарзандони Одам аз як ҷавҳаранд ва ҳар як инсон бояд нисбат ба сарнавишти дигарон бетараф набошад, ба дарди дигарон ҳамдардӣ нишон диҳад. Дар ин осор масъулияти ахлоқии инсон дар анҷоми зулм ва шиканҷа нисбат ба дигарон мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Маҳз дар ҳамин давраи таваҷҷуҳи умум ба инсон, моҳияти зиддиинсонии ҷанг сабаби шаклгирии кӯшишҳо барои муайян кардани «ҳақ» ва «ноҳақ» дар ҷанг мегардад. Маҳз ҳаминҷо дифференсиатсияи маъруфи ҷангҳо аз ҷониби Фахрии Мудаббир (Муборакшоҳ) - ба ҷангҳои «одилона» ва «ноодилона» ба миён меояд [18].

Вай дар ҷудокунии ҷангҳо ба ду навъ, аз рӯйи асоснокӣ ва адолати онҳо баромад мекард. Аз панҷ навъи ҷанге, ки ӯ тавсиф намудааст, ҷангеро одилона меҳисобид, ки бар зидди золиме, ки мардуми худро зулм мекунад, ё бар зидди таҷовузгарон равона гардидааст. Ҷангҳои истисмориро вай сахт маҳкум намуда, дар бораи вайрониҳое, ки чунин ҷангҳо ба бор меоранд, ҳушдор медиҳад.

Муборакшоҳ менависад: «Ҳангоме ки подшоҳ аз зулм худдорӣ мекунад, ситамкоронро ҷазо медиҳад, мазлумонро қадр мекунад, мардумро дар амният нигоҳ медорад ва ба сарбозон иҷозати ғорати хонаҳои мардумони осоиштаро намедиҳад — ин низ нишонаи пирӯзист». Муборакшоҳ ҳангоми рад кардани ҷангҳои истилогарона масъалаи ҷалб намудани вайронкунандагони ҳуқуқи инсонро ба ҷавобгарӣ низ матраҳ кардааст. Ба назари ӯ, танҳо ҷангҳои одилона, ки бо ҳадафи дифоъ аз худ сурат мегиранд, бояд қонунӣ дониста шаванд. Ӯ таъкид менамуд, ки ҷанг набояд бар асоси баҳонаҳои ночиз ва беасос шурӯъ гардад. Ба ақидаи ӯ, сулҳ, на ҷанг, бояд ҳамчун ҳолати бештар мувофиқ ба манфиатҳои давлат, ҷомеа ва табиати инсон арзёбӣ шавад. Гарчанде дифференсиатсияи пешниҳоднамудаи Муборакшоҳ куллан муносибати умумиро ба ҷанг - ҳамчун падидаи ногузир ва табиӣ - тағйир надодааст, аммо худи матраҳсозии масъалаи ҷангҳои «одилона» ва «ноодилона» гувоҳи муносибати интиқодӣ ба табиати таҳоҷумии ҷангҳо мебошад.

Дар рисолаи низомии Муборакшоҳ қоидаҳои муфассале дар бораи ҳама ҷанбаҳои ҷанги хушкӣ (заминӣ) оварда шудаанд - аз усулҳои баргузории амалиёти ҷангӣ то муносибат бо аҳолии осоишта ва гурӯҳҳои муайяни шахсон, аз ҷумла асирон, маҷруҳон ва беморон.

Аз нигоҳи ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона, таваҷҷуҳи бештарро он фаслҳои рисола ба худ ҷалб менамоянд, ки дар онҳо сухан дар бораи навъҳои ҷанг, тактикаи гузаронидани амалиёти ҷангӣ, риояи принсипи инсондӯстӣ ҳангоми низоъ, ҳимояи қурбониёни ҷанг — маҷрӯҳон, беморон, асирони ҷангӣ ва аҳолии осоишта, масъалаи хиёнат ва макру фиреби низомӣ, бахшиш, масъалаи кироягӣ (зархаридони ҷанг), интизом дар сафи нерӯҳо, масъулияти фармондеҳон, ҷазо барои вайрон кардани қоидаҳои ҷанг ва ғайра меравад. Бо дарназардошти аҳаммияти илмӣ ва амалӣ, мувофиқ мебуд ба баррасии баъзе нуктаҳои асосии ин асар ба тариқи иҷмол таваққуф намоем.

**Дар бораи усулҳои бурдани ҷанг.** Муборакшоҳ диққати ҷиддиро ба масъалаҳои тактикаи низомӣ ва усулҳои гузаронидани муҳосира ва муҳорибаи қалъаву шаҳрҳо равона мекунад. Ӯ менависад: «То ҳадди имкон, қалъаро бе ҷанг бояд гирифт, зеро худи тасхири он кори бузургест. Душманро бо инсоният, некхоҳӣ ва каломи нек осонтар метавон шикаст дод, на бо зӯрӣ ва ҷанг» [29, 209].

Ин суханон аз принсипҳои инсонпарварии ӯ дар масъалаи ҷанг шаҳодат медиҳанд.

Дар шароити низоъҳои мусаллаҳона, ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона истифодаи гуруснагии аҳолии осоиштаро ҳамчун усули ҷанг қатъиян манъ мекунад. Ӯ менависад, ки: «Ҳамла кардан, нобуд сохтани захираи хӯрокворӣ, минтақаҳои кишоварзӣ, ҳосили даравшуда, чорво, обанборҳо ва шабакаҳои обрасонӣ, ки барои зинда мондани аҳолии осоишта заруранд, манъ аст.». Ин навъи иншоот таҳти ҳимояи ҳуқуқи башардӯстона қарор дорад, зеро онҳо барои зинда мондани мардум аҳаммияти ҳаётиву ҳафиз доранд.

Муборакшоҳ, бо истинод ба каломи илоҳӣ, илова мекунад: «Дар каломи Парвардигор омадааст: "Ҳар касе шахсеро бе гунаҳ мекушад, гӯё ҳамаи инсонҳоро кушта бошад. Ва ҳар касе шахсеро наҷот диҳад ё афв кунад, гӯё тамоми инсониятро наҷот додааст"« [29, 211].

Муборакшоҳ аз назари ахлоқӣ низ таъкид менамояд: «Дар ҷанг, пеш аз ҳама, таҳаммул ва худдорӣ муҳим аст. Агар ҳатто эҳтимоли камтарини пешгирӣ аз ҷанг вуҷуд дошта бошад (ҳатто вақте ки ҷанг кардан ба манфиати бештар оварда метавонад), бо вуҷуди ин, бояд аз ҷанг парҳез кард. Ва агар имкони сулҳ пайдо шавад, онро бузургтарин пирӯзӣ донед — ҳатто агар нерӯи шумо бештару муназзамтар бошад» [29, 221].

Ҳамаи ин нуктаҳо далели онанд, ки ҳанӯз дар асрҳои миёна мардуми тоҷик низом ва қоидаҳои хоси худро оид ба истифодаи усулҳо ва василаҳои ҷанг таҳия ва танзим карда буданд, ки бо принсипҳои ҳуқуқи гуманитарии муосир ҳамсонӣ доранд.

**Дар бораи зархаридон**. Яке аз бобҳои рисола ба лашкари муттаҳидаи зархарид бахшида шудааст, ки Муборакшоҳ онро «ҳашарӣ» номидааст. Муаллиф ба ин аскарон чандон аҳамият надода, ба онҳо нобоварона муносибат мекард. Вай навишта буд, ки зархаридони мамлакатхои хориҷӣ харгиз ба қатори аскарони боэътимод дохил намешаванд. Одамоне, ки аз дигар кишварҳо барои иҷора даъват шудаанд, ба ҳифзи кишвар манфиатдор нестанд ва пеш аз ҳама дар бораи худ ғамхорӣ мекунанд. Чунин ҷанговаронро ба осонӣ пора додан мумкин аст. Ҳуқуқи муосири байналмилалии башардӯстона қоидаеро пешбинӣ мекунад, ки «зархарид ба гирифтани вазъи ҷанговар ё асири ҳарбӣ ҳуқуқ надорад» [15, 242]. «Вазифаи ногузирии подшоҳон ва ҳокимон ин аст, ки халқу кишвари хешро аз душман ва душманони дину давлат ҳифз кунанд .... Тобеият ва бандагони Худо бахшоиши Худованд аст. То ки ҷону молу авлоди онҳо аз ғорату одамрабоӣ, такаббур ва ғорати душманони дину давлат дар эмин бошанд, то ки қиёмат. лозим аст» [29, 376]. Муборакшоҳ мефаҳмид, ки агар дар давраи ҷанг боварии байни тарафҳои ҷангкунанда барқарор шавад, имконияти сулҳи пойдор хеле зиёд мешавад.

Қонуни башардӯстона тавассути мавъиза ба инсоният дар вақти ҷанг ва пешгирӣ кардан аз ба вартаи ваҳшиёнаи комил фурӯ рафтани инсоният дар ҳифзи сулҳ саҳми назаррас мегузорад. Хамеша дар хотир бояд дошт, ки баъд аз ҷанг барқарор намудани сулҳ байни тарафҳое, ки ба ҳамдигар бо бераҳмии сахт меҷанганд, чунон душвор хоҳад буд, ки шояд амалан номумкин гардад. Ба ин маъно, эҳтиром ба меъёрҳои башардӯстона дар давраи ҷанг барои гузоштани заминае кӯмак мекунад, ки пас аз хотима ёфтани низоъ дар он сулҳ бунёд карда шавад.

Зиёда аз он, агар маълум бошад, ки ҳуқуқи башардустӣ ба сохтмони роҳи сулҳ ёрӣ мерасонад, пас дигар далели қонунии он талаб карда намешавад. Муборакшоҳ дар ин бора чунин андешаронӣ кардааст: «То замоне, ки муносибатҳои осоишта вуҷуд доранд, ин қоидаҳоро ба кор бурдан лозим аст, то душмани эҳтимолиро шикаст, [ӯро] битарсонад, то ӯ дигар қасди ҷанг накунад, балки сулҳро ҷӯяд. Охир, сулҳи мувофиқ беҳтар аз ҷанги номуносиб аст, зеро намедонед, ки оқибати ин ҷанг чӣ хоҳад буд. Ва лашкар ва ҷамоат бегуноҳ нахоҳанд рафт, ва лашкари онҳо тороҷ ва несту нобуд нахоҳанд шуд, хуни одилона мерезад ва вақте ки бо кофирону душманони дин, ки рехтан ҷоиз аст, хуни интиқом аст, ки аз ин сабаб дар рӯзи қиёмат Худованди мутаъол барои хунрезӣ аввалин ҳукми одил мебароад» [29, 116]. Ва минбаъд: «Дунё абадӣ нест ва ҳар чиз ба ҷои худ бармегардад, Ба даҳрӯзаи подшоҳӣ ва зар ба зишт намеарзад, ин гуноҳро ба виҷдон нагирад» [29, 171].

**Принсипи фарқият**. Ҳатто дар асри XIII, ҷанговар аслан вазифадор буд, ки ба қоидаҳои умумии қонуни башардӯстона итоат кунад - ҳангоми иштирок дар амалиёти ҷангӣ худро аз аҳолии осоишта фарқ кунад. Барои исботи ин талабот Муборакшоҳ чунин мисол меорад: «Абумуслим либоси сиёҳ пӯшид ва ба ҷанг

шуруъ кард ва сиёҳро ба нишони тарафдоронаш баргузид ва ин корро кард, ки тарафдоронаш аз аскарони душман фарқ кунанд ва якдигарро бишносанд» [29, 462]. Мувофиқи ин қоидаи қонуни ҷанг аскарон аломати хос ва аз дур ба осонӣ фарқшаванда доштанд. Дар ин бора Муборакшоҳ дар рисолаи худ чунин мегӯяд: «Дар назди хайма овехтани лавҳа ё мисраъ, инчунин барабану дег ва амсоли он» [29, 173]. Ва ё дар ҷои дигар: «Ба онҳо матои гулдӯзии парчадор, нарабба, карнай, гонг ва монанди инҳо низ медиҳанд» [29, 199]. Ин меъёрҳоро бо меъёрҳои ҳуқуқи муосири башардӯстона муқоиса кардан мумкин аст, ки дар он гуфта мешавад: «Бо мақсади мусоидат ба ҳифзи бештари аҳолии мулкӣ аз таъсири амалиёти ҷангӣ иштирокчиёни ҷанг вазифадоранд, ки ҳангоми иштирок дар ҳуҷум ё амалиёти ҳарбӣ, ки ба ҳуҷум омодагӣ дорад, худро аз аҳолии осоишта фарқ кунанд».

**Дар бораи муносибат бо аҳолии мулкӣ**. Муборакшоҳ дар рисолааш ба раҳму шафқат нисбат ба мардуми осоишта, ба хусус занону кӯдакон, пиронсолон, нобиноён ва бемором рӯҳӣ даъват кардааст: «Музофот ва хору залил барои мусалмонон қобили қабул нест. Ё куштани занону кӯдакони кофирон ва ё пиронсолон ва инчунин нобиноён, ки хидмати мардум мекунанд, қатл девона ғайри қобили қабул аст.» [29, 236]. «Вақте ки аз маҳаллаи аҳолинишин гузаштан лозим аст, набояд ҳеҷ як сокини ин маҳалро хафа кунед. Ва шумо чизеро гирифта наметавонед. Ва агар чизе гирифтан лозим бошад, онро бо пул харидан лозим аст» [29, 462].

**Дар бораи муносибат бо асирони ҳарбӣ**. Барои нишон додани муносибати Муборакшоҳ ба асирони ҷанг, чанд порае аз рисолаи ӯро мисол меорем: «Ва агар касе аз асиршудагон аз ту паноҳ талаб кунад, бояд ӯро ёрӣ кард, [аммо] ва хуб нигаҳбонӣ кард: Охир, ӯ шояд ҳилае мекунад, нақшаҳои маккорона дорад. Муҳимтар аз он, ки ӯро дар наздикии худ нигоҳ доред, ба ӯ имкон надиҳед, ки бо сарбозон сӯҳбат кунад ва кӯшиш кунед, ки ҳеҷ як аз онҳо бо ӯ тамос нагирад ва ӯ низ бояд бидуни силоҳ ва бе нишона нигоҳ дошта шавад, ки онҳо бояд бо дархости худ силоҳ талаб кунанд. Шафқат ҳангоми овардани маҳбусон барои ба қатл расонидани онҳо шитоб кардан лозим нест»[29, 344-345]. Ё дар ҷои дигар: «Пас, барои рехтани хуни асирон шитоб кардан лозим нест. Шояд афв шаванд. Ё ин ки барояшон фидяи калоне гирифта шавад, ки он барои корҳои бузург истифода бурда шавад. Вақте ки Алӣ Амр ибни Модо Якрубӣ Забидиро асир гирифт, ҳазрати Муҳаммад (с) фармуд: «Ӯро накушед. Шояд бо наҷоти ӯ мо метавонем аз ҷудоӣ дар Ислом канорагирӣ кунем.» Асир пештар исломро напазируфта буд ва баъд аз он (Якруб) ба Худо имон овард» [29, 347-348].

Муборакшоҳ ба сарбозоне, ки асир буданд, дар бораи рафтори онҳо дар асорат тавсияҳо медод: «Сарбозе, ки асир афтода, гурехта натавонистааст, набояд ҳеҷ як аз бузургони худро сарзаниш кунад...» [29, 214]. Муборакшоҳ қайд мекунад, ки дар амалияаш бо дигар навъҳои муомила бо асирони ҷангӣ рӯбарӯ шудааст: «Лайке асир шуд, ки низ захмӣ шуд. Султон Маҳмуди Ғозӣ (вақте ки соли 1030 дар Ҳинд ғазавот эълон кард) фармон дод, ки ӯро парасторӣ кунанд. Ва чун сиҳат шуд, ба ӯ ҷомаи зарбофта ҳадя кард ва ба зудӣ ӯро бо писарони дигар ба назди шоҳ фиристод». [29, 277]. «Ва иҷозат нест, ки онҳоро (асирони ҷангиро — С.Р.) боз [бар зидди лашкари душман] фиристанд» [29, 237]. Ин меъёр ба меъёри ҳуқуқи муосири башардӯстона мувофиқат мекунад, ки «маҷбур кардани асири ҳарбӣ ба хидмат кардан дар нерӯҳои мусаллаҳи давлати душман» ҳамчун нақзи ҷиддии Муоҳидаҳои Женева оид ба ҳифзи қурбониёни ҷанг аз 12 -уми августи соли 1949 тавсиф мешавад [19].

**Дар бораи раҳмдилӣ**. Муборакшоҳ дар рисолааш зарурати риояи чунин як меъёри ҳуқуқи башарӣ, чун раҳму шафқатро қайд мекунад: «Ва агар муҳосирашудагон раҳм талаб кунанд, омода бошанд, ки ҳама чизро бидиҳанд, онҳо дар амн бимонанд ва набояд рад карда шаванд» [29, 253]. Ин меъёр ба талаботи имрӯзаи ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона мувофиқ аст, ки дар он гуфта шудааст: «Додани фармони ягон касро зинда намонед, бо ҳамин амр ба душман таҳдид кардан ё дар ҳамин замина гузаронидани амалиётҳои ҳарбӣ манъ аст» [15, 237].

Мардуми тоҷик дар асрҳои миёна ғояи эҳтиром ба душман ва эътирофи иззату эҳтиром нисбат ба душманро тадриҷан ташаккул медод. Муборакшох дар ин бора чунин кайд мекунад: «Бо таклифи дигарон ва вакте ки душманро ба сабаби дидаю дониста ботил хор мекунанд, хор кардан ва таҳқир кардан қобили қабул нест» [29, 453].

**Дар бораи интизом ва масъулият**. Муаллифи рисола сабабҳои бурду бохти тарафҳои

мухолифро таҳлил намуда, ба маҳорати фармондеҳ, муносибати лашкар нисбат ба ӯ ва подшоҳ, меҳнатдӯстӣ ва интизоми сарбозон баҳои баланд додааст.

Артиши хуб омодашуда, ба гуфтаи Муборакшоҳ, пеш аз ҳама, артиши боинтизом аст. Муборакшоҳ масъалаҳои ҷанг ва сулҳро омӯхта, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани куштори асирон ва ғайринизомиён аҳаммияти хоса медод. Вақте сухан дар бораи муҷозоти низомӣ меравад, Муборакшоҳ қайд кард, ки агар касе аз сарбозон интизомро вайрон кунад ва ё ба чизе гунаҳкор бошад, бояд ба ӯ муҷозоти сахт дода шавад, то сарбозони дигар аз чунин амал худдорӣ кунанд. «Касе, ки аз таги зин, тӯрба ва ҳар чизе, ки ба онҳо шабоҳат дорад, рахти хобро дуздидааст.... Ҳамаи ин ашхоси дар боло зикршуда муҷозот мешаванд» [29, 463-464]. Дар рисола ба интизом ва тартибот дар байни аскарон таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода шудааст: «Ба мунодӣ фармоянд то бо овози баланд ба гирди лашкаргоҳ бигарданд ва бигӯянд то хештан ба укубат наёранд, чун гуноҳе ва ҷурме дар вуҷуд ояд ҳар ойина тадорук ва адаб бояд фармуд то дигаронро эътибор бошад» [29, 460], яъне аскарон интизомро вайрон накунанд ва худро ба муҷозот гирифтор накунанд ва ҳамаи фармонҳоро иҷро намоянд.

**Дар бораи масъулияти сардорони ҳарбӣ**. Муборакшоҳ ба нақши фармондеҳон дар пешгирӣ ва рафъи вайронкунии қонуни ҷанг аҳаммияти калон медод. Дар ин бора чунин навиштааст: «Дар сурати ошкор шудани вайронкорӣ ё рафтори ношоиста, бояд фавран чора бинанд ва гунаҳгор ҷазо дода шавад, то дигарон ба он пайравӣ накунанд.» [15, 269]. Ин меъёр ба талаботи банди 2 моддаи 86-и Протоколи иловагии 1 мувофиқат мекунад, ки дар он гуфта мешавад: «Он далеле, ки вайронкунии Муоҳидахо ё Протоколи мазкурро шахси тобеъ содир кардааст, сардорони ӯро вобаста ба вазъият аз ҷавобгарии ҷиноӣ ё интизомӣ озод намекунад, агар онҳо медонистанд ё дар ихтиёрашон маълумоте доштанд, ки ба онҳо имконият медод ба андешае биёянд, ки дар вазъияти дар он замон мавҷудбуда, чунин шахси тобеъ ин гуна вайронкуниро содир мекунад ё нияти содир намудан дорад ва агар онҳо дар ҳадди салоҳиятҳои худ барои пешгирӣ кардан ё хотима додан ба ин вайронкунӣ тамоми тадбирҳои амалан имконпазирро наандешидаанд."[15, 273]

**Дар бораи аҳдшиканӣ ва анҷом додани ҳилаҳои ҳарбӣ**. Аҳдшиканӣ ҳамчун сӯиистифода аз қоидаҳои пешбининамудаи қонуни башардӯстона бо мақсади ба бовари душман даромада, бо мақсади куштан, захмӣ кардан ё асир гирифтани ӯ муайян карда мешавад. Намунаҳои аҳдшиканӣ дар моддаи 37 Протоколи иловагӣ ба таври зерин оварда шудаанд: a) нияти сохтакоронаи зери парчами сулҳи муваққатӣ музокира кардан ё вонамуд кардани таслимшавӣ; b) вонамуд кардани аз саф баромадан бар асари маҷруҳ шудан ё беморӣ; c) вонамуд кардани доштани вазъи ашхоси мулкӣ ё ғайриҷанговар; d) бо роҳи истифода бурдани нишонҳо, аломатҳо ё либосҳои расмии Созмони Милали Муттаҳид, давлатҳои бетараф ё давлатҳои дигар, ки ҷонибҳои даргир нестанд, вонамуд кардани доштани вазъе, ки ҳимояро пешбинӣ мекунад.[15, 236]

Манъи хиёнат як қоидаи хеле қадимист. Дар рисолаи Муборакшоҳ низ омадааст: «Ҳар кӣ дар рӯзи набард ҷабр кунад ва қасдан худро бемор кунад, ҳар кӣ баҳона [барои гурез аз ҷанг] ҷӯяд ва дурӯғ гӯяд, ҳар кӣ аз рафиқонаш қафо гардад ва сипас зоҳир шавад, ҳар ки [дар рӯзи ҷанг] худро хоб вонамуд кунад ва низ хуфта бошад» [29, 269]. Ва ё дар ҷои дигар Муборакшоҳ менависад: "Ҳар ки мисли душман либос пушидааст ва ё бар худ нишоне ба мисли душман гузорад" бояд муҷозот шавад" [29, 270]. Қонуни башардӯстона амалҳои аҳдшиканӣ ва ҳилаву найрангро фарқ мекунад. Дар ҳоле ки амалҳои аҳдшиканӣ манъ аст, ҳилаву найранг ба ҳар василае ҷоиз аст. Ин гуна ҳилаву найрангҳо амалҳое мебошанд, ки душманро гумроҳ мекунанд ё ӯро ба амалҳои бепарвоӣ, шитобкорона амал намудан водор мекунанд, аз қабили истифодаи пардапӯшонӣ, ниқоб, ба дом афтондан, амалиёти сохта ва паҳн намудани маълумоти дурӯғ. "Ва ҳазар кунед, ки танҳо бо хунрезӣ ғалаба кунед. Ҷустуҷӯи пирӯзӣ бо найранг ва дигар роҳҳо беҳтар аст, зеро бо ин роҳ метавонад фоидаи бештаре ба даст ояд, то худро ба хатар дучор кунад. Доноён мекӯшанд, ки душманро ба ӯ таслим кунанд ва ин бузургтарин фоида аст. Мо ҳам бояд кӯшиш кунем, ки накушем. Агар илоҷе аз ин пешгирӣ набошад, пас душманро танҳо дар мавридҳои зарурӣ ва дар вазъияти ноумед бикушем. Ва он гоҳ аз ин фахр кардан мумкин нест» [29, 267]

Ҳамин тавр, ҳуқуқи башардустӣ натиҷаи табиии раванди чандинасраи ташаккул ва инкишофи қоидаҳо, урфу одатҳо ва қонунҳои ҷанг мебошад. Дар он тамоми комёбиҳои бехтарини тафаккури инсоният дар соҳаи ҳуқуқи башардустӣ гирд оварда шудааст. Инкишофи идеяҳои башардӯстона дар тӯли асрҳои зиёд сурат гирифт. Далелҳое нигоҳ дошта шудаанд, ки майлу хоҳиши абадии одамон ба сулҳ, тайёр будани онҳо ба ҳамдардӣ ва инсондӯстӣ нисбат ба халқҳо дар ҷанг, сабук кардани тақдири асирон, ёрӣ расондан ба ҷанговари азобдида. Ва ин худ аз ҳоло бисёр аст, зеро идеяҳо баробари ба вуҷуд омадан ба инкишоф ёфтан, бо равишҳои нав, дарк ва муносибатҳои нав ғанӣ шудан шуруъ мекунанд, то он даме, ки онҳо то ба дараҷае тезу тунд ва пуршиддат ба камол расанд, ки зарурати бетаъхир ба амал баровардани онҳо ба миён меояд. Ҷараёни инкишоф додани шафқат ва раҳмдилӣ, зоҳир намудани муносибати инсондӯстона нисбат ба қурбониёни ҷанг, сабук кардани воситаҳои рафтори он маҳз ҳамин тавр аст.

Асари Муборакшоҳ «Адаб ал-ҳарб ва ш-шуҷоат» ба замонҳое ишора мекунад, ки давлат то ҳол ба мамнуъият ва маҳдудиятҳои қонунӣ дар мавриди истифодаи нерӯ алайҳи давлати дигар дар вазъияти ҷангӣ дучор нашуда буд. Ин нишон медиҳад, ки шуури халқи тоҷик дар асрҳои миёна бо рад кардани зуҳуроти ғайриинсонӣ нисбат ба шахс фарқ мекард. Муборакшоҳ меъёрҳои башардӯстонаро ҳамчун кодекси рафтори хизматчиёни ҳарбӣ дар задухӯрди мушаххаси мусаллаҳона мефаҳмид ва барои таъмини риояи самараноки онҳо қувваҳои мусаллаҳ бояд қоидаву меъёрҳои аз ҷониби умум қабулгардидаро роҳбарӣ мекарданд. Дар рисола вай аксар вақт танҳо мухтасари қоидаҳо ё принсипҳои умумиро медиҳад, яъне дар шароити ҷанг аскарон бояд қоидаҳои якрангро омӯзанд. Маҳдудияти воситаҳо ва усулҳои ҷанг, ки муаллифи рисола мавриди баррасӣ қарор медиҳад, онро ҳамчун талаботи низоми олии ахлоқӣ ё динӣ маънидод кардааст, аз бисёр ҷиҳат ба меъёрҳои ҳуқуқи муосири байналмилалии башардӯстона, ки қонуни позитивии замони мост, шабоҳат дорад. Бори дигар таъкид кардан лозим аст, ки бидуни чунин маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва мазҳабӣ-ахлоқӣ ҷанг метавонад ба осонӣ ба ваҳшигарӣ табдил ёбад [20].

Баррасии илмӣ ба таърихи ҷангҳои башардӯстона ва таҳлили инкишофи ҳуқуқи башардӯстона, бахусус қоидахои ҷанг нишон медиҳад, ки дар баробари вуҷуд доштани муносибати бераҳмона нисбат ба аҳолии осоишта ва асирони ҷанг дар таърих муносибати инсондӯстона нисбат ба гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ низ вуҷуд дошт. Ин бори дигар идеяи дар таърихи башарият мавҷуд будани бисёр қоидаҳои ба ҳам монанди ҷанг, таносуби онҳо бо меъёрҳои дар ҳуқуқи башардӯстонаи ҳозираи байналмилалӣ муқарраргардидаро тасдиқ мекунад [21; 30].

Гузашта аз ин, бисёре аз ин қоидаҳо эътибор доранд ва ҳоло ҳам ифодаи ҳуқуқи одатӣ ба ҳисоб меравонд. Дар хотир бояд дошт, ки гарчанде бисёре аз қоидаҳои ҷангӣ, ки дар ин асар оварда шудаанд, ифодаи ҳуқуқи урфӣ мебошанд ва ё ҷузъи он гардидаанд, як қатор қоидаҳои ҳуқуқии одатӣ то ҳол кодификатсия нашудаанд. Тасвири урфу оинҳои дахлдорро дар осори мураттибони бомаҳорати дастуру тафсир, аз қабили Муборакшоҳ ва мутафаккирони мушобеҳи гузаштагон бояд ҷустуҷӯ кард, зеро онҳо на танҳо ва на он қадар ба тактикаи ҷанг, балки то андозае бештар ба мафҳуми инсондӯстӣ ва башардӯстӣ дар ҷомеа дахл кардаанд.

Аз ин рӯ, омӯзиши таълимоти ҳуқуқи башардӯстӣ, ки дар осори ин гуна мутафаккирон ҷой доранд, бояд яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи муҳаққиқони таҳқиқи ин масъала бошад. Муборакшоҳ як қатор ғояҳо ва муқаррароти нави башардӯстонаро ба миён гузошта ва таҳия кардааст. Дар байни дастурҳои башардӯстонаи ӯ манъи шиканҷа, захмӣ кардан, куштани маҳбусон, истифодаи хиёнат, ғорати шаҳрвандон ва ғ. ҷой доранд.

Муборакшоҳ дар муроҷиатҳои худ ба проблемаҳои ҷанг дар бораи бедилонаи ҳалокати одамон, аҳаммияти муҳофизати сулҳ нигаронии амиқ ва изтироб зоҳир менамуд. Ин муқаррарот аз муҳимтарин дастовардҳои афкори башардӯстонаи инсоният мебошанд. Ин андешаҳои башардӯстона, ки натиҷаи фаъолияти тамоми ҳаёти Муборакшоҳ буданд ва дар шароити асри XIII инкишоф ёфтаанд, на танҳо асоси ҳуқуқи инсондӯстии баъдан ба вуҷудомадаро ташкил медиҳанд, балки бисёр муқарраротӣ онро низ пешакӣ муайян кардаанд. Зиёда аз якчанд асрҳо гузаштанд, ки натиҷаи чунин андешаҳо асоси ба вуҷуд

омадани қонуни башардӯстонае гардид, ки агар манъ ҳам накунад, ҳадди ақал барои нарм ва то андозае инсондӯстона кардани амалиёти ҷангиро пешбинӣ намудааст.

Проблемаҳои ба миёнгузоштаи мутафаккири барҷаста дар замони муосир ҳам мубрам ва ахаммияти худро гум накардаанд. Зарурати таъҷилӣ ба муқаррароти меъёри ҳуқуқи башардӯстона, ки барои танзими муносибатҳои марбут ба гузаронидани амалиёти ҳарбӣ дар асоси принсипҳои инсонпарварӣ пешбинӣ шудааст, ба миён меояд. Омӯзиш, пажӯҳиш ва муносибати бодиққат ба анъана ва расму оинҳои ниёгонамон, таҳияи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона ва татбиқи онҳо дар фаъолияти ҳаррӯзаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди худшиносии миллии мардуми тоҷик бевосита таъсир расонида, метавонад дар таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, иқтидори Қувваҳои Мусаллаҳ ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ҳамчун омили муҳим хизмат кунад.

Ба ақидаи мо, муҳаққиқони муосири тоҷик бояд ба ҷанбаҳои зерини ин масъала таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд:

- мутобиқати қонунгузории миллӣ ба ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона;

- иштироки Тоҷикистон дар созишномаҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи қурбониёни ҷанг;

- зарурати таълиму тарбия ва маърифати башардӯстона дар шароити сулҳу таҳаммул.

Ҳамин тавр, дидгоҳҳои муҳаққиқони тоҷик дар бораи ҷанг ва сулҳ аз бозтобҳои фалсафӣ ва ахлоқӣ ба мафҳумҳои ҳуқуқӣ ва башардӯстона, ки бар асоси меъёрҳои байналмилалӣ асос ёфтаанд, табдил ёфтаанд. Саҳми онҳо дар рушди ҳуқуқи башардӯстона аз хоҳиши ташаккули ҷомеаи одилона ва осоишта дар асоси эҳтироми шаъну шарафи инсон, ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун инъикос меёбад. Асарҳои олимони тоҷик дар шарҳу эзоҳ додани меъёрҳои ҲББ дар шароити минтақавӣ саҳм гузоштанд. Ба ҳимояи шаҳрвандон, риояи Конвенсияҳои Женева ва нақши созмонҳои башардӯстона дар таҳкими сулҳ таваҷҷӯҳи хоса дода мешавад. Афкори ҳуқуқии халқи тоҷик синтези меъёрҳои байналмилалиро бо равишҳои анъанавии ахлоқию фалсафӣ нишон медиҳад.

**Адабиёт:**

1. Бабаджанов И.Х. Гносеология правовой танатологии (теоретико-правовые аспекты учения о смерти) (монография). - Душанбе: «Ямини Содик», 2009. - 352 с.

2. Бабаджанов И.Х. Жизнь и смерть человека в аксиологическом и проприетарном измерении (теоретико-правовой анализ) (монография). - Душанбе: «ЭР-граф», 2012. - 592 с.

3. Бабаджанов И.Х. Жизнь и смерть человека как институционально-правовые категории (теоретико- аксиологический и частно-правовой анализ): дис. … докт. юрид. наук. – Душанбе, 2014, - 369 с.

4. Бабаджанов И.Х. Жизнь человека как социальная ценность и право на жизнь // Мир политики и социологии. – 2012. – № 2. – С. 25-34.

5. Бабаджанов И.Х. Право на жизнь и право на смертную казнь в юридической теории и практике (монография). - Душанбе: «ЭР-граф», 2011. - 196 с.

6. Бабаджанов И.Х. Право на жизнь и право на тело человека: некоторые подходы к аксиологическому измерению // Юридическая наука: история и современность. – 2012. – № 2. – С. 21-27.

7. Бабаджанов И.Х. Право на жизнь как абсолютная ценность // Юридическая наука: история и современность. – 2012. – № 7. – С. 16-20.

8. Бабаджанов И.Х. Право на жизнь как юридическая квинтэссенция витальных возможностей человека (монография). - Душанбе: «Ёл», 2010. - 440 с.

9. Бабаджанов И.Х. Смысл и сущность человеческой жизни: несколько исторических подходов // Вестник Таджикского национального университета. - 2013. - № 3/6(121). - С. 117-120.

10. Бабаджанов И.Х. Юридическое содержание права на жизнь и социальная ценность человеческой жизни // Правовое поле современной экономики. – 2012. – № 2. – С. 124-133.

11. Бабаджанов И.Х., Сальников М.В. Трансформация обычаев в праве на постсоветском пространстве // Мир политики и социологии. – 2015. – № 1. – С. 180-197.

12. Бабаджанов И.Х., Сальников С.П. «Жизнь» как юридическая категория и явление природы // вестник Академии экономической безопасности МВД России. – 2010. – № 9. – С. 63-67.

13. Бабаджанов И.Х., Сальников С.П. Право на жизнь: понятие, содержание и некоторые вопросы юридического закрепления

// Вестник Академии экономической безопасности МВД России. – 2010. – № 4. – С. 23-25.

14. Бабаджанов И.Х. Жизнь человека как социальная ценность и право на жизнь // Вестник Таджикского национального университета. - 2013. - № 3/7(124). Ч.1. - С. 114-122.

15. Муоҳидаҳои Женева аз 12 -уми августи соли 1949 ва Протоколҳои иловагӣ ба онҳо. – Душанбе: КБСС, 2002. – 320 с.

16. Омид Шива. Поэма «Шахнаме» Фирдоуси как источник по изучению этногеографии, истории и культуры ираноязычных народов. Дисс… на соиск. учен. степ. кан. истор. наук. - Душанбе, 2013. – 158 с.

17. Раджабов С.А. Вклад народов Центральной Азии в развитие гуманитарного права // Актуальные проблемы государства и права. - Душанбе, 2006. - С. 71–82.

18. Раджабов С.А. Развитие норм гуманитарного права в военном трактате Мубаракшаха «Адаб ал-харб ва-ш-шуджаат» (XII–XIII вв.) // Ленинградский юридический журнал. - 2008. - № 2 (12). – С. 132-144.

19. Раджабов С.А. Международное гуманитарное право в Центральной Азии: вопросы теории и практики. - Ташкент, 2002. - 54 с.

20. Раджабов С.А. Имплементация норм международного гуманитарного права в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики (монография). - Душанбе: «Дониш», 2006. - 295 с.

21. Раджабов С.А. Международное гуманитарное право в Республике Таджикистан (монография). - Душанбе: «Деваштич», 2007. - 354 с.

22. Раджабов С.А. Международно-правовые аспекты урегулирования вооруженного конфликта в Таджикистане (монография). – Душанбе: «ЭР-граф», 2011. -176 с.

23. Раджабов С.А. «Сиясат-наме» Низам ал-Мулька как источник гуманитарного права таджикского народа в эпоху Сельджукидов // Академический юридический журнал. - Душанбе, 2012, № 1. – С.94-99.

24. Раджабов С.А. Принцип универсальной юрисдикции в международном уголовном праве // Известия Института философии, политологии и права АН РТ, №2, 2012. - С.105-112.

25. Раджабов С.А. Универсальная юрисдикция в международном уголовном праве (монография). – Душанбе, Дониш, 2016. – 184 с.

26. Рӯдакӣ. Шеърҳо. Тартибу тавзеҳи У. Каримов ва С. Саъдиев.— Душанбе: Ирфон, 1974. - 217 с.

27. Сиасет-намэ. Книга о правлении вазира XI столетия Низам ал-мулька. Из-во, Академии наук СССР // ответственный редактор, член –корр. АН СССР Е.Э. Бертельс. - Москва-Ленинград, 1949. – 383 с.

28. Турсунов А. Эҳёи Аҷам (Возрождение Аджама). - Душанбе, 1984. - С. 4–22.

29. Шариф Муҳаммад Мансур Мубаракшоҳ. Адаб ал-харб ва-ш-шуджаат - Теҳрон, 1211. - 586 с. (ба хати форсӣ)

30. Rajabov S.A. Legal Aspects of Conflict Analysis and Resolution: The Case Study of Tajikistan // Revista da Faculdade de Direito da UFMG – Law Journal of the Federal University of Minas Gerais, Brazil, №71, 2017. P.593-606.

**Раджабов Саидумар Адинаевич** – доктор юридических наук, профессор, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, заведующий отделом международного права. E-mail: saidumar1951@mail.ru; **Бободжонзода Исрофил Хусейн** - –доктор юридических наук, профессор, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, заведующий отделом теоретических проблем современного государства и права

**Политические взгляды таджикских мыслителей на войну и мир и формирование современного гуманитарного права**

В статье рассматриваются эволюция и особенности взглядов таджикских исследователей на феномены войны и мира сквозь призму международного гуманитарного права. Анализируются труды отечественных ученых, освещающих вопросы вооруженных конфликтов, прав человека в условиях войны, а также концепции мира в таджикской научной и философской традиции. Подчеркивается значение исторического и культурного контекста формирования этих взглядов и их интеграция в современное правовое поле.

**Ключевые слова**: международное гуманитарное право, таджикские

исследователи, война, мир, правовое развитие, гуманизм.

**Rajabov Saidumar Adinaevich** – Doctor of Law, Professor, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, Head of the Department of International Law. E-mail: saidumar1951@mail.ru; **Bobojonzoda Isrofil Husein -** Doctor of Law, Professor, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, Head of the Department of Theoretical Problems of Modern State and Law

**Political views of Tajik thinkers on war and peace and formation of modern humanitarian law**

This article examines the evolution and specific features of Tajik researchers' views on the phenomena of war and peace through the lens of international humanitarian law. It analyzes the works of domestic scholars addressing issues of armed conflict, human rights in wartime conditions, as well as concepts of peace within the Tajik scientific and philosophical tradition. The article emphasizes the importance of the historical and cultural context in shaping these views and their integration into the modern legal framework.

**Keywords:** international humanitarian law, Tajik researchers, war, peace, legal development, humanism.

# ПРИНСИПИ БА ТАВРИ ОСОИШТА ҲАЛ НАМУДАНИ БАҲСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАЪМИН НАМУДАНИ АМНИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Ҳомидова Манзура Файзуллоевна** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, дотсенти кафедра

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи байналмилалии ҳалли осоиштаи баҳсҳои байналмилалӣ баррасӣ карда мешавад. Ҳамчунин ба асосҳои ҳуқуқӣ ва намудҳои баҳсҳои байналмилалӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ диққати махсус дода мешавад.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи байналмилалӣ, баҳсҳои байналмилалӣ, намудҳои баҳсҳои байналмилалӣ, Эъломияи Хуҷанд оид ба дӯстии абадӣ

Принсипи ба тариқи осоишта ҳал намудани баҳсҳои байналмилалӣ принсипи императивии аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалии муосир мебошад. Мувофиқи он баҳсу мунозираҳои байналмилалӣ бояд танҳо бо роҳи осоишта ҳал карда шаванд.

Баҳсҳои байналмилалӣ дар ҳама давру замон унсури ногузири муносибатҳои байналмилалӣ буданд ва боқӣ мемонанд. Новобаста аз он ки ҷомеаи ҷаҳонӣ барои барҳам додани решаҳои низоъҳо чӣ қадар кӯшиш кунад, ба ақидаи коршиносон Д.Д. Карон ва Г.Г. Шинкаретская низоъҳо ва баҳсҳо такроран ба вуҷуд меоянд [3]. Дар ин шароит таҳия ва такмили механизмҳо ва расмиёт барои пешгирӣ ва ҳалли баҳсҳо дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ мубрам пешбинӣ шудааст.

Дар замони муосир миқдори зиёди вазъиятҳои бӯҳронӣ ба амал омадаанд, ки бо роҳи осоишта ҳал намудани онҳо натиҷаҳои назаррас набахшид. Муносибатҳои байналмилалии як қатор мамлакатҳо хеле тезу тунд гардиданд, ки боиси ташвиши тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ гаштаанд. Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2024 қайд намуданд: "вазъи ноором ва равандҳои пуртазоду мураккаб дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, ки пайомадҳои бӯҳронии сиёсиву иқтисодӣ доранд, ҳамоно боиси нигаронӣ мебошанд" [1].

Мафҳуми баҳси байналмилалӣ одатан барои нишон додани мухолифати байни давлатҳо, инчунин баҳсҳое, ки осоиштагӣ ва амнияти байналмилалиро дар хатар мегузоранд, истифода мешавад.

Баҳси байналмилалӣ даъвоҳои мутақобилаи тарафҳоро дар бар мегирад. Баҳс ба вуҷуд меояд агар як тараф аз болои тарафи дигар шикоят кунаду тарафи дигар шикоятро рад кунад, навиштааст олими машҳур Г. Келсен [5]. Баҳси байналмилалӣ дорои хусусиятҳои асосии зерин мебошад: иштирокчиёни мушаххас, даъвоҳои ба таври кофӣ равшан ба ҳамдигар, предмети мушаххаси баҳс.

Додгоҳи доимии адлияи байналмилалӣ дар яке аз қарорҳои худ чунин мафҳуми баҳси байналмилалиро додааст: «ихтилоф дар масъалаи ҳуқуқ ё далел, бархӯрди далелҳои ҳуқуқӣ ё манфиатҳои тарафҳо» [6].

Мувофиқи назарияи илми ҳуқуқи байналмилалӣ ва таҷрибаи Шурои амният ва Суди байналмилалии СММ баҳс дар он ҳолат ҷой дорад, ки давлатҳо оид ба як матлаби баҳс ба якдигар даъво пешниҳод мекунанд. Вазъият дар он ҳолат ҷой дорад, ки зиддияти манфиатҳои давлатҳоро пешниҳод кардани даъво ҳамроҳӣ намекунад. Мафҳуми вазъият аз мафҳуми баҳс дида васеътар мебошад. [7]

Хусусияти умумии ҳар дуи онҳо зиддияти манфиатҳои давлатҳо мебошад.

Дар ҳуқуқи байналмилалии муосир принсипи ба таври осоишта ҳал кардани баҳсҳо ҳамчун меъёри умумиэътирофшуда мебошад, ки мувофиқи он баҳсҳои байналмилалӣ беистисно бояд бо воситаҳои осоишта ҳалли худро ёбанд. Каме ба таърихи пайдоиш ва инкишофи принсипи мазкур назар мекунем.

Дар конференсияҳои Гаага бахшида ба сулҳ аз солҳои 1899 ва 1907 Конвенсия дар бораи ба таври осоишта ҳал кардани зиддияти байналмилалӣ қабул карда шуд, ки он то як дараҷаи муайян қоидаҳои истифодаи хизмат, миёнаравӣ, ташкил ва амали судҳои байналмилалии ҳакамӣ ва комиссияҳои таҳқиқро ҷамъбаст ва ягона

гардонд. Аммо дар шароити эътирофи раво дидан ва қонунӣ шуморидани зӯроварии ҳарбӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ мурочиат кардан ба воситаҳои осоиштаи ҳалли баҳсҳои байналмилалӣ ба иштирокчиёни он хусусияти ҳатмии ҳуқуқӣ надошт. Мисол, мувофиқи моддаи 2 Конвенсияи номбаршуда дар ҳолати мухолифат ё низоъ давлатҳои аҳдбаста розӣ буданд, ки пеш аз ба ярок даст задан ба қадри имконият ба хизмати миёнаравии як ё якчанд давлатҳои дӯст мурочиат намоянд. Эзоҳоти «ба қадре, ки имконият ҳаст, «чунии мурочиатро пурра ба ихтиёри тарафҳои баҳскунанда вобаста менамояд. Аз ин чо онро ҳамчун сатҳи ҳатмии ҳал кардани баҳс шуморидан мумкин нест.

Низомномаи Лигаи Миллатҳо (аз с.1919) дар ҳолатҳои муайян истифодаи воситаҳои алоҳидаи ба таври осоишта ҳал кардани баҳсҳои байналмилалиро пешбинӣ мекард, вале принсипи ба таври осоишта ҳал кардани баҳс дар ин санад ифода наёфта ва он чангро ҳамчун воситаи қонунии ҳалли баҳс ичозат медод.

Мувофиқи моддаи 12 Низомнома аъзоёни Лигаи Миллатҳо бояд баҳсҳое, ки ба қатъ гаштани муносибатҳо оварда мерасонанд ба мурофиаи ҳакамӣ ё судӣ ё ин ки ба Шурои Лигаи Миллатҳо пешкаш мекард. Дар ин маврид тарафҳои баҳскунандаро манъ буд, ки муддати се моҳ баъди қарори судӣ ё ҳакамӣ ба чанг даст зананд. Мувофиқи моддаи 13 тарафҳои баҳскунанда бояд баҳсҳои хусусияти ҳуқуқӣ доштаро, ки бо роҳи дипломатӣ ҳалли худро наёфтаанд, ба мурофиаи судӣ ё ҳакамӣ пешниҳод мекарданд. Дар ин маврид дигар аъзоёни Лига уҳдадор буданд нисбати он тарафи баҳсдор, ки бо қарори суд розӣ буд, бо чанг таҳдид накунанд. Баръакс, нисбати дигар тарафи баҳсдор чанг ичозат дода шуда буд.

Мувофиқи моддаи 15 баҳсе, ки дар байни аъзоёни Лигаи Миллатҳо пайдо шуда, ба канда шудани муносибатҳо оварда мерасонад ва ба мурофиаи ҳакамӣ ё судӣ барои баррасӣ насупорида шуда буд, бояд бо тарафҳои баҳскунанда ба Шурои Лига супорида мешуд. Дар ҳолати бо як овоз қабул шудани маърӯза дигар аъзоёни Лигаи Миллатҳо уҳдадор буданд нисбати он тарафи баҳсдоре, ки бо хулосаҳои маърӯза ҳамфикр аст, бо чанг таҳдид накунад. Баръакс нисбати тарафи муҳолиф чанг ичозат дода шуда буд. Дар ҳолати мавчуд набудани ҳамфикрӣ аъзоёни Лига бо мақсади дастгирии ҳуқуқ ва адолат ҳуқуқи озодона интихоб кардани ҳам воситаҳои ҳарбӣ ва ҳам воситаҳои осоишта доранд. Мувофиқи моддаи 17 дар ҳолати аз тарафи аъзоёни Лига қабул накардани уҳдадориҳои бо Низомнома пешбинӣ шуда оид ба ба танзим даровардани баҳс, Шуро ҳуқуқ дорад тамоми чораҳо ва пешниҳодҳои худ, ки амалиёти душманонаро пешгирӣ мекунанд ва ба ҳал шудани низоъ оварда мерасонанд, қабул кунанд.

Дигар қадам дар роҳи эътирофи принсипи ба таври осоишта ҳал кардани баҳсҳои байналмилалӣ - қабул кардани Шартномаи Париж дар бораи даст кашидан аз чанг аз с. 1928 буд. Дар моддаи 1-и он қайд гардидааст: «Тамоми тарафҳои олии аҳдбаста эътироф карданд, ки ҳамаи баҳсҳо ва низоъҳои дар байни онҳо пайдошуда бо роҳи осоишта ҳал мешаванд» [9].

Дар Оинномаи СММ принсипи ба таври осоишта ҳал кардани баҳсҳои байналмилалӣ ҳамчун принсипҳои асосгузори ҳатмии ҳуқуқи байналмилалии муосир ба зинаи баланд бардошта шуда буд. Мувофиқи моддаи 2 Оинномa ҳамаи аъзоёни СММ баҳсҳои байналмилалии худро бо роҳи осоишта тарзе, ки сулҳи байналмилалӣ, бехатарӣ ва адолатро дар зери таҳдид намегузоранд, ҳал кунанд. Мазмуни ин принсип дар Эъломия оид ба принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дар санади хотимавии Машварат оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо аз соли 1975 инкишоф ёфт.

Барои амалан дар муносибатҳои байналмилалӣ тасдиқ шудани принсипи ба таври осоишта ҳал шудани баҳсҳои байналмилалӣ, Эъломияи Манила дар бораи бо роҳи осоишта ҳал кардани баҳсҳои байналмилалӣ, ки аз тарафи Ассамблеяи Генералии СММ қабул карда шуд ва Эъломия аз соли 1988 оид ба пешгирӣ ва барҳам додани баҳсҳо ва вазъиятҳое, ки ба осоиштагии байналмилалӣ ва бехатарӣ таҳдид мекунанд, аҳамияти калон доранд. Хусусияти муҳими Эъломияи соли 1988 дар он аст, ки он на танҳо роҳҳои ба танзим даровардани баҳс, балки пешгирии баҳсҳоеро, ки давом ёфтани он ба дастгирии осоиштагии байналмилалӣ ва бехатарӣ таҳдид мекунанд, нишон медиҳад.

Мазмуни ҳуқуқии принсипи ба таври осоишта ҳал кардани баҳсҳо мачмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои давлатҳои иштирокчии баҳсҳоро ташкил медиҳад.

Давлатҳо уҳдадор мебошанд, ки ҳамаи баҳсҳои байналмилалии худро ба воситаи осоишта ҳал кунанд. Дар Эъломия дар бораи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз соли 1970 гуфта шудааст: «Ҳар як давлат уҳдадор мебошад, ки аз таҳдид бо қувва ё истифода аз он.... ба сифати ҳалли баҳсҳои байналмилалӣ,

инчунин баҳсҳои ҳудудӣ ва масъалаҳое, ки ба марзи давлатӣ дахл доранд, даст кашад» [10].

Давлатҳо ҳуқуқ надоранд, ки баҳсҳои худро ҳал накунанд. Ин маънои онро дорад, ки тарафҳои мухолиф бояд баҳси мавҷударо тезтар ҳал кунанд, инчунин агар воситаи мувофиқгардонидашудаи тарафҳо барои ба танзим даровардани баҳс натиҷаи дилхоҳ надода бошад, тарафҳои мухолиф бояд ёфтани роҳҳои танзими баҳсҳоро давом диҳанд. Дар маънои тезтар ҳал кардани баҳси байналмилалӣ қатъиян риоя кардани мӯҳлатҳои мувофиқгардонишудаи батанзимдарорӣ фаҳмида мешавад.

Давлатҳо бояд аз амалиёте, ки ба тезутунд шудани баҳси дар байни онҳо ба вуҷудомада меорад, даст кашанд. Дар ин ҷо пеш аз ҳама сухан дар бораи ҳаракатҳое меравад, ки ба раванди танзимкунии баҳс душворӣ меоранд, ба осоиштагӣ ва бехатарии байналмилалӣ таҳдид мекунад инчунин ҳаракатҳое, ки вазъиятро ба фоидаи як тараф дигаргун карда, бо ҳамин роҳ зарар ба манфиатҳои тарафи дигар расонида мешавад, фаҳмида мешавад.

Аз замонҳои қадим мутафаккирон ва олимон ба воситаҳои осоиштаи ҳалли баҳсҳо диққати махсус медоданд, вале ба таснифи онҳо ба таври мухталиф муносибат мекарданд. Сисерон дар рисолаи худ «Дар бораи уҳдадориҳо» гуфта буд, ки ду роҳи ҳалли баҳсҳо мавҷуд аст: бо роҳи гуфтушунид ва ба воситаи истифодаи зӯроварӣ ва усули якумро ӯ барои одамон, дуюмро бошад барои ҳайвонот хос донистааст. Олими машҳури Ҳолланд Гуго Гротсий "се роҳи пешгирӣ кардани мубаддалшавии баҳсҳо ба ҷангро муайян мекунад: гуфтушунид, ҳакамӣ ва қуръа" [11].

Оинномаи СММ инчунин ду категорияи баҳсҳоро ҷудо мекунад: баҳсҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ ва ҳамаи дигар баҳсҳо. Статути Суди байналмиллалии адлия (банди 2 моддаи 36), ки тибқи моддаи 92 Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун қисми таркибии он маҳсуб меёбад, ба масъалаҳои баҳсҳои ҳуқуқӣ масоили зеринро вобаста ба: тафсири шартнома; ҳама гуна масъалаи ҳуқуқи байналмилалӣ; мавҷудияти факте, ки агар муқаррар карда шавад, вайронкунии уҳдадориҳои байналмилалиро ташкил медиҳад; хусусият ва андозаи ҷуброн барои вайрон кардани уҳдадории байналмилалӣ шомил дониста аст.

Ду намуди баҳс ва вазъиятро фарқ мекунанд: давом ёфтани як намуди онҳо ба осоиштагӣ ва бехатарии байналмилалӣ таҳдид мекунад ва давом ёфтани дигари онҳо бо чунин таҳдид алоқаманд нест.

Дар ҳар ҳолат принсипи ба таври осоишта ҳал кардани баҳсҳои байналмилалӣ новобаста аз он ки онҳо ба осоиш ва бехатарии байналмилалӣ таҳдид мекунанд ё не, ба ҳамаи баҳсҳо ва вазъи байналмилалӣ паҳн мегардад.

Дар Оинномаи СММ қоидаҳои муайяни танзими чанд намудҳои баҳсҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудааст. Дар байни онҳо: «баҳсе, ки давом ёфтани он ба осоиштагӣ ва амнияти байналмилалӣ таҳдид мекунад» (моддаи 33); «баҳсҳои байналмилалӣ» (банди 3 моддаи 2); «ҳар гуна баҳсҳое, ки ба дастгирии сулҳи байналмилалӣ таҳдид намекунад» (моддаи 38); «баҳсҳои маҳаллӣ» (бандҳои 2, 3 мод. 52); «баҳсҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ» (б.3 моддаи 36). [8]

Дар Оинномаи СММ дар байни баҳсҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ягон фарқият мавҷуд нест. Ҳамчунин дар банди 2 моддаи 36 Статути Суди байналмилалии СММ дар зери баҳсҳои хусусияти ҳуқуқӣ дошта баҳсҳое фаҳмида мешаванд, ки масъалаҳои маънидодкунии шартнома, ҳуқуқи байналмилалӣ, вайрон кардани уҳдадориҳои байналмилалӣ ва масъалаи додани товони зарарро барои вайрон кардани уҳдадориҳо дар бар гиранд.

Ҷои махсусро дар байни намудҳои гуногуни баҳсҳои байналмилалӣ баҳсҳои ҳудудӣ ишғол мекунанд. Онҳо бисёр вақт ба бӯҳрони сиёсӣ ва низои ҳарбии байни давлатҳо оварда мерасонанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи моддаи 11-уми Конститутсия "сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқло-лияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром мена-мояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад" [2]. Барои дар амал татбиқ шудани ин меъёри қонуни асосии кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя муносибат-ҳои дӯстиро роҳандозӣ намудааст. Ин буд, ки санаи 31 марти соли 2025 Президентҳои Ҷумҳу-риҳои Ӯзбекистон ва Қирғизистон бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овар-данд ва дар тантанаҳои ҷашни байналмилалии Наврӯз иштирок намуданд. Сипас аз ҷониби сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, муҳтарам Садир Жапаров ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев санади муҳими таърихӣ – Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се

кишвар ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ дар фазои тантанавӣ ба имзо расонида шуд [4], ки бо тасвиби ин Шартномаи таърихӣ тамоми масъалаҳои марзӣ миёни се кишвари бо ҳам дӯст ҳалли худро ёфта, барои рушди минбаъдаи ҳамаҷонибаи кишварҳо такони ҷиддӣ бахшид.

**Адабиёт:**

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2024. http://www.prezident.tj Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. (санаи мурочиат: 27.02.2025).

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994// Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузорӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон https://mmk.tj/content (санаи мурочиат: 04.04.2025с.)

3. Кэрон Д. Д., Шинкарецкая Г. Г. Мирное разрешение международных споров посредством права // Вне конфронтации. Международное право в период после холодной войны: сб. статей. – М.: Спарк, 1996.

4. Сомонаи интернетӣ// https://www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society (санаи мурочиат: 05.04.2025 с.).

5. Kelsen H. The Law of the United Nations. – London, 1951.

6. Дело Мавромматиса ППМС, 1924 (Греция против Великобритании). Mavrommatis Palestine Concessions, Judgment of 30 August 1924. Series A. №2. part I, p.11. Сомонаи Суди Байналмилалии СММ: www.icj.cij.org. (Санаи мурочиат: 12.02.2025 с.).

7. Ҳуқуқи байналхалқӣ. Китоби дарсӣ. /Дар зери таҳрири Ш.М. Менглиев. - Душанбе, 2008.

8. Устав ООН. / Международное действующее право. В 3-х томах. – М., 1996. Т.1.

9. Общий акт о мирном разрешении международных споров от 26 сентября 1928. / Международное действующее право. В 3-х томах. – М., 1996. Т. 1, с. 788.

10. Эъломия дар бораи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз 24 октябри с.1970 Захираи электронӣ // https://www.un.org/ru/documents (санаи мурочиат: 05.05.2025 с.).

11. Гроций Г. О праве войны и мира. Три книги, в которых объясняется естественное право и право народов, а также принципы публичного права : пер. с лат.: Репринт с издания 1956 г. / под общ. ред. С. Б. Крылова ; пер. А. Л. Сакетти. М.: Ладо- мир, 1994.

**Хомидова Манзура Файзуллоевна** - Кандидат юридических наук, Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, доцент кафедры

**Принцип мирного разрешения международных споров как средство обеспечения международной безопасности**

В данной статье рассматриваются основные вопросы международно-правового регулирования мирного разрешения международных споров. Особое внимание уделено правовой основе, видам международных споров в международном праве.

**Ключевые слова:** международное право, международные споры, виды международных споров, Худжандская декларация о вечной дружбе.

**Homidova Manzura Fayzulloevna** - Candidate of Legal Sciences, Tajik State University of Law, Business and Politics, Associate Professor

**The principle of peaceful settlement of international disputes as a means of ensuring international security**

This article examines the main issues of international legal regulation of peaceful resolution of international disputes. Particular attention is paid to the legal basis, types of international disputes in international law.

**Key words:** international law, international disputes, types of international disputes, Khujand Declaration of Eternal Friendship.

# МЕЖДУНАРОДНАЯ УГОЛОВНАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ФИЗИЧЕСКИХ ЛИЦ И ОПРЕДЕЛЕНИЕ ЕЁ СУЩНОСТИ

**Холинов Далер Мубораккшоевич** – Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, докторант Phd третьего года обучения

В этой статье речь идет об определении сущности и понятии «международной уголовной ответственности физических лиц», и анализируются ключевые моменты в развитии индивидуальной ответственности в международном уголовном праве.

**Ключевые слова**: индивидуальная ответственность, международное уголовное право, норма, физическое лицо, международная уголовная ответственность, международный трибунал, международные преступления

Под международной уголовной ответствен- Под международной уголовной ответственностью физических лиц следует понимать ответственность за совершение преступлений, посягающих на нормы и основные принципы международного права. В этой связи уголовно-наказуемый характер таких преступлений предусматривается именно в международно-правовых нормах (международных договорах, конвенциях) [11, 5].

Говоря о принципе индивидуальной ответственности в международном уголовном праве следует отметить Гуго Гроция–общепризнанного основоположника идеи индивидуальной ответственности физических лиц, ставившего для себя задачу определения в отдельных конкретных случаях необходимых предпосылок для порождения международно-правовой ответственности государя или общества. В своем трактате «О праве войны и мира», в частности, он указывал: “В соответствии с тем, что нами вообще выяснено, зачинщики войны обязаны к возмещению за содеянное их силами или по их совету. Они ответственны за то, чем обычно сопровождается война, а также за все обычные действия, поскольку совершены они по их повелению или совету, и не встретили препятствий их стороны, когда для этого имелась возможность” [5, 72].

В целом идея Г. Гроция о том, что физические лица не должны оставаться без ответственными за совершаемые деяния во время войны заслуживает особого внимания и признания ее непосредственного влияния на развитие рассматриваемого института [6].

Необходимо дать определение самому понятию ответственности в международном праве. В современном международном праве ответственность выступает не как отдельный принцип или определенная норма, а как целостный правовой институт, известный как частному, так и публичному праву и присутствующий во всех без исключения отраслях международного права. Стоит и даже следует указать, что хотя момент своего возникновения этого института совпадает с возникновением международного права в целом, но правовые нормы института международно-правовой ответственности еще не до конца кодифицированы и в связи с этим во многом базируются на применение обычно-правовых норм, сложившихся на основе прецедентов и судебных решений, хотя основные действующие нормы и принципы этого института находят подтверждение в договорных нормах [7, 257-258].

В современном международном праве охранительные правоотношения признаются первичной формой международной ответственности. То есть ответственность в международном праве представляет собой правоотношение, с одной стороны, обязывающее виновную сторону прекратить противоправные действия, устранить или возместить последствия этих противоправных действий, а с другой стороны, дающее потерпевшей стороне право требовать совершения указанных действий: прекращения совершения противоправных действий, возмещения ущерба или возмещения ущерба. Поэтому правоотношение ответственности можно признать вторичным и охранительным по отношению к первичному правоотношению. То есть правоотношение ответственности возникает автоматически и независимо от волеизъявления сторон в случае нарушения одной из них своих обязательств в основном правоотношении.[12, 5].

По этому вопросу российский ученый-юрист, правовед, профессор международного права И.И. Лукашук очень точно определяет следующие основные цели ответственности:

1) сдерживание потенциального правонарушителя;

2) побудить это лицо надлежащим образом выполнять свои международные обязательства;

3) предоставить потерпевшему адекватную компенсацию за причиненный ему моральный или материальный ущерб;

4) превентивное воздействие на будущее поведение субъектов в интересах добросовестного выполнения ими своих обязательств, вытекающих из международных договоров [14, 179].

Ответственность является одним из древнейших институтов международного права. Ответственность возникает всякий раз, когда имеет место нарушение международного обязательства, независимо от его происхождения [17, 59].

Международное уголовное право, отрасль международного публичного права, представляет собой совокупность норм, предназначенных для запрещения определенной категории поведения, международных преступлений (геноцид, преступления против человечности, военные преступления, пытки и т. д.) и для наказания лиц, виновных в их совершении. Помимо того, что он разрешает или налагает на государства обязательство преследовать в судебном порядке и наказывать лиц, совершивших эти преступления, он регулирует ведение уголовных разбирательств в международных судах или трибуналах.

1) Эътирофи аҳамиятнокии масъалаи мубориза бо чунин ҷиноятгориҳо. Аз ҷумла, қайд гардид, ки аксари ҷиноятҳо хусусияти фаромиллӣ гирифта, интернатсионализатсияи ҷиноятгорӣ афзуда истодааст, ки ин ҷавобҳои нави мутаносибро талаб менамояд. Ҷиноятгории муташаккил аз заиф гардидани назорати сарҳади давлатӣ истифода мебарад, аз ин рӯ пешгӯии рӯйдодҳо ва кӯмак ба кишварҳои аъзо дар таҳияи стратегияҳо баҳри пешгирӣ ва мубориза бо чунин ҷиноятгориҳо махсусан муҳим аст.

2) Зарурати тақвияти ҳамкории ҳамаҷонибаи байналмилалӣ оид ба пешгирии ҷиноятгорӣ, аз ҷумла таъсиси барномаи муассири СММ дар соҳаи пешгирии ҷиноятгорӣ ва адолати судии ҷиноятӣ қайд мегардад. Тавре таҷриба нишон медиҳад, ҳатто бо низомҳои ҳуқуқии ба таври назаррас гуногун, кӯмак ва ҳамкорӣ метавонанд дар рафъи ихтилофи мутақобилаи байни юрисдиксияҳои кишварҳо кӯмак кунанд.

3) Шаклҳои ҳамкорӣ барои кӯмак ба давлатҳо дар ҳалли мушкилоти ҷиноятҳои миллӣ ва фаромиллӣ пешниҳод карда мешаванд: а) Таҳқиқот ва рушд дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ оид ба мушкилоти мушаххаси пешгирии ҷиноятгорӣ ва чораҳои марбут ба адолати судии ҷиноятӣ; б) ҳамкории мунтазами байналмилалӣ барои арзёбии тамоюлҳои ҷиноятгорӣ, инчунин таҳаввулоти нав дар фаъолияти низоми адлияи ҷиноятӣ ва стратегияҳои пешгирии ҷиноятгорӣ; в) мубодилаи иттилоот ва паҳн намудани иттилоот байни давлатҳо оид ба масъалаҳои пешгирии ҷиноятгорӣ, хусусан нисбати чораҳои инноватсионӣ ва натиҷаҳое, ки аз татбиқи онҳо ба даст омадаанд; г) таълим ва такмили кадрҳое, ки дар самтҳои гуногуни пешгирии ҷиноятгорӣ фаъолият мекунанд; д) расонидани кӯмаки техникӣ, аз ҷумла таъсиси хадамоти машваратӣ, махсусан вобаста ба банақшагирӣ, амалисозӣ ва арзёбии барномаҳои пешгирии ҷиноятгорӣ, омӯзиш ва истифодаи воситаҳои муосири алоқа ва иттилоот (мушорикат, сафарҳои омӯзишӣ, машваратҳо, сафарҳо, курсҳо, семинарҳо, лоиҳаҳои намоишӣ ва озмоишӣ).

4) Нақши СММ нишон дода мешавад: иштироки мустақим дар ин шаклҳои ҳамкорӣ ё ба сифати ҳамоҳангсоз ё миёнарав, бо таваҷҷуҳ ба эҷоди механизмҳои расонидани кӯмаки мувофиқ ва андешидани чораҳое, ки ба талаботи ниёзҳои давлатҳо, бо дархости онҳо, пешгирӣ аз такрори фаъолияти дигар механизмҳои мавҷуда.

5) Афзалиятҳои умумии барнома, нақш ва самтҳои фаъолият ва ҳамкории иштирокчиёни он, аз ҷумла Маҷмааи СММ оид ба пешгирии ҷиноятгорӣ нишон дода мешавад, ки ҳамчун форумҳо барои табодули назари байни давлатҳо, созмонҳои байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ ва коршиносони инфиродӣ, ки аз ихтисосҳои гуногун ва соҳаҳои коршиносӣ намояндагӣ мекунанд; мубодилаи таҷриба дар соҳаи тадқиқот, қонун ва таҳияи барнома; муайян кардани тамоюлҳо ва мушкилоти нав дар пешгирии ҷиноятгорӣ ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки маҳз дар асоси чунин форумҳо тавсияҳо вобаста ба банақшагирии стратегӣ барои пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ ва дигар ҷиноятҳо таҳия карда мешаванд. Масалан, Конгресси даҳуми СММ оид ба пешгирии ҷиноятгорӣ ва муносибат бо ҷинояткорон (Вена, 10-17 апрели 2000) Эъломияи Вена дар бораи ҷиноятгорӣ ва адолат: ҷавоб ба мушкилоти асри 21 қабул гардид. Дар банди 25 -и он қайд мегардад, ки стратегияҳои ҳамаҷонибаи пешгирии ҷиноятгорӣ дар сатҳи байналмилалӣ, миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ бояд сабабҳо ва омилҳои хавфноки

ҷинояткорӣ ва ҷабрдидагонро тавассути сиёсати муносиби иҷтимоию иқтисодӣ ва тандурустӣ, маориф ва адолат ҳал кунанд. Зарурати таҳияи чунин стратегияҳо бо дарназардошти муваффақияти эътирофшудаи ташаббусҳои пешгирӣ дар аксар давлатҳо таъкид гардида, паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ тавассути истифода ва мубодилаи таҷрибаи коллективӣ қайд мегардад.

Конгресси дувоздаҳуми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва адолати судии ҷиноятӣ (Сальвадор, Бразилия, 12-19 апрели 2010) махсусан ба таъмини самаранокии дастурҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии мувофиқ нигаронида шуд буд [9]. Натиҷаҳои он дар самти таҳияи стратегияҳои муосири пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ ва дигар ҷиноятҳо инҳо буданд;

**1. Принсипҳои асосии пешгирии ҷинояткорӣ:** 1) мақомоти давлатӣ бояд дар ҳама сатҳҳои сохтори институтсионалии пешгирии ҷиноятҳо нақши пешбаранда дошта бошанд; 2) масъалаҳои пешгирии ҷинояткорӣ бояд ба сиёсати рушди иҷтимоию иқтисодӣ дохил карда шавад; 3) байни мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва доираҳои соҳибкорӣ бояд ҳамкорӣ ҷой дошта бошад; 4) устуворӣ ва ҳисоботдиҳӣ зарур аст, яъне таъмини маблағгузории муносиби дарозмуддат барои тарҳрезӣ, амалисозӣ ва арзёбии барнома ва масъулияти возеҳ барои истифодаи маблағҳо; 5) чораҳо бояд ба пойгоҳи дониш асос ёбанд, яъне ҳамчун асоси ҳама гуна стратегияи пешгирии ҷинояткорӣ таҳлили байнисоҳавӣ оид ба мушкилоти ҷинояткорӣ, сабабҳо ва амалияҳои исботшуда; 6) эҳтироми ҳуқуқҳои инсон, волоияти қонун ва рушди фарҳанги огоҳии ҳуқуқӣ бояд таъмин карда шавад; 7) муносибати байни ҳуқуқвайронкуниҳои маҳаллӣ ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ зарур аст; 8) нисбат ба гурӯҳҳои махсус, хусусан писарону духтарон, мардон ва занон, инчунин аъзои осебпазири ҷомеа бояд стратегияҳои гуногун истифода шаванд.

**2. Тавсияҳое, ки мазмунан ба ин принсипҳо шабеҳият доранд:** 1) пешгирии ҷинояткорӣ тавассути чораҳои ислоҳӣ, ки ҷузъи таркибии барномаҳои мубориза бо ҷинояткорӣ мебошанд; 2)таъсиси низоми таълим ва баланд бардоштани самаранокӣ дар соҳаи пешгирии ҷинояткорӣ; 3)Тақвият додани чорабиниҳои байналмилалии пешгирии ҷинояткорӣ бо истифода аз стандарту меъёрҳои мавҷуда, расонидани ёрии техникӣ ва сохтани шабакаҳо.

3. **Талаботе, ки стратегияҳои пешгирии ҷинояткорӣ бояд ба онҳо ҷавобгӯ бошанд**: 1) муносибати ҳамоҳангшуда ва байнисоҳавии мақомоти давлатӣ дар ҳама сатҳҳо вобаста ба пешгирии ҷинояткорӣ ҷой дошта бошанд; 2) стратегияҳои пешгирии ҷинояткорӣ бояд ба ҳалли сабабҳо равона карда шаванд ва дар онҳо бояд ба назар гирифта шавад, ки равишҳои мавҷуда ба пешгирии ҷиноятҳои иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ ва вазъӣ, ки як қисми маҷмуи чораҳои пешгирии ҷинояткорӣ мебошанд; 3) ба ҳукумати миллӣ зарур аст, ки стандартҳоро муқаррар кунанд, чораҳои иҷтимоӣ ва вазъиятиро оид ба пешгирии ҷинояткорӣ қабул кунанд ва пайваста амалӣ намоянд; 4) истифодаи равиши ба дониш асосёфта ҳамчун унсури калидии таъмини муваффақияти сиёсатҳо ва стратегияҳои пешгирии ҷинояткорӣ, аз ҷумла онҳое, ки тавассути пурсиши аҳолӣ оид ба моҳияти мушкилоти марбут ба ҷинояткорӣ, гурӯҳҳои асосии иҷтимоии зери хатар ба даст омада эътироф карда мешаванд; 5) пешгирии ҷинояткорӣ бояд як ҷузъи чаҳорчӯбаи волоияти қонун дар кишвар бошад; 6) тамоми омилҳои ба ҷиноят мусоидаткунандаро ба назар гирифтан лозим аст, масалан набудани барномаҳо барои шахсон, пас аз адои ҷазо.

Ҳамин тавр, унсурҳои асосии сиёсати бомуваффақонаи пешгирии ҷинояткории фаромиллӣ инҳо мебошанд:

- таъсиси як мақоми марказӣ, ки вазифаи иҷрои барномаҳои миллӣ ва ҳамоҳангсозии кӯшишҳои ҳукуматҳои марказӣ ва маҳаллӣ ва дигар ташкилотҳоро ба зимма дорад;

- баррасии стратегияҳо барои муайян кардани эҳтиёҷоти воқеӣ ва таҷрибаи пешрафта ва мувофиқ намудани нақшаҳои амалҳои миллӣ;

- таҳияи дастурҳо, маҷмуаҳо ва маълумотномаҳо, ки ба паҳн намудани донишҳо оид ба мушкилоти пешгирии ҷинояткорӣ ва иҷрои пайдарпайи нақшаҳо мусоидат мекунанд;

- таъмини ӯҳдадориҳои ҳукуматҳо ба татбиқи бомуваффақияти барномаҳои пешгирии ҷинояткорӣ, бо ҷудо кардани захираҳои мувофиқ;

- таъсиси шарикӣ ва ҳамкорӣ бо созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва ҳавасмандгардонии иштироки ҷомеа дар пешгирии ҷинояткорӣ.

Конгресси сездаҳуми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва адолати ҷиноятӣ (Доха, 12-19 апрели соли 2015) зарурати таҳияи «муносибати ҳамаҷониба ва мутавозин» барои муқовимат ба ҷиноятҳои фаромиллӣ ва дигар ҷиноятҳо бо назардошти шаклҳои нави зуҳури онҳоро таъкид намуд. Қайд гардид, ки стратегияҳои пешгирии ҷинояткорӣ аз ҷониби Конгрессҳои СММ дар робита бо нақшаҳои миллии чунин фаъолиятҳо, ки бояд дар асоси машваратҳо байни ҳамаи бахшҳои ҳукумат ва

ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия карда шаванд. Дар айни замон, аз нуқтаи назари мо, таҳияи на танҳо стратегияҳои умумӣ, балки стратегияҳои махсус оид ба пешгирии ҷиноятҳо босамар мебошад.

Мавриди зикр аст, ки эъломияҳо, дастурҳо, барномаҳоро пурра стратегияҳои пешгирии ҷиноят номидан мумкин нест. Калимаи «стратегия» аслан ҳамчун «санъати ҷангҷӯӣ; санъати муборизаи иҷтимоӣ» шарҳ дода мешавад [10, 618]. Дар ҳоле ки дар менеҷменти стратегии муосир, он ҳамчун самти дарозмуддати сифатан муайяншудаи рушди ин ё он ниҳод тавсиф мешавад, ки ба соҳа, воситаҳо ва шаклҳои фаъолияти он, системаи муносибатҳо дар дохили созмон, инчунин мавқеи ташкилот таалуқ дошта сабаби расидан ба ҳадафҳои он мегардад [2]. Ҳамин тавр стратегия ҳамчун самти интихобшуда, роҳи рафтори минбаъда дар муҳит буда метавонад ба ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда мусоидат намояд.

Дар шароити муосир, ки бо тағйироти доимӣ ва пуршиддат тавсиф мешавад, ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегияҳои мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллӣ тавсия дода мешавад, ки технологияҳои кунунии идоракунии стратегӣ истифода карда шаванд. Бояд таъкид кард, ки стратегия ин нақша нест, балки ҳамчун асоси таҳияи он хизмат мекунад. Агар стратегия ҳадаф ва самтро нишон диҳад, нақша танҳо роҳро шарҳ медиҳад ва шароити тағирёбандаи муқаррароти стратегияро ба назар мегирад. Ҳамин тавр, масалан қоидаҳои аслии танзими ҳуҷҷатҳои дахлдор дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавҷуд мебошанд [6]. Аз ҷумла, дар Қонуни мазкур як қатор мафҳумҳо шарҳ дода шудаанд, ки барои масъалаи баррасишаванда муҳиманд. Ҳамин тавр, стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳадафҳои дарозмуҳлат ва нишондодҳои асосие, ки ҳалли вазифаҳои афзалиятнок ва ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои мушаххасро дар заминаи истифодаи оқилонаи захираву иқтидорҳои мавҷуда фарогир мебошанд, муайян карда мешавад. Яъне, чунин фаъолият марҳилаҳои ҳадафҳо гузоштан, банақшагирӣ ва пешгӯии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти зарурии илмиро дар бар мегирад. Илова бар ин, дар рафти фаъолияти баррасишаванда, мониторинг ва назорати иҷрои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ҳатмӣ мебошанд. Бар асоси ин стратегияи муқовимат ба ҷиноятҳои фаромиллиро метавон ҳамчун як ҳуҷҷати стратегии банақшагирӣ бошад, ки дорои системаи афзалиятҳои дарозмуддат, ҳадафҳо ва вазифаҳои идоракунии давлатӣ мебошад, ки ба пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ ва таъмини ҳифзи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат аз ҷиноятҳои фаромиллӣ нигаронида шудааст. Дар муқоиса аз стратегия, нақша, ҳадафҳо, самтҳо, нишондиҳандаҳо, натиҷаҳои мобайнӣ ва ниҳоии фаъолияти иштирокчиёни фаъолияти дахлдорро барои давраи миёнамӯҳлатро дар бар мегирад ва таъмини иҷрои стратегияро пешбинӣ мекунад.

Дар Тоҷикистон стратегияи расман тасдиқшуда оид ба пешгирӣ (муқовимат) бо ҷинояткории фаромиллӣ ҷой надорад, аммо намунаи стратегияи муқовимат ба падидаи мушаххаси зиддиҷамъиятӣ ҷой дорад - коррупсия, ки на танҳо ҷинояти марбут ба коррупсия, балки дигар ҷиноятҳои алоқамандро низ дар бар мегирад. Ин Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад [11], ки дар якҷоягӣ бо Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 солҳои 2021-2025 тасдиқ шудааст. Дар стратегия аз ҷумла гуфта мешавад, ки Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия ба ҳисоб рафта, дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад. Чорабиниҳои дар Стратегия пешбинишуда ба меъёр ва принсипҳои қонунгузории миллӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, таҳлили вазъи ҷинояткорӣ ва пешгӯии раванди он, натиҷаҳои тадқиқотҳои илмию амалияи муқовимат ба коррупсия, таҷрибаи амалҳои муштарак, ки аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳод шудаанд, асос ёфтааст. Бояд қайд намуд, ки сохтори Стратегияи миллии мубориза бо коррупсия умуман ба тавсияҳои Конгрессҳои СММ мувофиқ аст.

Аз нуқтаи назари мо, дар мавриди баррасишаванда, модели оптималии танзими фаъолият барои пешгирии як намуди муайяни ҷинояткорӣ се унсури асосӣ, ки бо ҳам пайвастаанд зарур аст:

1) Қонуни алоҳида, ки бар асоси шартномаҳои байналмилалӣ таҳия гардидааст;

2) Стратегияи миллии мубориза бо ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ;

3) Нақшаи миллии мубориза бо ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ. Қонун муқаррароти ҳуқуқии заруриро оид ба мубориза бо ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ дар бар мегирад, ки

стратегия, ҳадафҳо ва вазифаҳои ин фаъолият ва заминаҳои умумии ташкили онро ифода мекунад ва нақшае, ки барои як давраи муайян тасдиқ шудааст, аз шароити мушаххасе, ки дар он барои татбиқи муқаррароти Қонун ва стратегия зарур аст. Таваҷҷуҳи асосӣ дар ин ҳуҷҷатҳо бояд маҳз ба пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ дода шавад. Ҳамкории ин унсурҳо принсипи ташкилиро барои муқовимат бо ҷиноятҳои фаромиллӣ медиҳад, имкон медиҳад, ки хусусиятҳои охирин ба назар гирифта шаванд ва кӯшишҳои субъектҳои чунин муқовимат муттаҳид карда шаванд. Ҳангоми таҳияи ин ҳуҷҷатҳо муқаррароти санадҳои меъёрии байналмилалӣ ва дигар санадҳои марбут ба пешгирии ҷиноятҳои фаромиллиро ба назар гирифтан лозим аст.

Дар робита ба пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, ба андешаи мо фаъолияти дахлдор бе ҳамкории доимӣ ва пуршиддати байналмилалӣ самарабахш буда наметавонад. Бо мақсади ташкили чунин ҳамкорӣ ва ба чунин фаъолиятҳо оид ба пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ муайян намудани ҳадафи мақсаднок зарур аст, ки на танҳо стратегияҳо ва нақшаҳои миллӣ оид ба пешгирӣ таҳия карда шаванд, балки тавассути таҳияи Стратегияи байналмилалии муқовимат ба ҷиноятҳои фаромиллӣ ва нақшаҳо дар асоси он, хусусияти нисбатан ба онҳо ягона дода шавад. Аллакай заминаҳо барои ин ҷой мавҷуданд. Якум, заминаҳои зарурии ҳуқуқӣ дар шакли Конвенсияи СММ оид ба ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва дигар шартномаҳои байналмилалӣ оид ба муқовимат ба баъзе намудҳои ҷиноятҳои фаромиллӣ қабул карда шудаанд. Сониян, Конгрессҳои СММ оид ба пешгирии ҷиноятҳоӣ заминаи васеи тавсияҳоро оид ба муқовимат ба ҷиноятҳои фаромиллӣ ташаккул додаанд, ки дар асоси фаъолияти онҳо стратегияи муносиби байналмилалӣ ва нақшаҳои ба он алоқаманд таҳия кардан мумкин аст. Сеюм, дар сохтори СММ мақомот ва шуъбаҳо мавҷуданд, ки барои таҳияи чунин ҳуҷҷатҳо дорои салоҳиятҳои зарурӣ ва таҷрибаи дахлдор мебошанд.

Ҳамин тавр дар натиҷаи баррасии масъалаи мазкур ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Унсурҳои асосии сиёсати бомуваффақонаи пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ инҳо мебошанд:

- таъсиси як мақоми марказӣ дар самти мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки вазифаи иҷрои барномаҳои миллӣ ва ҳамоҳангсозии кӯшишҳои ҳукуматҳои марказӣ ва маҳаллӣ ва дигар ташкилотҳоро ба зимма дорад;

- баррасии стратегияҳо барои муайян кардани эҳтиёҷоти воқеӣ, таҷрибаи пешрафта ва мувофиқат намудани нақшаҳои амалҳои тадбиқшаванда дар самти муқовимат бо ҷиноятҳои муташаккил;

-таҳияи дастурҳо, маҷмуаҳо ва маъхазҳои иттилоотӣ, ки ба интишор намудани донишҳо оид ба мушкилотҳои пешгирии ҷиноятҳоӣ ва иҷрои пайдарпайи нақшаҳо мусоидат мекунанд;

-таъмини уҳдадориҳои ҳукуматҳои давлатҳои миллӣ барои татбиқи самараноки барномаҳои пешгирии ҷиноятҳоӣ, ки бо ҷудо кардани захираҳои молиявӣ ва кадрии мувофиқ алоқаманд мебошад;

-таъсиси шарикӣ ва ҳамкорӣ бо созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва ҳавасмандгардонии иштироки ҷомеа дар пешгирии ҷиноятҳоӣ.

2. Мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ на танҳо дар асоси равиши мақсадноки барномавӣ, балки бо истифода аз технологияҳои стратегии идоракунӣ ба роҳ монда шавад. Ҳамчун ҳуҷҷатҳои бунёдии банақшагирии стратегӣ, таҳияи стратегия ва нақшаи мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ зарур аст. Стратегия бояд низоми афзалиятҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои идоракунии давлатии дарозмуддатро дар бар гирад, ки баҳри пешгирӣ ва мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллӣ нигаронида шудаанд. Нақша бошад бояд ҳадафҳо, самтҳо, нишондиҳандаҳо, натиҷаҳои байнӣ ва ниҳоии нақшаи фаъолияти иштирокчиёни чунин муборизаро дар бар гирифта, асосан фаъолияти дахлдори миёнамӯҳлат ва таъмини татбиқи стратегияро дар бар гирад.

3. Мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ бояд дар асоси банақшагирии стратегӣ дар се сатҳи ба ҳам алоқаманд амалӣ гардад: байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ. Ҳамзамон, дар сатҳи миллӣ (Тоҷикистон) таҳия ва татбиқи ҳадди ақал се санад зарур аст: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ», Стратегияи мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва Нақшаи мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллӣ.

**Адабиёт:**


1. Декларация принципов и программа действий программы ООН в области предупреждения преступности и уголовного правосудия: принята Резолюцией Генеральной Ассамблеи 46/152 от 18 дек.1991 г.) // Сомонаи расмии СММ. URL: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/crime91.shtml (санаи муроҷиат: 11.12.2023).

2. Доклад о работе 25-й сессии Комиссии по предупреждению преступности и уголовному правосудию ООН (11 дек. 2015 г. и 23–27 мая 2016 г.) // Сомонаи расмии СММ URL: http://www.unodc.org/documents/commissions/CND /CND_Sessions/CND_57/_Report/ (санаи муроҷиат: 15.06.2023);

3. Два понимания стратегии // Центр креативных технологий. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.inventech.ru/lib/strateg/strateg0056/ (санаи муроҷиат: 14.12.2023).

4. Жубрин Р.В. Организация предупреждения преступлений в современных условиях // Мониторинг правоприменения. – 2016. – № 1. – С. 20–25;

5. Ильичёв И.Е. Актуальные проблемы теории национальной безопасности // Проблемы правоохранительной деятельности. – 2017. –№1. – С. 31–36.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/

7. Международное сотрудничество в борьбе с транснациональной организованной преступностью и коррупцией: доклад, подготовленный для 26-й сессии Комиссии по предупреждению преступности и уголовному правосудию ООН (22–26 мая 2017 г.) // Официальный сайт ООН. URL: http://www.unodc.org/documents/ (санаи муроҷиат: 12.05.2023).

8. Официальный сайт ООН, раздел «Декларации». URL: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/vendec (санаи муроҷиат: 10.12.2023).

9. Обеспечение действенности руководящих принципов ООН в области предупреждения преступности: рабочий документ: подготовлен Секретариатом 12-го Конгресса ООН по предупреждению преступности и уголовному правосудию // Сомонаи расмии ООН. URL: http://www.unodc.org/documents/crime-congress/12th-Crime-Congress/ Documents/ A_CONF.213_6/V1050758r.pdf (санаи муроҷиат: 11.05.2023).

10. Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка: ок. 100 000 слов, терминов и фразеологических выражений / под. ред. Л.И. Скворцова. 27-е изд., испр. –М.: Оникс: Мир и Образование, 2012. –С. 618.

11. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:https://anticorruption.tj/images/PDF/strategiya1.pdf(санаи муроҷиат: 11.05.2023).

12. Шарифуллин Р.А. Международное сотрудничество в области предупреждения преступности и уголовного правосудия: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2006.

**Шириндҷонов Фирдавс Изатуллоевич** – кандидат юридических наук. Таджикский государственный университет коммерции. E-mail: firdavsshr@mail.ru

## Основы стратегичесского планирования борьбы с транснациональной преступностью

Транснациональная преступность представляет собой серьезный вызов глобальной безопасности, охватывая широкий спектр незаконной деятельности, такой как незаконный оборот наркотиков, торговля людьми, киберпреступность. В этой статье исследуется важность стратегического планирования для эффективной борьбы с транснациональной преступностью. В данной статье рассматриваются потенциал и проблемы, связанные с разработкой и реализацией национальных стратегических документов, направленных на борьбу с транснациональной преступностью. В условиях распространения глобальных преступных сетей, занимающихся разнообразной незаконной деятельностью, необходимость в согласованных национальных стратегиях приобретает первостепенное значение. В статье исследуется роль стратегических документов в координации усилий различных секторов. Опираясь на тематические исследования и передовой опыт, он оценивает эффективность существующих стратегических рамок в решении сложных проблем транснациональной преступности. Это подчеркивает важность адаптивности и инноваций в стратегическом планировании, чтобы опережать развивающуюся преступную тактику. В целом, стратегическое планирование, объединяющее многоплановые подходы, имеет решающее значение для борьбы с транснациональной преступностью и обеспечения глобальной безопасности в 21 веке.

**Ключевые слова:** Стратегия, стратегическое планирование, организованная преступность, транснациональная организованная преступность, сотрудничество, принципы предупреждения преступности, противодействие, конвенции ООН,

**Shirindzhonov Firdavs Izatulloevich** - Associate Professor. Tajik State University of Commerce. E-mail: firdavsshr@mail.ru

**Fundamentals of strategic planning in the fight against transnational crime**

Transnational crime poses a serious challenge to global security, covering a wide range of illicit activities. This article explores the importance of strategic planning for effectively combating transnational crime. This article examines the potential and challenges associated with the development and implementation of national strategic documents aimed at combating transnational crime. With the proliferation of global criminal networks engaged in a variety of illicit activities, the need for coherent national strategies is paramount. The article examines the role of strategic documents in coordinating the efforts of various sectors. Drawing on case studies and best practices, it evaluates the effectiveness of existing policy frameworks in addressing complex transnational crime problems. This highlights the importance of adaptability and innovation in strategic planning to stay ahead of evolving criminal tactics. Overall, strategic planning that integrates multidisciplinary approaches is critical to combating transnational crime and ensuring global security in the 21st century.

**Key words:** Strategy, strategic planning, organized crime, transnational organized crime, cooperation, principles of crime prevention, counteraction, UN conventions.

# МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИДАВЛАТӢ ДАР ФАРҲАНГИ ОРИЁӢ ВА ПАДИДАҲОИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МАРҲИЛАИ ОРИЁӢ-ЗАРДУШТӢ

**Амирхониён Малика Амирхон -** Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Ходими хурди илмӣ E-mail: malikaamirkhoniyon@gmail.com

Дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф масъалаҳои муносибатҳои байнидавлатӣ дар фарҳанги ориёӣ ва падидаҳои ҳуқуқи байналмилалии марҳилаи ориёӣ-зардуштӣ ва масъалаи ба давраҳо тақсим кардани таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳанӯз сеюним-чорҳазор сол қабл аз милод дар сарзамини тоҷикон муносибатҳои байналмилалӣ ҷой доштанд, ки онҳо дар шаклҳои гуногун ба амал бароварда мешуданд. Шакли аз ҳама маъмул барои ба вуҷуд овардани ҳамкориҳо ва густариш додани муносибатҳо дар байни минтақаҳо, шаҳрҳо ва кишварҳо ин бастани паймонҳо (шартномаҳо) ба ҳисоб мерафт, ки дар он замон шаш намуди паймон мавҷуд буд. Нигоҳдории паймонҳо ва иҷроиши паймони басташуда ба зимаи изади Меҳр вогузор гардида буд ва дар сурати иҷро накардан ва ё шикастани паймони басташуда нисбати шахс ва ё тарафи паймоншикан ҷазо муқаррар гардида буд, ки онро метавон дар фасли чоруми Вандидод ба таври амиқ мушоҳида намуд ва ҷазо аз тарафи изади Меҳр нисбати шахс ва ё тарафи паймоншикан ба амал бароварда мешуд.

**Калидвожа:** ҳуқуқи байналмилалӣ, таърихи ҳуқуқ, Авасто, Изади Меҳр.

Масъалаи ба давраҳо тақсим кардани таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ дер боз дар илми ҳуқуқ таваҷҷуҳи хоссаро доро мебошад, вале то кунун фикру ақидаи ягонае пайдо нашудааст, ки назари олимонро ба ҳам муттаҳид кунад. Муҳаққиқон дар асоси ченакҳои гуногун ба давраҳо тақсим кардани таърихи ҳуқуқи байналмилалиро пешниҳод кардаанд. Асосан дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ ченакҳои «хронологӣ» (умумитаърихӣ) «минтақавӣ», «шартномавӣ», «илмӣ», «принсипҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ», «форматсияҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ», «пайдоиши ин ё он ҳодиса» ва ғайра барои ба давраҳо тақсим кардани таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ истифода шудааст. Бисёртар даврабандии таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ аз нигоҳи ченаки «хронологӣ» ё «умумитаърихӣ» ба ин ё он марҳилаи таърихӣ сурат мегирад. Воқеият чунин аст, ки дар як давраи таърихӣ ташаккул ва рушди чанд навъи ҳуқуқи байналмилалӣ дар сайёра ба вуҷуд меояд. Масалан, дар аҳди Қадим, навъҳои «ҳуқуқи байналмилалии Шарқи Наздик», «чинӣ-конфутсионӣ», «ҳиндӣ», «буддоӣ» ва дар асрҳои миёна – навъҳои «ҳуқуқи байналмилалии насронӣ-аврупоӣ», «ҳуқуқи байналмилалии исломӣ» (ас-сийяр), «ҳуқуқи байналмилалии чинӣ-конфутсианӣ» ва ғайра. [2, 37] Дар қарни XX бо пайдоиши «низоми кишварҳои сотсиалистӣ» дар ҷаҳон, олимони шуравӣ (А.А. Есаян, Е.Б. Пашуканис, Е.А. Корован, И.П.Блишенко) навъи «ҳуқуқи байналмилалии сотсиалистӣ»-ро пешниҳод карданд. Воқеан, дер боз дар илм ба ҳуқуқи байналмилалӣ ҷомаи «динӣ», «ғоявӣ», «миллӣ» ва «минтақавӣ» пӯшонда мешавад. Вале ҳақиқат ин аст, ки дар замони муосир чунин «ҷома» аз бар кардани ҳуқуқи байналмилалӣ хилофи мантиқ аст, зеро таъсиси СММ ба ҳайси ниҳоди асосӣ ва муҳимтарин василаи институтсионалии байналмилалӣ дар таъмини сулҳу амнияти байналмилалӣ, арзишҳои умумибашарӣ ва ҷаҳонӣ (универсалӣ)-ро муқаррар кард, ки чунин вазъ побандиро аз кишвару дин ва минтақа истисно сохт. [6, 61] Аммо ба воқеаҳои дар сайёра дар ду даҳсолаи асри XXI ба вуқӯъомада назар афканем агар, дарк мекунем ки мардум чунин фаҳмишҳоро аз ҷиҳати манфӣ баҳо медиҳанд ва ҳуқуқи байналмилалиро бо дарки «ҳама аз они зӯр аст», яъне «ҳуқуқи мушти пуркудрат» мақбул медонанд. Новобаста аз он ки ҳуқуқи байналмилалӣ яке аз дастовардҳои арзишманди ҷомеаи инсонӣ ба шумор равад ҳам, дарку қабул ва риояи он ҳамфаҳмиро натанҳо дар ин ё он кишвару минтақа, балки дар кулли манотиқи ҷаҳон таъмин месозад. Вале дар ҷомеаи инсонӣ, дарку қабул ва риояи он дар як сатҳ қарор надошта, омилҳои динӣ, ғоявӣ, минтақавӣ, абарқудратӣ ё кӯчакии кишвар ба ҳуқуқи байналмилалӣ таъсири гуногун мегузорад. Бо фаҳмиши охир таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ дар як сатҳу раванд қарор надошта, гуногунандеширо миёни олимони соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба бор меорад. Масалан, ба андешаи П.В. Савасков таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ ба се давра тақсим мешавад: «Давраи аввал, ҳуқуқи байналмилалӣ дар Аҳди қадим ном дорад, ки он дорои моҳият, хусусият ва ҷиҳатҳои фарқкунандаи хеш мебошад. Давраи дуюм, ҳуқуқи

байналмилалӣ дар Асрҳои миёна мебошад, ки аз қарни V то сулҳи Вестфал (соли 1648)-ро дарбар мегирад. Даври сеюм, ҳуқуқи байналмилалӣ дар Замони нав мебошад, ки ин давра ба марҳилаҳои зерин ҷудо шудааст: ҳуқуқи байналмилалӣ аз сулҳи Вестфал то ғалабаи Наполеон (солҳои 1648 то 1815); ҳуқуқи байналмилалӣ аз соли 1815 то Ҷанги Якуми Ҷаҳон ва бастани Шартномаи Сулҳи Версал (солҳои 1919-1923); ҳуқуқи байналмилалӣ аз шартномаи сулҳи Версал то анҷоми Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ва таъсиси СММ; ҳуқуқи байналмилалии муосир».[10, 50] Муҳаққиқони таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ Ю.Я. Баскин ва Д.И. Фелдман «таърихи ҳуқуқи байналмилалиро ба чунин давраҳо ҷудо кардаанд: 1) пайдоиши ҳуқуқи байналмилалӣ – Аҳди Қадим; 2) барқароршавии ҳуқуқи байналмилалӣ, ки аз қарни V то соли 1648 – сулҳи Вестфалро фаро мегирад; 3) рушди ҳуқуқи байналмилалӣ, ки аз соли 1648 – сулҳи Вестфал то соли 1917 Инқилоби Кабири сотсиалистии Октябр; 4) ҳуқуқи байналмилалии ҷаҳон аз соли 1917 то имрӯз» [1, 205].

Дар байни олимони ҳуқуқи байналмилалии кишварҳои Осиёи Марказӣ оид ба давраҳо ҷудо кардани ҳуқуқи байналмилалӣ назари ягона вуҷуд надорад ва дар бисёр маврид онҳо бо такя аз осори олимони Ғарб, табақабандии таърихи ҳуқуқи байналмилалиро пешниҳод менамоянд. Профессор С.А. Раҷабов ба табақабандии анъанавии таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ - Аҳди Қадим, Асрҳои Миёна ва Замони Нав такя намудааст. Таърихи ҳуқуқи байналмилалиро С.А. Раҷабов ҷузъи таърихи рушди ҷомеа ҳисоб намуда, онро дорои таърихи хеш бо хусусиятҳои фарққунанда, чун зуҳуроти иҷтимоӣ баҳогузорӣ кардааст. [4, 62, 87] Пайдоишу рушди ҳуқуқи байналмилалӣ ва падидаҳои онро С.А. Раҷабов дар иртибот бо зуҳури аввалин давлатҳо дар ҷомеаи инсонӣ марбут медонад, вале пеш аз шаклгирии давлатдорӣ ба вуҷуд омадани падидаҳои ҳуқуқи байналмилалиро инкор накардааст. Дар ин хусус навиштааст: «Асноди таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳатто дар марҳилаҳои аввалини рушди хеш ҷамъиятҳои ибтидоӣ ва қабилаҳо ҷудогона не, балки аз рӯи одат ва анъанаҳои қавмии худ муттаҳидона зиндагӣ мекарданд ва меъёрҳои одатӣ ба хотири ҳимояи ҳамқабилагон дар ҳамин давра, яъне пеш аз шаклгирии давлатдорӣ ба вуҷуд омаданд. Одатҳо уҳдадорӣ пешбинӣ мекарданд, ки ба аъзои ҷамъиятҳо ҳимояи ҳамаҷониба расонида шавад. Дар ин робита шакли ибтидоии дипломатии гуфтушунидҳои байниҷамъиятӣ вуҷуд доштанд». [5, 97].

Пайдоиши ҳуқуқи байналмилалӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ва ташаккули муносибатҳои байналмилалӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Ҷойи пӯшида нест, ки дар ҷаҳони муосир ҳамаи давлатҳои сайёра кӯшиш намуда истодаанд то арзишҳои фарҳангиву таърихии худро дар арсаи олам муаррифӣ созанд, аммо аксарияти ин гуна миллатҳо таърихи ғание надоранд.

Хушбахтона, тоҷикон аз ҷумлаи халқу миллатҳое маҳсуб меёбанд, ки таърихи бою ғанӣ дошта, то имрӯз онро ҳифз ва ба оламиён муаррифӣ намудаанд. Ба сифати аввалин сарчашмаи ҳуқуқӣ дар сарзамини тоҷикон Авасто шинохта шудааст, ки он дар ҳазорсолаи I-и қабл аз милод таҳия гардидааст. Дар он бисёр паҳлуҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқи байналмилалӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, Н.Ф. Сафарзода иброз менамояд, ки «Авасто дар баробари он, ки бисёре аз масъалаҳои ҳуқуқиро фарогир аст, ҳамзамон дарбаргирандаи масоили ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки баъзеи онҳо шабоҳат ба масъалаву муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии муосирро доранд. Дар китоби муқаддаси зардуштиён Авасто изади (олиҳаи) Меҳр ба сифати нигоҳдорандаи паймонҳо ва дорандаи сарзамини бекарон шинохта шудааст, ки тавассути он тамоми сарзамини мавҷуда мавриди ҳифз қарор гирифта, барои зиндагии осоиштаи аҳолӣ дар минтақаҳои гуногун мусоидат менамуд. Изади Меҳр дар баробари изадон Рашн (Рашан) ва Суруш ба сегонаи изадони баландмартабаву ростин дохил мешавад, ки ҳамеша дар роҳи ростӣ талош меварзид». [8, 16-22]. Сипас, ӯ андешаашро идома дода, қайд менамояд, ки «дар аҳди Зардушт аз шаш намуди паймон сухан меравад, ки ду намуди аввал ба паймонҳои (шартномаҳои) замони муосир то андозае монандӣ доранд. Дар ин давр нахуст барои бастани паймон (шартнома) тарафҳо онро ба таври шифоҳӣ иброз менамуданд, ки инро гуфтор – паймон ва сипас бо фишурдани даст (дасти ҳамдигарро гирифтан) онро басташуда (яъне, расмӣ) мегардонданд, ки инро даст – паймон номидан мумкин аст». [8, 16-22].

Дар китоби «Таърихи Шарқи Қадим», ки аз тарафи олимони Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов омода шудааст, изади Меҳр аз як тараф ба сифати худои офтоб ва аз тарафи дигар ба сифати баамалбарорандаву нигоҳдорандаи шартномаҳо, муносибатҳои сулҳхоҳона, амалҳои неки мутақобила ва дӯстии бародарона шинохта шудааст. Инчунин, ӯ ба сифати созандаи муҳити иҷтимоӣ, нигоҳдорандаи меъёрҳои инсонӣ ва беҳкунандаи зиндагии инсонҳо эътироф гардидааст.[3, 404].

Саъдизода Ҷ. ва Сафарзода Н.Ф. дар монографияи худ ҳуқуқҳоро дар аҳди Зардушт мавриди баррасӣ қарор дода, яке аз ҳуқуқҳои он замонро «дахолат накардан ба сарҳади дигарон» арзёбӣ намуда, бо такя ба матни аслии Авасто чунин далел меоваранд: «Ин равони он марди пайрави дурӯғ аст, ки ба гетӣ ба сомон ва марзи касон андар шуд ва азони хеш кард» [9, 11]. Ҳуқуқи мазкур инъикоси худро дар як қатор санадҳои байналмилалӣ ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ пайдо менамояд, ки бозгӯкунанда аз сатҳи волои ҳуқуқофаринии тоҷикон дар замони қадим маҳсуб меёбад. Дар замони Зардушт муносибатҳои дипломатӣ бештар хусусияти халқӣ доштанд ва дар сурати ба вуҷуд омадани баҳс дар заминаи паймони басташуда онро Шурои куҳансолон ҳал менамуд.[10, 13]

Н.Ф. Сафарзода масъалаи пайдоиши ҳуқуқи байналмилалӣ дар аҳди Зардуштро мавриди омӯзиш қарор дода, дар натиҷа ба чунин хулоса меояд: «Дар умум метавон гуфт, ки ҳанӯз сеюним-чорҳазор сол қабл дар сарзамини тоҷикон муносибатҳои байналмилалӣ ҷой доштанд, ки онҳо дар шаклҳои гуногун ба амал бароварда мешуданд. Шакли аз ҳама маъмул барои ба вуҷуд овардани ҳамкориҳо ва густариш додани муносибатҳо дар байни минтақа-ҳо, шаҳрҳо ва кишварҳо ин бастани паймонҳо (шартномаҳо) ба ҳисоб мерафт, ки дар он замон шаш намуди паймон мавҷуд буд. Нигоҳдории паймонҳо ва иҷроиши паймони басташуда ба зимаи изади Меҳр вогузор гардида буд ва дар сурати иҷро накардан ва ё шикастани паймони басташуда нисбати шахс ва ё тарафи паймоншикан ҷазо муқаррар гардида буд, ки онро метавон дар фасли чоруми Вандидод ба таври амиқ мушоҳида намуд ва ҷазо аз тарафи изади Меҳр нисбати шахс ва ё тарафи паймоншикан ба амал бароварда мешуд. Инчунин, оиди баррасии масъалаи мушаххас роҳбарони минтақаҳо, шаҳрҳо ва кишварҳо даъват мегардиданд, ки бештари онҳо хусусияти динӣ доштанд, яъне масъалаҳое буданд, ки баҳри парастиши дини зардуштӣ равона гардида буданд. Дипломатияи замони Зардушт дипломатияи халқӣ буда, масъалаҳои баҳснок аз ҷониби Шурои куҳансолон мавриди баррасӣ қарор мегирифт, ки ин то андозае ба низоми муосири созмону ташкилотҳои байналмилалӣ монандӣ дорад. Яъне, агар дар замони муосир масъалаҳои баҳсталабро дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ созмону ташкилотҳои гуногун ҳал намоянд, пас чунин масъалаҳоро дар ҳазораи II-и т. м. Шурои куҳансолон мавриди ҳаллу фасл қарор медод». [8, 16]

Баъдан, муносибатҳои байналмилалӣ дар замони империяи бузурги Ҳахоманишиниҳо, махсусан дар замони ҳукмронии асосгузори воқеии ин империя – Куруши Кабир ба таври васеъ рушд намуданд.

Давлати Ҳахоманишиён яке аз давлатҳои қадимтарин ва пуриқтидортарини ҷаҳони мутамаддин мебошад. Давлати Ҳахоманишиён нахустин империяи бузурги ҷаҳонӣ буда, солҳои 558-330 т. м., яъне зиёда аз 222 сол арзи ҳастӣ намудааст. Онро дар асри VII т.м. Чимпиши I писари Ҳахоманиш бунёд гузоштааст. Баъд аз муддате Куруши Кабир давлати паҳновар ва муттамаркази хешро ташкил менамояд. [2., 128]

Дар замони ҳукмронии Ҳахоманишиён ба масъалаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, рушди муносибатҳои дӯстона бо кишварҳои ҳаммарз, эҳтиром ба ҳуқуқи инсон ва ғ. аҳамияти махсус зоҳир менамуданд, ки далели гуфтаҳои боло Эъломияи Куруши Кабир мебошад, ки соли 539 т.м. қабул шудааст. [7, 176] Дар ин ҷо оид ба тарзи қабули Эъломия ва ҳуқуқҳои дар он инъикосёфта сухан намеронем, танҳо аҳамияти онро дар самти ҳуқуқи байналмилалӣ, алалхусус, дар рушди ҳуқуқи байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

**Адабиёт:**


1. Баскин. Ю.Я, Фельдман Д.И. История международного права. –М.: Междунар. отношения, 1990. - 205 с.

2. Буткевич О.В. У истоков международного права. – СПб.: Юридический Центр Пресс, 2008.

3. История Древнего Востока. Учеб. для студ. вузов, обучающихся по спец. «История» / А.А. Вигасин, М.А. Дандамаев, М.В. Крюков и др.; под ред. В.И. Кузищина. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Высш. шк., 2005.

4. Раджабов С.А. Генезис и сущность международного права в Древнем мире // Академический юридический журнал. – 2014. – №4 (12). – С.68-82.

5. Раҷабов М.Н. Масъалаи ба давраҳо тақсимкунии таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ. Таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ. Қисми I. Масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ. Монографияи дастаҷамъӣ / Зери таҳрири д.и.х, профессор Раҷабов С.А. - Душанбе: «ЭР-граф», 2019. - 200 с.

6. Раҷабов М.Н. Табақабандии таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №4(12) – С. 61.

7. Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе, 2018. – 176 с.

8. Сафарзода Н.Ф. Исторические предпосылки зарождения международного права в период зороастризма // Государствоведение и права человека. (Научно-практический журнал юридического факультета ТНУ) №4(12). –Душанбе, 2018. – С. 16-22.

9. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016.
10. Международное право: учебник / отв. ред. А.Н. Вылегжанин. – М.: Высшее образования, Юрайт- Издат, 2009.
11. Каримов О., Холджураев Х., Мирбабаев А. История таджикской дипломатии (введение в учебный курс). Вып.1. – Худжанд, 2008.

**Амирхониён Малика Амирхониён** – Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, младший научный сотрудник. E-mail: malikaamirkhoniyon@gmail.com

**Межгосударственные отношения в арийской культуре и явления международного права арийско-зороастрийского периода**

В данной статье автор рассматривает вопросы межгосударственных отношений в арийской культуре и явления международного права арийско-зороастрийского периода, а также вопрос периодизации истории международного права. Международные отношения на таджикских землях существовали еще три с половиной-четыре тысячи лет назад и осуществлялись в различных формах. Наиболее распространенной формой налаживания сотрудничества и расширения связей между регионами, городами и странами было заключение договоров (соглашений). Поддержание договоров и исполнение заключенных договоров было поручено Изади Мехр, а в случае неисполнения или нарушения заключенного договора для лица или стороны, нарушившей договор, было предусмотрено наказание.

**Ключевые слова**: международное право, Авеста, Изади Мехр.

**Amirkhoniyon Malika Amirkhoniyon** – National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov, Junior Researcher Email: malikaamirkhoniyon @gmail.com

**Interstate relations in Aryan culture and phenomena of international law in the Aryan-Zoroastrian period**

In this article, the author examines issues of interstate relations in Aryan culture and the phenomena of international law of the Aryan-Zoroastrian period, as well as the issue of periodization of the history of international law. International relations in the Tajik lands existed three and a half to four thousand years ago and were carried out in various forms. The most common form of establishing cooperation and expanding ties between regions, cities and countries was the conclusion of treaties (agreements), of which there were six types at that time. The maintenance of contracts and the execution of concluded contracts were entrusted to the Izadi Mehr, and in the event of non-fulfillment or violation of the concluded contract, punishment was provided for the person or party who violated the contract.

**Keywords**: international law, Avasta, Izadi Mehr.

МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ – 3 (55) / 2025
АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ – 3 (55) / 2025

## МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН=ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЕНЫХ= THE TRIBUNE OF YOUNG SCIENTISTS

# ТАНОСУБИ МАҶБУРСОЗИИ КОНСТИТУТСИОНӢ ВА МАҶБУРСОЗИИ ҲУҚУҚӢ

**Ҳасанов Беҳруз Абдуллоҳуҷаевич** - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ, ассистенти кафедра. G-mail: bekhruzkhasabov747413@gmail.com

Дар мақолаи мазкур масъалаи мафҳуми маҷбурсозии ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ бо назардошти ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки то имрӯз дар илми ҳуқуқшиносӣ намудҳои гуногуни маҷбурсозӣ вуҷуд дорад. Маҷбурсозии конститутсионӣ як намуди маҷбурсозии давлатӣ аст. Вобаста ба мафҳуми маҷбурсозии конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ, моҳият ва хусусиятҳои маҷбурсозии конститутсонӣ ва ҳуқуқӣ таҳлил шудааст.

**Калидвожаҳо:** Маҷбурсозӣ, маҷбурсозии давлатӣ, маҷбурсозии ҳуқуқӣ, маҷбурсозии конститутсионӣ, маҳдудсозии ҳуқуқи инсон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон.

Ташаккул ва рушди демократия боз ҳам ба мустаҳкам шудани қонуният, ҳолати тартибот ва ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ нигаронида шудааст, аз ин рӯ, такмил додани механизми таъмин ва ҳифзи онро пешбинӣ мекунад. Қонуният ва соҳибихтиёрии давлат аксар вақт аз рӯйи қобилияти самаранок истифода бурдани воситаҳои маҷбурсозӣ ва нигоҳ доштани механизми истифодаи онҳо дар дохили ҳудуди худ бар зидди субъектони муайян баҳо дода мешавад [6,25]. Дар назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ ба хусусият ё вижагиҳои ҳуқуқии маҷбурсозӣ диққати махсус дода мешавад[3,56]. Зимни амалӣ намудани маҷбурсозӣ шарт ё талаботи асосӣ риояи принсипи қонуният аст, ки мувофиқи он ҳама гуна маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон танҳо дар асос ва тартиби бевосита пешбининамудаи қонун иҷозат дода мешавад. Беш аз ин, на танҳо қонуният, балки асоснокӣ ва ба мақсад мувофиқ будани маҷбурсозӣ низ аҳаммияти калон дорад ва ҳадди имкон аз истифодаи нодурусти маҷбурсозӣ ва шаклҳои вазнинтарини он бояд даст кашид.

Қобили зикр аст, ки вобаста ба мансубияти соҳавӣ маҷбурсозии давлатиро ба маҷбурсозии конститутсионӣ, маҷбурсозии ҷиноятӣ, маҷбурсозии маданӣ, маҷбурсозии маъмурӣ ҷудо намудан мумкин аст.

Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ як намуди маҷбурсозии давлатӣ мебошад, ки маҷмуи чораҳои таъсиррасонии ҷисмонӣ, руҳӣ, моддӣ мебошанд, ки аз ҷониби субъектони махсуси ваколатдори давлатӣ нисбат ба субъектҳои алоҳида амалӣ карда мешавад. Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бо фарорасии маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқӣ нисбат ба субъектҳо алоқаманд аст. Инчунин, чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ чунон ба назар мерасад, ки нисбат ба ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдори онҳо низ метавонад татбиқ карда шавад, ки ин субъектҳо ҳокимияти давлатиро амалӣ месозанд ва ё кӯшиши амалӣ намудани онро доранд.

Бояд қайд намуд, ки маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дорои аломатҳои зерин мебошад:

1. Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ як намуди маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ аст.

2. Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ҳамеша шакли мушаххаси фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони мансабдори махсуси ваколатдори давлатӣ мебошад.

3. Маҷбурсозӣ таъсири берунии ҷисмонӣ ва равонӣ ба шуур ва рафтори субъектҳо мебошад.

4. Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ҳамеша дар гузоштани маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ нисбати субъектон зоҳир мегардад, ки чун қоида дар доираи меъёр, барои ӯ манфӣ мебошанд.

5. Татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар шакли муайяни мурофиавии пешбининамудаи қонун амалӣ карда мешаванд.

6. Истифодаи маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ боиси маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ нисбати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мегардад.

Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсонӣ, бе шаку шубҳа, дорои тамоми хусусиятҳое мебошад, ки бо дигар намудҳои маҷбурсозии давлатӣ хос аст, вале маҳз он кафолати муҳими таъмини татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ҳамчун яке аз навъҳои маҷбурсозии давлатӣ нисбат ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдори онҳо масъулият дар назди

давлат, халқ ва ҷомеа мебошад, аз ин рӯ, аксаран маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсиониро бо муносибатҳои сиёсӣ омехта мекунанд [5, 125- 126]:

- ягонагии муносибатҳои сиёсӣ ва меъёрҳои иҷтимое, ки онҳоро танзим мекунанд, ки ба институти маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мувофиқ аст, дар баробари якдигар татбиқ мешаванд;
- барои вайрон кардани тартиби муқарраршудаи муносибатҳои байни миллатҳо, халқҳо ва гурӯҳҳои дигари субъектҳои иҷтимоӣ, давлат ва мақомоти он татбиқ намудани чораҳои зикргардидаи таъсиррасонӣ;
- мавҷудияти субъектони якхелаи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва сиёсӣ;
- барои ҳарду намуди маҷбурсозӣ (истеъфо, бозхонд) татбиқи як ҷазо, чунки бозхонд ва истеъфо ҳарду истилоҳоте мебошанд, ки дар ҳуқуқ ва муносибатҳои сиёсӣ истифода мешаванд, маънои махсуси худро доранд. Масалан, истеъфо ин амали расмии тарки вазифа ё мақом аст, ки бо хоҳиши худи шахс сурат мегирад, бояд дар асоси меъёрҳои қонунӣ анҷом дода шаванд. Агар истеъфо дар намуди таъсиррасонӣ ва маҷбурӣ сурат гирад хусусияти сиёсиро касб мекунад. Дар муносибатҳои сиёсӣ истеъфо дар сатҳи сиёсати миллӣ одатан метавонад ба норозигии шаҳрвандон бурда расонад.

Тафовути асосӣ дар он аст, ки чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ танҳо дар сурате татбиқ карда мешаванд, ки дар амали шахс аломатҳои таркибии ҳуқуқвайронкунии конститутсионӣ мавҷуд бошанд[5, 125-126]. Масалан, агар дар кирдор яке аз аломатҳои таркиби ҳуқуқвайронкунӣ мавҷуд набошад, он гоҳ истифодаи ҳама гуна чораи маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ғайриимкон мегардад ва дар он сурат танҳо чораҳои таъсиррасонии сиёсӣ татбиқ карда мешаванд.

Намудҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ:

Чораҳои пешгирикунанда чораҳое мебошанд, ки барои пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар оянда ва таъмини тартиби дурусти ба ҷавобгарӣ ҷалб намудан заруранд (масалан, қисми 3 моддаи 14 ва ё қисми 2 моддаи 18-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) [1, 11].

Чораҳои ҳифзи ҳуқуқ чораҳое мебошанд, ки барои пешгирии зарар ба объекти ҳифзшаванда, ки қонун пешбинӣ намудааст, равона шудаанд. (масалан, моддаҳои 19, 20, 21-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) [1, 13-14].

Чораҳои барқарор намудани ҳуқуқ чораҳое мебошанд, ки ба барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда нигаронида шудаанд. (Масалан қисми 3 моддаи 32-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) [1, 18].

Мақсади асосии чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ чунин аст:

а) таъмини кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

б) таъмини тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифз ҳангоми амалисозии ҳокимияти давлатӣ;

в) бартараф кардани ҳуқуқвайронкуниҳои конститутсонӣ ва ҳуқуқӣ;

г) бевосита амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф намудан мазмуни онро дорад, ки ҳамаи шахсони мансабдор ва мақомоти давлатӣ бояд онҳоро эҳтиром, риоя ва ҳифз намоянд. Онҳо бояд мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳоро муайян намоянд. Яъне қонунҳо набояд қоидаҳои рафтореро муайян намоянд, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон мувофиқ набошанд ё онҳоро халалдор созанд. Агар ҳуқуқу озодиҳои инсон бевосита амалӣ ва риоя нашаванд, онҳо ба воситаи ҳокимияти судӣ бо роҳи татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ таъмин карда мешаванд. Маҷбурсозиро татбиқ намуда, давлат на танҳо ба ҳуқуқвайронкунанда таъсир мерасонад, балки чораҳоеро амалӣ менамояд, ки барои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ равона шудаанд.

д) пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои нав бо мақсади риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз тарафи мақомоти давлатӣ.

Дар ҳуқуқи конститутсионӣ имконияти татбиқи чораҳои маҷбурсозӣ, инчунин чораҳои таъсиррасонӣ барои ҳуқуқваронкуниҳои муайян пешбинӣ шудааст. Масалан, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳангоми мухолифати онҳо ба Конститутсия ва қонунҳо бекор мекунад ва ё бозмедорад (банди 6 м. 69) [1, 42-43]. Бекор намудани санад аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибати ҳуқуқии ба вуҷуд омадаро қатъ менамояд, фаро расидани оқибатҳои қабули санади ғайриқонуниро пешгирӣ менамояд.

Намудҳои ҳуқуқвайронкунии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ:

- ҳуқуқвайронкунии конститутсионӣ, ки ҷазо барои содир кардани онҳо бо меъёрҳои конститутсия пешбинӣ шудааст;
- ҳуқуқвайронкунии конститутсионӣ, ки ҷазо барои содир намудани онҳо тибқи меъёрҳои қонуни конститутсионӣ муқаррар шудааст;
- ҳуқуқвайронкунии конститутсионӣ, ки ҷазо барои содир кардани онҳо бо меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ муқаррар карда мешавад.

Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ аз дигар намудҳои маҷбурсозии давлатӣ (ҷавобгарии ҳуқуқӣ) бо асосҳои зерин фарқ мекунад:

а) маҷмуи асосҳои мушаххаси муқаррар намудани чораи махсуси маҷбурсозӣ, ки нисбат ба шаҳрвандон истифода мешавад; Масалан, супоридани андоз ва дигар партохтҳо, ки қонун муйян кардааст, ҳатмист [1, 22]. Яъне риоя накардани меъёри муайяншуда аз тарафи шаҳрвандон боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад.

б) субъектҳои мушаххаси ҷавобгарӣ ва ҷазои мушаххасе, ки нисбати онҳо татбиқ мешаванд;

в) мавҷуд набудани санади ягонаи меъёрии ҳуқуқие, ки асосҳои маҷбурсозӣ, таснифи ҷазо, чораҳои татбиқи ҳуқуқвайронкунии мушаххас ва механизми татбиқи онҳоро муқаррар менамояд.

г) татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ боиси доғи судӣ намегардад.

Чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ аз рӯи мазмун, моҳият, хусусиятҳои худ мақсади ҳуқуқӣ доранд ва бо меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ татбиқ карда мешаванд. Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ табиати ҳуқуқӣ дорад, яъне дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст ва аз ҷониби субъектони ваколатдор амалӣ карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки мақомоти қонунгузорӣ бар зидди маҷбурсозӣ қонунҳо қабул мекунанд, то он ки озодии шахсонро барои интихоби худ бидуни фишори ғайриқонунӣ муҳофизат кунанд. Маҷбурсозӣ метавонад ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳраванд таъсири зиёд расонад.

Аввалан, он бевосита ба ҷабрдида таъсир мерасонад, боиси осеби рӯҳӣ мегардад ва эҳтимолан ба амалҳое, ки онҳо одатан намеандешанд, оварда мерасонад, ки метавонад оқибатҳои манфии дарозмуддат дошта бошад.

Дуюм, тартиботи ҷамъиятиро вайрон мекунад, зеро дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ ба вуҷуд меояд ва нисбати субъект чораҳои ҳуқуқӣ татбиқ мегардад.

Сеюм, он метавонад таъсири васеътари иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дошта бошад.

Маҷбурсозии давлатӣ дар шакли маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ амалӣ гардида, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки мақсади махсус доранд, зеро пеш аз ҳама, ба таъмини асосҳои сохтори конститутсионӣ, соҳибихтиёрӣ, демократия ва истиқлолияти давлатӣ хизмат мекунад.

Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ба принсипҳои умумии ҳуқуқ асос ёфтааст. Принсипҳои умумии ҳуқуқ он нуқтаҳои умумӣ мебошанд, ки ба ҳамаи соҳаҳо ва институтҳои ҳуқуқ паҳн мешаванд, асоси ташкили низоми ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд. Дар адабиёти илмӣ номгӯи мушаххаси принсипҳои умумии ҳуқуқ пешбинӣ нашудааст, чунки мушаххас муқаррар намудани аломатҳои умумӣ, принсипҳои умумии ҳуқуқ ё ғояҳои асосии ҳуқуқ душвор аст[7, 381].

Бо дарназардошти таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ва амалия принсипҳои умумии маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсиониро ба чунин намудҳо ҷудо намудан мумкин аст. Ба принсипҳои умумии маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, принсипҳои умумии ҳуқуқро дохил намудан мумкин аст: қонуният, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, демократӣ, адолат, инсондӯстӣ, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд ва ғайра, амалӣ карда мешаванд.

Дар натиҷаи омӯзиш, таҳлил ва баррасии мавзуи мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1) Маҷмуи асосҳои мушаххаси муқаррар намудани чораи махсуси маҷбурӣ, ки нисбат ба мақомоти давлатӣ, ҳокимияти маҳаллӣ ё шахси мансабдор истифода мешавад;

2) Субъектҳои мушаххаси ҷавобгарӣ ва муҷозоти мушаххасе, ки нисбати онҳо татбиқ мешаванд;

3) Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-кониститутсионӣ дар таносуб аз дигар намуди маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ дар он аст, ки мавҷуд набудани санади ягонаи меъёрии ҳуқуқӣ, асосҳои маҷбурсозӣ, таснифи ҷазо, чораҳои татбиқи ҳуқуқвайронкунии мушаххас ва механизми татбиқи онҳоро муқаррар намояд.

4) Маҷбурсозиро падидаи сирф давлатӣ ё сирф ҳуқуқӣ эътироф кардан ғайриимкон аст, зеро он дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа вуҷуд дорад ва механизми маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конистиутсионӣ бо ба инобат гирифтани принспҳои умумии ҳуқуқ амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсиониро як намуди маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ унвон кардан мумкин аст.

5) Ҳангоми амалисозии маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ муҳимтарин принсипе, ки бояд ҳатман ба инобат гирифта шавад ва риоя гардад, принсипи инсондӯстӣ маҳсуб мешавад. Ҳангоми татбиқи маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ба инобат нагирифтани принсипи инсондӯстӣ боис ба бекор ё ғайриқонунӣ ҳисоб шудани маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мегардад.

6) Татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар шакли муайяни мурофиавии пешбининамудаи қонун ба роҳ монда мешавад.

7) Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд,

таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини волоияти қонун ва мусоидат ба тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон татбиқ карда мешавад.

8) Чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ боиси маҳдудиятҳои ҳуқуқие мегарданд, ки хусусияти маънкунӣ, уҳдадоркунӣ ё ташкилӣ доранд.

9) маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ махсусияти расмӣ дорад: он дар санадҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ мегардад, аз ҷониби мақомот ё шахсони мансабдори расмӣ амалӣ карда мешаванд;

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.
2. Конституционно-правовое принуждение. Конституционно-правовая ответственность. – Манбаи дастрасӣ: https://studfile.net/preview/15497828/page:5/ (Санаи мурочиат: 27.12.2024).
3. Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" (АМОТ) аз 12-уми майи соли 2001. [Захираи электронӣ]. (Санаи мурочиат: 9.01.2025).
4. Понятие и принципы принуждения. – Манбаи дастрасӣ: https://studfile.net/preview/17220874/page:56 (Санаи мурочиат: 27.12.2024).
5. Сидельников Д.Е., Горлекин В.А., Грачев В.С., Гурбанов А.Г., Ильичев В.В., Кондрат И.Н. Институт конституционно-правового принуждения-важная гарантия обеспечения и защиты прав и свобод граждан // Вестник Санкт Петербургского университета МВД Россия №3 (31), 2006 – С. 125-126. –https://cyberleninka.ru/article/n/institut-konstitutsionno-pravovogo-prinuzhdeniya-vazhnaya-garantiya-obespecheniya-i-zaschity-prav-i-svobod-grazhdan (Санаи мурочиат: 28.12.2024).
6. Скотт Андерсон (Scott Anderson). Принуждение (электронный ресурс) / пер. с англ. Батдалов Тимур. Бакунова Дарья //Brick of KnowLedge. URL: https:// brickofknowledge.com /articles /oercion. (Санаи мурочиат. 11.01.2025).
7. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: [Матн] / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2018. –784 с.
8. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат [Матн] / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2003. – 552 с.
9. Ҳуқуқи инсон: Маҷмуаи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар 8 ҷилд.Ҷилди 2. – Душанбе, 2010. – 372 с.
10. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, аз 10 декабри соли 1948. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/(Санаи мурочиат: 25.12.2024).



**Хасанов Бехруз Абдуллохуджаевич** - Академия государственного управления при Президенте РТ, ассистент кафедры. G-mail: bekhruzkhasabov747413@gmail.com


### Соотношение конституционное принуждение и правовое принуждение


В данной статье рассматривается вопрос понятия конституционно-правового принуждения с учетом мнений отечественных и зарубежных ученых. Автор отмечает, что сегодня в юриспруденции существуют различные виды принуждения. Конституционное принуждение является разновидностью государственного принуждения. Что касается понятия конституционно-правового принуждения, мы обсудили сущность и характеристики конституционно-правового принуждения.



**Ключевые слова:** Принуждение, государственное принуждение, правовое принуждение, конституционное принуждение, ограничение прав человека, защита прав и свобод человека



**Hasanov Behruz Abdullokhujaevich -** Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan, assistant of the department. G-mail: bekhruzkhasabov747413@gmail.com


### Relationship between constitutional coercion and legal coercion


This article examines the concept of constitutional and legal coercion, taking into account the opinions of domestic and foreign scholars. The author notes that today in jurisprudence there are various types of coercion. Constitutional coercion is a type of state coercion. As for the concept of constitutional and legal coercion, we discussed the essence and characteristics of constitutional and legal coercion.



**Key words:** Coercion, state coercion, legal coercion, constitutional coercion, restriction of human rights, protection of human rights and freedoms.

# ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ БА ХУДКУШӢ РАСОНИДАН ДАР ДАВРАИ АВВАЛИ ҲОКИМИЯТИ ШУРАВӢ

**Шарипов Тақдиршоҳ Шарипович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Сарходими илмӣ, takdirshoh@mail.ru. **Саидзода Меҳрубон Акбархон** - Академияи, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Омӯзгори кафедра, капитани милитсия. unvonju@mail.ru

Дар мақола сухан дар бораи инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан дар давраи аввали Ҳокимияти Шуравӣ меравад. Аз омӯзиши ҳуҷҷатҳои замони пешини ҳудуди Тоҷикистон ва умуман таърихи тоҷикон метавон хулосабарорӣ намуд, ки ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан ба таври алоҳида муқаррар нашуда буд ва ин гуна падидаҳо дар он замон ҳамчун ҷиноят эътироф намегардид. Бояд қайд намуд, ки ҳамчун ҷиноят кирдори мазкур аввлан дар қонунгузории Россия эътироф гардида буд. Ин омил дар қонунгузории муосири ҷиноятии давлати мо, маҳз бо воситаи қонунгузории Россияи подшоҳӣ, қонунгузории ҷиноятии Русияи шуравӣ, қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ниҳоят қонунгузории РСС Тоҷикистон, сарчашма гирифтааст. Аз ин лиҳоз, мо зарур мешуморем, ки таърихи ташаккулёбии криминализатсияи ба худкушӣ расониданро дар робита бо таҳлили қонунгузории ҷиноятии Русияи подшоҳӣ, Русияи шуравӣ, ИҶШС, РСС Тоҷикистон, инчунин ақидаву нуқтаи назари олимони он давра амалӣ намоем. Дар акси ҳол, ҳаматарафа ва дақиқ баррасӣ намудани раванди ташаккули ҷавобгарии ҷиноятии ба худкушӣ расонидан ғайриимкон аст. Дар баробари ин, таърихи фарҳанги ҳуқуқии Тоҷикистони таърихиро бозгӯй намудан ба манфиати кор мебошад, ки маҳз дар ҳамин замина омилҳои асосии таснифоти ташаккули ҷавобгарии ҷиноятии ба худкушӣ расонидан амалӣ мегардад.

**Калидвожаҳо:** Ба худкушӣ расонидан, сохти давлатӣ, Зардушт, меъёрҳои шариатӣ, Русияи подшоҳӣ, криминализатсия, санксия, таҳрик кардан.

Инак, таърихи ташаккули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан дар Тоҷикистон мустақиман бо таҳкими мавқеи эътиқоди динӣ ва ташаккули давлати мутамарказ алоқамандии зич дорад.

Дар марҳалаҳои аввали ин раванд, ҷиноят ҳисобидани ин кирдор бо чанд омил маҳдуд мешуд. Якум, мавқеи устувори расму оинҳои бутпарастӣ. Дуюм, давраи гузариши сохти давлатӣ, ки муносибати инсондӯстона ба ҳаёти инсонро тақозо мекард. Сеюм, ташаккули муносибатҳои молумулкӣ, аз ҷумла қоидаҳои мерос дар шароите, ки ҳокимияти давлатӣ ҳанӯз заиф буд ва анъанаҳои иҷборӣ доираи мурофиаткунандагонро барои гирифтани мерос маҳдуд мекарданд.

Яке аз расму оинҳои қадимаи бутпарастон худкушии бевазанон пас аз марги шавҳар буд, зеро идомаи зиндагии бевазанро ҳамчун беобрӯии оила медонистанд. Бинобар ин, дар ёдгориҳои ҳуқуқии қадим, ки то замони мо расидаанд, нисбат ба ин амал ҷавобгарӣ пешбинӣ нашуда буд.

Дар баробари ин, аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум мегардад, ки дини куҳани тоҷикон худкуширо маҳкум мекард.

Баъдан дар асрҳои VII ба минтақаҳои Осиёи Миёна дини ислом паҳн гардид. Бояд қайд намуд, ки баъд аз паҳн гардидани дини ислом меъёрҳои шариатӣ дар тамоми фаъолияти ҳаёти аҳолии Тоҷикистони таърихӣ амал мекард. Чуноне, ки аз меъёрҳои исломӣ бармеояд, худкушӣ – интиҳор (التحار) – дар ислом гуноҳи кабира ба ҳисоб рафта, ислом онро қатъиян манъ кардааст.

Вазнинии гуноҳи худкушӣ ба маротиб бештар аз вазнинии гуноҳи куштани каси дигар дар ислом аст. Аксари уламои ислом ба ин бокаранд, ки танҳо як гуноҳи вазнинтар аз ин гуноҳ вуҷуд дорад, яъне ширк. Аммо шахсе, ки худкушӣ мекунад, шахси тарки ислом нест ва бар ин асос дар марги ӯ намози ҷаноза хонда мешавад. Дар ин хусус низ олимони соҳа андешаҳои мухталиф доранд, ба таври мисол Абуюсуф бар ин назар аст, ки хондани намози ҷаноза нисбати худкуш қобили қабул нест [5].

Оиди худкушӣ дар сураи 4-ум, ояти 29-уми Қуръон чунин оварда шудааст: «Худро накушед, зеро Аллоҳ ба шумо меҳрубон аст. Ҳар кас, ки аз рӯи душманӣ ва зулми худ чунин кунад, дар оташ хоҳем кард. Ин бар Аллоҳ осон аст».

Ояте, ки ба таври бевосита моҳияти масъаларо оид ба муносибати ислом ба худкушӣ инъикос менамояд, ояи 195-и сураи «Бақара» мебошад: «Ва харҷ кунед дар роҳи Аллоҳ ва хештанро ба сӯйи ҳалокат маяфканед ва накӯкорӣ кунед, албатта, Аллоҳ накӯкоронро дӯст медорад» [9]. Худованд дар ояти мазкур ҳушдор дода фармудааст, ки хештанро бо дастони худ таслими асбоби ҳалокат накунед! Яъне он чиро, ки Худованд ба мусалмонон амр намудааст, тарк кунанд, муҷиби ҳалоки руҳу баданашон мегарданд.

Доир ба худкушӣ дар ҳадисҳои пайғамбари ислом Муҳаммад (с) низ гуфтаҳои зиёде мавҷуд мебошад. Масалан, дар маҷмуи ҳадисҳои Аҳмад ва Муслим омадааст, ки ҳазрати Муҳаммад (с) дар ин маврид фармудаанд: «Ҳеҷ як аз шумо барои худ маргро орзу накунед. Инчунин барои пеш аз фаросии марг аз Аллоҳ дуо наталабед. Охир, воқеан, агар бимирӣ, кору кирдори ту дар ин ҷо ба охир мерасад ва зиндагӣ (бо вуҷуди осон ё мураккаб буданаш) ба муъмин танҳо некӣ (ҳатто бадтарин бадбахтӣ), дар ҳолати муносибати дуруст ва ҳалли он ба шахс чи дар ҳаёти ҷовидонӣ ва чи дар ҳаёти дунёӣ файзи бебаҳо меорад» [1].

Дар бораи худкушӣ ба таври маҷбурӣ ё фармон чунин ривояти фарогирандаи як ҳадис оварда шудааст: боре ҳазрати Муҳаммад (с) шахси муайянеро дар сари яке аз артиши хурд гузоштааст. Сипас ӯ ба лашкар хитоб карда гуфт: "Ҳар кӣ ба ӯ итоат кунад, ба ман итоат кардааст ва ҳар кӣ нофармонӣ кунад, нофармонӣ кардааст". Баъдан дар ҷараёни ҷанг фармондеҳи артиш ба зердастонаш ба ғазаб омада гуфт: «Барои ман ҳезум ҷамъ кунед». Чун ҳезум ҷамъ карданд, гуфт: «Оташ афрӯзед». Баъди иҷрои фармон фармондеҳи артиш ба тобеонаш фармон дод, ки ба оташ худро андарун намоянд, тобеон дар навбати худ ба ӯ чунин ҷавоб доданд: «Мо худро ба оташ намеафканем, зеро маҳз аз оташ раҳоӣ меҷӯем». Баъд аз баргашти артиш, паёмбар (с) аз ҳодисаи мазкур хабардор шуда, ба сарбозони артиш чунин гуфт: «Агар худро ба оташ меафкандед, ҳаргиз аз он берун намеомадед. Итоат танҳо дар корҳои нек бояд кард. Итоат ба махлуқот, ки он аз фармони Офаридгор берун бошад, раво нест". Тибқи ин ҳадис, ҳеҷ амали маҷбурсозӣ дар назди Худованд худкуширо сафед намекунад.

Пас, дар заминаи ин гуфтаҳо бояд ба хулосае омад, ки меъёрҳои шариатии он давра низ ҷавобгариро барои ба худкушӣ расонидан пешбинӣ наменамуданд, зеро ки аз рӯи сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонии он давра гунаҳгори кирдори содиршуда худди ҷабрдида ҳисоб мегардид.

Ғайр аз ин, тибқи маълумоти мавҷуда, худкушӣ ё ба худ зиён расонидан дар Ислом бузургтарин гуноҳ дар назди Худованд аст. Онҳое, ки худкушӣ мекунанд, бо ҷазои коре, ки кардаанд, дар ҷаҳаннам шиканҷа хоҳанд шуд. Аммо бархе аз муфассирони ҳадис мегӯянд, ки ҳазрати Муҳаммад (с) дар мавриди муҷозоти худкушӣ сухан ронда, муддати тӯлонии ҷазоро дар назар доштааст, вале он абадӣ намебошад. Онҳо дар ин маврид муфассал ба он такя мекунанд, ки шахсе ба худкушӣ даст мезанад, оқибат мусалмон ҳисобида мешавад. Инчунин, аз дигар ривоётҳо бармеояд, ки мусалмон то абад дар ҷаҳаннам намемонад, ҳарчанд дар китоби муқаддаси мусалмонон ба ин савол ҷавоби мустақим вуҷуд надорад. Ин масъала баҳсталаб ба назар мерасад. Пайравони ақоиде, ки мусалмонон (аз ҷумла худкуш) абадан дар ҷаҳаннам намесӯзанд, ба меъёрҳои суннат такя менамоянд. Дар худи Қуръони карим бошад ояте мавҷуд нест, ки дақиқан вақти аз ҷаҳаннам раҳо шудани мусалмон, инчунин худкушро муайян намояд [2].

Бояд қайд намуд, ки сарчашмаҳои қонунгузории Тоҷикистони таърихӣ нишон медиҳанд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан мавҷуд набуд, зеро кирдори мазкур ҳамчун ҷиноят эътироф намегардид. Дар баробари ин, мо бояд дар назар дошта бошем, ки аз асрҳои 19 сар карда бархе аз минтақаҳои Осиёи Миёна ва Тоҷикистони имрӯза ба ҳайати Русияи подшоҳӣ ҳамроҳ карда шуданд.

Дар он давра қонунгузории Русияи подшоҳӣ аллакай кирдори мазкурро ҳамчун ҷиноят эътироф менамуд. Масалан, санади ҳамон давра таҳти унвони Маҷмуи қонунҳо дар бораи ҷазоҳои ҷиноятӣ ва ислоҳӣ, соли 1845 [3] вобаста ба сатҳи техникаи қонунгузорӣ нисбат ба бисёр қонунгузории хориҷӣ ба таври мусбат фарқ мекард. Дар ин санади қонунгузорӣ тамоюли фарқ кардани худкушӣ, сӯиқасд ба худкушӣ ва ба худкушӣ расонидан аниқтар мушоҳида мешуд. Қонунгузор вобаста ба ҷинояти мазкур ҷавобгариро дар боби дуюм – «Дар бораи худкушӣ» пешбинӣ намуда буд (м.м. 1943-1947). Меъёрҳои ин боб ҷавобгарии шахсонеро, ки қасди худкушӣ мекарданд, муқаррар карда буд. Меъёри мазкур тафсири васеъро дар назар дошт, зеро шахсони дигаре, ки нисбати ҷинояти худкушӣ муносибат доштанд, онҳо низ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешуданд. Ҳамин тариқ, дар моддаи 1943 аломатҳои объективӣ ва субъективии худкушӣ ва ҳудудҳои ҷавобгарии он муқаррар шуда буд.

Аввалан, шахсе, ки худро аз ҳаёт маҳрум сохтааст, яъне субъекти ин ҷиноят мукаллаф буда, кирдорро на дар ҳолати девонагӣ, ғайримукаллафӣ, номукаллафии муваққатӣ ва дигар намуди беҳушӣ содир кардааст (моддаи 1943). Дуюм, тарафи субъективӣ бояд муайян мекард, ки шахс ин кирдорро дидаву дониста содир кардааст. Сеюм, бояд худкушӣ ба

итмом расида бошад, ҷавобгарӣ барои сӯиқасд ба таври алоҳида танзим карда мешуд. Санксияи ин меъёри қонуни ҷиноятӣ муқаррар менамуд, ки шахси худкуш ҳуқуқи меросии худро аз даст медод. Барои фарди масеҳӣ ҷазои иловагӣ пешбинӣ шуда буд, яъне худкуш аз ҳуқуқи дафни масеҳӣ маҳрум мегардид.

Қонунгузор инчунин асосҳо ва маҳдудиятҳои ҷавобгариро барои сӯиқасд ба шахси худкуш пешбинӣ намуда буд. Ҳолати мазкур танҳо дар вақте ҷой дошта буд, ки агар худкушӣ пурра аз ҷониби шахсони бегона пешгирӣ мешуд. Ҷавобгарии фарди масеҳӣ дар ин ҳолат тавбаи калисоиро, ки бо амри роҳбарияти рӯҳонии он таъин мегардид, пешбинӣ менамуд (м. 1944).

Ҳамзамон, сарчашмаи номбурда асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сӯиқасд ба худкушӣ бо ҳолатҳои истисноиро пешбинӣ карда буд. Дар ин самт омили асосӣ он ҳолате ба ҳисоб меравад, ки шахс аз ҳиссиёти баланди ватандӯстӣ ба марги баръало раҳсипор мегардид ва ё ба хотири ҳифзи сирри давлатӣ худкушӣ ё сӯиқасди онро мекард. Ҳолати дуюм аз ҳаёт маҳрум сохтан бо роҳи худкушӣ ё сӯиқасд ба ҷони худ аз ҷониби зан ба хотири ҳифзу наҷоти номус ва иффати худ ба ҳисоб мерафт (м. 1945). Дар ин мавридҳо худкушон на танҳо аз дафни калисоӣ маҳрум намегардиданд, балки ҳамаи дархостҳои пас аз марги онҳо эътибор пайдо мекарданд [10, 217-222].

Бояд қайд намуд, ки яке аз афзалиятҳои қонуни мазкур ин ба ҳайси ҷиноят эътироф намудани ба худкушӣ расонидан буд. Чунин афзалият аз он иборат буд, ки қонунгузор дар санади номбурда бори аввал ҷавобгарии ҷиноятиро барои шарикӣ дар худкушӣ пешбинӣ намуда буд, ҳамаи шарикони кирдори ҷиноятӣ (таҳриккунандагон, ёрдамчиёни худкушӣ) ба шарикони куштор баробар карда шуда буданд. Ҳамин тариқ, м. 1946 қонуни мазкур муқаррар намуда буд, ки ба шахсе, ки каси дигарро ба худкушӣ расонидааст ё барои ин шароит фароҳам овардааст, инчунин дар содир намудани ин ҷиноят ба тариқи дигар ӯ иштирок карда бошад, барои «ёрӣ расонидан ба одамкушӣ» муҷозот мегардид.

Ҳамин тариқ, амалҳои шахсоне, ки дар худкушӣ ба таври гуногун кумак мерасониданд, дар доираи институти шарикӣ арзёбӣ мешуданд. Қонунгузор ҳангоми муайян кардани ҷанбаи объективии шарикӣ дар чунин ҷиноят мафҳумҳои калидии зеринро истифода мебурд: моил намудан, расонидани воситаҳо ва дигар шаклҳои иштирок дар содир кардани ин ҷиноят.

Дар диспозитсияи меъёрҳои таҳлилшуда, ҳам кирдори таҳриккунанда ва ҳам ёрдамчӣ, аз ҷумла расонидани воситаҳо ва дигар намудҳои иштирок, вобаста ба расондани шахс ба худкушӣ ҳамчун ҷиноят эътироф мешуданд.

Аз лиҳози сохтори ҳуқуқӣ, таркиби ин ҷиноят расмӣ буда, шакли гуноҳи қасданро пешбинӣ мекард. Тибқи моддаи 1946-и қонуни мазкур, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои субъекти умумӣ муқаррар шуда буд [7, 29-30].

Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки қонунгузор то ҳол ба худкушӣ расониданро ҳамчун ҷинояти дорои хавфи баланди ҷамъиятӣ тасниф накарда буд. Санксияи м. 1947 қонуни мазкур барои ин ҷиноят ҳамчун ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ дар ҷойҳои махсуси нигоҳдошти касалиҳои рӯҳӣ ба муҳлати аз як то ду сол пешбинӣ намуда буд. Шахсони гунаҳкор, аз қабили масеҳиён бо амри роҳбарияти рӯҳонии худ ба тавбаи калисоӣ машғул мешуданд.

Пас аз қонуни «Маҷмуи қонунҳо дар бораи ҷазоҳои ҷиноятӣ ва ислоҳӣ» (1845), «Маҷмуи қонунҳои ҷиноятӣ» (1903), ки бар хилофи қонунгузории қаблӣ буд, дигар худкушӣ ва сӯиқасд ба худкуширо ҷиноят эътироф намекард. Ин радди ниҳоии ҷиноят донистани худкушӣ дар Русияи подшоҳӣ буд, ки ба ақидаҳои мактаби сотсиологии ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқат дошт.

Гарчанде ин маҷмуи қонунҳо барои замони худ хеле пешрафта маҳсуб мешуд, он пурра мавриди амал қарор нагирифт. Бо вуҷуди ин, таҳлили меъёрҳои он барои ташаккули шакли мукаммали таърихии криминализатсияи ба худкушӣ расонидан муҳим мебошад.

Объекти асосии ин ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие буданд, ки дахлнопазирии ҳаёти шахсро ҳифз мекарданд. Дар ниҳоят, қонунгузор аз криминализатсияи худкушӣ пурра даст кашида, танҳо ҷавобгарии навъҳои гуногуни иштирок дар он, аз ҷумла таҳрик кардан ё мусоидат намуданро танзим менамуд.

Ибораҳои калидии аз ҷониби қонунгузор ҳангоми сохтани тарафи объективии шарикӣ дар худкушӣ дар сарчашмаи баррасишаванда таҳриккунанда, ёрдамчӣ ва розӣ кардан барои худкушӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Аз ин рӯ, номгӯи зуҳуроти шарикӣ дар худкушӣ то андозае тағйир ёфта, мафҳуми илмии он мушаххастар гардид.

Тарафи субъективии ин ҷиноят аз гуноҳ дар шакли қасд иборат буд. Субъекти ҷиноят бошад умумӣ буд.

Криминализатсияи маҳдудтар барои таҳрик кардан ба худкушӣ ҳамчун маслиҳат ба худкушӣ (м. 463 Маҷмуи қонунҳои ҷиноятӣ), ки боиси маҳдуд

намудани доираи ҷабрдидагон аз рӯи синну сол ё ҳолати руҳӣ гардида буд. Ҳамин тариқ, ҷабрдидагон танҳо шахсони ба синни бистуяксола нарасида ё шахсоне ҳисоб мешуданд, ки баръало хусусият ва аҳаммияти ҳаракати содиркардаашонро дарк ё рафтори худро назорат карда наметавонистанд. Ба ҳайси объекти асосии бевоситаи кирдори мазкур муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекарданд, ки дар соҳаи таъмини дахлнопазирии ҳаёти шахси дигар мавҷуд буданд. Тарафи объективии ин таркиби ҷиноят низ ба таври муфассал шарҳ дода шуд, ки он аз мусоидат намудан ба худкушӣ бо тариқи маслиҳат ё дастур, расонидани воситаҳо ё рафъи монеаҳо иборат буд. Қонунгузор барои ин санадҳо сохтори ҳуқуқии таркиби моддиро пешбинӣ карда буд, зеро ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар ҳолати худкушии содиршуда татбиқ мегардид. Ҷазои ҷиноятии барои таҳрик кардан ба худкушӣ муқарраргардида нишон медиҳад, ки он кирдори вазнинтар ҳисоб мешуд. Ҳангоми расонидани ёрӣ ба худкушӣ, ҷазои ҷиноятӣ дар намуди бадарға ба муҳлати на бештар аз ҳашт сол таъин карда мешуд.

Ҳамин тариқ, дар“Маҷмуи қонунҳои ”- соли 1903 бори аввал дар таърихи қонуни ҷиноятии пеш аз даврони шуравӣ ба худкушӣ расонидан (моддаи 462) ва мусоидат ба худкушӣ (моддаи 463) ҳамчун ду ҷинояти мустақил дониста шуданд. Сӯиқасд ба худкушӣ, таҳрикнамоӣ ва мусоидат ба чунин кирдор низ ҷиноят дониста мешуд [16, 8].

Вобаста ба ин, таҳлили ташаккули танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тақозо намуд, ки заминаи криминализатсияи шаклҳои мухталифи шарикӣ дар худкушӣ, дар санадҳои қонунгузории Россия аз асрҳои 15 то 20 пайдо шуда буд. Марҳила ба марҳила мазмуни унсурҳои таркиби ҷиноят ташаккул ёфт, ки таҷассуми ниҳоии худро дар “Маҷмуи қонунҳои ҷиноятӣ”-и соли 1903 пайдо кард. Минбаъд низ ҳамчун ҷиноят донистани ин кирдор аз ҷониби қонунгузор дар ҳуқуқи ҷиноятии замони шуравӣ идома ёфт. Аз ин рӯ, маҳз аз меъёрҳои “Маҷмуи қонунҳои ҷиноятӣ”-и соли 1903 криминализатсия намудани ба худкушӣ расонидан ҳамчун таркиби мустақили ҷиноят оғоз гардид.

То қабул шудани КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1935) дар тамоми ҳудуди он соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар масъалаи муайян кардани ҷавобгарӣ барои ин ё он кирдорҳои хавфноки ҷамъиятӣ дар асоси қонуни ягона – КҶ ҶШФСР (соли 1922) бо иловаҳояш барои ҶМШС Туркистон танзим мегардид. Минбаъд тибқи ин кодекс ва мувофиқи “Асосҳои ибтидоии қонунгузории ИҶШС ва таърихи иттиҳодияи соли 1924” КҶ ҶШС Ӯзбекистон тартиб дода шуд, ки он 16 июни соли 1926 қабул ва дар Тоҷикистон ҳамчун дар тамоми ҳудуди ҶШС Ӯзбекистон аз 1 июли ҳамон сол ҷорӣ гардид [14, 229].

Бояд гуфт, ки қонунгузории ҷиноятии замони шуравӣ мероси “Маҷмуи қонунҳои ҷиноятӣ”-и соли 1903-ро идома дода, ҷавобгариро барои худкушӣ комилан истисно намуд. Ин қарори қонунгузориро намояндагони илми даврони шуравӣ низ дастгирӣ карданд. Масалан, А.Ф. Кони қайд намуда буд, ки м. 148 КҶ ҶШФСР-ро, ки ҷазои худкушӣ ва сӯиқасди худкуширо комилан истисно намудааст, бояд маъқул дониста шавад. [8, 9]

Чунин мавқеъро низ М.Д. Шаргородский тарафдорӣ намуда, баён менамуд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои худкушӣ ба мақсад мувофиқ нест, зеро он барои ноил шудан ба мақсадҳои пешгирии умумӣ ва махсус хизмат карда наметавонад. [15, 65]

Дар Кодекси ҷиноятии ҶШФСР (1922) [13], ҷавобгарӣ барои мусоидат ё таҳрик ба худкушӣ дар моддаи 148 пешбинӣ шуда буд. Ин меъёр дар боби 5, «Ҷиноятҳо алайҳи ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну эътибори шахсият» ҷойгир гардида буд.

Хусусияти хоси ин ҷиноят дар он буд, ки ҷабрдида ҳамчун унсури ҳатмии таркиби ҷиноят муайян гардида буд. Мувофиқи моддаи 148, ҷабрдида танҳо шахсе буда метавонист, ки ноболиғ ё шахси нотавоне бошад, ки хусусияти кирдори худро дарк ё рафторашро идора карда наметавонист.

Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳгор танҳо дар ҳолате имкон дошт, ки агар худкушии воқеӣ ё сӯиқасд ба он рух дода бошад.

Тарафи объективии ин ҷиноят доираи маҳдуди кирдорҳоро дар бар мегирифт, аз ҷумла мусоидат ё таҳрик (талқин) ба худкушӣ.

Тавре ки маълум мегардад, қонунгузор ба номгуйи ибораҳои калидӣ истилоҳи нав – талқиннамоиро ворид намуд.

Тибқи сохтори ҳуқуқӣ мусоидат намудан ё талқин кардан ба худкушӣ таркиби моддии ҷиноят ба ҳисоб мерафт, зеро шарти ҳатмии фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ худкушӣ ё суйиқасд ба он ба ҳисоб мерафт. Истилоҳоте, ки қонунгузор барои тавсифи амалҳои ҷиноятӣ истифода мебурд, диққатҷалбкунанда мебошад. Он, аз як тараф, ба ҷой надоштани шарикӣ дар ҷиноят ишора менамуд (иғво, на таҳрик), аз тарафи дигар, бояд барои фарқ намудани ҳаракатҳои зикршуда аз чунин категорияҳо ба монанди «маҷбуркунии ҷисмонӣ ё руҳӣ», ки тарафи объективии таркиби одамкуширо ташкил медоданд, мусоидат намояд.

Бояд зикр намуд, ки дар диспозитсияи меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҳлилшуда «дидаву дониста» содир шудани ҳаракатҳои субъект ба таври махсус

таъкид шудааст, яъне кирдорҳое, ки дар мусоидат намудан ё иғво намудан барои худкушӣ, ифода гардидаанд ҷинояти қасдана ба шумор мерафт.

Илова бар ин, қонунгузор бо назардошти афзоиши хавфи худкушӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, ба факти худкушӣ барои намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо нақши аломати вазнинкунанда додааст. Ҳамин тавр, қ. 2 м 169 КҶ ҶШФСР аз соли 1922 ҳамчун аломати вазнинкунандаи таҷовуз ба номус оқибати худкушӣ намудани ҷабрдида муқаррар шудааст, ки он боиси вазнин шудани ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардид.

Дар баробари ин, бояд зикр намуд, ки дар КҶ ҶШФСР 1922 криминализатсия намудани ба худкушӣ расонидан ҷой надошт. Таҷрибаи судӣ ҳолатҳои ба худкушӣ расониданро «дар қиёс бо моддаҳои одамкушӣ" бандубаст менамуданд [18, 9]. Ин ҳолат номувофиқ буд, зеро хавфи ҷамъиятии ин кирдор (дар шароити муайян: мунтазам, бераҳмӣ ва беҳаёии ҳаракатҳои гунаҳгор) хеле баланд буд. М.Д. Шаргородский таваҷҷуҳи худро ба ин ҳолат ҷалб карда, қайд менамояд, ки агар шахси шахс ба шахси дигар барои худкушӣ ёрӣ расонад, ӯ албатта, новобаста аз он ки шахси худкушӣ содиркарда мукаллаф буд ё не, хавфнокии баланди ҷамъиятӣ дорад [16, 66].

16 июни соли 1926, дар сессияи 4-уми КИМ Шуроҳои даъвати якуми ҶШС Ӯзбекистон, Кодекси ҷиноятии ин ҷумҳурӣ қабул гардид [11, 69-125]. Аз 1 июли ҳамон сол, он дар ҳудуди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Худмухтори Тоҷикистон (ҶШСХТ) низ мавриди амал қарор гирифт [12, 45].

То қабули ин кодекс, асоси танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ин минтақа Кодекси ҷиноятии ҶШФСР (1922) ба ҳисоб мерафт [4, 254].

Қонунгузор таркиби ҷинояти бахудкушӣ расониданро бо тахияи ду қисм ба таври назаррас муракқаб намуд. Дар қ. 1, м. 192 КҶ ҶШС Ӯзбекистон аз соли 1926 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои мусоидат ё талқини шахси ноболиғ, ки бараъло хусусият ё аҳамияти кирдори худро дарк ё ба он роҳбарӣ карда наметавонист, муқаррар мешуд. Кирдорҳои мазкур бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешуданд.

Мутобиқи м. 192 КҶ ҶШС Ӯзбекистон моддаи мазкур расонидани шахси аз шахси дигар дар вобастагии моддӣ ё вобастагии дигар қарордошта, бо муносибати бераҳмона бо ӯ ё бо роҳи дигар суийстифода намудан аз мақоми худ ба худкушӣ ё суйқасди худкушӣ расонидан ҷазо дода мешавад бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ҳашт сол.

Истилоҳи "расонидан" ин маънои ба ҷабрдидагон расонидани таъсири таҷовузкоронаро дошт: якум, вобастагии моддӣ ё дигар намуди вобастагӣ аз шахси дигар қарор доштан; дуюм, бо роҳи муомилаи бераҳмона ё бо роҳи дигар суийстифода намудан аз мақоми худ. Қонунгузор ибораи "бо роҳи дигар суийстифода намудан аз мақоми худ" бо ҷабрдидаро истифода намуда буд. Аз ин рӯ, бо хости қонунгузор ин меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мавриди тафсири васеъ қарор гирифт, ки он доираи салоҳияти субъективии мақомоти ҳуқуқтатбиқкунандаро хеле васеъ намуд.

Дар баробари дар қ.2 м. 92 КҶ ҶШС Ӯзбекистон муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, ҷавобгарӣ барои мусоидат ё талқин намудан ба худкушӣ нисбати шахси ноболиғ ё номукаллаф нигоҳ дошт.Таркиби ҷиноятии дар ин меъёр ташаккулёфта аз рӯи аломатҳои асосии объективӣ ва субъективӣ ба таркиби ҷинояти дар м. 148 КҶ ҶШФСР аз соли 1922 пешбинишуда шабоҳат дошт. Қонунгузор ҷавобгариро барои мусоидат кардан ё талқин ба худкушии ноболиғ ё шахсе, ки баръало хусусият ва аҳаммияти кирдори содиркардаашро дарк ва идора карда наметавонист, пешбинӣ намуда буд. Қонун муқаррар намуда буд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар сурати анҷоми худкушӣ ё қасд ба худкушӣ анҷом меёфт.

Бо вуҷуди пешравиҳо ва навгониҳои муайян, мушкилоти асосӣ набудани таърифи расмии «ба худкушӣ расонидан» дар қонунгузории он замон буд. Ҳамчунин, қонунгузорӣ мафҳуми худкуширо низ муайян намекард, ки бе он фаҳмидани моҳияти ба он овардан ғайриимкон буд. [6, 19]. Мутаассифона, мафҳуми баррасишаванда дар давраи минбаъда низ пайдо нашуд. Вале маълум аст, ки номуайянии мафҳумҳои асосӣ, ки дар атрофи худ аломатҳои алоҳидаи ҷиноятро муттаҳид месозанд, мушкилотро дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз қабили набудани таҷрибаи бандубасти ягона, аз ҷиноятҳои ба ҳам алоқаманд фарқ кардан ва амсоли инҳо ба миён меорад.

**Адабиёт:**


1. https://ru.wikipedia.org/wiki.
2. https://ru.wikipedia.org/wiki/.
3. Аввалин Кодекси ҷиноятӣ дар таърихи Русия ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби кормандони шуъбаи дуюм мураттаб шуда ва аз ҷониби императори рус Николай I 15 августи соли 1845 тасдиқ гардида, соли 1846 ба қувваи қонунӣ даромадааст.
4. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории историч е ского и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2014.
5. Ализаде А.А. Итихар // Исламский энциклопедический словарь. – М.: Ансар, 2007. – ISBN 978-5-98443-025-8. (CC BY-SA 3.0).

6. Бородино С. В. Преступления против жизни. – М.: Юрист, 1999.
7. Елисеева Н.М. Эволюция института уголовной ответственности за доведение до самоубийства в России X-XX вв. // Уголовная политика в сфере обеспечения безопасности и здоровья населения, общественной нравственности и иных социально-значимых интересов: материалов VII Международной научно-практической конференции (Краснодар, КСЭИ, 20 апреля 2018 г.) / отв. ред. М.Л. Прохорова. Краснодар, 2018. – С. 29-30.
8. Кони А.Ф. Самоубийство в законе и жизни. – М., 1923.
9. Қуръони Карим, Сурраи «Бақара», ояи 195.
10. Литвяк Л.Г. Доведение до самоубийства: исторический аспект // Закон и судебная практика: материалы межвузовской научно-практической конференции (28 февраля 2001 г.). Краснодар, 2001. – С. 217-222.
11. Собрание кодексов Узбекской ССР. - Самарканд, 1928. - С. 69-125.
12. Тахиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана. Том 2, часть 1. (1917-1929 гг.). - Душанбе, 2001. - С. 45.
13. Уголовный кодекс РСФСР 1922 года // Сборник документов по истории уголовного законодательство СССР и РСФСР. 1917-1952 гг. / под ред. И.Т. Голякова. – М., 1953.
14. Тоҳиров Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Точикистон. – Душанбе: Ирфон, 1994.
15. Шаргородский М.Д. Преступление против жизни и здоровья. – М., 1948.
16. Эльмурзаев Д.И. Уголовная ответственность за доведение до самоубийства: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004. – С. 8.
17. Эльмурзаев Д.И. Уголовная ответственность за доведение до самоубийства: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004.

**Шарипов Такдиршох Шарипович** – доктор юридических наук, профессор, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, Главный научный сотрудник; **Саидзода Мехрубон Акбархон** - Академия МВД Республики Таджикистан, преподаватель кафедры, капитан милиции. E-mail: unvonju@mail.ru

**Развитие законодательства Республики Таджикистан об уголовной ответственности за самоубийство в ранний период советской власти**

В статье рассматривается развитие законодательства Республики Таджикистан об уголовной ответственности за самоубийство в ранний период советской власти. Изучая документы с бывшей территории Таджикистана и историю таджиков в целом, можно сделать вывод, что ответственность за самоубийство отдельно не устанавливалась, и подобные явления в то время не признавались преступлением. Следует отметить, что данное деяние впервые было признано преступлением в российском законодательстве. Этот фактор берет свое начало в современном уголовном законодательстве нашего государства, а именно через законодательство царской России, уголовное законодательство советской России, уголовное законодательство СССР и, наконец, законодательство Таджикской ССР. В этой связи считаем необходимым провести историю становления криминализации самоубийства в связи с анализом уголовного законодательства царской России, советской России, СССР, Таджикской ССР, а также идей и точек зрения ученых того периода. В противном случае невозможно всесторонне и точно рассмотреть процесс становления уголовной ответственности за самоубийство. При этом в интересах работы пересказать историю правовой культуры исторического Таджикистана, именно на этой основе реализуются основные факторы классификации формирования уголовной ответственности за самоубийство.

**Ключевые слова:** Доведение до самоубийство, государственное устройство, зороастризм, нормы шариат, царская Россия, криминализация, санкции, подстрекательство.

**Sharipov Takdirshoh Sharipovich** – Doctor of Law, Professor, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, Chief Researcher; **Saidzoda Mehrubon Akbarkhon** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, teacher, police captain. unvonju@mail.ru

**Development of the legislation of the Republic of Tajikistan on criminal liability for suicide in the early period of Soviet power**

The article describes the development of the legislation of the Republic of Tajikistan on criminal liability for suicide in the early period of Soviet power. From studying the documents of the previous time on the territory of Tajikistan and the history of Tajikistan as a whole, it can be concluded that responsibility for suicide was not established separately, and such phenomena were not recognized as a crime at that time. It should be noted that this act was initially recognized as a crime in Russian legislation. This factor arose in the modern criminal legislation of our state precisely through the legislation of tsarist Russia, the criminal legislation of Soviet Russia, the

criminal legislation of the USSR and, finally, the legislation of the Tajik SSR. In this regard, we consider it necessary to conduct a history of the criminalization of suicide in connection with the analysis of the criminal legislation of tsarist Russia, Soviet Russia, the USSR, the Tajik SSR, as well as the views and opinions of scientists of that period.

**Key words:** Suicide, state structure, zoroastrianism, sharia law, tsarist Russia, criminalization, sanctions, incitement.

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ АВЕСТО БО ҚОНУНГУЗОРИИ АМАЛКУНАНДАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БАХШИ МУНОСИБАТҲОИ ҶИНОЯТӢ

**Азимзода Фирдавс Акбаралӣ** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. E-mail: Azimov.Firdavs.84@mail.ru

Дар мақолаи мазкур таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши муносибатҳои ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, зимни таҳқиқи масъалаи мазкур андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, меъёрҳои ҳуқуқии Авесто ва қонунгузории соҳавии амалкунандаи кишварро ба инобат гирифта, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ гузаронидааст. Зимни таҳқиқоти худ, муаллиф ба хулосае омадааст, ки омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ, муайян кардани нақши инстутҳои мазкур дар давраҳои таърихӣ, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ бо меъёрҳои қонунгузории замони муосир мубраммияти масъалаи таҳқиқшавандаро боз ҳам меафзояд. Дар Авесто меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ҳуқуқӣ-маданӣ, ҳуқуқӣ-оилавӣ, ҳуқуқӣ-экологӣ ва амсоли инҳо ба назар мерасад. Бо ин назардошт, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории соҳавии амалкунандаи кишвар дар бахши муносибатҳои ҷиноятӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам арзёбӣ гардида, метавонад дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ бошад.

**Калидвожаҳо:** таҳлил, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, Авесто, Вандидод, меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, қонунгузории амалкунанда

Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ ду падидаи муҳимми ҳуқуқие мебошанд, ки дар ҳама давру замон мубраммияти худро нигоҳ доштаанд. Омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ, муайян кардани нақши институтҳои мазкур дар давраҳои таърихӣ, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ бо меъёрҳои қонунгузории замони муосир мубраммияти масъалаи таҳқиқшавандаро боз ҳам меафзоянд.

Яке аз низомҳои таърихӣ-ҳуқуқие, ки пайдоишу ташаккули ҳуқуқи миллӣ аз он ибтидо гирифтааст ин низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи зардуштӣ дорои сарчашмаҳои расмию хаттие мебошад, ки бори нахуст ҷанбаҳои муҳимми ҳуқуқӣ, аз ҷумла институтҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқиро дар шакли навишташуда муқаррар ва танзим намудааст, навиштаҳои хаттии он то ба имрӯз омада расидаанд. Масъалаи ҷиноят ҳамчун падидаи хатарноки ҷамъиятӣ, ки ҳуқуқи инсонро поймол мекунад ва ҷазо барои он тақрибан дар ҳамаи сарчашмаҳои зикршуда баррасӣ шудааст, махсусан дар «Авесто», ки ҳамчун сарчашмаи асосии қадимаи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳсуб мешавад. Дар сарчашмаи мазкур ба муайян кардани кирдор ҳамчун ҷиноят, таъин ва татбиқи ҷазоҳо, ҳалли баҳсҳои дорои хусусияти ҷиноятӣ, ба амал баровардани адолати судӣ ва адолати иҷтимоӣ диққати калон дода шудааст [3, 40].

Дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ Авесто мавқеи марказиро ишғол менамояд. Зеро чун «Маҷмуаи қонунҳо» тамоми ҷанбаҳои муҳимми ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро муқаррар кардааст. Заминаи таърихию ҳуқуқии бисёре аз меъёрҳои қонунгузории соҳавии амалкунандаи кишвар дар Авесто ба назар мерасанд. Меъёрҳои ҳуқуқии Авесто дар «Вандидод» – «Қонун бар зидди девҳо» каму беш ба низом дароварда шудаанд. Хусусиятҳои «Авесто»-ро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ ба ғайр аз дигар меъёрҳои ҳуқуқии қисмҳои он ҳамин қисм муайян мекунад. Аввалан, он хусусияти сирф ҳуқуқӣ дорад. Аз 22 фаргарди Вандидод 16 фаргард (фаргардҳои 3-18) сирф ҳуқуқӣ буда, 6-тои боқимонда тақрибан нисфи талаботи ҳуқуқиро дар бар мегиранд. Сониян, Авесто ҳамчун сарчашмаи мукаммали ҳуқуқ меъёрҳои ҳуқуқии соҳаҳои ҷиноятӣ, обӣ, судӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Ҷолиб он аст, ки дар бисёр мавридҳо ҳангоми танзими объекти мушаххас пайдарпайии муайяни меъёрҳои ҳуқуқиро пай бурдан мумкин аст. Масалан, ҳангоми аз зарар муҳофизат намудани саломатии одамон, ҳангоми муҳофизати ҳаёт ва саломатии сагҳо, ҳангоми муайян кардани навъҳои шартнома ва ғайра [14, 13].

Баъзе олимон Вандидодро ҳамчун як кодекси ҷиноятии қадим эътироф мекунанд, ки қисман дуруст мебошад. Вале бояд гуфт, ки дар ин сарчашма ба ғайр аз меъёрҳои ҷиноятӣ бисёр меъёрҳои ҳуқуқи

маданӣ, ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи обӣ, ҳуқуқи экологӣ мавҷуданд, ки онро на танҳо ҳамчун кодекси ҷиноятии қадим ҳисоб кардан мумкин аст, балки, илова бар ин, ҳамчун «Қонунномаи қадим» тавсиф мекунанд. Чунин муназзам ва мутамарказии Вандидод, бешубҳа, ҳатто дар он замонҳо онро ба «Қонунномаи бостонии» форсизабонони Осиёи Миёна ва Эрон табдил дода, ба сарчашмаи ҳуқуқӣ чун «Қонунҳои Ману» дар Ҳиндустон ва «Қонунҳои Ҳаммурапӣ» дар Бобул баробар кардааст. Тафовути Авесто дар он аст, ки он ба ҳокимон ва қонунгузорони алоҳида таалluқ надорад. Мазмун ва предмети танзими ҳуқуқии Вандидод, сарфи назар аз замони пайдоиши он аз он гувоҳӣ медиҳад, ки усулҳо ва талаботи ҳуқуқии он нисбат ба давраи Ҳахоманишиён хеле пештар ташаккул ёфта, то замони пас аз Сосониён татбиқ мешуданд [14, 13]. Бо ин назардошт, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории соҳавии амалкунандаи кишвар аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам арзёбӣ гардида, метавонад дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ бошад.

Дар Авесто меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ҳуқуқӣ-маданӣ, ҳуқуқӣ-оилавӣ, ҳуқуқӣ-экологӣ ва амсоли инҳо ба назар мерасад. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки меъёрҳои Авесторо бо меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи кишвар дар самти муносибатҳои ҷиноятӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор диҳем.

Дар бахши муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бисёр меъёрҳоро вохӯрдан мумкин аст, ки ҳам дар қонунгузории ҷиноятӣ ва ҳам дар Авесто ба мушоҳида мерасанд. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба масъалаи ҷиноят ва ҷинояткорӣ таваҷҷуҳи махсус додааст. Дар ин хусус, Вандидод бахши меъёрҳои хусусияти ҷиноятии ҳуқуқидоштаро муттаҳид намудааст.

Як қатор принсипҳои ҳуқуқӣ ҳангоми таъин ва татбиқи ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ риоя мегардиданд. Аксарияти онҳо дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ низ мустаҳкам гардида буданд, чунончи, принсипи ҷавобгарии фардӣ. Мувофиқи принсипи мазкур ҳар як шахс барои кирдори содиркардааш танҳо худаш ҷавобгар дониста мешуд. Мутобиқи моддаи 7 Кодекси ҷиноятии ҶТ «Ҳеҷ кас таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гирифта наметавонад ба ҷуз аз кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) шахсии худ» [8]. Принсипи мазкур на танҳо дар Авесто, балки дар дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ низ муқаррар шудааст. Аз ҷумла, Куруши Кабир дар Эъломияи худ чунин эълон дошта буд: «... ҳар кас посухгӯи аъмоли худ мебошад, ҳеҷ касеро набояд ба ангезаи ин, ки яке аз бастагонаш хилоф кардааст, муҷозот кард ва агар аз дудмон ё хонаводае хилоф кард, танҳо ҳамон кас ба кайфар бирасад ва ба дигар мардумон ва хонавода коре нест» [11, 117-118]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки дар татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ нақши принсипи ҷавобгарии фардӣ хеле калон арзёбӣ мегардад.

Низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар муборизаи некӣ ва бадӣ дар ниҳоят адолатро авлотар медонад ва онро гарави хушбахтии инсон меҳисобад. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ, аз ҷумла Авесто риоя ва иҷрои қонунҳо, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва иҷрои аъмоли шаръиро муқаддас медонистанд. Риояи қонун асоси қонуну тартибот дар ҷамъият ва беҳбудии одамон ҳисоб мешуд [3, 40]. Тавре маълум мегардад, риояи қонун ва иҷроиши онҳо дар ҳуқуқи зардуштӣ яке аз уҳдадориҳои шахс дониста мешуд, ки ин меъёр дар м. 42 Конститутсияи ҶТ [9] низ муқаррар гардидааст.

Ҳарчанд дар қонунгузории ҷиноятии амалкунанда масъалаи туҳмат ва таҳқири шахс муқаррар нашуда бошад ҳам, вале дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ туҳмат ва таҳқири шахс ҳамчун ҷиноят ҳисобида мешуд. Пажуҳишҳои олимони ватанӣ, У.А. Азиззода [2], Э.Б. Буризода [7], А.Г. Холиқзода [12], Ф.А. Бобохонов [5] ва дигарон ин андешаро собит месозад.

Аз омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Авесто бармеояд, ки дар он замон институти шарикӣ дар ҷиноят низ вуҷуд дошт. Сатрҳои 13-14-и фаргарди 15 ҷиноятҳоеро қайд мекунанд, ки тарафи объективии онҳо исқоти ғайриқонунии ҳамл аст: «Агар зан аз шахси бегона, яъне берун аз никоҳ ҳомиладор шуда, исқоти ҳамл карданӣ мешуд, барои ин ба пиразане муроҷиат мекарданд, ки тавассути растаниҳои махсус ба амали зерин машғул буд. Агар пиразанро ёфта, ин кирдорро содир менамуданд, он гоҳ гуноҳ барои ҳар се баробар тақсим карда мешавад» [1]. Дар ин маврид, тибқи банди 12-и ин фаргард, онҳо ба куштори барқасдона ҷавобгар мешаванд. Дар Авесто шарик будан дар содир намудани ҷиноят эътироф шудааст, аммо ҷолиби диққат он аст, ки ҳатто ҳангоми муайян кардани нақши ҳар як шарик дар кирдори содиршуда барои ҳама як ҷазо пешбинӣ мешуд. Тавре мебинем, дар Авесто таснифи шарикон аз рӯи нақшҳо: ташкилкунанда, иҷрокунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ дида нашудааст [13, 54-55]. Ҳуқуқи авестоӣ бар хилофи қонуни ҷиноятии муосир омодагӣ ва суиқасд ба содир кардани ҷиноятро вобаста ба таҳдиди воқеии ҷинояткор, аниқтараш бо назардошти навъҳои

мушаххаси ҷиноятҳо гурӯҳбандӣ мекунад. Вандидод ҳангоми тасниф кардани кирдор дараҷаи воқеияти содир кардани ҷиноятро ҳамчун аломатҳои банду-бастшаванда ба назар мегирад. Хусусияти дигари Авесто дар он аст, ки ҳангоми муайян кардани суиқасд ё тайёрӣ ба ҷиноят такрори ин кирдор ҳамчун кирдори махсусан хавфнок ба назар гирифта мешавад. Ҳар дафъае, ки ин кӯшишҳо такрор мешуданд, дараҷаи гуноҳи ҷинояткор зиёд ва ҷазои он сахттар мешуд. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар Авесто тадбирҳои пешгирӣ кардани ҷиноят ва бетартибиҳо пешбинӣ шудааст. Дар ин ҷо таваҷҷуҳи асосӣ ба пешгирӣ ва рафъи ҷиноят дар марҳилаи омодагӣ ё суиқасд ба ҷиноят зоҳир гардидааст.

Дар Авесто ба масъалаи ҳаёт ва саломатӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст, ки ба меъёрҳои КҶ ҶТ мувофиқати зиёд доранд. Аз ҷумла масъалаи саломатӣ дар Авесто бо намудҳои гуноҳашон баён шудааст: «Касе, ки ба оҳанги задани дигаре бархезад, гуноҳаш Огерепта аст. Касе, ки бар сари дигаре фуруд ояд, то ӯро бизанад, гуноҳаш Авауиришта аст. Касе, ки ба бадхоҳона оғоз ба задани дигаре кунад, гуноҳаш Аредуш аст. Ҳар гоҳ панҷ бори дигар бад-ин кор даст занад, Пешутану шавад» [1]. Бешубҳа гуфта метавон, ки якчанд бахши Вандидод ҳамчун қонунгузории ҷиноятӣ баромад мекард. Зеро ба мисли Кодекси ҷиноятии амалкунанда на танҳо намудҳои ҷиноят ва ҷазо барои онҳо, балки дараҷаи ҷиноят ва ҷазоро низ муқаррар кардааст. Яъне, ҳадди поёнии ҷазо ва ҳадди болоии ҷазоро пешбинӣ намудааст. Дар Кодекси ҷиноятӣ дар м.м. 110-119 [11] вобаста ба дараҷаи зарари расонидашуда ба салома-тӣ ва андозаи ҷазои таъиншаванда ҷиноят ва ҷазо дар самти саломатӣ муқаррар шудааст. Чунин масъала дар қисмати Вандидоди Авесто низ ба назар мерасад. Масалан, шахсе, ки гуноҳи Огерептаро содир мекунад, дар ҳадди поёнӣ, панҷ тозиёна бо аспахе-аштра, панҷ тозиёна бо сраушо-чарана ҷазо муқаррар карда шудааст [1]. Ҳамчун ҳолати вазнин бошад, барои ҳашт маротиба содир кардани гуноҳи Огерепта, ки ҳанӯз товони гуноҳи пешинро надодааст, кирдораш ҳамчун гуноҳи Пешутану дониста шуда, бо задани дувист тозиёна бо аспахе-аштра, дувист тозиёна бо сраушо-чарана ҷазо муқаррар карда шудааст [1]. Аз меъёрҳои зикршуда бармеояд, ки заминаи таърихӣ-ҳуқуқии худро меъёрҳои м.м. 110-119 КҶ ҶТ маҳз аз қисмати Вандидоди Авесто мегиранд.

Масъалаи ҳифзи саломатӣ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таваҷҷуҳи дигар муҳаққиқонро низ ба худ ҷалб намудааст. Дар адабиёт қайд мегардад, ки дар Авесто ба масъалаи ҳифзи саломатии инсон низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидааст. Вобаста ба ин, дар Вандидод ҳифзи саломатӣ вобаста аз намуди кирдор, шакл ва дараҷаи зарари расонидашуда ба саломатӣ ва субъекти ҳуқуқвайронкунӣ ба намудҳо ҷудо гардида, ҷазоҳои гуногун муқаррар карда шудаанд [6, 28]. Дар адабиёт ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ вобаста ба сатҳу дараҷаи хавфнокиашон ба чунин навъҳо тасниф карда шудаанд: 1) ба даст силоҳ гирифтан (бо мақсади задан); 2) зарба задан; 3) маҷруҳ кардан; 4) хун резондан; 5) устухон шикастан; 6) расонидани зарари ҷисмонӣ ва ақлӣ ба саломатии инсон [10, 74]. Дар Авесто бошад, чор намуди ҷиноятҳо дараҷабандӣ гардидаанд: 1) огерепта; 2) авауиришта; 3) аредуш; 4) пешутану [1, 486].

Дар Кодекси ҷиноятии ҶТ се намуди зарар ба саломатӣ муқаррар шудааст. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ низ аз ин масъала истисно набуда, ҳар се намуди зарар, яъне зарари сабук, миёна ва вазинро ба саломатӣ пешбинӣ кардааст. Вобаста ба зарари сабук Авесто муқаррар намудааст, ки «касе, ки дигареро бизанад ва осеби сахте бад-ӯ бирасонад, барои бори аввал сӣ тозиёна бо аспахе-аштра, сӣ тозиёна бо сраушо-чарана. Дувумин бор панҷоҳ тозиёна бо аспахе-аштра, панҷоҳ тозиёна бо сраушо-чарана. Севумин бор ҳафтод тозиёна бо аспахе-аштра, ҳафтод тозиёна бо сраушо-чарана. Чаҳорумин бор навад тозиёна бо аспахе-аштра, навад тозиёна бо сраушо-чарана ҷазо дода мешавад» [1, сатр. 30-31]. Вобаста ба зарари миёна расонидан ба саломатӣ Авесто муқаррар менамояд, ки «касе, ки дигареро чунон бизанад, ки хуни вайро бирезад, подафраи гуноҳаш барои бори аввал панҷоҳ тозиёна бо аспахе-аштра, панҷоҳ тозиёна бо сраушо-чарана. Дувумин бор ҳафтод тозиёна бо аспахе-аштра, ҳафтод тозиёна бо сраушо-чарана. Севумин бор навад тозиёна бо аспахе-аштра, навад тозиёна бо сраушо-чарана мебошад» [1, сатр. 34]. Дар хусуси зарари вазнин Авесто пешбинӣ кардааст, ки «касе, ки дигареро чунон бизанад, ки устухоне аз вайро бишканад, подафраи гуноҳаш барои бори аввал ҳафтод тозиёна бо аспахе-аштра, ҳафтод тозиёна бо сраушо-чарана. Дувумин бор навад тозиёна бо аспахе-аштра, навад тозиёна бо сраушо-чарана мебошад» [1, сатр. 37]. Меъёрҳои мазкур ба м.м. 110-112 КҶ ҶТ мувофиқати калон доранд. Аммо, фарқият дар он аст, ки Вандидод аз дараҷаи сабук ба дараҷаи вазнин меъёрҳоро пайдарҳам муқаррар намудааст. Вале дар КҶ ҶТ бошад, аввал зарари вазнин, баъдан миёна, сониян сабук муқаррар шудааст [9]. Ҳол он ки санксияҳои ҳар як моддаи он аз дараҷаи сабук ба миёна ва баъдан ба вазнин муайян гардидааст. Бо ин назардошт, пешниҳод

менамоем, ки м.м. 110-112 КҶ ҶТ ҷойҳояшон иваз карда шуда, аз сабук ба вазнин муқаррар гардад.

Барои куштори қасдан низ ҷазои қатл пешбинӣ шуда буд. Барои таҷовуз ба номус, бачабозӣ ва ғайра ҳамчун ҷиноятҳои хавфнок ҷазои сахт дода мешуд. Тайёрӣ ба ҷиноят ва ҷиноятҳое, ки барои ҷомеаи зардуштӣ ва низоми қонуну тартиботи он оқибатҳои хатарнок надоштанд, камтар хавфнок дониста мешуданд. Ҷазои ҳадди ақал 5 зарбаи чӯб ё тозиёна ва сахттаринаш 10 ҳазор тозиёна маҳсуб мешуд [13, 55]. Чунин намудҳои ҷиноятҳои зикршуда дар Кодекси ҷиноятии ҶТ низ муқаррар гардидаанд.

Яке аз ҷиноятҳое, ки дар амалия зиёдтар содир мешавад, ин ҷинояти дуздӣ ба ҳисоб меравад. Ҷинояти мазкур дар Авесто низ муқаррар шудааст. Аз ҷумла дар савганди ҳар як зардуштӣ баён гардидааст, ки «Аз дуздидану аз ситадани (боздрии) сутурон дурӣ меҷуям. Аз зиён расондан ба висаи (хонадони) маздояснон, аз хароб гардондани онҳо дурӣ меҷуям» [1]. Дар ҷои дигар Зардушт хитоб кардааст, ки «Об аз они дузд, тороҷгар, роҳзан, порсокуш, ҷоду, Ашмуғи нопорсо, дурӯғгӯи ситамкор ва касе, ки мурдор ба хок супорад, мабод!» [1]. Вобаста ба масъалаи дуздӣ Куруши Кабир дар Эъломияи худ хитоб намудааст, ки «ман то рӯзе, ки подшоҳ ҳастам, нахохам гузошт, ки касе молу амволи дигареро бо зӯр ва ё ҳар равиши нодурусти дигаре аз ӯ бидуни пардохти арзиши воқеии он бигирад» [11, с. 117-118]. Дар яке аз сарчашмаҳои дигари зардуштӣ чунин омадааст: «Эй Рашни ашаван! Эй ростарин Рашн!...Эй Рашн, ки беҳтар аз ҳама додхоҳро ба фарёд расӣ! Эй Рашн, ки дуздро беҳтар аз ҳама барандозӣ!» [1]. Меъёрҳои мазкур ба меъёрҳои м.м. 244-250 КҶ ҶТ мувофиқат менамоянд.

Масъалаи ҷиноятҳои коррупсионӣ низ дар сарчашмаҳои ҳуқуқии зардуштӣ муқаррар гардидаанд, ки ба меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии амалкунанда мазмунан мувофиқат менамоянд. Аз ҷумла ба андешаи муҳаққиқи эронӣ А. Ашрофӣ, «шоҳаншоҳ ҳақ дошт порагирандаро, ки бори нахуст ин гуноҳро содир кардааст ва ё собиқаи дурахшони амал дар гузашта дошта бошад, авф намояд» [4, с. 118]. Ба андешаи мо, меъёре, ки дар қисми 1, эзоҳи м. 320 КҶ ҶТ оварда шудааст, заминаи худро маҳз аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ мегирад. Аз мазмуни меъёри мазкур бармеояд, ки агар шахси тамаъҷӯе ихтиёран ба мақоме, ки ба оғози парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқ дорад хабар дода шавад, ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Чунин ҳолат ҳам дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ, мусулмонӣ ва ҳам шуравӣ низ ба назар мерасад.

Ҷолиб он аст, ки ҳангоми муайян кардани гуноҳ «Авесто» ба мисли қонунгузории муосир ва қонуни ҷиноятӣ ба дараҷаи зарари расонидашуда диққати аввалиндараҷа медиҳад. Дар ин ҳолат, хусусияти бандубасти кирдор ба аз даст додани қобилияти кории саг ё аз даст додани ягон узвҳои саг вобаста буд. Қонунҳои ҷиноятии муосири кишварҳои пешрафта меъёри махсусе доранд, ки саломатии инсонро аз чунин зарарҳо муҳофизат мекунанд [13, 54]. Масалан, дар Вандидод дар мавриди исқоти ҳамл чунин меъёр мавҷуд аст: «Агар зан аз шарм ба исқоти ҳамл даст занад, гуноҳи куштори кӯдак ҳам ба гардани падар ва ҳам ба модар гузошта мешавад, ки барои ин кирдор ҷазои қатл муқаррар шуда буд» [1]. Қисмати Вандидоди Авесто ба масъалаи исқоти ҳамл меъёрҳои зиёди ҳуқуқӣ муқаррар кардааст. Аз ҷумла фаргарди 15, қисми 2, бандҳои 13 ва 14-и Вандидод, ин масъаларо пешбинӣ кардаанд. Масъалаи мазкур дар м. 123 КҶ ҶТ низ муқаррар гардидааст.

Омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Авесто ва низоми ҳуқуқии зардуштӣ моро ба хулосае овард, ки ҳатто дар замонҳои қадим бисёр навъҳои ҷиноят ва усулҳои ҷазо барои онҳо дар асоси муқаррароти бештар инкишофёфтаи қонуни ҷиноятии дорои хусусияти давлатӣ пешбинӣ шуда буданд. Дар он давра институтҳои зиёди ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз қабили такрори ҷиноятҳо, ретсидив, ҷазо, бахшиш ва авф, ҷарима, суиқасд ба ҷиноят, шартан маҳкум намудан ва бисёр дигар институтҳо таъсис ёфта буданд, ки дар қонуни ҷиноятии муосир диққати махсусро тақозо мекунанд. Ҷиноятҳои такрорӣ тибқи КҶ ҶТ (м.19) чунин маънидод карда мешавад: «Ҷиноятҳои такрорӣ дар вақтҳои гуногун содир намудани ду ё зиёда кирдорест, ки дар ҳамон модда ё қисми моддаи ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд» [9]. Сатри 26, қисми 3, фаргарди 4-и Вандидод ҷиноятҳои категорияи аредушро муайян мекунад. Дар сатрҳои 27-28-и фаргарди 4 такрори ин ҷиноят то панҷ маротиба дар вақтҳои гуногун пешбинӣ шудааст. Шахсе, ки бори шашум ин кирдорро такрор мекунад, пешутану мешавад. Тавре мебинем, шахс барои ҷиноятҳои қаблӣ ҷазо нагирифтааст, яъне мафҳумҳои такрор ва маҷмуи ҷиноятҳо аз фаҳмиши ҳозираи онҳо фарқ мекарданд. Дар Авесто такроран содир кардани ҷиноят танҳо дар сурати мавҷуд набудани доғи судӣ эътироф шудааст. Дар дигар намуди ҷиноятҳо навъҳои дигари такрорӣ вуҷуд доштанд, ки аз бисёр ҷиҳат ба фаҳмиши муосири ин падида шабоҳат доранд [13, 54-55].

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ, ба хусус Авесто масъалаи ҷиноят ва ҷазоро муқаррар кардааст, ки бисёре аз меъёрҳои он ба қонунгузории ҷиноятии муосир мувофиқат менамоянд. Метавон чунин хулоса кард, ки институтҳои зикршуда аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба мусулмонӣ ва баъдан ба шуравӣ ва сониян ба низоми муосири ҳуқуқ гузариш намудаанд.

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории амалкунандаи ҶТ хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

1. Омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ, муайян кардани нақши институтҳои мазкур дар давраҳои таърихӣ, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ бо меъёрҳои қонунгузории замони муосир мубрамияти масъалаи таҳқиқшавандаро боз ҳам меафзояд. Дар Авесто меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, маданӣ-ҳуқуқӣ, оилавӣ-ҳуқуқӣ, экологӣ-ҳуқуқӣ ва амсоли инҳо ба назар мерасид. Бо ин назардошт, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории соҳавии амалкунандаи кишвар аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам арзёбӣ гардида, метавонад дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ бошад.

2. Дар бахши муносибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ бисёр меъёрҳоро вохӯрдан мумкин аст, ки ҳам дар қонунунгузрии ҷиноятӣ ва ҳам дар Авесто ба мушоҳида мерасанд. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба масъалаи ҷинояту ҷинояткорӣ таваҷҷуҳи махсус додааст. Дар ин хусус, Вандидод бахши меъёрҳои хусусияти ҷиноятии ҳуқуқидоштаро муттаҳид намудааст. Метавон чунин хулоса кард, ки институтҳои ҷинояткорӣ ва ҷазои зикршуда аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба мусулмонӣ ва баъдан ба шуравӣ ва сониян ба низоми муосири ҳуқуқ гузариш намудаанд.

3. Яке аз фарқиятҳо дар он аст, ки Вандидод аз дараҷаи сабук ба дараҷаи вазнин меъёрҳоро оид ба расонидани зарар ба саломатӣ пайдарҳам муқаррар намудааст. Вале дар Кодекси ҷиноятии ҶТ бошад, аввал зарари вазнин, баъдан миёна, сониян сабук муқаррар шудааст. Ҳол он ки санксияҳои ҳар як моддаи он аз дараҷаи сабук ба миёна ва баъдан ба вазнин муайян гардидааст. Бо ин назардошт, пешниҳод менамоем, ки м.м. 110-112 КҶ ҶТ ҷойҳояшон иваз карда шуда, аз сабук ба вазнин муқаррар гарданд.

**Адабиёт:**


1. Авасто. Ҷилди I [Матн]. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 839 с.

2. Азизов У.А. Современные подходы к классификации преступлений в государствах таджиков в период зороастризма // Российское государствоведение. – 2016. – № 1. – С. 36-38.

3. Азизов У.А. Эволюция понимания преступления и наказания в древних государствах таджиков / У.А. Азизов // Права человека в международном и национальном праве: сборник научных статей, посвященный 10-летию кафедры Международного права и прав человека Юридического института МГПУ. – М.: Издательство «Права человека», 2015. – С. 37-45.

4. Ашрофӣ А. Ришва дар Эрони пеш аз Ислом / А. Ашрафӣ // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2012. – № 3. – С. 115-119.

5. Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ: дис. ...ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 202 с.

6. Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А. – Душанбе: Ашуриён, 2024. – 216 с.

7. Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Т.1, ч. 1-2 (от древнейших времен до начала XX века). – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 30.

8. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли1998, №574 [Захираиэлектронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2024).

9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2024).

10. Пирнийа Х. Таърихи Ирони Бостон. Т.1. – Теҳрон, 1362 х/1984. – С. 74.

11. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳманрӯд, 2016. – С. 117-118.

12. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – С. 322–358.

13. Халиков А.Г. Зороастрийкое право и проблема классификации преступлений // Пробелы в российском законодательстве. – 2013. – №6. – С. 52-56.

14. Халиков А.Г. Общая характеристика Авесты как источника зороастрийского права // Бизнес в законе. – 2013. – № 6. – С. 9-14.

**Азимзода Фирдавс Акбаралӣ** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры права и государственного управления

**Сравнительно-правовой анализ Авесты с действующим законодательством Республики Таджикистан сфере уголовно-правовых отношений**

В данной статье рассматривается сравнительно-правовой анализ Авесты с действующим законодательством Республики Таджикистан в сфере уголовно-правовых отношений. При исследовании данного вопроса автор провел сравнительно-правовой анализ, приняв во внимание мнения отечественных и зарубежных ученых, правовые нормы Авесты, а также действующее отраслевое законодательство страны. В ходе своего исследования автор пришел к выводу, что изучение исторических аспектов, определение роли данных институтов в исторические периоды, проведение сравнительно-правового анализа исторических правовых источников с современными законодательными нормами еще больше повышает актуальность исследуемой проблемы. Авеста содержит правовые нормы, касающиеся уголовно-правовых, культурно-правовых, семейно-правовых, экологических и тому подобных отношений. В этой связи проведение сравнительно-правового анализа Авесты с действующим отраслевым законодательством страны в сфере уголовных отношений считается одним из наиболее актуальных вопросов и может иметь большое научное и практическое значение.

**Ключевые слова:** анализ, сравнительное право, Авеста, Вандидад, правовые нормы, уголовное право, правонарушение, юридическая ответственность, действующее законодательство.

**Azimzoda Firdavs Akbarali** – Tajik pedagogical institute in the Rasht region assistant of the department of law and public administration of the

**Comparative legal analysis of the Avesta with the current legislation of the Republic of Tajikistan in the field of criminal law relations**

This article examines the comparative legal analysis of the Avesta with the current legislation of the Republic of Tajikistan in the field of criminal law relations. In studying this issue, the author conducted a comparative legal analysis, taking into account the opinions of domestic and foreign scientists, the legal norms of the Avesta, as well as the current sectoral legislation of the country. In the course of his research, the author came to the conclusion that the study of historical aspects, determining the role of these institutions in historical periods, conducting a comparative legal analysis of historical legal sources with modern legislative norms further increases the relevance of the problem under study. The Avesta contains legal norms concerning criminal law, cultural law, family law, environmental and similar relations. In this regard, conducting a comparative legal analysis of the Avesta with the current sectoral legislation of the country in the field of criminal relations is considered one of the most pressing issues and can be of great scientific and practical importance.

**Key words:** analysis, comparative law, Avesta, Vandidad, legal norms, criminal law, offense, legal liability, current legislation.

# УСТОД - РАВШАНГАРИ РОҲИ ИЛМИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Зиндаву ҷовид монд ҳар ки накӯном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.

Мақом ва мавқеи одамон дар ҷомеа гуногун аст. Хушбахту саодатманд онҳое ҳастанд, ки дар миёни мардум обрӯ ва иззати хосса доранд. Албатта, агар чунин обрӯ аз меҳнати ҳалол, хулқу атвори нек, масъулиятшиносию кордонӣ ба даст омада бошад. Зеро ҳастанд ҳамчунон нафароне, ки мардум онҳоро аз рӯи мақому мартаба, ҷоҳу ҷалол, сарватмандиашон эҳтиром мекунанд, аммо чунин обрӯ рӯзе аз байн меравад. Ва табиист шахсеро, ки бинобар хулқу атвори неку покниятӣ ва заҳматпешагиаш одамон самимона эхтиром мекунанд, мақоми шоиста дорад.

Профессор Раҷабов Саидумар Одинаевич аз чунин шахсиятҳое аст, ки умри пурбаракати худро дар донишандӯзӣ, илмомӯзӣ, хизмати содиқона ба ватану миллат сарф намудааст. Соли 1968 ба факултаи забонҳои хориҷии Донишкадаи давлатии омӯзгории ш.Запорожйе (ҳоло Донишгоҳи миллии Запорожйе) дохил шуда соли 1972 онро бо дипломи аъло хатм намуда аст.

Солҳои 1972-1977 дар мактаби миёнаи №67 ба номи А.Ҷомӣ ба шогирдон аз забони англисӣ дарс додааст. Ҳамзамон солҳои 1973-1974 дар қисми ҳарбии 91026 ҳавзаи низомии назди Карпат дар Қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС хидмати ҳарбиро адо намудааст.

Солҳои 1977-1992 дар мактабҳои олии мақомоти амнияти давлатии ИҶШС таҳсил намуда, дар ш. Москва кор карда аст. Ҳамзамон солҳои 1987-1990 дар аспирантураи Мактаби олии Кумитаи амнияти давлатии Иттиҳоди Шуравӣ дар ш. Москва таҳсил намуда, соли 1991 рисолаи номзади илмҳои хукукро дар мавзуи сирри давлатӣ ҳимоя намудааст.

Баъд аз пош хӯрдани ИҶШС устод Раҷабов С.А ҳамчун ватанпарасти воқеӣ моҳи июли соли 1992 аз ш.Москва ба ш.Душанбе баргашта, дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ то соли 1998 дар мақомоти роҳбарикунандаи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда аст. Дар ин муддат ба Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос гузошта, ба ҳайси муовини раис оид ба таълим ва илм ва иҷрокунандаи вазифаи раиси мактаби мазкур хизмат кардааст. 25 августи с.1998 бо рутбаи полковник ба истеъфо баромада, аз 1 сентябри соли 1998 то 5 апрели с.2006 ба сифати дотсент, мудири кафедраи забони англисӣ ва профессори кафедраи ҳуқуқи давлатӣ ва кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон фаъолият намудааст. Соли 2002 ба унвони илмии дотсент сазовор гашта аст.

Дар Тоҷикистон аввалин шуда рисолаи доктори илмҳои ҳуқуқшиносиро дар мавзуи «Имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назариявӣ ва амалиявӣ» аз рӯи тахассуси 12.00.10 - ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи аврупоӣ дар Донишгоҳи Дӯстии Халқҳои Русия дар шаҳри Маскав 5 ноябри соли 2008 дифоъ намуда, соли 2023 соҳиби шаҳодатномаи профессорӣ гашта аст.

Аз 6 апрели соли 2006 то соли 2011 ба ҳайси мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъд аз муттаҳид шудан аз соли 2011 то имрӯз дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ба ҳайси мудири шуъбаи мазкур фаъолият мекунад.

Барои комёбиҳо дар фаъолияти оперативӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавии зерин сарфароз гаштааст:

1) медали ҷашнии «60-солагии Қувваҳои мусаллаҳи СССР» (1978);

2) медали ҷашнии «70-солагии Қувваҳои мусаллаҳи СССР» (1988);

3) медали КБД СССР «Барои хизматҳои шоён» дараҷаи 3 (1986);

4) медали КБД СССР «Барои хизматҳои шоён» дараҷаи 2 (1990);

5) «Медали тиллоии сулҳ»-и Кумитаи сулҳи Шуравӣ (2021);

6) нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2001).

Дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ таҷрибаи кории беш аз 27-сола дорад. Ба зиёда аз 100 конвенсияҳои байналмилалии бисёрҷониба, созишномаҳои дуҷониба, барномаҳои дарозмуддати созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ (СММ, ИДМ, СААД, СҲШ), созмонҳои махсусгардонидашудаи СММ, мисли Бонки Ҷаҳонӣ, Хазинаи байналмилалии асъор, Созмони байналмилалии меҳнат, МАГАТЭ ва ғ. хулосаву пешниҳодҳои шуъбаро таҳия намуда, ба мақомоти болоӣ ирсол намудааст.

Дар ду лоиҳаи байналмилалӣ: лоиҳаи СММ "Расонидани кумаки ҳуқуқӣ ба Ҳукумати Тоҷикистон дар иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба

навиштани гузоришҳои миллӣ"(2004-2005) ва лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо "Оид ба ислоҳоти соҳаи маориф ва ворид намудани низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҶТ"(2006-2007) ба ҳайси менеҷер ва ҳамоҳангсоз муваффақона кор карда аст.

Муаллифи зиёда аз 400 асари илмӣ, аз ҷумла 25 монография, 10 китоби дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ, 3 луғати ихтисосӣ, 4 брошюра, боқимонда мақолаҳои илмӣ, илмӣ-методӣ ва илмӣ-оммавӣ мебошанд.

Асарҳои муҳимтарини муаллиф: «Таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ». Қисмҳои 1-6 (Душанбе, 2019-2024), «Международные суды и трибуналы» (Душанбе, 2024, 173 с.) «Международное право» (Душанбе, 2022, 368 с.), «Масоили актуалии ҳуқуқи байналмилалии об» (Душанбе, 2018, 304 с.), «Универсальная юрисдикция в международном уголовном праве» (Душанбе, 2016, 184 с.), «Ҳуқуқи робитаҳои беруна» (Душанбе, 2013, 138 с.); «Международно-правовые аспекты урегулирования вооруженного конфликта в Таджикистане» (Душанбе, 2011, 176 с.); «Международное гуманитарное право в Республике Таджикистан» (Душанбе, 2007, 354 с.) «Имплементация норм международного гуманитарного права в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики» (Душанбе, 2006, 295 с.), «Исламский фактор в СНГ» (Душанбе, 2006, 188 с.), «International Law» (Dushanbe, 2009, 290 p.); «Антология интерэкоправа» (Москва-Уфа, 2014, 678 с.), «Становление и развитие Международного уголовного суда» (Душанбе, 2005, 232 с.), «Фарҳанги ҳуқуқи байналмилалӣ» (Душанбе, 2012, 357 с.), «A Theoretical Course of the English Grammar (Dushanbe, 2001, 90p.), «Исламский фактор и вооруженная оппозиция в Афганистане» (Москва, 1993, 215 с.), «Русско-дари контрразведывательный словарь» (Москва, 1985, 150 с.) ва диг. ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ аз чоп баромаданд.

Асарҳои устод Раҷабов С.О. дар давлатҳои хориҷӣ, мисли Бразилия, ИМА, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Озарбойҷон, Олмон, Федератсияи Русия, Украина, Ӯзбекистон, Эрон ва ғ. ба чоп расидаанд.

Дар давоми солҳои 1996-2007 устод Раҷабов С.О. дар донишгоҳҳои ҷаҳон, мисли Донишгоҳи Турин (Италия), Донишгоҳи Густав Штрассеман дар Бонн (Олмон), Донишгоҳи кушоди Брюссел (Белгия). Донишгоҳи Ясси (Руминия), Донишгоҳи Аврупои Марказӣ дар Будапешт (Венгрия), Донишгоҳи Уммон (Иордания), Донишгоҳи Монтана (ИМА), Донишгоҳи Теҳрон (ҶИЭ) ва Донишгоҳҳои Москва, Санкт-Петербург, Волгоград, Новосибирск ва ғайра аз ҳуқуқи байналмилалӣ лексияҳо ва семинарҳо гузаронида, дар конференсияҳо ва симпозиумҳо баромад кардааст. Устод дорандаи ҷоизаи ба номи академик О.Е.Кутафин (Донишгоҳи давлатии юридикии ба номи О.Е.Кутафин ш.Москва (2023) мебошанд. Чи тавре ки аён аст, устод на танҳо дар доираи ИДМ, балки дар кишварҳои ҷаҳон низ чеҳраи машҳуру эътирофшуда дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад.

Профессор Раҷабов С.О. раиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-076 Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ ва рисолаҳои доктори PhD аз ихтисосҳои 12.00.10 – ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ ва 12.00.05 – ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ (аз 5.07. с.2024 то имрӯз), узви Шурои муттаҳидаи дифои диссертатсияҳои номзадӣ ва доктории назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ДМТ ва ДСРТ (аз соли 2011 то с.2015) аз рӯи ихтисоси 12.00.03, узви Шурои диссертатсияҳои номзадӣ ва доктории назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (аз с.2016 то имрӯз) аз рӯи ихтисоси 5.5.4, узви гурӯҳи кории Комиссияи татбиқи ҳуқуқи байналмилалии башардӯстии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз с.1999 то имрӯз) ва узви Шурои ҳамоҳангсозӣ оид ба таълими фанни ҳуқуқи байналмилалии башардӯстӣ дар донишгоҳҳои Осиёи Марказӣ (аз с.1998 то имрӯз) мебошад. Таҳти роҳбарии ӯ 7 нафар рисолаҳои номзади илмҳои ҳуқуқ дифоъ намуда, ҳоло мушовири илмии 1 доктори илмҳои ҳуқуқ (ҳимоя рӯзи 15 .10.2025 таъин шудааст), роҳбарии 2 унвонҷӯи номзади илмҳои ҳуқуқ ва 4 нафар магистрантони соҳаи ҳуқуқи байналмилалиро ба зимма дорад.

Ҳамзамон ба ҳайси узви таҳририяи «Московский журнал международного права» (аз с.2003 то 2020), муовини сармуҳаррири «Маҷаллаи академии ҳуқуқ» (аз соли 2012 то имрӯз), узви ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» (аз с.2006 то имрӯз), узви ҳайати таҳририяи «Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон» (аз с. 2023 то имрӯз) фаъолият мебарад.

Дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ ва дар байни аҳли илму маорифи ҷумҳурӣ ҳамчун олими соҳибмактаб дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва аврупоӣ соҳиби ҳурмату эҳтироми зиёд аст. Раҷабов С.О. ба ҳайси мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ соли 2024 аз нав интихоб гардида, фаъолияти худро бомуваффақият анҷом дода истодааст.

Воқеан Раҷабов С.О. доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, аз зумраи чунин фарзандоне мебо-

шад, ки дар замони маҳз соҳибистиқлолии кишварамон саҳифаҳои хуберо ба ёдгор монда талошҳои ҷавонмардона кардааст. Ҳаёту фаъолияти ин марди оқил пурмуҳтаво, рангин, босамару заковатпеша буда, дар сипаришавии ҳаёташ аз марҳилаҳои гуногун бархурдор шудааст.

Таърихи миллати тоҷик аз чунин фарзандон ҳамеша огоҳ аст, ҷониссорӣ, ҷасорату матонат, ақлу заковати онҳоро ба қалам дода, размандагони онҳоро сипос менамояд. Ҷонфидоии онҳо қадру қимматашонро боло бурда бо арзу сипоси мардум, ҷомеа ва давлат сазовор гардонидааст.

Инсоне, ки бо фаъолияти мақсадноки ҳосилбораш худ ба шахсияти комил табдил ёфтааст, воқеан манзалату ҷойгоҳи баланде дар зиндагӣ дорад. Шахсе, ки чунин сифатҳоро пайдо менамояд воқеан, салоҳият ва вазифаҳои ғайриодиро доро аст ва чунин хислатҳо ӯро дар раванди инкишофи ҷомеа дар қатори аввалин баргузидаҳо ҷой медиҳад.

Раҷабов С.О. ахтари дурахшонест дар самои бекарони илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқи байналмилалӣ истеъдоди худододи ӯ аз назарҳо пинҳон намондааст ва аз донишмандонест, ки доираи таҳқиқоташ доманадору гуногунпаҳлуст ва муамову масъалаҳои илмӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиву ҳуқуқии давлатшиносӣ; дар самти «Таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ» (Қисмҳои 1-6) хеле васеъ мебошад.

Раҷабов С.О. на танҳо худ дар баҳри бекарони самти омӯзиши «Таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ», ҳадафҳои пургуҳар меҷӯяд, балки шогирдонро низ ба масъалаҳои давлатдорӣ, пайдоиш, рушд, мафҳум, моҳият, сохтор ва ниҳодҳои он ташвиқу раҳнамун менамояд.

Ҳаёти устод Раҷабов С.О. ниҳоят гуногунрангу гуногунҷабҳа буда, дар тӯли ин қадар солҳо кору фаъолият заҳматҳои беназири худ софдилонаву содиқона гиромидошти одоби касбӣ, эҳтирому маърифату маданияти баланди муошират, одоби ҳамида, инсофу имондорӣ, ҳақиқату адолатпарварӣ, заҳмату эҷодкорӣ, меҳру вафо, сабру таҳаммул, заҳмату эҷодкорӣ, фурутанию хоксорӣ саховатманду хештаншинос мебошад. Чунин шахсиятҳо дар тарбия намудани шогирдони худ, дар руҳияи дӯст доштани Ватан-Модар, боварӣ доштан ба ояндаи ин сарзамин, далеру ҷасурӣ, қавииродагӣ ва маърифати баланди инсондӯстиро дар замири шогирдон ҷойгузин менамоянд.

Нақши устод дар ҷалби ҷавонон ба роҳи илм, дар тарбияи олимони ҷавон ва равшан гардонидани таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ ва давраи муосири илми ҳуқуқ бениҳоят бузург ва хотирмон аст. Устод нерӯи ақлонии насли наврасро дар эҳё кардани арзишҳои ҳуқуқии ниёгон самаранок истифода намуда, дар тайи солҳои истиқлолият мактаби илмию назариявии ҳуқуқи байналмилалӣ дар Тоҷикистонро барпо намудаанд. Устод бо шогирдони дурбину донишмандони хеш Идизода Ф.Ф., Маҳмадуллозода Н.Р., Ҷабборов Ф.Н., Раҷабов Ф.Н., Назарзода Д.Қ., Одиназода Н.Ҳ., ва дигарон чун чароғи тобон илми ҳуқуқи байналмилалиро аз саҳифаҳои таърихи миллат ҷустуҷӯ ва таҳқиқ намуда, ба муаммоҳои илмӣ ва назаривии ҳуқуқи муосири байналмилалӣ ҷавобҳои объективӣ ва арзанда додаанд. Бидуни шак метавон гуфт, ки ҳалқаи илмии устод Раҷабов С.О. дар таърихи ватанамон дар замони соҳибистиқлолии кишвар ба ҳайси нахустин мактаби миллии ҳуқуқи байналмилалии Тоҷикистон пойбарҷо ва устувор боқӣ ҳоҳад монд.

Кормандони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ

**Зоир Ҷурахон Маҷидзода – д.и.х., профессор;**
**Буризода Эмомалӣ Бозор – д.и.х., профессор;**
**Маҳмадуллозода Нуруллo Маҳмадулло –н.и.х.**
**Давлатмуродзода Балхия Давлатмурод**

**Аббревиатура**

**АМИТ** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**ИФСҲ** – Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ
**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**АВКД** – Академияи Вазорати дохилии ҶТ
**д.и.ҳ.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**н.и.ҳ.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**СИ** – Сарходими илмӣ
**ХПИ** – Ходими пешбари илмӣ
**ХКИ** – Ходими калони илмӣ
**ХХИ** – Ходими хурди илмӣ

**Аббревиатура**

**НАНТ** – Национальная академия наук Таджикистана
**ИФПП** – Институт философии, политологии и права
**ТНУ** – Таджикский нацональный университет
**ТГУПБП** – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики
**д.ю.н.** –доктор юридических наук
**к.ю.н.** –кандидат юридических наук
**ГНС** – Главный научный сотрудник
**ВНС** –Ведущий научный сотрудник
**СНС** – Старший научный сотрудник
**МНС** – Младший научный сотрудник
**РТСУ** – Российско – Таджикский (Славянский) университет

**Abbreviation**

**NAST** – National Academy of Science of Tajikistan
**IPPL** – Institute of philosophy, political science and law
**TSUPBL** – Tajik State University of politics, business and law
**TNU** - Tajik National University
**D.L.** – doctor of law
**C.L.** – candidate of law, кандидат юридических наук
**a.p.** – assistant professor – доцент
**M. of law** – Master of law – магистр права
**PhD** –philosophy doctor, доктор философии
**C. for a d.** – candidate for a degree – соискатель
**c.s.r.** – chief scientific researcher – Главный научный сотрудник
**g.** – graduant – соискатель ученой степени
**j.s.r.** – junior scientific reseacher – младший научный сотрудник
**s.s.r.** – senior scientific researcher – Старший научный сотрудник
**L.R.** - leading Researcher– Ведущий научный сотрудник

## ТАРТИБИ ТАҚРИЗИ МАҚОЛАҲОЕ, КИ БА МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ» ПЕШНИҲОД ШУДААНД

Нисбат ба мақолаҳои ба Маҷалла барои нашр пешниҳодшуда, ташхиси аввалия (ташхисро аъзои таҳририя – мутахассисони бахшҳои марбутаи илм мегузаронанд), гузаронида шуда, сипас тибқи тартиботи муқарраршуда барои нашр қабул карда мешаванд. Талабот ба таҳия кардани мақолаҳо бо унвони «Қоидаҳо барои муаллифон» дар ҳар шумораи маҷалла чоп мешавад.

Дастнависи мақолаҳое, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, идора қабул намекунад. Эродҳо оид ба мазмун ва сохтори мақолаҳо то супурдан ба тақриз бояд ислоҳ карда шавад.

Сипас, мақолаҳо бо тартиби муайян аз ҷониби ҳайати таҳририяи маҷалла ё мутахассисони ба мавзӯи мақола алоқаманд (номзад ё докторҳои илм) тақриз дода мешаванд.

Тақриз бояд хусусиятҳои илмии мақола, аз ҷумла, навоварӣ дар масъалагузорӣ, муҳимият, арзишҳои фактологӣ ва таърихӣ, дақиқ будани иқтибосҳо, услуби баён, корбурди манбаъҳои муосир ва инчунин камбудиҳои ҷойдоштаро фаро гирад. Дар хулосаи тақриз баҳои умумӣ ва тавсия барои нашр ё баъд аз ислоҳ нашр кардан, ё барои тақризи иловагӣ гирифтан аз мутахассиси марбут ба мавзӯъ, ё ба чоп тавсия надодан, бояд қайд шавад.

Ҳаҷми тақриз бояд на камтар аз як саҳифа бошад.

Мақолае, ки ба такмил зарурат дорад, бо қайду эродҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон баргардонида мешавад. Муаллифон бояд ислоҳоти лозимиро ба мақола ворид карда, нусхаи охирини мақоларо якҷоя бо шакли электронии он ва матни дастнависи аввала ба идора супоранд. Пас аз такмили муаллиф мақола дубора барои тақриз фиристода мешавад ва ҳайати таҳририя қарори нашр шудани онро мебарорад.

Мақола ҳамон вақт барои нашр пазируфта мешавад, ки тақризи ба он дода шуда мусбат бошад ва ҳайати таҳририя онро ҷонибдорӣ намоянд. Тартиб ва навбати чопи мақола ба санаи расидани нусхаи охирини ислоҳшуда ба ҳайати таҳририя вобаста мебошад.

Тақризнависӣ ба мақола ба таври махфӣ сурат мегирад. Ошкор кардани ҷузъиёти махфии тақриз ҳуқуқи муаллифро вайрон мекунад. Нусхабардории мақола барои корҳои шахсӣ ба муқарризон иҷозат дода намешавад.

Муқарризон ва инчунин ҳайати таҳририя то лаҳзаи аз чоп баромадани мақола ҳуқуқи истифодабарии маълумоти дар мақолаҳо дарҷ шударо надоранд.

## ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЕННЫХ В «АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводится членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статьей приводятся в «Правилах для авторов», публикуемых в каждом номере журнала.

Рукописи, оформленные не по правилам, редакцией не принимаются. Замечания по содержанию и оформлению статей необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике, отклонить.

Объем рецензии – не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о её публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяются в зависимости от даты поступления её окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

## REVIEWING ORDER OF ARTICLES PRESENTED TO «THE ACADEMIC LAW JOURNAL»

Articles coming to the editorial board will pass preliminary expert examination (it is carried out by associate editors – specialists in the corresponding branch of science) and are accepted in accordance with the established procedure. Requirements to registration of the original are provided by article in «Rules for the authors» published in each issue of the journal.

The manuscripts issued not by rules aren't accepted by edition. Remarks according to the contents and registration of articles need to be eliminated before transfer of the text on reviewing.

Then articles are reviewed without fail by associate editors of the journal or experts of the corresponding specialty (candidates and doctors of sciences).

The review has to contain reasonable transfer of qualities of article, including scientific novelty of a problem, its relevance, factual and historical value, citing accuracy, style of a statement, use of modern sources, and also motivated transfer of its shortcomings. In the conclusion the general assessment of article and recommendation for an editorial board – to publish article, to publish it after completion, to direct on the additional review to the specialist in a certain subject, to reject is given.

Review volume – not less than one page of the text.

The article adopted to the publication, but needing completion goes to authors with remarks of the reviewer and editor. Authors have to make all necessary corrections to a final version of the manuscript and return to edition the corrected text, and also its identical electronic option together with the original version of the manuscript. After completion article is repeatedly reviewed, and the editorial board makes the decision on its publication.

Article is considered to be accepted to the publication in case of the positive review and if it was supported by associate editors. The order and sequence of the publication of article are defined depending on date of receipt of its final version.

Reviewing of the manuscript is carried out confidentially. Disclosure of confidential details of the reviewing manuscript violates the rights of the author. Reviewers aren't allowed to make the copy of articles for their needs.

Reviewers, and also associate editors have no right to use in own interests information containing in the manuscript before its publication.

## ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Ҳайати таҳририяи маҷалла ба таваҷҷуҳи муаллифон мерасонад, ки мақолаҳои худро дар шаклҳои чопию электронӣ бо назардошти ҷанбаҳои илмию амалии таълифот ирсол намоянд.

Дар Маҷаллаи академии ҳуқуқ мақолаҳое чоп карда мешаванд, ки натиҷаи таҳқиқот оид ба масъалаҳои илми ҳуқуқшиносӣ бошанд.

Мақолаҳо мутобиқ ба қоидаҳои мазкур бо тавсияномаи яке аз шуъбаҳои Институт ё яке аз аъзои ҳайати таҳририя барои чоп қабул карда мешаванд.

Ҳаҷми мақолаҳо якҷоя бо тасвир, ҷадвал, нақшаҳо ва калидвожаю фишурдаи мақола ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд то як ҷузъи чопӣ (то 16 саҳифаи чопи компютерӣ) бошанд. Фишурдаи мақола ба як забон на зиёдтар аз чор ҷумла ва миқдори калидвожаҳо бояд то даҳ адад бошанд. Матн бояд дар файли барномаи Microsoft Office Word пешниҳод шуда, андозаи ҳарфҳо 14, гарнитураи Times New Roman (барои мақолаҳои русӣ ва англисӣ), Times New Roman Tj (барои мақолаҳои тоҷикӣ), фосилаи 1,5 ва канораҳои матн аз ҳар тараф – 2,5 см бошанд. Корбурди ҳарфҳои хосси тоҷикӣ дар мақолаҳои тоҷикӣ, фишурда ва калидвожаҳо ҳатмист. Саҳифаҳо бояд рақамгузорӣ шуда бошанд.

Ба мақола тавсияи муассиса (барои муаллифони беруна), тақризи шуъбаи марбутаи Институт, фишурда, калидвожаҳо (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) дар ду нусха, бо нишондоди унвони мақола, ном ва насаби муаллиф вазифа ва ҷои кор, суроғаи электронӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

Барои чоп маводи таҳқиқотие, ки қаблан дар дигар нашрияҳо чоп нашуда бошанд, қабул карда мешаванд. Дар охири мақола, баъд аз матн ва фишурдаи мақола, рӯйхати адабиёти истифода шуда зикр гардида, аз тарафи чап номи муассисае, ки мақоларо пешниҳод кардааст, инчунин маълумот дар бораи муаллиф, телефон ва имзои муаллиф (муаллифон) оварда мешавад.

Ҳангоми тартиб додани рӯйхати адабиёти истифодашуда мушаххасоти зеринро бояд қайд кард: а) барои китобҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи китоб, макони чоп, нашриёт, соли нашр, рақами ҷилд, саҳифа; б) барои мақолаҳо аз маҷаллаву маҷмӯаҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи мақола, номи маҷалла ё маҷмӯа, соли нашр, шумора ва саҳифа (барои маҷмӯа). Ҳангоми иқтибоси такрорӣ аз як манбаъ шакли маъмулии ихтисоршавӣ истифода мешавад.

Агар дар матн ҷадвалҳо оварда шуда бошанд, нусхаҳои иловагии онро дар варақ чоп карда, бо нишон додани саҳифаи матлуб ба мақола ҳамроҳ кардан лозим аст.

Дар ҳолати баргардонидани мақола ба муаллиф барои ислоҳот ё ҷиҳати таҳрир муаллиф бояд ислоҳоти заруриро ворид карда, нусхаи охирини ислоҳшударо якҷоя бо нусхаи аввалӣ, инчунин шакли электронии мақолаи ислоҳшударо ба идора бозгардонад.

Масъулияти истифодаи маълумоте, ки барои чопи озод иҷозат нест, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дӯши муаллифон аст.

Идораи маҷалла ҳуқуқи ихтисор намудан ва ба дастнависҳо тағйирот ворид карданро дорад.

Мақолаҳое, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, барои чоп қабул карда намешаванд.

## ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ

Редакционная коллегия журнала просит авторов предоставлять свои материалы в редакцию, в печатной и электронной формах, обратив особое внимание к научным и практическим аспектам своего творчества.

В Академическом юридическом журнале публикуются научные статьи по результатам научных исследований по юридическим наукам.

Статьи принимаются к публикации по рекомендации одного из отделов Института или одного из членов редколлегии, в соответствии с настоящими правилами.

Объем статьи не должен превышать одного п.л. (до 16 страниц компьютерного текста), включающий в себя также рисунки, таблицы, графики, аннотации и ключевые слова на таджикском, русском и английском языках, приводимые в конце статьи. Аннотация на одном языке должна содержать не более четырёх предложений, а количество ключевых слов должны быть приведены до десяти единиц. Текст статьи должен быть представлен в программе MicrosoftOfficeWord: размер шрифта – 14, гарнитура – TimesNewRomanTj, межстрочный интервал – 1,5, поля – 2,5 см со всех сторон. Использование специфических таджикских букв в материалах, подготовленных на таджикском языке, а также в ключевых словах и аннотации обязательно. Страницы должны быть пронумерованы.

К статье прилагаются направление от учреждения (для внешних авторов), рецензия соответствующего отдела Института, аннотации и ключевые слова (на таджикском, русском и английском языке) в двух экземплярах, с указанием названия статьи, имени и фамилии, должности, места работы и электронной почты автора.

К публикации принимаются материалы исследований, не опубликованные ранее в других

печатных изданиях. В конце статьи после текста и аннотации дается список использованной литературы, слева указываются название учреждения, представляющего статью, а также сведения об авторе, телефон и подпись автора (авторов).

При оформлении списка использованной литературы следует указать: а) для книг – фамилия и инициалы автора, полное названия, место издания, издательство, год издания, номер тома, страницу; б) для журнальных статьей и сборников – фамилию и инициалы автора, название статьи, название журнала или сборника, год издания, номер и страницу (для сборника). При повторной ссылке на литературу допустимы общепринятые сокращения.

К имеющимся в тексте таблицам необходимо отпечатать дубликаты и приложить к статье с указанием страницы, к которой таблица относится.

В случае возращения статьи автору для существенных исправлений или для ее окончательного редактирования, они должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи.

Ответственность за использование данных, не предназначенных для открытых публикаций, несут авторы статей в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

Редакция оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, к производству не принимаются.

## RULES FOR AUTHORS

The Editorial Board asks authors to submit their papers to the editor, in printed and electronic forms, paying special attention to the scientific and practical aspects of their works.

The Academic Legal Journal publishes scientific articles on the results of research on legal sciences.

Articles are accepted for publication on the recommendation of one of the departments of the Institute or one of the board members, in accordance with these rules. The paper should not exceed one unit (up to 16 pages of computer text), including drawings, tables, graphs, summaries and keywords in Tajik, Russian and English, given at the end. Abstract in the same languages should contain no more than four sentences and the number of keywords should be given up to ten words and word combinations. The text should be presented in the Microsoft Office Word program: font size – 14 headset – Times New Roman Tj, line spacing – 1.5, farmland – 2.5 cm on all sides. The use of specific Tajik letters in the materials prepared in the Tajik language, as well as keywords and annotations are necessary. Pages must be numbered.

To the article should be attached a cover letter from the institution (for foreign authors), review of the relevant department of the Institute, abstracts and keywords (in Tajik, Russian and English) in duplicate, with the name of the article, name and surname, position, plase of work and e–mail of the author.

Accepted for publication research materials should not previously be published in other publications. At the end of the article after the text and annotations there should be given a list of references, on the left side one should indicate the name(s) of the institution that submit the article(s), as well as information about the author(s), telephone and signature of the author (s).

When making a list of references one should indicate: a) for books – surname and initials of the author(s), full name of the books, place of publication, the publisher, year of publication, volume number, page; b) for journal articles and collections – surname and initials of the author, article title, journal title or collection, year of publication, and page number (for collection). After repeated references to the same literature standard abbreviations are acceptable.

To existing tables in the text one should print a duplicate of the tables indicating the page to which the tables belong.

In the case of the return of the article to the author for substantial corrections or its final editing, one should make any necessary corrections in the final version of the manuscript to the editor and return the corrected text, as well as its electronic version identical with the original version of the manuscript.

Responsibility for the use of the data, not intended for open publication lies on the authors of articles in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan.

The editors reserve the right to make editorial changes and reduction of manuscripts.

Articles that do not meet these rules will not be accepted for the publication.

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33, 19.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Институти фалсафа сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов

734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33, 19
Национальная академия наук Таджикистана
Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова

734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, 19 Rudaki Avenue.
Tajikistan National Academy of Sciences
A. Bahovaddinov Institute of Philosophy, Political Science and Law

Ба матбаа 18.IX.2025 супорида шуд.
Барои чоп 24. IX 2025 имзо шуд
Коғази офсетӣ. Андозаи 60Х84 ½
Ҷузъи чопии шарти 14, Адади нашр -200 нусха.
Супориши № .     Нархаш шартномавӣ

Дар Матбааи     адрес: